ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научный журнал**

**№ 2 (34)**
**2024**

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН
**Маҷаллаи илмӣ**

**№ 2 (34)**
**2024**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***



| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Миралиҙода И.Қ. – н. и. ҳ., дотсент** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ғаюрзода Ш.К.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Искандаров З.Ҳ.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Маҳмудов И.Т.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Қодиров Н.А.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**



**ISSN 2414 9217**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА
**Научный журнал**

**№ 2 (34)**
**2024**

**Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***



| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Мирализода И.Қ. – к. ю. н., доцент** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Гаюрзода Ш.К.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Искандаров З.Х.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Махмудов И.Т.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Кодиров Н.А.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**



**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Зариф Ализода** | Правовое образование – необходимая основа для создания правового государства | **6** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | Неолиберализм ва ҳуқуқи инсон | **12** |
| **Холиқзода А.Ғ., Холиқов Н.А.** | Оид ба таносуби принсипҳои волояти ҳуқуқ ва волояти конститутсионӣ | **27** |
| **Бобокалон Ғ.М.** | Заминаҳои ташаккулёбии маърифати ҳуқуқӣ ва татбиқи муносибатҳои меҳнатии наврасон дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон | **41** |
| **Саидзода И.И.** | Сиёсати ҳуқуқии Ҷухурии Тоҷикистон дар соҳаи маърифати ҳуқуқӣ | **66** |
| **Шодиён И.Р.** | Инкишофи заминаи назариявии ҳокимияти судӣ дар афкори форсу тоҷик | **78** |
| **Куканов А.З.** | Маҳакҳои таснифи шаклҳои давлат | **90** |
| **Мирзозода Ф.С.** | Маърифати ҳуқуқӣ ва нақши он дар раванди ҷаҳонишавӣ | **98** |
| **Зарифзода Ш.И.** | Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | **109** |
| **Бабаева М.Т., Шарипова З.А.** | Лингвистический анализ юридической терминологии романо-германской правовой семьи | **117** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳмон Д.С.** | Мақоми санадҳои Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ | **125** |


### ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Саидзода Ҳ.Х.** | Место международных договоров в системе источников таможенного законодательства Республики Таджикистан | **140** |

| | | |
|---|---|---|
| **Мирзоев А.М., Исматзода И.Б.** | Танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ | **150** |
| **Мавлоназарзода О.А., Халимова М.А.** | Социальное предпринимательство в Таджикистане: состояние, факторы и перспективы | **159** |
| **Раҳимов Д.Қ.** | Пули иҷора яке аз шарти асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот | **168** |
| **Абдуджалилов А.** | Правовое регулирование цифровых прав законодательством Республики Таджикистан | **177** |

## ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

| | | |
|---|---|---|
| **Назарзода Д.Қ.** | Мафҳум, моҳият ва тарзҳои имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ оид ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ | **186** |

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

| | | |
|---|---|---|
| **Раҳмонзода М.Ҷ.** | Масоили бандубасти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **198** |
| **Идрисзода И.М.** | Оид ба криминализатсияи қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд | **205** |
| **Миралиев Э.Б.** | Масъалаҳои мубрами тартиби бекор кардани муҳлати санҷишӣ ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо | **223** |
| **Миралиев Н.А.** | Мавқеи роҳзанӣ дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили моликият | **238** |
| **Ғаниев Р.Н.** | Дар масъалаи муайян намудани объекти зархаридӣ | **247** |

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** **256**

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** **257**

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

### МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ЗАМИНАИ ЗАРУРИИ БАРПО НАМУДАНИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

**Зариф Ализода,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992 985830062)
**E-mail:** alizodazarif137@gmail.com

**Фишурда:** Дар мақола ба таври мухтасар масъалаи зарурат ва муҳиммияти падидаи маърифати ҳуқуқӣ, мақсаду вазифаҳо, нақшу саҳми он дар таҳкими рушди ҷомеа ва давлат, эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳо, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули рафтори ҳуқуқӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва ватандӯстиву меҳанпарастии онҳо мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** Маърифати ҳуқуқӣ, Конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун.

### ПРАВОВОЕ ОБРАЗОВАНИЕ – НЕОБХОДИМАЯ ОСНОВА ДЛЯ СОЗДАНИЯ ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА

**Зариф Ализода,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры теории и истории государства и права, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992 985830062)
**E-mail:** alizodazarif137@gmail.com

**Аннотация:** В статье в краткой форме исследуются вопросы необходимости и важности прававого образования, цели, задачи, роли и его вклад в укрепрлении и развития общества, уважения к Конституции и законов, человеку, его прав и свобод, профилактики преступлений и правонарушений, формирования правомерного поведения, гражданской позиции, любви к Родине и патриотизму.

**Ключевые слова:** Правовое образование, Конституция, законы, нормативные правовые акты, правовое сознание, законность, правопорядок, верховенство закона.

## LEGAL EDUCATION AS A NECESSARY BASIS FOR THE ESTABLISHMENT OF LAW-BASED STATE

**Zarif Alizoda,**
Tajik national university, Law faculty, Professor of department of theory and history of the state and law, Doctor of Law
**Тел.:** (+992 985830062)
**E-mail:** alizodazarif137@gmail.com

**The summary**: The article briefly examines the issues of the need and importance of legal education, goals, objectives, roles and its contribution to the strengthening and development of society, respect for the Constitution and laws, a person, his rights and freedoms, the prevention of crimes and offenses, the formation of lawful behavior, citizenship, love for the motherland and patriotism.

**Keywords:** Legal education, Constitution, laws, normative legal acts, legal consciousness, legality, law and order, rule of law.

**«Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар Паёми навбатии худ аз 28 декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Ин иқдом бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №668 тасдиқ гардид.

Ин ташаббусро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 30-солагии қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол алоқаманд карданд. Дар ин бора дар Паёми номбурда чунин иброз намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон карда шавад»»[1].

Воқеан ҳам саҳм ва нақши Конститутсияи Тоҷикистон (соли 1994) дар раванди соҳибистиқлолӣ бисёр муҳим ва калидӣ мебошад, чунки арзишҳои

[1] «Ҷумҳурият», 2023, 28 декабр.

бунёдии ҷомеа (хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат, арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, гуногунандешии сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ, волоияти қонун, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ ва дигарҳо) дар он сабт гардидааст. Азхуд намудани ин арзишҳои бунёдӣ аз ҷониби шаҳрвандон барои пешрафти ҷомеа ва давлат, суботи сиёсӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ зарур ва муҳим буда, онҳо ба сифати сарчашмаи маърифати ҳуқуқӣ хизмат мекунанд. Зарурати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа инҳо буда метавонанд:

**Якум.** Рушди босуботи устувори иқтисодӣ. Азхуд кардани донишҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони касбу кори гуногун (соҳибкорон, коргару хизматчиён, кормандони соҳаи эҷодӣ ва дигарон), аз як тараф кафолати ҳифзи ҳуқуқии онҳоро таъмин менамояд, аз дигар тараф онҳо аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ бархурдор мегарданд ва аз тарзҳои ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои худ воқиф мегарданд. Ин омил дар навбати худ боварии кормандон, хусусан соҳибкоронро ба таъмин будани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо зиёд намуда, боиси бештар фаъолият намудани онҳо мегардад.

**Дуюм.** Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқиро инчунин дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои ҳуқуқ фаъолият намудани иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ талаб менамояд. Вақте ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони алоҳида, шахсони ҳуқуқӣ, кормандони мақомоти давлатӣ ва дигарҳо) аз ҳуқуқу уҳдадориҳояшон бохабар бошанд, аксарияти онҳо дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд, ки ин ба пешрафти ҷомеа, соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ мусоидат менамояд.

**Сеюм.** Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиро таъмини волоияти қонун, иҷрои меъёрҳои он талаб менамояд. Қонун бо дарназардошти маърифати ҷомеа, давлат, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахс муносибатҳои ҷомеаро танзим намуда, қоидаи умумиро барои ҳама муқаррар менамояд, ки ин сабаби рушди устувору босуръати ҷомеа мегардад. Иҷрои бечунучарои талаботи меъёрҳои қонун дар ҷомеа эҳтирому эътибори қонунро баланд бардошта, риоя ва амалӣ намудани онро ба ҳукми одат табдил медиҳад, ки ин барои ҷомеа ва давлат ҳамчун обу ҳаво зарур мебошад.

**Чорум.** Иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқ ба таъмини қонуният тартиботи ҳуқуқӣ меорад, ки ин ба ҳифзи ҳуқуқу уҳдадориҳо, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ ва кам шудани ин амалҳои номатлуб мегардад.

**Панҷум.** Маърифати ҳуқуқӣ ба маърифати умумии шаҳрвандон алоқаи ногусастанӣ дорад. Онҳо ҳамдигарро пурра менамоянд, ба ҳамдигар таъсиргузор мебошанд ва боиси пешрафти якдигар мегарданд.

**«Маърифат»** – калимаи арабӣ буда, дониш, омӯзишу парвариш ва таълиму тарбияро дар бар мегирад[2]. Маърифати ҳуқуқӣ бошад, мазмуни донишҳои ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқиро фаро мегирад.

---

[2] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ.1 – Душанбе, 2008. – С. 787.

Маърифати ҳуқуқӣ ба шуури ҳуқуқӣ асос меёбад. Маҳз шуури ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи назарияҳо, ақидаҳо, тасаввурот, эҳсосот ва ҳиссиёт[3], муносибату баҳои одамонро ба низоми ҳуқуқи мавҷуда ва дигар падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ муайян менамояд. Ин муносибат ва баҳои одамон (шахси алоҳида, гурӯҳи одамон ва ҷомеа) нисбат ба ҳуқуқ дар асоси донишҳои ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии онҳо ташаккул меёбад. Бинобар ин, нақшу саҳми маърифати ҳуқуқӣ дар ба вуҷуд овардани муносибати мусбӣ ба низоми ҳуқуқи мавҷуда ва дигар падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад.

Гуфтаҳои боло онро собит мекунад, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ яке аз заминаи асосии пешрафти устувор ва босуръати ҷомеа, таҳкими суботу оромӣ ва қонунияту тартибот мебошад.

Бо назардошти зарурат ва муҳиммияти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ барои ҷомеа дар давраи соҳибистиқлолӣ се барномаи давлатӣ қабул гардидааст. Барномаи якум, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 августи соли 1997, №383 тасдиқ гардидааст. Ин Барнома дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии халқ, таъмини дастрасии асноди ҳуқуқӣ барои тамоми шаҳрвандон ва ташкилотҳо, мустаҳкам кардани асосҳои ҳуқуқии фаъолият ва интизоми онҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» таҳия гардидааст.

Барномаи дуюм, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №253 «Оид ба тасдиқи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» қабул шудааст. Барномаи мазкур доираи васеи масъалаҳои таълим ва тарбияи ҳуқуқиро дар бар гирифта, роҳбарони вазорату идораҳо ва дигар сохторҳоро уҳдадор намудааст, ки иҷрои ҳатмии тамоми чорабиниҳои пешнибининамудаи Барномаро таъмин намоянд.

Барномаи сеюм, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 «Дар бораи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» тасдиқ гардидааст. Якҷо бо Барнома Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» низ тасдиқ гардидааст. Дар қарори номбурда таъкид гардидааст, ки Вазорати адлия бояд то ба итмом расидани муҳлати нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида барои солҳои 2020-2025 чунин нақшаи чорабиниҳоро барои солҳои 2026-2030 таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Барнома ва нақшаи чорабиниҳо доираи васеи масъалаҳоро вобаста ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар бар гирифта, мақомоти дахлдор ва дигар сохтору созмонҳоро баҳри амалӣ намудани он муваззаф кардааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 Шурои ҷумҳуриявии мутобиқсозии методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис

---

[3] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. – М. 1989. – С. 502.

ёфтааст, ки нақши ҳамоҳангсозӣ, татбиқнамоӣ ва назоратиро амалӣ мекунад. Барнома барои ноил шудан ба мақсадҳои зерин равона шудааст:

1) риояи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

2) баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;

3) таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон;

4) тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он;

6) баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва аз байн бурдани ҳеҷангории (нигилизми) ҳуқуқӣ;

7) дар байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;

8) баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

9) ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

10) ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таъмин ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;

11) ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмию фарҳангии ҷомеа.

Ҳамон тавре дида мешавад, мақсади Барнома хеле васеъ буда самтҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирад. Барои иҷро намудани ин мақсадҳо дар Барнома иҷрои вазифаҳо муайян гардидааст, ки онҳо сершумор ва гуногунсамт мебошанд. Ба онҳо, аз ҷумла инҳо дохил мешаванд: пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо; баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти ташвиқу тарғиби ҳуқуқӣ; ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиэътирофнамудаи Тоҷикистон; истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон; баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯдакону наврасон, ҷавонону донишҷӯён ва хизматчиёни давлатӣ; ба таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ фаро гирифтани тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ бо дарназардоштани синну сол, касб ва хусусиятҳои дигар.

Дар Барнома ҳамчунин натиҷаҳое, ки бояд баъди амалӣ гаштани он ба даст оварда шавад пешбинӣ шудаанд. Ба натиҷаҳо инҳо дохил мешаванд: рушди фарҳанги ҳуқуқӣ; васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ; бартараф кардани ҳеҷангории (нигилизмии) ҳуқуқӣ ва рафтори зиддиҳуқуқӣ; иштироки фаъоли шаҳрвандон дар фаъолияти

ҳуқуқэҷодкунӣ; баланд бардоштани нақши давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ; паст кардани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ, алалхусус дар байни ноболиғон; эҳтиром ва риояи Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, муносибати эҳтиромона ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки маърифати ҳуқуқӣ заминаи асосии устуворӣ ва пешрафти ҷомеа, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои инсон, ташкилотҳо ва дигар субъектони ҳуқуқ мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ инчунин боиси баланд гаштани фарҳанги шаҳрвандон, эътирофу эҳтироми қонун, фаъол гаштани шаҳрвандон, ташаккул ёфтани мавқеи шаҳрвандии онҳо, ватандӯсту меҳанпараст шудани онҳо мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**


1. Ҷумҳурият, 2023, 28 декабр.
2. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ.1 – Душанбе, 2008. – С. 787.
3. Философский энциклопедический словарь. – М. 1989. – С. 502.

# НЕОЛИБЕРАЛИЗМ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Email:** www-rustam-tj@mail.ru
**Тел.:** (992) 901000770

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола ҳадафҳо, моҳият ва мазмуни неолиберализм ҳамчун назария, идеология, модели нави рушди иқтисодӣ, шакли ҷаҳонишавӣ, ҷузъи сиёсати давлатҳои абарқудрат, унсури муносибатҳои байналмилалӣ дар робита бо таҳлили ақидаҳои поягузорон ва ҷонибдоронаш, таҷрибаи кишварҳои ҷудогона, амалияи ширкатҳои фаромиллии молиявию иқтисодӣ таҳқиқ мешавад. Мақсади мақоларо таҳлили ҳаматарафа ва воқеъбинонаи ҷанбаҳои гуногуни неолиберализм, аз ҷумла шарҳи неолибералии ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таърихи ташаккул ва давраҳои инкишофи неолиберализм дар Аврупо ва ИМА, ҷанбаҳои фалсафӣ, иқтисодӣ, сотсиологии неолиберализм, аз он ҷумла нуқтаҳои назари неолибералӣ оид ба ҳуқуқи инсон дода мешавад. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои фалсафӣ, умумиилмӣ ва махсуси дарки илмӣ истифода мешаванд. Назарияи неолибералӣ дар робита бо таҷрибаи давлатҳои абарқудрат, ҷаҳонишавии неолибералӣ, ҳадафҳои элитаҳои неолибералӣ, фаъолияти ширкатҳои фаромиллии молиявию иқтисодӣ, таҷрибаи давлатҳои тараққикунанда, ки аз манфиатҳои миллии хеш пуштибонӣ мекунанд, таҳқиқ мешавад. Ҳадафҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷаҳонишавии неолибералӣ таҳлил карда мешаванд. Раванди паҳн гардидани неолиберализм ба соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ таҳқиқ мешавад. Нуқтаи назари неолибералӣ оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ дар робита бо ғояҳои неолибералии фардигароӣ, мутлақ гардонидани озодии беинтиҳои фард, афзалияти ҳадафҳо ва манфиатҳои иқтисодӣ таҳлил мешаванд. Моҳияти ғояи неолибералӣ оид ба маҳдуд намудани фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодии давлат дар муқоиса бо таҷрибаи фаъолияти васеи иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои тараққикунанда муайян карда мешавад. Неолиберализм дар робита бо тағйири куллии муносибатҳои байналмилалӣ, мухолифати фарҳангӣ-тамаддунӣ, ташкили марказҳои нави ҷаҳонӣ, болоравии нуфуз ва нақши давлатҳои миллии соҳибихтиёр, мазмун ва моҳияти тартиботи нави ҷаҳонӣ таҳқиқ мешавад.

**Калидвожаҳо:** Неолиберализм, либерализм, фардигароӣ, ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, озодии иқтисодӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, манфиатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқҳои шахсӣ, ҳуқуқҳои сиёсӣ, фарди озод,

масъулият, аҳолии камбизоат, элитаҳои неолибералӣ, ширкатҳои фаромиллӣ.

## НЕОЛИБЕРАЛИЗМ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор кафедры теории и истории государства и права
**Тел.:** (992) 901000770
**Email**: www-rustam-tj@mail.ru

**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье исследуются цели, сущность и содержание неолиберализма как теории, идеологии, новой модели экономического развития, формы глобализации, части политики сверхдержав, элемента международных отношений в связи с анализом мнения её основателей и сторонников, опыт разных стран, практика транснациональных финансово-экономических компаний. Цель статьи — всесторонний и реалистичный анализ различных аспектов неолиберализма, включая неолиберальную интерпретацию прав человека. Основное внимание уделено истории становления и периодам развития неолиберализма в Европе и США, философским, экономическим, социологическим аспектам неолиберализма, включая неолиберальные точки зрения на права человека. В ходе исследования используются философские, обще-научные и специальные методы научного познания. Неолиберальная теория изучается в связи с опытом сверхдержав, неолиберальной глобализацией, целями неолиберальных элит, деятельностью транснациональных финансово-экономических компаний, опытом развивающихся стран, поддерживающих их национальные интересы. Анализируются экономические, политические и культурные цели неолиберальной глобализации. Исследуется процесс распространения неолиберализма в сфере международных отношений. Неолиберальная точка зрения на права человека, включая личные, политические и экономические права, анализируется во взаимосвязи с неолиберальными идеями индивидуализма, абсолютной свободы личности, приоритета целей и экономических интересов. Сущность неолиберальной идеи ограничения социально-экономической деятельности государства определяется в сравнении с опытом обширной социально-экономической деятельности развивающихся стран. Неолиберализм изучается в связи с коренным изменением международных отношений, культурно-цивилизационным противостоянием, созданием новых мировых центров, ростом влияния и

роли суверенных национальных государств, содержанием и сущностью нового мирового порядка.

**Ключевые слова:** неолиберализм, либерализм, индивидуализм, права человека, экономические права, экономическая свобода, свободная экономическая деятельность, экономические интересы, личные права, политические права, свободный индивид, ответственность, бедные слои населения, неолиберальные элиты, транснациональные корпорации.

## NEOLIBERALIZM AND HUMAN RIGHTS

**Sharofzoda Rustam Sharof,**
Tajik national university, Law faculty, Professor of department of theory and history of the state and law, Doctor of the legal sciences, professor
**Тел.:** (992) 901000770
**Email:** www-rustam-tj@mail.ru

**Research supervisor:** Azizzoda U.A., doctor of legal Sciences, professor

**Abstract:** The article analyses the goals, essence and content of neoliberalism as a theory, ideology, a new model of economic development, a form of globalisation, a part of superpower policy, an element of international relations in connection with the analysis of the opinion of its founders and supporters, the experience of different countries, the practice of transnational financial and economic companies. The aim of the article is a comprehensive and realistic analysis of various aspects of neoliberalism, including neoliberal interpretation of human rights. The main attention is paid to the history of formation and periods of development of neoliberalism in Europe and the USA, philosophical, economic, sociological aspects of neoliberalism, including neoliberal points of view on human rights. The research uses philosophical, general scientific and special methods of scientific cognition. Neoliberal theory is studied in connection with the experience of superpowers, neoliberal globalisation, the goals of neoliberal elites, the activities of transnational financial and economic companies, and the experience of developing countries supporting their national interests. The economic, political and cultural goals of neoliberal globalisation are analysed. The process of spreading neoliberalism in the sphere of international relations is investigated. The neoliberal view of human rights, including personal, political and economic rights, is analysed in relation to the neoliberal ideas of individualism, absolute individual freedom, priority of goals and economic interests. The essence of the neoliberal idea of limiting the socio-economic activities of the state is defined in comparison with the experience of extensive socio-economic activities of developing countries. Neoliberalism is studied in connection with the fundamental changes in international relations, cultural and civilisational confrontation, the creation of

new world centres, the growing influence and role of sovereign nation-states, the content and essence of the new world order.

**Keywords**: Neolibralism, liberalism, personalizations, human right, economic rights, economic liberty, free economic activity, economic interests, the personal rights, political rights, free individual, responsiblity, poor layer of the population, neolibralis of elite, international to corporations.

Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои инсон яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ буда, дар маркази таваҷҷуҳи олимон, мутафаккирон, муҳаққиқони зиёд қарор дорад. Оид ба моҳияти ҳуқуқҳои инсон дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ назарияҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Ин назарияҳо дар робита бо шароити таърихӣ, равандҳои асосии ҳаёти ҷомеа, ҳадафҳои давлат, манфиатҳои элитаҳои сиёсӣ пешниҳод мешаванд. Чунончи, дар давраи инқилобҳои буржуазии аврупоӣ (асрҳои XVIII-XIX) назарияҳои либералии ҳуқуқҳои инсон паҳн мешаванд. Айни замон дар давраҳои минбаъда онҳо бо назарияҳои дигар иваз мешаванд[4]. Дар даҳсолаҳои охири асри гузашта назарияи неолибералӣ паҳн мешавад. Назарияи неолибералӣ дар шароити нави таърихӣ пешниҳод шуда, аз назарияи анъанавии (классикии) либералӣ фарқ дорад.

Дар мақолаи мазкур тафовути назарияҳои либералӣ ва неолибералӣ, моҳият ва ҳадафҳои аслии назарияи неолибералӣ таҳқиқ карда мешавад. Илова бар ин, назарияи неолибералӣ ҷузъи раванди ҷаҳонишавӣ буда, ҳоло бо саъю кӯшиши давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои фаромиллии иқтисодию молиявӣ паҳн карда мешавад. Назарияи неолибералӣ дар робита бо манфиатҳои элитаҳои нави неолибералӣ тарғиб гардида, манфиатҳои миллии давлатҳои дигари ҷаҳонро, ки роҳи мустақилонаи рушдро интихоб намудаанд, ба инобат намегирад. Аз ин хотир, ҳадафи асосии мақолаи мазкурро таҳқиқи воқеъбинонаи назарияи неолибералӣ ташкил медиҳад.

Мебояд зикр намуд, ки назарияи неолибералӣ аз лиҳози мазмуну мундариҷа васеъ буда, масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, байналмилалиро баррасӣ мекунад. Ҳуқуқҳои инсон яке аз масъалаҳест, ки дар доираи назарияи неолибералӣ таҳлил карда мешавад. Аз ин хотир, ҳангоми таҳқиқи моҳияти ҳуқуқҳои инсон дар назарияи неолибералӣ ба нуктаҳои зерин мебояд эътибор дод:

– дар назарияи неолибералӣ ҳуқуқҳои инсон дар алоқамандӣ бо назарияҳои фалсафӣ таҳлил мешаванд, чунки неолиберализм ҳамчун самти фалсафаи иқтисодӣ ва сиёсӣ ташаккул ёфтааст;

– дарки неолибералии ҳуқуқҳои инсон дар робита бо масъалаҳои иқтисодӣ сурат мегирад, чунки неолиберализм ҳамчун модели нави рушди иқтисодӣ (модели капиталистии ғарбӣ) пешниҳод шудааст;

– дар назарияи неолибералӣ моҳияти иқтисодии ҳуқуқҳои инсон ба мадди аввал мебарояд, чунки назарияи мазкур манфиатҳои иқтисодии фард, аз он ҷумла ҳадафҳо ва манфиатҳои иқтисодии (корпоративии)

[4] Ниг.: Л.Т. Хобхаус. Либерализм // О свободе: антология мировой либеральной мысли (первая половина XX века). – М.: Прогресс-Традиция, 2000. – С. 83-182.

ширкатҳои фаромиллии молиявию иқтисодиро аз ҳамаи дигар манфиатҳо боло мегузорад;

– дар назарияи неолибералӣ ҳуқуқҳои шахсии фард афзалияти бештар доранд, зеро неолиберализм аслан идеологияи фардигароӣ буда, манфиатҳои фардро аз манфиати давлат ва ҷомеа боло мегузорад;

– дар назарияи неолибералӣ ҳуқуқҳои инсон моҳияти сиёсӣ доранд, чунки аз тарафи элитаҳои неолибералии давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои фаромиллӣ ҳамчун фишанги сиёсӣ дар муносибат бо давлатҳои тараққикунандаи ҷаҳон, аз ҷумла нисбат ба роҳбарияти кишварҳое, ки идеологияи неолибералиро рад мекунанд, истифода мешаванд;

– бо саъю кӯшиши элитаҳои нави неолибералӣ, ки дар давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои фаромиллӣ мансабҳои муҳимро ишғол мекунанд, ҳуқуқи инсон ҳамчун ҷузъи ҷаҳонишавии неолибералӣ тарғиб карда шуда, моҳияти онҳо ба манфиатҳои ин элитаҳо ва ҳадафҳои сиёсӣ тобеъ карда мешавад;

– дар раванди ҷаҳонишавии неолибералӣ ҳуқуқҳои инсон ҳамчун унсури сиёсати хориҷии давлатҳои абарқудрат ва фаъолияти васеи ширкатҳои фаромиллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ истифода мешаванд.

Нуктаҳое, ки болотар зикр шуданд, поёнтар муфассал шарҳ дода мешаванд. Тавре аз мазмуни нуктаҳои дар боло зикршуда маълум мешавад, неолиберализм самти нави фалсафаи ҳуқуқи инсон, модели ҷаҳонии рушди иқтисодӣ, шакли ҷаҳонишавӣ буда, таҳқиқи ҳаматарафаро талаб мекунад.

Неолиберализм ё либерализми нав (англ. «*neoliberalism*») солҳои 1930-юм ҳамчун самти фалсафаи сиёсӣ ва иқтисодӣ ташаккул меёбад. Истилоҳи «неолиберализм» (фр. «néo-liberalisme») аз ҷониби иқтисодчиёни Франсия Бернар Лаверн (1884-1975) ва Олмон Александер Рюстов (1885-1963) ҳамчун алтернативаи истилоҳи «laissez-faire» (либерализми классикӣ) пешниҳод шуда, бори аввал соли 1938 дар Конфронси илмии байналмилалӣ (Коллоквиуми Уолтер Липпман), ки таҳти сарварии иқтисодчии амрикоӣ У. Липпман барои муҳокимаи китобаш «Ҷомеаи хуб» («The Good Society») дар шаҳри Париж баргузор мегардад, истифода мешавад.

Неолибрализм дар ибтидо ҳамчун «роҳи сеюми» рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа (дар заминаи омехта намудани унсурҳои иқтисоди бозаргонӣ ва савдои озод) пешниҳод мешавад. Дар давраҳои минбаъда моҳияти неолиберализм тағйир меёбад. Муҳаққиқони хориҷӣ дар инкишофи неолиберализм се давраро ҷудо мекунанд. Дараи якум ба солҳои 1920-1950-ум рост меояд. Дар ин давра ғояҳои асосии назарияи неолибералӣ, аз ҷумла иқтисоди бозаргонӣ ва озодии фард муайян карда мешаванд. Дар давраи дуюм (солҳои 1950-1980-ум) неолиберализм дар давраи ҳукуматдории Маргарэт Тетчер дар Британияи Кабир ва президентии Роналд Рейган дар ИМА татбиқ мешавад. Дар давраи сеюм (пас аз солҳои 1980-ум) ғояҳои асосии неолибералӣ оид ба инкишофи озоди

муносибатҳои бозаргонӣ ва интизоми молиявӣ ба унсури маркази сиёсати давлатҳои абарқудрати ғарбӣ табдил меёбад[5].

Неолиберализм дар Олмон бо ташаббуси Александер Рюстов ва мактаби Фрайбург ҳамчун модели хоҷагии бозаргонии иҷтимоӣ дар заминаи озодии фард ва ғояҳои давлати ҳуқуқбуёнди Олмон амалӣ карда мешавад[6]. Барои ҳамин, дар ибтидо назарияи неолибералиро «неолиберализми олмонӣ» ё «ордонеолиберализм» меномиданд. Иқтисодчиёни Олмон тарафдори маҳдуд намудани дахолати давлат ба ҳаёти хоҷагӣ, сарфи назар намудани ислоҳоти сотсиалистӣ, таъмини озодии фард ҳамчун ғояи аввалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд буданд.

Неолиберализм дар шароити паҳн шудани либерализми иқтисодӣ ва монетаризм, дар робита бо ақидаҳои Милтон Фридман ва Фридрих Хайек васеъ истифода шуда, ҳамчун назария ва идеология дар Чили дар давраи ҳукуматдории Аугусто Пиночет, дар Британияи Кабир дар давраи ҳукуматдории Маргарет Тетчер («тетчеризм»), дар ИМА дар давраи президентии Роналд Рейган («рейгономика») татбиқ мегардад. Дар охири асри XX неолибарализм ҳамчун модели иқтисодии рушди ҷаҳон пазируфта мешавад. Ҳамзамон бо ин, солҳои 1980-1990-ум неолиберализм ҳамчун идеологияи мукаммал (маҷмуи ҳадафҳо, ақидаҳо, ғояҳо, мафҳумҳо) инкишоф меёбад. Илова бар ин, неолиберализм ҳамчун тарзи нави идоракунии ҷомеа, пеш аз ҳама, идоракунии муносибатҳои иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳон паҳн мешавад. Неолиберализм роҳандозии маҷмуи барномаҳои сиёсиро ҳадафи худ қарор медиҳад.

Тавре болотар қайд гардид, дар паҳн шудани неолиберализм элитаҳои неолибералӣ, ки мансабҳои давлатиро ишғол мекунанд, нақши муҳим гузоштанд. Чунончи, як қатор намояндагони неолиберализм, аз ҷумла Л. Эрхард солҳои 1950-1960-ум вазифаи сардори Ҳукумати Фаронса, Ж. Рюэф вазифаи мушовири Президенти Фаронса де Голро ишғол намуда буданд. Солҳои 1970-1980-ум нуфузи неолиберализм дар натиҷаи ошкор гардидани камбудии модели иқтисодии кейсианӣ зимни сар задани буҳрони иқтисодӣ баланд мешавад. Модели иқтисодии кейсианӣ (аз анг. «Keynesian economics») дар заминаи назарияи иқтисодчии Англия Дж.М. Кейнс, аз ҷумла асараш «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул», ки соли 1936 нашр шуда буд, ҳамчун назарияи макроиқтисодӣ ташаккул ёфта, ақидаи танзими давлатии муносибатҳои иқтисодиро ҳимоя мекунад. Неолиберализм ба муқобили танзими давлатии иқтисодиёт баромад намуда, ақидаи бозори озодро тағиб мекунад.

Дар ташаккули заминаҳои назариявии неолиберализм Роберт Мандепл, Маркус Флеминг, Вилгелм Рёпке ва дигарон саҳми назаррас мегузоранд. Неолиберализм бо монетаризм робитаи устувор дорад. Монетаризм («Monetarism», аз лот. «moneta», русии «монета» — танга,) назарияи макроиқтисодӣ мебошад, ки дар нимаи дуюми асри

[5] Ниг.: Стедмен-Джоунз Дэниел. Рождение неолиберальной политики. От Хайека и Фридмена до Рейгана и Тэтчер — М.: Социум-Мысль, 2017. – 528 с.

[6] Ниг.: Нуреев Р.М. Теория и практика социального рыночного порядка и в Германии и возможности ее применения в России: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://rustem-nureev.ru/wp-content/uploads/2010/05/nureev_social_market_order.pdf (санаи муроҷиат 5.01.2024).

гузашта пешниҳод шуда, миқдори пулро дар момилот шарти рушди иқтисодӣ мешуморад. Дар инкишофи назарияи иқтисодии монетарӣ Милтон Фридман (1912-2006) – иқтисодчии амрикоӣ, неолиберал, дорандаи ҷоизаи Алфред Нобел дар соҳаи иқтисодиёт саҳми назаррас мегузорад. М. Фридман ақидаи бозори озод ва маҳдуд намудани дахолати давлатро ба ҳаёти иқтисодӣ ҳимоя мекунад. Дар асараш «Капитализм ва озодӣ» (соли 1962) ақидаҳо оид ба барҳам додани уҳдадории ҳарбӣ, ба роҳ мондани хизмати ихтиёронаи ҳарбӣ, даст кашидан аз сиёсати пуливу қарзии давлат, барҳам додани иҷозатномаҳои фаъолияти тиббӣ тарғиб карда мешаванд.

Дар ташаккули неолиберализм ташкилоти байналмилалии «Ҷамъияти Мон Пелерин», ки аз ҷониби Л. Мизес ва А. Хайек таъсис дода шуда, файласуфон, иқтисодчиён ва ҷомеашиносонро муттаҳид намуда буд, саҳми асосӣ мегузорад. Ташкилоти мазкур ақида паҳн мекунад, ки аз идоракунии давлатии ҳаёти иқтисодӣ, аз ҷумла таҷрибаи давлати шуравӣ, таҷрибаи ИМА дар давраи роҳандозии «Сиёсати нав», таҷрибаи Британияи Кабир дар давраи истифодаи идеологияи иқтисодии кейсианӣ мебояд даст кашид. Капитализм ҳамчун модели нави рушд дар миқёси ҷаҳон тарғиб карда мешавад. Барпо намудани ҷомеаи озод, яъне ҷомеае, ки аз ҳама гуна дахолати давлат озод аст, ҳамчун ҳадафи олӣ эълон карда мешавад[7].

Дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI ҷаҳонишавии неолибералӣ таҳти шиорҳои идоракунии демократӣ, кафолати ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсии фард, таъмини озодии беинтиҳои иқтисодӣ бо суръати баланд вусъат меёбад. Якҷоя бо ҷаҳонишавии неолибералӣ нуфузи ширкатҳои фаромиллии иқтисодӣ ва молиявӣ баланд мешавад, кӯшиши ташкили низоми нави молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба харҷ дода мешавад. Айни замон соҳибихтиёрии давлатҳои тараққикунада, аз ҷумла давлатҳои ҷаҳони сеюм дар натиҷаи амалӣ гардидани ҳадафҳои ҷаҳонишавии неолибералӣ халалдор мегардад.

Яке аз ҳадафҳои ҷаҳонишавии неолибералӣ ин ташаккул ва инкишофи босуръати бозори ҷаҳонӣ мебошад. Аммо бозори ҷаҳонӣ на бо назардошти манфиатҳои давлатҳои тараққикунанда, на бо мақсади таъмини баробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, балки тавассути таъмини нуфузи бештари ширкатҳои фаромиллии иқтисодию молиявӣ ташаккул ёфта, минбаъд тамоми ҷаҳонро бояд фаро гирад. Табиист, ки ширкатҳои фаромиллӣ танҳо манфиатҳои корпоративии хешро ҳимоя намуда, манфиатҳои миллии давлатҳои дигарро сарфи назар менамоянд. Илова бар ин, ба ҷараёни паҳншавии неолиберализм дар миқёси ҷаҳон қувваи дигари сиёсӣ, ки аз лиҳози иқтидораш бузургтар аст, ҳамроҳ мешавад. Ин қувваи сиёсиро элитаҳои неолибералии давлатҳои хориҷии абарқудрат ташкил медиҳанд. Элитаҳои неолибералӣ ҳоло дар сари қудрат буда, дар ҳукуматҳо ва мақомоти дигари бонуфузи давлатҳои хориҷӣ мансабҳои давлатиро ишғол мекунанд.

---

[7] Ниг.: Антипов Д.А. Неолиберализм: глобальная идеология // Теоретическая и прикладная экономика. – 2016. – № 2. – С. 1-13.

Дар натиҷа фишангҳои иқтисодии таъсиррасонӣ ба ҳукуматҳо ва аҳолии давлатҳои тараққикунанда бо фишангҳои сиёсӣ илова карда мешаванд. Илова бар ин, ширкатҳои фаромиллӣ ва элитаҳои неолибералӣ ҳадафҳои таъсиррасонии фарҳангиро амалӣ мекунанд.

Неолиберализм аз либерализми классикӣ (анъанавӣ) фарқ дорад. Неолиберализм яке аз шаклҳои маъмулии ҷаҳонишавӣ буда, ақидаи ташаккули иқтисоди бозаргонии ҷаҳониро ҳимоя мекунад. Тибқи мафкураи неолибералӣ, ҳар шахс ҳамчун соҳибкори озод баромад мекунад, муносибатҳои байни одамон муносибатҳои шартномавӣ (хариду фурӯш) мебошанд, миллатҳо ва давлатҳо дар бозори ҷаҳонӣ ба ҳайси корхона пазируфта мешаванд. Дар натиҷа муносибатҳои бозаргонӣ аз доираи муносибатҳои иқтисодӣ берун баромада, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегиранд. Ҷаҳонишавии неолибералӣ барои паҳн шудани ин ақидаҳо мусоидат мекунад.

Ҳамзамон бо ин, олимон ва муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла дар кишварҳои Ғарб идеологияи неолибералиро мавриди танқид қарор медиҳанд. Ба андешаи онҳо, неолиберализм ба инкишофи капитализми неолибералӣ, поймол гардидани стандартҳои маъмулии меҳнат, сарфи назар намудани фаъолияти иттифоқҳои касаба, вусъати ҷаҳонишавии неолибералӣ (бо ақидаи иқтисоди бозаргонии ҷаҳонӣ) мусоидат намуда, боиси пастравии иқтисодии кишварҳои зиёди ҷаҳон, бухрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Мунаққидони неолиберализм яке аз сабабҳои асосии қафомонии иқтисодии давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла халалдоршавии рушди саноатиро дар солҳои 1990-ум бо ақидаҳои неолибералӣ алоқаманд мекунанд[8].

Ҳамчунин, неолиберализм дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ инкишоф ёфта, барои вусъати фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва паст гардидани нуфузи манфиатҳои миллии давлатҳои ҷудогона мусоидат мекунад[9]. Неолиберализм дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ аз неолиберализми иқтисодӣ фарқ дорад, чунки аз доираи муносибатҳои иқтисодӣ берун мебарояд. Аз ҷумла, ақида пешниҳод мешавад, ки ширкатҳои фаромиллӣ ба мисли давлат субъекти асосии муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Тибқи ақидаи дигар, дар шароити паст гардидани самаранокии ҳуқуқи байналмилалӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, ки ҳоло мушоҳида мешавад, таваҷҷуҳи асосӣ ба одати байналмилалӣ бояд дода шавад. Одати байналмилалӣ ба ақидаҳои демократияи либералӣ ва ҳуқуқи инсон такя дорад. Пешбинӣ мешавад, ки

[8] Ниг.: Блюмин И.Г. Современный неолиберализм // Критика буржуазной политической экономии: В 3 томах. — М.: Изд-во АН СССР, 1962. — Т. III. Кризис современной буржуазной политической экономии. — С. 322—365; Кляйн Н. Доктрина шока. Расцвет капитализма катастроф. — М.: Добрая книга, 2009. — 656 с.; Неолиберализм / Г. Д. Гловели // Большая российская энциклопедия: [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов. — М. : Большая российская энциклопедия, 2004—2017 с.; Стедмен-Джоунз Дэниел. Рождение неолиберальной политики. От Хайека и Фридмена до Рейгана и Тэтчер — М.: Социум-Мысль, 2017. — 528 с.; Харви Д. Краткая история неолиберализма. — М.: Поколение, 2007. — 288 с.

[9] Ниг.: Цыганков П. А. Современные школы и направления в теории международных отношений. Спор неореализма и неолиберализма. Неолиберализм // Теория международных отношений. — М.: Гардарики, 2003. — С. 132-140.

дар заминаи ин ақидаҳо минбаъд ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонӣ барпо мегардад[10].

Тавре мушоҳида мешавад, андешаи «одати байналмилалӣ» бо мақсади иваз намудани ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод мешавад. Ин андеша бо назардошти халалдор гардидани ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳаёти имрӯза тарғиб карда мешавад. Аммо неолибералҳо сабабҳои аслии раванди мазкурро ба инобат намегиранд. Тавре маълум аст, гузариш аз ҷаҳони яккутба ба ҷаҳони бисёрқутба, сатҳи нави ихтилофоти байни давлатҳо, тазоди фарҳангию тамаддунӣ, ба миён омадани марказҳои нави ҷаҳонӣ (Хитой, Россия, кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ), муқобилияти бештари кишварҳои тараққикунанда ба сиёсати ҷаҳонишавии давлатҳои Ғарб, болоравии нуфуз ва нақши давлатҳои тараққикунанда, ҳимояи соҳибихтиёрии давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ мазмуни муносибатҳои байналмилалиро комилан тағйир дода истодаанд.

Раванди барпо намудани тартиботи нави ҷаҳонӣ, ки бо саъю кӯшиши давлатоҳи абарқудрат дар доираи ҷаҳонишавӣ сурат мегирад, тафовути фарҳангию тамаддунӣ ва манфиатҳои миллии давлатҳои соҳибихтиёрро ба инобат намегирад. Аз ин хотир, давлатҳои бештари ҷаҳон, ки аз соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллии хеш пуштибонӣ мекунанд, ҷонибдори таъсиси тартиботи нави ҷаҳонӣ мебошанд. Тартиботи нави ҷаҳонӣ дар заминаи принсипҳои эҳтироми ҳамдигар, ширкати баробари давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ бо назардошти манфиатҳои миллии онҳо, дахолат накардан ба корҳои ҳамдигар бояд барпо гардад. Принсипҳои зикршуда дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ мустаҳкам карда шудаанд. Аммо солҳои охир онҳо дағалона поймол карда мешаванд. Омилҳои дигар низ ҷой доранд, ки боиси поймол гардидани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ гардидаанд.

Андешаи «одати байналмилалӣ» равандҳои дар боло зикршудаи ҷомеаи ҷаҳонро ба инобат намегирад. Мазмуни онро ақидаҳои маъмулии демократия ва ҳуқуқи инсон, ки асрҳои тӯлонӣ тарғиб карда мешаванд, ташкил медиҳанд. Аммо моҳияти ин ва дигар ақидаҳои маъмулӣ ҳоло тағйир ёфта истодааст. Аз ин хотир, андешаи неолибералии «одати байналмилалӣ» аз тарафи бештари халқҳо эътироф карда намешавад, чунки равандҳои воқеии ҳаёти муосирро сарфи назар мекунад. Бештари давлатҳои ҷаҳон ҳоло фаъолияти худро бархилофи сиёсати неолибералии давлатҳои ҷудогона ва ширкатҳои фаромиллии иқтисодию молиявӣ, бо мақсади ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъмини сатҳи баланди некуаҳволии аҳолӣ (дарозумрӣ, сифати баланди хизмати тиббӣ, таҳсилотӣ ва ғайра) дар доираи стратегияи рушди миллӣ ба роҳ мемонанд. Дар ин ҳолат ҳамаи кӯшишҳои паҳн намудани андешаҳои нави неолибералӣ табиист, ки ба муқобилияти халқҳо дучор мешавад. Айни замон самаранокии ҳама гуна муқобилияти фарҳангӣ ва тамаддунӣ таҳлили ҳаматарафаи назарияҳои навро талаб мекунад. Барои ҳамин,

---

[10] Цыганков П.А. Современные школы и направления в теории международных отношений. Спор неореализма и неолиберализма. Неолиберализм // Теория международных отношений. – М.: Гардарики, 2003. – С. 132-136.

таҳқиқи назарияи неолибералӣ ва назарияҳои дигар, ки ҳоло паҳн шуда истодаанд, тақозои замон аст.

Тавре маълум аст, дар либерализми классикӣ ақидаҳои ҳуқуқҳои инсон, озодии инсон, дахлнопазирии ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ тарғиб мешуданд. Аммо неолиберализм озодии иқтисодӣ, фоида, манфиатҳои иқтисодиро ба мадди аввал мегузорад. Манфиатҳои иқтисодии фарди ҷудогона аз манфиатҳои қисми бештари аҳолӣ боло гузошта мешаванд. Ба андешаи неолибералҳо шахсе, ки вазъи иқтисодияшро беҳтар намудааст, барои вазъи иқтисодии қисми дигари аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии камбизоат масъул нест. Ин андеша дар неолиберализм ҳамаҷониба тарғиб карда мешавад[11]. Дар натиҷа «бемасъулиятии шахсӣ нисбат ба муҳити зист, солимии аҳолӣ, шароити зиндагӣ ва тақдири наслҳои оянда пазируфта мешавад»[12].

Неолибералҳо ҷонибдори паст гардидани нақши давлат дар ҳаёти ҷомеа, хусусигардонии пурраи ҳамаи корхонаҳои давлатӣ, ба бахши хусусӣ пурра табдил додани соҳаи маориф ва тандурустӣ, маҳдуд намудани ҳаҷми хароҷот ба ҳаёти иҷтимоӣ, аз байн бурдани назорати ахлоқию фарҳангии ҷомеа аз болои фаъолияти воситаҳои ахбори омма мебошанд. Манфиатҳои хусусии иқтисодии ширкатҳои фаромиллӣ аз ҳадафҳои некуаҳволии аҳолӣ боло гузошта мешаванд. Функсияҳои ҳаётан муҳимми давлат дар соҳаи некуаҳволии аҳолӣ, аз ҷумла дар самти паст намудани сатҳи камбизоатӣ, сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнаткашон, тақвият додани иқтидори мудофиавии давлат, бехатарии экологӣ, сохтмони инфрасохтори технологӣ рад карда мешаванд. Нақши фаъоли давлат дар соҳаи иқтисодӣ то ҳадди имкон маҳдуд карда мешавад, манфиатҳои аҳли бизнес, аз ҷумла сарватмандон, нафароне, ки барои фоида фаъолият дошта, манфиатҳои иқтисодии хешро (фоида, даромад, сарватро) аз манфиатҳои ҷомеа боло мегузоранд, ҳимоя карда мешаванд. Нақши ҳалкунандаи давлат дар соҳаи паст намудани сатҳи камбизоатӣ тавассути сиёсати иҷтимоии давлатӣ рад карда мешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, неолиберализм тарафдори коҳиш додани сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Элитаҳои нави неолибералӣ, ки ҳоло дар як қатор давлатҳо ба сари ҳокимият омадаанд, ҳамин сиёсатро пеш мегиранд. Ҳамаи ин боиси буҳрони иқтисодӣ, то ҳадди имкон маҳдуд гардидани доираи намудҳои гуногуни хизмати иҷтимоӣ ба аҳолӣ, афзоиши сатҳи бекорӣ, болоравии нарх ба махсулоти аввалиндараҷаи озуқаворӣ ва хизмати иҷтимоӣ дар як қатор кишварҳо гардидааст.

Давлатҳое, ки сиёсати иҷтимоиро амалӣ мекунанд, бо мақсади таъмини сатҳи баланди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баланд бардоштани дарҷаи кофии некуаҳволии аҳолӣ тавассути тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолият доранд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки фаъолияти васеи иҷтимоӣ-иқтисодии давлат заминаи пешрафти ҷомеа мебошад. Инро дар

[11] Ниг.: Голенпольский Т.Г., Шестаков В.П «Американская мечта» и американская действительность. – М.: Искусство, 1981. – С. 45.
[12] Силичев Д.А. Социальные последствия перехода от индустриализма и модерна к постиндустриализму и постмодерну // Вопросы философии. – 2005. – №7. – С. 19.

мисоли доираи васеи давлатҳо, аз он ҷумла давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мушоҳида намудан мумкин аст.

Назарияи неолибералӣ ғояҳои асосии назарияи давлати иҷтимоиро сарфи назар мекунад. Давлатҳое, ки сиёсати иҷтимоиро фаъолона амалӣ мекунанд, ба музаффариятҳои назаррас дар соҳаи таъмини шароити арзандаи зиндагӣ муваффақ шуда истодаанд. Аз ҷумла ҳадафҳои давлати иҷтимоии Тоҷикистон мазмуни стратегӣ дошта, дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ карда мешаванд.

Ин бори дигар собит менамояд, ки ҳадафҳои назарияи неолибералӣ ба манфиатҳои миллии доираи васеи давлатҳо мувофиқ нест.

Идеологияи неолибералӣ фаъолияти давлатро дар соҳаи ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон то ҳадди имкон маҳдуд мекунад. Фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодии давлат бо озодии беинтиҳои фаъолияти иқтисодии шахсӣ иваз карда мешавад. Ба назари неолибералҳо озодии фаъолияти беинтиҳои шахсӣ метавонад вазифаҳои дар назди давлат қарордоштаро ҳал намояд. Аммо манфиатҳои шахсоне, ки чунин озодии беинтиҳоро амалӣ мекунанд, аз манфиатҳои аҳолӣ боло гузошта мешаванд. Тавре болотар қайд гардид, неолибералҳо масъулияти чунин шахсонро дар назди ҷомеа инкор мекунанд. Табиист, ки дар чунин ҳолат вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ҳалли худро намеёбанд.

Неолиберализм тарафдори ҷомеае мебошад, ки дар он рақобат ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад, таъминоти иҷтимоӣ ва кафолатҳои меҳнат ҷой надоранд. Озодии беинтиҳои иқтисодӣ эълон гардида, ҳамзамон бо ин, кафолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии барои ҳамаи шаҳрвандон баробар, аз он чумла кафолатҳои давлатӣ таъмин карда намешаванд. Ақидаи фардигароӣ тарғиб карда мешавад. Ҳар як фард, сарфи назар аз кӯмаки давлат, бояд фаъолияташро баҳри фоидаи шахсӣ ба роҳ монад. Сарватмандон аз супоридани андоз ба буҷаи давлат бояд озод карда шаванд, чунки андоз ба андешаи неолибералҳо барои дастгирии аҳолии камбизоат, ки ҳамчун манбаи қафомонии ҷомеа пазируфта мешавад, харҷ карда мешавад. Айни замон тадбирҳои давлатӣ бобати ташкили ҷойҳои нави кор рад карда мешаванд. Ба андешаи неолибералҳо, меҳнати софдилона ва сатҳи таҳсилот (касбу кор) манфиатҳои шаҳрвандонро қонеъ гардонида наметавонад.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин андешаҳо сатҳи бекорӣ меафзояд, кафолатҳои иҷтимоӣ таъмин карда намешаванд. Ба андешаи неолибералҳо, дар натиҷаи бекорӣ, мунтазам иваз намудани ҷойи кор зимни бастани шартномаҳои меҳнатии муваққатӣ шахс аз меҳнати мунтазами доимӣ озод шуда, намудҳои нави фаъолияти меҳнатиро интихоб мекунад. Манфиатҳои иқтисодии шахсӣ ва фоидаи ширкатҳои молиявӣ аз манфиатҳои давлат боло гузошта мешаванд.

Илова бар ин, қоидаҳои савдои хориҷӣ дар натиҷаи боло гузоштани манфиатҳои ширкатҳои фаромиллии иқтисодию молиявӣ аз манфиатҳои давлатҳо дағалона поймол карда мешаванд. Чунончи, тибқи иттилои коршиносон соли 2006 ба 27 ҳазор фермерҳои сарватманди ИМА, ки бо

пахтакорӣ машғул буданд, аз ҳисоби барномае, ки қоидаҳои савдои байналмилалиро поймол намуда буд, ба андозаи 2,4 млрд. доллари амрикоӣ кӯмаки молиявӣ расонида мешавад. Дар натиҷаи татбиқи ин барнома вазъи иқтисодӣ ва молиявии фермерҳои даромадашон миёна дар Ҳиндустон, Африқо ва Амрикои Ҷанубӣ халалдор мегардад[13].

Ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳое, ки бо баробарии молу мулкӣ кафолат дода мешаванд, дар натиҷаи афзоиши сатҳи нобаробарии молу мулкӣ дар паёмади татбиқи ҳадафҳои неолибералҳо халалдор мегарданд. Чунончи, солҳои 1983-1998 даромади сарватмандоне, ки як фоизи аҳолии ИМА-ро ташкил медоданд, ба андозаи 42 фоиз зиёд гардида, айни замон вазъи молу мулкии аҳолии камбизоат, ки 40 фоизи аҳолиро ташкил медод, ба андозаи 76 фоиз паст мешавад. Тибқи маълумоти соли 2004-ум, даромади оилаҳо дигар боло намеравад, сатҳи бекорӣ афзуда, музди меҳнати мардон ба андозаи 2,3 фоиз паст мешавад[14].

Неолиберализм ҳадафҳои сиёсӣ низ дорад. Моҳияти аслии ин ҳадафҳо бо шиорҳои демократия ва ҳуқуқҳои сиёсӣ пинҳон карда мешавад. Неолибералҳо андешаи Ф. фон Хайекро дар бораи озодии иқтисодӣ ҳамчун кафолати ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ[15] ба асос мегиранд.

Фридрих Август фон Хайек (1899-1992) иқтисодчии Австро-Британия, намояндаи идеологияи либертарӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (соли 1921), доктори илмҳои иқтисодӣ (соли 1923), профессори илмҳои ҷамъиятӣ (соли 1950), профессори сиёсати иқтисодӣ (соли 1962), ҷонибдори иқтисоди либералӣ ва бозори озод буда, соли 1991 бо медали президентии Озодӣ (ИМА) мукофотонида шуда, соли 1974 ба ҷоизаи Нобелӣ дар соҳаи иқтисодиёт мушарраф гардидааст. Дар донишгоҳҳои Залсбург, Фрайбург, Ню-Йорк, Чикаго, Вена, Мактаби иқтисодии Лондон кор кардааст. Ба ақидаи Хайек сотсиализм ва коллективизм (тарзҳои коллективии ҳаёт ва хоҷагидорӣ) мухолифи заминаҳои бунёдии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои шахсӣ мебошанд. Хайек ҷонибдори иқтисоди бозаргонӣ буда, дахолати давлатро ба ҳаёти иқтисодӣ омили асосии аз байн рафтани озодӣ мешуморад[16]. Хайек яке аз тарғибгарони намоёни ақидаи фардигароӣ буда, онро дар асараш «Фардигароӣ ва тартиботи иқтисодӣ» («Индивидуализм и экономический порядок»), ки соли 1948 нашр мешавад, пешниҳод мекунад.

Озодии иқтисодӣ, ки дар назарияи Хайек ҳимоя карда мешавад, дар неолиберализм ба маънои озодии иқтисодии сарватмандон шарҳ дода мешавад. Неолибералҳо манфиатҳои иқтисодии сарватмандонро аз манфиатҳои аъзоёни дигари ҷомеа, аз он ҷумла аҳолии камбизоат боло мегузоранд. Ақидаи озодии иқтисодии фард дахолати давлатро ба фаъолияти иқтисодӣ манъ мекунад. Неолибералҳо ҷонибдори паст кардани

---

[13] Ниг.: Стиглиц Дж. Ревущие девяностые. Семена развала / Пер. с англ, и примеч. Г.Г. Пирогова. Вступит. ст. Г.Ю. Семигина и Д.С. Львова. – М.: Современная экономика и право, 2005. – 424 с.

[14] Ниг.: Хомский Н. Несостоятельные Штаты: злоупотребление властью и атака на демократию / Пер. с англ. Владимира Панова. – М.: СТОЛИЦА-ПРИНТ, 2007. – 480 с.

[15] Ниг.: Хайек Ф. Дорога к рабству. – М.: Новое издательство, 2005. – 264 с.

[16] Хайек Ф.А. Пагубная самонадеянность. Ошибки социализма. – М.: Изд-во «Новости», 1992. – 304 с.

сатҳи андоз аз сарватмандон, маҳдуд намудани доираи хизмати иҷтимоии давлат ба аҳолӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Илова бар ин, озодии иқтисодӣ дар паёмади ҷаҳонишавии иқтисодӣ амалӣ гардида, дар натиҷа нуфузи ширкатҳои фаромиллӣ, ки тобеи давлатҳо нестанд, боло меравад. Бар замми ин, ширкатҳои фаромиллии иқтисодӣ ба фаъолияти сиёсии давлатҳо, қабули қарорҳои сиёсӣ ва ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсир расонида, мавқеи сиёсии худро якҷоя бо нуфузи иқтисодӣ мустаҳкам менамоянд[17].

Неолибералҳо тарафдори озодии шахс, демократия, инкишофи ҳуқуқҳои шахсӣ мебошанд. Аммо ҳуқуқу озодии шахсӣ бидуни ширкати фаъоли давлат таъмин карда мешаванд. Ба ҷойи давлат қувваҳои дигари сиёсӣ фаъолияташонро, сарфи назар аз манфиатҳои аксарияти аҳолӣ, пеш мебаранд[18]. Ба сифати ин қувваҳои бегона ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ амал мекунанд. Ин қувваҳои хориҷӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ (шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ) фаъолияти худро ба роҳ монда, дар кишварҳои дигар идеологияи барои онҳо бегонаро тарғиб мекунанд. Дар натиҷа давлатҳое, ки побанди чунин идеологияи бегонаи неолибералӣ мегарданд, истиқлолияти на танхо иқтисодӣ, балки сиёсӣ ва фарҳангияшонро аз даст медиҳанд. Неолиберализм таъсири манфии на танҳо иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки маънавӣ-фарҳангӣ мерасонад.

Бар замми ин, ширкатҳои фаромиллӣ ва элитаи неолибералии давлатҳои хориҷӣ, ки чунин нақшаҳоро дар мамлакатҳои дигар роҳандозӣ мекунанд, дар назди шаҳрвандони ин мамлакатҳо барои халалдор гаштани ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ягон масъулият надоранд. Равандҳои мазкурро ҳоло дар мисоли таҷрибаи як қатор давлатҳо, ки нақшаҳои неолибералии хориҷиро амалӣ намуда истодаанд, мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳадафҳои неолибералӣ дар ин кишварҳо боиси тазоди иҷтимоии дохилӣ, низои ҷангии дохилӣ, халалдор гаштани раванди муътадили инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамлакат, паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардиданд. Айни замон ин боиси норозигии аҳолӣ мегардад. Чунончи, соли 2023 дар як қатор давлатҳои африқоӣ бо мақсади раҳоӣ аз сиёсати неомустамликадории (шакли нави мустамликадорӣ) давлатҳои ғарбӣ роҳбарияти нави давлат талаб менамояд, ки ба фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ хотима гузошта шавад, чунки ҳадафи асосии ин ширкатҳо ба даст овардани фоидаи бештар дар натиҷаи истифодаи беандозаи сарватҳои табиӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи илмии неолиберализм моҳияти аслии онро ошкор мекунад. Моҳияти неолиберализмро ҳадафҳо ва ақидаҳои бунёдии он, аз он ҷумла натиҷаҳои зерини ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи татбиқи назарияи неолибералӣ муайян мекунанд:

---

[17] Ниг.: Ильин А. Миф о свободной экономике // ВТО-ИНФОРМ. Аналитический центр: [Манбаи электронӣ]: речаи дастрасӣ: URL: http://wto-nform.ru/experts/aleksey_ilin_mif_o_svobodnoy_ekonomike/ (санаи муроҷиат 27.12.2023).

[18] Ниг.: Жижек С. Год невозможного. Искусство мечтать опасно. – М.: Европа, 2012. – С. 70.

- неолиберализм моҳияти аслии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои инсонро, ки қаблан дар либерализми анъанавӣ ҳимоя карда мешуданд, тағйир дода, онро ба ҳадафҳои хеш тобеъ мекунад;

- шиорҳои неолибералии озодии шахс, ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсии шахс ҳамчун кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва ҳаёти демократӣ шарҳ дода шуда, вале дар асл маънои озодии беинтиҳои (мутлақи) фардиро дошта, барои ҳимояи манфиатҳои ширкатҳои фаромиллӣ ва элитаҳои давлатҳои хориҷӣ дар ҳаёти сиёсии кишварҳои ҷудогона, аз ҷумла барои аз ҷониби онҳо паҳн гардидани идеологияи барои аҳолии ин кишварҳо бегона шароити мусоид фароҳам меоранд;

- фардигароӣ ғояи асосии неолиберализм мебошад, чуки манфиатҳои фард (асосан фарди сарватманд) аз манфиатҳои ҷомеа ва давлат боло гузошта мешаванд;

- озодии беинтиҳои фаъолияти иқтисодӣ дар асл озодии иқтисодие мебошад, ки бидуни давлат, бе назорати давлатӣ, баҳри танҳо манфиатҳои шахсии иқтисодӣ, сарфи назар аз манфиатҳои аҳолӣ ва давлат амалӣ карда мешавад;

- ҳуқуқҳои шахсӣ асосан ҳуқуқҳои иқтисодиро дар назар доранд, дахлнопазирии фарди ҷудогона, аз ҷумла фаъолияти иқтисодии беинтиҳои фард кафолат дода шуда, ҳамзамон бо ин, манфиатҳои қисми бештари аҳолӣ, алалхусус, аҳолии камбизоат сарфи назар карда мешаванд;

- таҷрибаи давлатҳои татбиққунандаи нақшаҳои неолибералӣ нишон медиҳад, ки болоравии сатҳи бекорӣ, нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, маҳдуд намудани фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, доираи нокифояи кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ дар натиҷаи сарфи назар намудани сиёсати иҷтимоии давлат, афзоиши ҳиссаи аҳолии камбизоат, пастравии мунтазами андозаи музди меҳнат дар ин давлатҳо ҳуқуқу озодиҳои инсонро таъмин карда наметавонанд.

**Адабиёт:**


1. Антипов Д.А. Неолиберализм: глобальная идеология // Теоретическая и прикладная экономика. – 2016. – №2. – С. 1-13.
2. Блюмин И.Г. Современный неолиберализм // Критика буржуазной политической экономии: В 3 томах. — М.: Изд-во АН СССР, 1962. Т. III. Кризис современной буржуазной политической экономии. – 379 с.
3. Голенпольский Т.Г., Шестаков В.П «Американская мечта» и американская действительность. – М.: Искусство, 1981. – 208 с.
4. Жижек С. Год невозможного. Искусство мечтать опасно. – М.: Европа, 2012. – 272 с.
5. Ильин А. Миф о свободной экономике // ВТО-ИНФОРМ. Аналитический центр: [Манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: URL: http://wto-nform.ru/experts/aleksey_ilin_mif_o_svobodnoy_ekonomike/ (санаи муроҷиат 27.12.2023).
6. Кляйн Н. Доктрина шока. Расцвет капитализма катастроф. — М.: Добрая книга, 2009. — 656 с.

7. Хобхаус Л.Т. Либерализм // О свободе: антология мировой либеральной мысли (первая половина XX века). – М.: Прогресс-Традиция, 2000. – С. 83-182.

8. Неолиберализм Г.Д. Гловели // Большая российская энциклопедия: [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов. – М.: Большая российская энциклопедия, 2004-2017 с.

9. Нуреев Р.М. Теория и практика социального рыночного порядка и в Германии и возможности ее применения в России: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://rustem-nureev.ru/wp-content/uploads/2010/05/nureev_social_market_order.pdf (санаи муроҷиат 5.01.2024).

10. Силичев Д.А. Социальные последствия перехода от индустриализма и модерна к постиндустриализму и постмодерну // Вопросы философии. – 2005. – №7. – С. 3-20.

11. Стедмен-Джоунз, Дэниел. Рождение неолиберальной политики. От Хайека и Фридмена до Рейгана и Тэтчер. – М.: Социум-Мысль, 2017. – 528 с.

12. Стиглиц Дж. Ревущие девяностые. Семена развала / Пер. с англ, и примеч Г.Г. Пирогова. Вступит. ст. Г.Ю. Семигина и Д.С. Львова. – М.: Современная экономика и право, 2005. – 424 с.

13. Хайек Ф. Дорога к рабству. – М.: Новое издательство, 2005. – 264 с.

14. Хайек Ф.А. Пагубная самонадеянность. Ошибки социализма. – М.: Изд-во «Новости», 1992. – 304 с.

15. Харви Д. Краткая история неолиберализма. – М.: Поколение, 2007. – 288 с.

16. Хомский Н. Несостоятельные Штаты: злоупотребление властью и атака на демократию / Пер. с англ. Владимира Панова. – М.: СТОЛИЦА-ПРИНТ, 2007. – 480 с.

17. Цыганков П.А. Современные школы и направления в теории международных отношений. Спор неореализма и неолиберализма. Неолиберализм // Теория международных отношений. – М.: Гардарики, 2003. – 590 с.

# ОИД БА ТАНОСУБИ ПРИНСИПҲОИ ВОЛОИЯТИ ҲУҚУҚ ВА ВОЛОИЯТИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**Холиқзода Абдураҳим Ғафор,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68
**Email:** halim2006@yandex.ru

**Холиқов Нурмуҳаммад Абдураҳимович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 903-08-10-81
**Email:** msu_4ever@inbox.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муаллифон бо дар назардошти ғоя ва дидгоҳҳои мухталифи ҳуқуқфаҳмӣ ва гуногунии дарки ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносӣ кӯшише намудаанд, принсипҳои волоияти қонун, волоияти ҳуқуқ ва волоияти конститутсияро, ки аз зумраи принсипҳои муҳим ҳастанду дар сурати тазоди муносибатҳои иҷтимоӣ нақш ва мавқеи онҳо дар ба низом овардани муносибатҳо ҳалкунанда мебошанд, мавриди баррасӣ қарор додаанд. Инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, ҳамчун арзиши олӣ шинохта шуданаш ин эътирофи айнии принсипи волоияти ҳуқуқ дар давлат аст, ки саромади худро аз ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон гирифтааст. Принсипи волоияти ҳуқуқ дар низоми қонунгузорӣ мутобиқ ба талаботи меъёрҳои Конститутсия расман эълон шудааст. Конститутсия барои фазои ҳуқуқӣ заминаи бунёдӣ ва таҳкурсии мазмунӣ маҳсуб мегардад, ки тавассути он низоми ҳуқуқии кишвар қомат меафрозад, зеро ҳеҷ як талаботи меъёрии дигари санади қонунгузорӣ ба талаботи Конститутсия зид ва мухолиф буда наметавонад. Дар мақола меъёрҳои Конститутсия, ки шоҳроҳи ташаккули бунёди низоми ҳуқуқии давлатро таҳия месозад ва баъдан давлат фазои ҳуқуқии худро дар он шоҳроҳ бо принсипу муқарраротии муайянкардаи Конститутсия идома медиҳад, шарҳ дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, принсипҳо, волоияти қонун, волоияти ҳуқуқ, қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқи инсон, озодӣ, озодиҳои шахсӣ, ҳуқуқҳои табиӣ, низоми ҳуқуқӣ.

# О СООТНОШЕНИИ ПРИНЦИПОВ ВЕРХОВЕНСТВА ПРАВА И КОНСТИТУЦИОННОГО ВЕРХОВЕНСТВА

**Холикзода Абдурахим Гафор,**

Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведение, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68
**E-mail:** halim2006@yandex.ru

**Холиков Нурмухаммад Абдурахимович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 903-08-10-81
**Email:** msu_4ever@inbox.ru

**Аннотация:** В данной статье авторы, принимая во внимание различные идеи и взгляды юриспруденции, а также разнообразие правопонимания в юриспруденции, попытались объяснить принципы верховенства права и верховенства конституции, которые входят в число важные принципов, а в случае несоответствия общественных отношений решающее значение имеют их роль и положение в упорядочений отношений. Признание человека, его прав и свобод высшей ценностью – это признание принципа верховенства права в государстве, вытекающего из основных прав и свобод человека. Принцип верховенства права официально декларирован в законодательной системе в соответствии с требованиями Конституции. Конституция рассматривается как фундаментальная основа и базовое содержание правового пространства, посредством которого строится правовая система страны, поскольку никакое иное нормативное требование законодательного акта не может противоречить требованиям Конституции. В статье описаны нормы Конституции, которые подготавливают путь к формированию правовой системы государства, а государство устанавливает свою правовую систему с принципами и нормами, определенными Конституцией.

**Ключевые слова**: Конституция, принципы, верховенство закона, верховенство права, законодательство, нормативные акты, права человека, свобода, свобода личности, естественные права, правовая система.

## ON THE CORRELATION BETWEEN THE PRINCIPLES OF THE SUPREMACY OF LAW AND CONSTITUTIONAL SUPREMACY

**Kholiqzoda Abdurahim Ghafor,**
Tajik National University, Faculty of law, professor of the department of human

rights and comparative law, doctor of legal sciences
**Phone:** (+992) 93-802-05-68
**Email:** halim2006@yandex.ru

**Kholiqov Nurmuhammad Abdurahimovich,**
Tajik National University, Faculty of law, assistant of the department of human rights and comparative law, candidate of legal sciences
**Phone:** (+992) 903-08-10-81
**E-mail:** msu_4ever@inbox.ru

**Annotation:** In this article the authors, taking into account various ideas and views of jurisprudence, as well as the diversity of legal understanding in jurisprudence, tried to explain the principles of the supremacy of law and the supremacy of the constitution, which are among the important principles, and in case of inconsistency of social relations, their role and position in the ordering of relations are decisive. Recognition of a human being, his rights and freedoms as the supreme value is the recognition of the principle of the rule of law in the state, arising from the fundamental human rights and freedoms. The principle of the rule of law is officially declared in the legislative system in accordance with the requirements of the Constitution. The Constitution is regarded as the fundamental basis and basic content of the legal space through which the legal system of the country is built, since no other normative requirement of a legislative act can contradict the requirements of the Constitution. The article describes the norms of the Constitution that prepare the way for the formation of the legal system of the state, and the state establishes its legal system with the principles and norms defined by the Constitution.
**Keywords**: Constitution, principles, rule of law, rule of law, legislation, legal acts, human rights, freedom, individual liberty, natural rights, legal system.

### А) Волоияти ҳуқуқӣ ё инсон ченаки ҳамаи арзишҳо дар Конститутсия

Дар илми ҳуқуқшиносӣ як чанд принсипҳое вуҷуд доранд, ки ҷиҳати таъмини бечунучарои меъёрҳои хуқуқӣ ҳамчун рукни низому тартиб ва танзими асосҳои роҳбарикунанда дар шароитҳои мухталифи муносибатҳои иҷтимоӣ хизмат мекунанд. Принсипҳои волоияти қонун, волоияти хуқуқ ва волоияти конститутсия аз зумраи ҳамин принсипҳо ҳастанд, ки дар сурати таззоди муносибатҳои иҷтимоӣ накш ва мавқеи онҳо дар ба низом овардани муносибатҳо ҳалкунанда мебошанд.

Принсипи волоияти ҳуқуқ худ принсипи конститутсионӣ аст, ки маънои волоияти арзишӣ ва таъмини бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои табиӣ ва ҷудонашавандаи инсонро (м. 5, 10, 14) ифода мекунад. Мутобиқ ба ин приснсип давлати демократӣ ҳуқуқу озодиҳоро ҳамчун арзиши олӣ ва роҳбарикунанда дар низоми ҳуқуқӣ эътирорф мекунад (қ.1. м.5), дахлнопазирии онҳоро эътироф менамояд (қ.2 м.5) ва масъулияти давлатро

дар эътироф, ҳимоя ва ҳифзи онҳо таъкид менамояд (қ.3. м.5).

Тоҷикистон бо қабули ин меъёр – принсип таҳкурсии бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар кишвар гузошт. Инсон ҳамчун марказ ва ҷавҳари низоми ҳуқуқӣ ба сифати арзиши олӣ эълон гашт, ки дигар ҳеҷ арзиш қуват ва қудрати дигаргун намудани онро надорад. Аз рӯйи таҷрибаи давлатҳои пешгоми ҷаҳонӣ арзиши олӣ эълон шудани инсон ҳаммаънои он аст, ки тамоми арзишҳои дигари дар низоми қонунгузорӣ эълон ва эътирофшуда дар партави ҳамин арзиш ченак карда мешаванд. Ин анъана дар илми ҳуқуқшиносӣ саромади худро аз тезиси машҳури Протогор «инсон ченаки ҳамаи арзишҳост» гирифтааст.

Ин қисмати модда инсонро дар танҳоӣ ҳамчун мавҷудоти сотсиобиоравонӣ не, балки ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои иҷтимоӣ бо ҳуқуқу озодиҳояш арзиши олӣ эълон менамояд. Муайянкунандаи қадру манзалати волоияти арзишмандии ӯ ҳамроҳ бо ҳуқуқу уҳдадориҳояш, ки дар маҷмуъ инсонро, ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад, муқаррар мегардад.

Инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, ҳамчун арзиши олӣ шинохта шуданаш ин эътирофи айнии принсипи волоияти ҳуқуқ дар давлат аст, ки саромади худро аз ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон гирифтааст. Принсипи волоияти ҳуқуқ дар низоми қонунгузорӣ тарзе ишора шуд мутобиқ ба талаботи моддаҳои 5, 10 ва 14 Конститутсия расман эълон шудааст. Дуруст аст, ки дар моддаи 10 мо принсипи волоияти коснтуитстсиониро бештар эҳсос мекунем, вале талаботи он ба принсипи волоияти ҳуқуқӣ низ дахл дорад. Давлат ва халқ дар шоҳроҳи амалӣ кардани салоҳияти худ тавассути ҳамин меъёрҳои мустақиман амалкунанда (қ.1 м.10), мазмунмуқарраркунанда ва арзиши олӣ эътирофшуда доираи амал ва салоҳияти худро маҳдуд месозанд. Ҳокимияти сиёсӣ дар ҳама шаклҳои таснифоташ (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд таҳти таъсири ин меъёр принсипҳо қарор гирифта, тобеъ ва содиқ ба принсипи конститутсионализм мемонанд. Конститутсионализм ҳамчун воситаи муассири танзими қудрати сиёсӣ ва нигоҳдошти қирраҳои он дар паҳнои манфиати инсон ва ҷомеа, ҳамчун ченак ва механизми таъсиррасонӣ ҳамин принсипи волоияти ҳуқуқ ва ҳуқуқу озодиҳоро ҳамчун арзиши олӣ ба роҳбарӣ мегирад.

Ҳар як ҳуқуқ, ҳар як озодӣ ва ҳар як паҳнои дигари ҳуқуқии алоқаманд ба манфиати инсон дар қонунгузорӣ ҳамчун арзиши олӣ эътироф мегардад. Ин ҳаммаънои он аст, ки дар ҷомеаи шаҳрвандии мо инсон на танҳо дар маркази муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамчун арзиши олӣ ба сони ғояи «инсонмеҳварӣ» қарор дорад, балки низоми меъёрҳои ҳуқуқии кишвар дар муайян намудани паҳнои танзими худ волоияти қадру манзалати инсонро ҳамчун ченак ба инобат мегиранд, ки ин мазмун идомаи ҳуқуқии худро дар моддаи 14 Конститутсия ёфтааст. Сазовор ба қайд аст, ки давлати демократии мо бо принсипҳои конститутсионӣ ғояи ташаккули ҷомеаи «инсонмеҳварро» мақасад ва ҳадафи худ қарор додааст. Яъне ҳама кору фаъолияти давлати мо дар ҳама шаклҳои зуҳури ҳокимияти давлатӣ атрофи ҳамин ченак манфиати инсон ва ҳуқуқу

озодиҳои асосии он (м.14) сурат мегирад. Бинобар он, аснои тарғиби дигар арзишҳои иҷтимоӣ ва ватандӯстӣ иддае бидуни дарки ин принсипи бунёдӣ ғояи «давлатмеҳвариро» ҳамчун ҷавҳари ташаккули мафкураи нав масъалагузорӣ менамоянд, ки ба табиати принсипҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мувофиқ нестанд. Давлати мо давлати халқист, ченаки асли арзишии он саодати инсон аст ва ҳама фаъолияти он тарзе Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, маҳз барои таъмини рӯзгори арзандаи шаҳрвандон равона шудааст.

Дар илми давлатсозии муосир консепсия ва назарҳо доир ба бунёди давлат ва ташкили низоми идораи давлат дар муносибат ба инсон вуҷуд дорад. Аз назари маъноӣ баъзе аз дидгоҳҳо ва равишҳои давлатсозӣ дар гузаштаи дур мазмунан такяи асосиро ба Офаридгор, дигарҳо ба монарх, сеюми ба аристократҳо, чоруми ба синфҳои баргузида ва ғ. менамуданд.

Бо тағйир ёфтани равиш ва табиати давлатдориҳои замонҳои нав ин пойгоҳи эътироф ва бунёди давлатро ба принсипҳои давлатсозӣ ва таҳияи ҳуқуқии он нигаронида такяи асосиро ба қудрати сиёсӣ, ба принсипҳои демократӣ, ба манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, тартиботи умумӣ ва ғ. тобиш доданд, ки дар заминаи он консепсияиҳои давлатмеҳварӣ, инсонмеҳварӣ, ҷомеамеҳварӣ, арзишмеҳварӣ, низоммеҳварӣ ва ғ. пайдо шуд. Моддаҳои 5, 14 ва боби 2 Конститутсияи Тоҷикистон принсипҳои инсонмеҳвариро дар кишвар таҳкурсии асосии бунёди давлати адолатнок поярезӣ кардааст. Албатта, арзишҳои давлатмеҳварӣ, ҷомеамеҳварӣ, низоммеҳварӣ ва амсоли инҳо, ки ба пойдории давлати устувори Тоҷикон мусоидат мекунанд дар моддаҳои дигари Конститутсияи кишвар дар сатҳҳои муайян арҷгузорӣ шудаанд, вале ба сифати принсипи арзиши олӣ нисбат ба ҳамаи онҳо танҳо инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш эълон шудааст. Ин волоиятро моддаи 14 Конститутсия комил гардонидааст.

Инсон дар Тоҷикистон арзиши олӣ эълон шуда, шинохти тамоми арзишҳои дигарро дар доираи манфиат ва манзалати он имконпазир мегардонад. Ҳеҷ як манфиат, неъмат ва дороӣ аз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ боло буда наметавонад. Ҳама чиз дар давлат ва ҷомеа барои қонеъ гардонидани талаботи инсон равона шудааст. Ин нуқта дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он хотир таъкид шудааст, ки таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ онро собит сохтааст. Ҳатто динҳои ҷаҳонӣ ба хотири инсон нозил шуда, таълимоти олии оламгиру фалсафаҳои таърихсоз ҳама барои ҳимояи манфиати инсон нигаронида шудааст. Конститутсия дар моддаи 14 эълон доштааст, ки мазмуну муҳтавои ҳамаи дигар қонунҳо ва фаъолияти мақомоти давлатиро ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкил медиҳад. Яъне дар маркази арзишҳо гузоштани инсон маънии дар атрофи он муттаҳид намудани ҳамаи арзишҳои дигарро дорад. Касе, мақомоте, шахси воқеӣ ва ҳуқуқие ва ё санади меъёрии ҳуқуқие ба хотири ягон манфиат, наметавонад ҳуқуқу озодии инсонро маҳдуд ё поймол намояд, зеро Конститутсияи кишвар инсонро дар маркази арзишҳо қарор дода, онро ҳамчун ҳодисаи ҳуқуқӣ аз дигар муносибат, арзишҳо ва падидаҳо болотар гузошта асосҳои маҳдуд шудани онро дақиқ мушаххас намудааст. Асосҳои

маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳоро бо ҳашт асоси воқеӣ тавассути қонун дар қисми 3 моддаи 14 Конститутсия сароҳатан муқаррар кардааст.

Конститутсия муҳимтарин рукнҳои зоҳирёбии инсон – ҳуқуқу озодиҳои онро низ ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудааст. Зеро бе арзиши олӣ эълон намудани инсон таъмини волоияти қадру манзалати он имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар фарқият аз таълимоту назарияҳои фалсафӣ Конститутсия чун воситаи муҳимми гиромидошт ва таъминкунандаи арзиши олии инсон ҳуқуқу озодиҳои ӯро мавриди ҳимоя ва эътироф қарор медиҳад. Таъмини волоияти мақоми инсон дар ҷомеа танҳо дар натиҷаи риояи волоияти мақоми инсон, дар заминаи риояи волоияти ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои масъулияти қонунӣ нисбат ба он имконпазир мегардад.

Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф карда, масъулияти таъмини онро ба зиммаи мақомоти давлатӣ вогузор менамояд, ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқи озодиҳои инсонро ҳамчун маҳаки марказӣ ворид намуда, дигар усулу принсипҳоро дар атрофи он муттаҳид месозад. Маҷмуи имкониятҳои зуҳури амали ҳуқуқӣ ба сифати ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф шудаанд, ки бидуни онҳо инсон ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеа рушду нумӯъ ёфта наметавонад. Аз ин хотир, ҳамаи ҳуқуқҳои инсон, ки аз лаҳзаи таваллуд то дами марг барои мавҷудияти инсон шарт ва заруранд, дар ин модда ҳамчун арзиши олӣ эътироф шуда, дар моддаҳои дигари Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ муқаррар ва таҳким гардидаанд. Таъмини ҳимояи ин ҳуқуқҳо чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар бо воситаҳои муайянкардаи қонун сурат мегирад.

Мутобиқи принсипи волоияти ҳуқуқ «ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазир» (қ.2 м.5) эълон шудаанд. Ин қисмати моддаи 5 ҳуқуқи фитрии инсонро ҳамчун арзиши олӣ дахлнопазир муайян кардааст. Ба сифати намуна ҳамчун ҳуқуқҳои фитрӣ ҳаёт, қадр номусро қабл аз ҳама Конститутсия муқаррар кардааст. Равшан аст, ки ҳуқуқҳои фитрӣ он ҳуқуқҳои табиии инсонанд, ки бо вуҷуди онҳо инсон ҳамчун зуҳуроти сотсиобиоравонӣ дар ҷомеа зуҳур карда метавонад. Нобудии яке аз онҳо инсонро ҳамчун субъекти комилҳуқуқ муаррифӣ нахоҳад кард ва инсон аз сифатҳои муҳимми табиии худ ҷудо мемонад.

Ҳуқуқҳои фитрӣ он ҳуқуқҳое мебошанд, ки инсон бо ҳолати табиии худ онҳоро дорад, онҳо инсонро ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ муаррифӣ мекунанд. Давлати демократӣ мувазззаф аст, ки онҳоро ҳамчун ҳуқуқҳои фитрӣ бо хосияти ҷудоношаванда ва дахлнопазир буданашон эътироф кунад. Маҳз ба ҳамин хотир, Тоҷикистон онҳоро ҳамчун ченаки давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Конститутсия ба сифати асли принсипи волоияти ҳуқуқ эълон ва кафолат додааст. Дар қатори ҳуқуқ ба ҳаёт, номус, қадру қиммат, шаъну шараф, ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, аз ғуломӣ, ҳуқуқ ба саломатӣ ба никоҳ ва ғ. вобаста аз аҳаммияти табиатан ба инсон хос буданашон ҳамчун ҳуқуқҳои фитрӣ бо принсипи дахлнопазирӣ ва аз инсон ҷудонашванда шинохта мешаванд. Ҳуқуқҳои фитриро

моддаҳои дигари Конститутсия дар боби 2 мазмунан дар шаклҳои муайян муқаррар кардааст.

Конститутсия муҳимтарин рукнҳои зоҳирёбии инсон – ҳуқуқу озодиҳои ӯро низ ҳамчун принсипи танзими ҳуқуқӣ ва арзиши олӣ эълон ва дифоъ менамояд. Таъмини волоияти мақоми инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он тавассути қонунгузории соҳавӣ таъмин мегардад. Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти судӣ дар таъмини онҳо масъул ва салоҳиятдоранд. Дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои фитриро мақомоти давлатӣ кафолат медиҳанд.

Принсипи дахлнопазирии инсон се ҷанба дорад: рӯҳӣ, моддӣ ва маънавӣ. Дар Конститутсияи кишвар ҳар се дахлнопазирии ҳаққи инсон – ҳам рӯҳӣ, ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ ба инобат гирифта шудааст. Зеро бо дахлнопазир эълон намудани ҳаёти инсон муҳимтарин арзиши инсонӣ – ҳастӣ, зиндагӣ, арзишмандӣ ва умри инсон ҳимоя карда мешавад. Ҳаёти инсон бузургтарин неъмат аст, ки бидуни он дигар арзишу ченакҳо қимати худро гум мекунанд. Ҳама неъматҳои олам пас аз харобию вайрониашон барқароршавандаанд. Ҳатто қасрҳо, кушкҳо, иморатҳои бузург, Каъбаю Калисои эътиқодмандон низ дар сурати офат диданашон аз нав сохта мешаванд, аммо умри инсон аз нав таҷдид намегардад. Ин ҳолат таҷассуми худро дар меъёрҳои Конститутсия тавассути принсипи волоияти ҳуқуқ пайдо кардааст.

Бо эътирофи дахлнопазирии қадр, номус Конститутсия муҳимтарин қисмати зоҳирёбии инсон – ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ӯро дифоъ мекунад. Зери мафҳуми «дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон» тамоми ҳуқуқҳои фитрии дигар, ки барои мавҷудияти инсон ҳамчун махлуқи бошуури биологӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ шарт ва заруранд, дар madди назар гирифта мешаванд. Дар ин ҷо дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, дахлнопазирии ҳаёти рӯҳонӣ – озодии виҷдон ва амсоли инҳо дар назар дошта шудаанд. Ҳамин тавр, Конститутсияи Тоҷикистон бо муқаддас эълон намудани муҳимтарин рукнҳои зиндагии инсон, худи инсонро ҳамчун маҳаки асосии зиндагии созандаву эҷодкунанда муаррифӣ намуда, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии ӯро муқаррар менамояд. Ин равиши меъёрэҷодкунӣ мантиқӣ ва семантикӣ умумияти давлати демократии Тоҷикистонро бо халқи он муаррифӣ карда, ягонагии давлат ва инсонро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ таҷассум менамояд.

Зери истилоҳи «ҳаёт» раванди мураккаби зуҳурёбии организми зиндаи инсон дар вақту макон фаҳмида мешавад. Ҳаёт зиндагӣ ва умри инсонро дар назар дорад, ки аз муҳимтарин ҳаққи инсон буда, бидуни он дигар ҳуқуқҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин хотир, зери мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳаёт» ҳаққи инсон ба зиндагӣ, зуҳуроти вуҷуди инсон фаҳмида мешавад ва касе ӯро аз ин неъмат маҳрум карда наметавонад. Замони нав ба ин ҳақ истилоҳи «арзанда»-ро зам кардааст, яъне «ҳуқуқ ба ҳаёт ва зиндагии арзанда».

Маҳрум сохтан аз ҳаёт бо роҳҳои қонунӣ, ғайриқонунӣ ва ё тасодуф дар зиндагӣ сурат гирифтанаш имконпазир аст. Дар ҳама ҳолатҳо ин

таҷовуз ба ҳаёт аз назари ахлоқӣ ва ҳуқуқи табиӣ маҳдуд ва маҳкумшавандаанд. Бо роҳи ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз ҳаёт дар моддаи 59 Кодекси ҷиноятӣ манъ шудааст.

Маҳрум кардан аз ҳаёт бо роҳи қонунӣ, ки аз тариқи ҳукми суд мутобиқ ба талаботи қисми 2 моддаи 18 Конститутсия нисбат ба ҷинояткории вазнин ва ашаддӣ сурат мегирифт, дар панҷ моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 104, 138, 179, 398 ва 399) ин холат пешбинӣ шуда буд. Аммо татбиқи он бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15 июли соли 2004 дар Тоҷикистон ба мӯҳлати номуайян боздошта шудааст. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 ба Кодекси ҷиноятӣ тағийрот ворид карда шуда, ба ивази он ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шудааст. Доир ба пешгирии роҳҳои тасодуфан махрум шудан аз ҳаёт тамоми мақомоти давлатӣ ва махсуси бехатарии кор, пешгирии офатҳои табиӣ ва ғайра масъулият доранд. Ҳамин тавр, таҷрибаи рушди низоми ҳуқуқии кишвар гувоҳи он аст, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ҷиҳати риоя ва таъмини принсипи волояти ҳуқуқ ва таъмини вазъи инсон чун «ченаки ҳамаи арзишҳо» ба самти дурусти гуманизатсияи қонунгузорӣ ҳаракат дорад.

Номус ва қадри инсон аз муҳимтарин паҳлуҳои ахлоқӣ ва маънавии принсипи волояти ҳуқуқӣ аст, ки тавасути онҳо мавҷудияти биологӣ ва иҷтимоии инсон сифати маънавӣ ва фарҳангӣ гирифта, инсон ҳамчун махлуқи бошуур ҷаҳони фарҳангӣ ва рӯҳониро касб менамояд. Номуси инсон дар муносибатҳои байниҳамдигирии инсон бо инсонҳои дигар, давлат ва субъектҳои дигари ҳуқуқӣ ҳамчун талабот ва принсипи дахлнопазир ва эҳтиромшаванда зоҳир мегардад. Шаъну шараф, қадру қимат ва манзалати инсон ба ҳайси чунин сифатҳои муайянкунандаи номус эътироф мешаванд. Инсонро таҳқир намудан, ӯро нисбат ба дигарон паст задан ба шаъну шараф ва қадру иффати занон расидан манъ аст. Қадр ин андоза ва ченаки эҳтироми инсон аст. Ҳар инсон вобаста ба нақшу манзалаташ ченаки андоза дорад, ки атрофиён онро дар муносибат бо ӯ андоза мекунанд ва риоя менамоянд. Ин андозабандии ахлоқии ҷомеа аст. Аммо Конститутсия ба сифати чунин андоза принсип – меъёри умумро муқаррар мекунад. Қадру қиммати ҳар кас бояд дар доираи қонун ҳифз карда шавад. Ченаки он муқарраротӣ ҳам қонун ва ҳам ахлоқи умум аст.

Тибқи этикаи касбии журналистон, одоби муошират ва дигар меъёрҳои навиштаи муносибатҳо амалҳое мавҷуданд, ки истифода ва иҷрои онҳо дар муносибат ба якдигар ва ё дар ҳолатҳои муайян номункин аст. Масалан, аз инсон баъзе муаммоҳои рӯҳдода ё эҳтимолиятдоштаро лоақал барои аниқ намудани ҳолати кор пурсидан мумкин аст. Вале тавассути васоити ахбор доир ба воқеияти он ҳодиса далели ниҳоӣ надошта, изҳори назар намудан ва шахсеро дар он муттаҳам кардан на ба қонун дуруст меояду на ба ахлоқи инсонӣ. Ва ё қонунҳо дар ҳолатҳои муайян маҳрамияти ҳаёти шахсӣ ва ҳаёти оилавиро муқаррар мекунад. Огоҳ шудан аз баъзе маҳрамиятҳои оилаи каси дигар ҳаргиз маънии онро

надорад, ки онро тавассути васоити ахбори омма метавон пахн кард. Ё ин ки табиб ва корманди мақомоти тафтишотӣ, ки аз сирри оилавӣ огоҳ мегарданд, ҳуқуқ надоранд онро ифшо намоянд. Зеро ошкор шудани он мумкин аст ба қадру қиммат ва манзалати мард ё зан зарар расонад ё ба номуси оиладории онҳо доғ биёрад.

Аз ин хотир, принсипи конститутсионӣ номус ва қадри инсонро дахлнопазир эълон доштааст. Ҳифзи қадр ва номуси инсон аз як тараф, масъулияти шаҳрвандон ва ташкилотҳои онҳо дар муносибатҳои уфуқии хеш буда, тавассути соҳаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ таъмин карда мешавад ва аз тарафи дигар ҳуқуқи инсон дар муносибатҳои амудӣ аз ҷониби давлат ва мақомоти давлатӣ ва дар муносибатҳои уфуқӣ аз ҷониби шаҳрвнадон ва дигар субъектон таъмин карда мешаванд.

Мафҳуми «номус» дар муносибат бо занону духтарон дахлнопазирии ҷисмонии онҳоро дар бар мегирад. Чунончӣ, дар ҳаққи духтарон ё занон суханҳои бад гуфтан ва ё онҳоро дар кирдорҳои зишт гунаҳкор намудан вобаста ба хусусияти равонии ҷомеаи мо ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, номус ва қадру қимати онҳо вобаста аст. Ҳамчунин ба ҷо овардани одоби риояи номус ва қадру қимати инсон дар ҷои кор шарт ва зарур аст. Дар ҳолатҳое, ки корманд талаботи қонунро вайрон мекунад, ба ӯ тибқи қонун ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст ва он татбиқ мешавад. Аммо дар ин ҳолатҳо корфармо ҳақ надорад, ки нисбат ба шахс суханҳои қабеҳ гуфта, ба иззати нафси ӯ расад. Қадру қимат ва шарафи шахс низ омили муҳимми зуҳуроти иҷтимоию ҳуқуқии инсон буда, аз тарафи Конститутсия ҳамаҷониба дифоъ мешавад. Дар рӯзномаю маҷалла, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар танҳоӣ низ ба номус, қадр ва шарафи шахс дахолат кардан манъ аст. Зеро дахлнопазирии шахс зери ҳимояи давлат ва Конститутсия қарор дорад.

Принсипи волоияти ҳуқуқ бо ҳукми конститутсионии «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» (қ.3 м.5) ҷамъбаст мегардад. Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқу озодии инсон чаҳорчӯбаи зарурат ва қонунияти зиндагии инсон аст, ки бидуни он ҳаёти инсон ба харачу мараҷ ва бетартибӣ мубаддал мегардад. Ҳуқуқи инсон ин андозаи амали имконпазирии ҳуқуқии ҳар шахс аст, ки бидуни он мавҷудот ҳамчун махлуқи бошуур ба сифати инсони комил зиндагӣ карда наметавонад. Ҳуқуқи инсонро аз паҳлуҳои мухталиф баҳо медиҳанд. Чунончӣ, онро чун ҳолати табиӣ ва объективии зиндагии инсонҳо, ё алоқа ва таносуби боадолати байниҳамдигарии одамон ва шахсҳо бо давлат, ё ин ки чун қисми ҷудонашавандаи табиати ҳастии инсон арзёбӣ мекунанд.

Аз назари ҳуқуқӣ ҳуқуқи инсон маҷмуи имкониятҳои дар доираи қонун муқарраршудаи амали ҳар фард аст, ки вазъи ҳуқуқии шахсро дар ҷомеа муқаррар мекунад. Дар фарқият аз озодӣ ҳуқуқи инсон нисбатан мушаххастар буда, дар он уҳдадории субъекти дигар, аз ҷумла давлат дар муқобили ҳуқуқи инсон муқаррар мегардад, ки бидуни он зиндагии мутамаддини инсон номумкин аст.

Озодӣ ифодаи ҳуқуқии мухторияти фард аст, ки истифода бурдан аз он ба иродаи инсон вобаста аст. Дар муқобили озодии инсон уҳдадориҳо

мушаххас нестанд, дигарон танҳо масъуланд, ки ба иҷрои он монеъ нашаванд. Чунончӣ, касе ҳақ надорад ба ҳаракати озоди инсон дар қаламрави кишвараш бидуни асосҳои ҳуқуқӣ монеъ шавад. Аммо дар робита бо ҳуқуқи инсон давлат уҳдадор аст вазифаҳои мушаххасро риоя намояд, масалан, дар аснои мурочиати шаҳрвандон, ё амалӣ намудани ҳуқуқ ба меҳнат ва амсоли инҳо. Маҳдудкунии беасоси озодиро қонун манъ мекунад.

Мутобиқи ин принсип ҳуқуқу озодиҳоро давлат эътироф мекунад. Яъне онҳоро ҳамчун заминаи мавҷудияти инсон дар сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ эътироф мекунад, риоя ва иҷрои онҳоро бо кафолатҳо таъмин менамояд. Давлат дар муносибат бо одамон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро риоя мекунад ва аз дигар субъектҳо риояи онҳоро талаб мекунад. Давлат барои риояи дурусти ҳуқуқу озодиҳо шароит фароҳам меоварад, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат дода, дар ҳолати вайроншавии онҳо субъектҳои таҷовузкунандаро ба ҷавобгарӣ мекашад, тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ механизми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистон ҳам воситаҳои дохилӣ ва ҳам байналмилалиро доро аст.

Истифодаи истилоҳҳои «инсон» ва «шаҳрванд» дар принсипи волоияти ҳуқуқ ба он хотир аст, ки ин мафҳумҳо пеш аз ҳама, аз нигоҳи вазъи ҳуқуқӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Конститутсия ҳангоми муайян намудани дахлнопазирӣ ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳо ин ду категорияро истифода намудааст. Ҳамаи ҳуқуқу озодиҳое, ки ба инсон марбут аст, ба шаҳрванд низ дахл доранд. Зеро ҳамаи шаҳрвандон дар як вақт инсонанд. Аммо ҳамаи ҳуқуқу озодиҳое, ки барои шаҳрвандон пешбинӣ шудааст, имкон доранд ба ҳамаи одамон мансуб набошанд, зеро на ҳамаи одамони дар Тоҷикистон сукунатдошта шаҳрванди давлати Тоҷикистонанд. Дар ин замина шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз баъзе ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлат бархурдор нестанд.

Риояи принсипи волоияти ҳуқуқ ба табиати демократӣ будани давлат, наздикии халқ бо давлат, инсон ба қудрат, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, тантанаи адлу инсоф, назму тартиб, баробарӣ, ваҳдати миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ устувор хизмат мекунад.

Як фарқият ва аломати приснипи волоияти ҳуқуқӣ аз принсипи волоияти конститутсионӣ дар он аст, ки дар принсипи волияти ҳуқуқӣ авлавияти мазмунии он танҳо дар муносибат бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд нашуда, инчунин дар муносибат бо дигар меъёрҳои конститустионӣ мазмунан ва мантиқан эҳсос мегардад. Аммо дар принсипи волоияти конститутсионӣ мо аслан бартарии меъёрҳои конститутсияро аз дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ дарк мекунем.

**Б) Конститутсияи Тоҷикистон санади олии ҳуқуқии давлат**

Эътирофи усули волоияти конститутсионӣ мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 10 меъёрҳои Конститутсияро муайянкунандаи марзу буми фазои озодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар муайян карда, замина барои принсипи айнияти миллӣ ва конститутсионии давлат эҷод менамояд.

*Бо ин мақсад моддаи 10 Конститутсия сароҳатан эълон менамояд: «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд»[19].* Маҳз, ҳамин қисмати Конститутсия гувоҳи он аст, ки асли ҳама низоми ҳуқуқии кишвар бояд дар пояи муқаррароти он сурат гирад, дар сурати ихтилофи назари қонунгузории дохилӣ волоияти меъёрҳои он низоми ботинии ҳуқуқро дифоъ менамояд. Дар ҳолати ихтилофи хориҷӣ бошад, меъёрҳои он тавассути принсипи айнияти конститутсионии Тоҷикистон истиқлоли ҳуқуқии давлатро таъмин менамояд. Зеро волоияти конститутсионӣ ҳамагуна санадҳои меъёрии ҳуқуқиро поёнтар аз неруи меъёри конститутсионӣ мегузорад, ҳатто санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро. Нахуст талаботи ин модда аз низоми қонунгузории кишвар талаб менамояд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабл аз қабул шуданашон бояд мазмунан ба талаботи Конститутсияи кишвар муқоиса намояд. Сониян, дар сурати пайдо шудани ихтилоф баъд аз эътирофашон ва ё гуногун шудани назар нисбат ба фаҳми меъёрҳои татбиқшаванда, тавассути принсипи айнияти конститутсионӣ ва мақомоти назоратӣ муҳофизати истиқлоли ҳуқуқиро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, қабул эътироф ва ҳимояи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлати Тоҷикистон тавассути Конститутсия роҳандозӣ шуда, қувват ва нерӯи ҳуқуқии онҳо то сарҳади муқарррароти меъёрҳои конститутсионӣ амал менамоянд.

Қисмҳои 3 ва 4 моддаи 10 санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар майян карда, афзалияти онҳоро нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ пайдо намуда, садоқати давлати демократиро ба принсипҳо ва стандартҳои байналмилалӣ арҷгузорӣ менамояд:

*«Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.*

*Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд»[20].*

Ҳарчанд, ки дар қисми сеюми моддаи 10 афзалият ва бартарияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ ишора шудааст, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо аз Конститутсия болотар мақом доранд, зеро мақоми Конститутсияро қисми яки ҳамин модда аллакай ҳамчун падидаи махсуси санади меъёрии ҳуқуқии дорои қувваи олии ҳуқуқӣ муайян кардааст.

Истилоҳи «қонунҳои ҷумҳурӣ» дар қисми 3 моддаи 10 он тавре, ки баъзеҳо андеша доранд, фарогири маънои Конститутсия бо ду далел буда

---

[19]Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, 2016. – М. 10. Қисми 1.

[20]Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, 2016. – М. 10. қисмҳои 3-4.

наметавонад: Аввал ин ки қисми 1 моддаи 10 аллакай маъно ва нерӯи волоияти хуқуқии Конститутсияро муайян кардааст. Ҳеҷ як санади меъёрии ҳуқуқӣ аз вай болотар буда наметавонад. Ин муқаррароти конститутсионист ва афзалият низ дар худи Конститутсия муайян аст. Сониян, Конститутсия қонуни одии кишвар нест, вай мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 16 Қонуни қонунҳо «Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст» ва он дар илми ҳуқуқшиносӣ ба сифати қонуни марказӣ ва асосии давлат мақоми хос ва олиро таърихан бебаҳс касб кардааст, ки номи он дар асл низ на қонун, балки Конститутсия аст. Маҳз ба ҳамин хотир дар раддабандии нерӯи ҳуқуқии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ин мазмунро боз талаботи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» амиқтар муқаррар кардааст.

Моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дақиқ низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварро мутобиқ ба нерӯи ҳуқуқиашон чунин муқаррар менамояд:

*«1. Санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тафовути намудҳои онҳо ва салоҳияти субъектони ҳуқуқэҷодкунанда муқаррар карда мешавад.*

*2.* ***Ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:***

***- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***- қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида;***

***- санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;***

***- қонунҳои конститутсионӣ;***

***- кодексҳо, қонунҳо;***

***- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***- қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***- фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;***

***- қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;***

***- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;***

***- қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;***

*- қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.*

***3. Тартиби ҷойгиршавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қисми 2 моддаи мазкур қувваи ҳуқуқии онҳоро муайян менамояд.***

*4. Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии (ҶШС) Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон то қабули қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар қисмати ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат накарданашон, амал мекунанд»*[21].

Маҳз қисми 2 ва 3 моддаи 9 Қонуни мазкур волоияти меъёрҳои Конститутсияро дар тақвияти моддаи 10 Конститутсия такроран собит менамояд. Қисми 2 моддаи 16 Қонуни мазкур бошад дар тақвияти моддаи 10 Конститутсия, мақоми Конститутсияро дар низоми қонунгузорӣ муайян кардааст:

*«2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, набояд хилофи Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ё қисмҳои таркибии онҳо, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд»*[22].

Тарзе мебинем дар сурати ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ё қисмҳои таркибии онҳо, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд. Яъне бартарӣ сареҳан ба Конститутсия дода шудааст.

Пас Конститутсия дорандаи меъёрҳои олии давлатдорӣ ва ҷомеасозӣ буда, қувват ва нерӯи меъёрҳои он аз ҳама дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ баланд буда, дар муайян кардани табиати ҳуқуқии ҷомеа нақши марказӣ ва ҳалкунандаро доро аст. Конститутсия асосҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ, мақоми ҳуқуқии инсон ва шахс, шакл, сохтор, таҷзия ва намои идораи давлат, принсипҳои фаъолияти давлат, низоми адолати судӣ, назорати қонун ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалро муқаррар намуда, бунёди низоми ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатро таҳия мекунад. Чунин волоияти мазмунӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ ба сифати муайянкунандаи рӯҳу равони фазои ҳуқуқӣ дар ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқӣ аҳаммияти калони илмӣ ва амалиро дошта, дар кори ҳифзи низоми ҷамъиятӣ, субот, тартибот, адлу инсоф, ҳифзи арзишҳои миллию башарие, ки халқ эътироф кардааст, тақдирсоз аст. Маҳз аз ҳамин ҷанбаҳо ворид

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» соли 2017. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ1, мод. 271; соли 2019, №7, мод.465) Моддаи 9.

[22] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» соли 2017. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ 1, мод. 271; соли 2019, №7, мод.465) Моддаи 16.

шудан ба шарҳи мақом ва манзалати Конститутсия дар низоми ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин асли (принсипи) волоият ва афзалияти Конститутсия ва меъёрҳои он дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки вай ба сифати таҳкурсии бинои давлатсозӣ баромад менамояд. Ҳама дигар муносибатҳои арзиши ҳуқуқӣ дошта набояд ба он мухолифат варзанд, балки баръакс дар доираи мавзуни муқаррароти он таҳия ва ташаккул ёбанд. Доираи мавзуни муқаррароти вай васеъ буда дар партави ҳуқуқу озодиҳои навишташудаю нонавишта, ки мухолиф ба талаботи Конститутсия ва қонунгузорӣ нестанд дар ҷомеи шаҳрвандӣ муайян мегарданд. Аз ҳама муҳиммаш он аст, ки рушди қонунгузории кишвар дар заминаи муқаррароти вай таҳия шуда, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо дар сурати мувофиқ омаданашон ба принсипу меъёрҳои он ҷонибдорӣ карда мешаванд. Яъне Тоҷикистон дар доираи парадигмаи ва муқаррароти он сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро ҳамчун арҷгузорӣ бо раъйи халқ ва манфиатҳои миллат роҳандозӣ менамояд.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, 2016. – М. 10. Қисми 1.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» соли 2017. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ1, мод. 271; соли 2019, №7, мод.465) Моддаи 9.

# ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАТБИҚИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТИИ НАВРАСОН ДАР ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 907948773
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Муқарриз:** Буризода Э.Б., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати Истиқлоли давлатӣ имкон пайдо кард, ки зимоми давлату давлатдориро ба даст гирифта, аз таҷрибаи бою ғанӣ, таърихию қадимии аҷдодони сарбаланди мардуми хеш истифода намуда, фаъолиятро баҳри обод гардонидани ин сарзамин ва таъмин намудани зиндагии шоистаю орому осудаи аҳолиро ба роҳ монад. Вобаста ба боло рафтани сатҳи зиндагӣ аҳолии кишвар дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти иҷтимоии дигар, ба таври куллӣ тағйир ёфтани муносибат ва арзишҳои навини ҷомеа зарурати аз нав кор карда баромадани механизми нави таъмини волоияти қонун ба вуҷуд омад. Дар мақола заминаҳои ташаккулёбии маърифати ҳуқуқӣ ва татбиқи муносибатҳои меҳнатии наврасон дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Дар он масъалаҳои солимии оила, маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила, муносибатҳои ёрию дастгирии байниҳамдигарӣ, коллективӣ, меҳру муҳаббат, дӯстӣ, иззату эҳтиром ва ташаккули оилаи солим ва насли солимро дар бар мегиранд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** маърифати ҳуқуқӣ; таълиму тарбия; рӯҳияи худшиносӣ; ифтихори ватандорӣ; қонунгузорӣ оид ба меҳнат; корҳои шароиташон зарарноку хатарнок; корҳои зеризаминӣ; қобилҳуқуқии меҳнатӣ; қобиламалии меҳнатӣ; арзишҳои ҳуқуқӣ; арзишҳои ахлоқӣ.

# ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЕ И РЕАЛИЗАЦИИ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ МОЛОДЕЖИ В ТРУДОВОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Бобокалон Гоиб Мерган,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры

предпринимательского и коммерческого права
**Тел.:** (+992) 907-94-87-73
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Рецензенты:** Буризода Э.Б., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Благодаря независимости государства Республика Таджикистан получила возможность взять в свои руки бразды правления государственностью, использовать богатый исторический и древний опыт своих достойных предков, осуществлять деятельность, направленную на благоустройство этой земли и обеспечение достойной и мирной жизни населения. В связи с повышением уровня жизни населения страны в эпоху государственной независимости, в Республике Таджикистан, с учетом перехода от одной социальной структуры к другой, полностью меняются взгляды и новые ценности общества, возникла необходимость переработать новый механизм обеспечения верховенства закона. В статье рассматриваются основы формирования правового просвещения и реализации трудовых отношений подростков в трудовом законодательстве Республики Таджикистан. Она включает вопросы здоровья семьи, семейного воспитания, повышения ответственности родителей в обучении и воспитании детей, подготовки детей к самостоятельной жизни и стабильности семьи, взаимопомощи и поддержки, коллективных отношений, любви, дружбы, чести и уважения.

**Ключевые слова:** Правовое просвещение; образование и воспитание; самосознание; патриотическая гордость; законодательство о труде; вредные и опасные работы; подземные работы; трудовое дееспособность; трудовое правоспособность; правовые ценности; моральные ценности.

## BASICS OF DEVELOPMENT OF LEGAL EDUCATION AND IMPLEMENTATION OF LABOR RELATIONS OF YOUTH IN THE LABOR LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Bobokalon Goib Mergan,**
Tajik National University, faculty of law, Associate Professor of the Department of Business and Commercial Law
**Phone:** (+992) 907948773
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Reviewers:** Burizoda E.B., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** Thanks to the independence of the state, the Republic of Tajikistan had the opportunity to take the reins of statehood into its own hands, use the rich historical and ancient experience of its proud ancestors, carry out activities aimed at improving this land and ensuring a decent and peaceful life

for the population. In connection with the increase in the standard of living of the country's population in the era of state independence, in the Republic of Tajikistan, taking into account the transition from one social structure to another, the views and new values of society are completely changing, and there is a need to rework a new mechanism for ensuring the rule of law. The article discusses the basics of the formation of legal education and the implementation of labor relations for adolescents in the labor legislation of the Republic of Tajikistan. It includes issues of family health, family education, increasing the responsibility of parents in teaching and raising children, preparing children for independent life and family stability, mutual assistance and support, collective relationships, love, friendship, honor and respect.

**Keywords:** legal education; education and parenting; self-awareness; patriotic pride; labor legislation; harmful and dangerous work; underground works; work capacity; labor capacity; legal values; moral values.

Тавре огаҳӣ дорем, санаи 28 декабри соли 2023 сокинони мамлакат Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо руҳияи баланди ифтихор аз Пешвои миллати худ, гарму самимӣ истиқбол намуданд.

Метавон гуфт, ки бо ироа гардидани Паём ҳазорҳо нафар мардуми касбу кори гуногун оид ба дастоварду пешравиҳои дар зарфи солҳои охир ноилшудаи Тоҷикистон маълумоти фаровон дарёфта, андешаи таҳияи нақшаву ниятҳои некро дар зеҳну зарфияти худ парвариданд. Зеро нуктаҳои ироанамудаи Пешвои муаззами миллат ҳар як шаҳрвандро ба андешаҳои созанда, рафтору кирдору пиндорҳои нек ҳидоят менамояд ва воситаи муҳивми мафкурасозиро доро мебошанд.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки, он пешниҳод ва вазифагузориҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Паём ироа гардиданд, ҳамчун барномаи мушаххаси рушди минбаъдаи тамоми соҳаҳои мамлакат мебошад ва онро метавон чун дастури рӯимизӣ ба сифати роҳнамо истифода бурд.

Яке аз пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024, маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024», аз 30 декабри соли 2023, №668 мебошад.

Аксарияти шаҳрвандон ба чунин ақидаанд, ки Паёмҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, ифодакунандаи вазъи воқеии натиҷаи солонаи ҳам самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷии ҷумҳурӣ мебошад.

Ба андешаи мо силсилапаёмҳои ироашудаи давраи истиқлол, вазъи воқеии натиҷаи на солонаи ҳам самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, балки тамоми давраи соҳибистиқлолии кишварамонро низ дар бар мегирад.

Зеро, пешниҳоди эълон шудани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ», аз суханронию, ироаи Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва натиҷагириҳои фаъолиятҳои чандинсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифтаанд.

Олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ватанӣ оид ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ мақолаву асарҳои зиёди илмӣ ва илмӣ-оммавӣ таълиф намуда, мазмуну моҳият ва аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқии онро шарҳу тавзеҳ додаанд[23].

*Эзоҳ: Бояд тазаккур дод, ки оид ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни ватанию хориҷӣ мақолаву асарҳои бешумори илмӣ ва илмӣ-оммавӣ таълиф намудаанд ва мазмуну моҳият ва аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онро шарҳу тавзеҳ додаанд, ки ҳамаи онҳоро дар мақола ҷой додан ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф аз олимону муҳаққиқони гиромиқадр барои номбар нашудани мақолаву асарҳои онҳо дар мақола, изҳори маъзарат менамояд.*

Ҳаминро бояд хотирнишон кард, ки аз ҷониби олими ватанӣ С.Ф. Сайнозимзода дар мавзуи «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии

[23] Ниг.: Тохиров Ф.Т. Политико-правовое значение Послания Президента. Народная газета. – 2005. – 20 июля. – № 29 (19479); Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ (маҷмуи мақолаю маърузаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 596 с.; Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 192 с.; Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6-20; Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – №2 (22). – С. 6-19; Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар паёмҳои Президенти ҶТ // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2021. – № 3 (43). – С. 5-12; Насриддинзода Э.С. Инъикос ва баррасии масъалаҳои маориф ва илм дар паёмҳои Пешвои миллат // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – №2 (42). – С. 62-68.; Сотиволдиев Р., Маҳмудзода М. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 192 с.; Ятимов С.С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат // Ҷумҳурият. – 2019. – 29 январ. – № 21-22 (23 624-625). 26 Ниг.: Диноршоев А.М. Правовая природа Послания Президента Республики Таджикистан // Государствоведение и права человека. – Душанбе, 2016. – №1 (01). – С. 55-60.; Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С. Нақши Паёми Президенти ҶТ дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – №2 (22). – С. 20-33.; Имомов А.И. Послание Президента и его влияние на совершенствование деятельности Маджлиси Оли // Правовая жизнь. – Душанбе, 2017. – №4 (20). – С. 46-57.; Раҳимзода Р.Ҳ. Дурнамои иқтисоди мамлакат дар Паёми Пешвои миллат // Садои мардум. – 2020. – 7 январ. – №3-4 (4109-4110).; Раззоқов Б.Ҳ. Президенти ҶТ – Сарвари ҳокимияти иҷроия: монография. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – 356 с.; Гадоев Б.С. Политико-правовое значение Послания Президента Республики Таджикистан в жизни общества // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – №1. – С. 89-94; Гадоев Б.С. Послания Президента Республики Таджикистан и их роль в политическом курсе развитии страны // Правовая жизнь. – Душанбе, 2021. – № 4 (36). – С. 74-82; Бобокалонов Ғ.М. Раванди тарбияи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ. Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2016. Нашрияи «Ба қуллаҳои дониш». /Нашрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Ба қуллаҳои дониш», №1 (1407), 20.01.2017. – С.7. ва дигарон.

Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқ дифоъ шудааст[24].

Вобаста ба ин як зумра фишурдаи ироаи Паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро баён менамоем.

Дар Паёми нахустини худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти кишвар, аз қабили масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, сиёсати хориҷӣ ва доир ба дигар масъалаҳо дидгоҳу назари худро иброз намуданд[25].

Яке аз онҳо фишурдаи ироаи Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008 аст, ки ба масъалаи маърифати ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамоянд: «Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад. Барои беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ зарурати таҳияву қабул кардани барномаи нави дарозмуддати мукаммал ва ба таври самарабахш тадбиқ намудани он ба миён омадааст»[26].

Дигар, суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", ки 14 декабри соли 2010 ироа гардид, гирд меорем, ки баҳри дурусту аниқ фаҳмидани мазмуну муҳтавои мақола, ҳамчунин барои татбиқи дурустии онҳо баромад менамояд:

«Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хоса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд.

Дар тӯли садсолаҳо хонаводаи тоҷик ҳазорон фарзандони фарзонаро ба дунё овардаву ба камол расонидааст, ки онҳо барои халқи худ ва тамаддуни башар хизматҳои зиёди таърихиро ба анҷом расонидаанд.

Дар баробари омӯзиши саҳифаҳои арзишманди таърихи аҷдоди номдорамон имрӯз диққат додан ба омилҳое, ки онҳоро ба пирӯзию сарбаландӣ расонидаанд, амри зарурӣ мебошад. Зеро маҳз таҳкими оила, таълиму тарбияи наслҳои солиму соҳибмаърифат яке аз воситаҳои рушди ҷомеа, мустаҳкамии қудрати давлат ва побарҷойии тамаддунҳо ба шумор меравад. Оиларо ячейкаи ибтидоии давлат мегӯянд, ки бесабаб нест.

---

[24] Сайнозимзода Фирӯз Сайнозим «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ». Афтореф. дисс. барои дарёфти ун. илмии н.и.ҳ. Душанбе, 2022. – 67 с.

[25] Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.С. Насриддинзода, Ф.С. Сайнозимзода // Давлатшиносӣ ва Ҳуқуқи инсон. №2 (22) 2021. – С. 6–19. ISSN 2414 9217.

[26] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008. шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/195 (санаи муроҷиат 29.01.2024).

Ҳамаи дастовардҳо ва корномаҳои мардонагиву қаҳрамонии фарзандони фарзонаи халқи тоҷик, бешубҳа, натиҷа ва самараи заҳмати шабонарӯзии падару модарони азизи мо буданд ва мебошанд. Чунки ҳамчун инсони комил ба воя расонидани фарзанд ва тарбияи дурусти ӯ ҳеҷ гоҳ бе меҳру муҳаббат ва дастгириву садоқати падару модар имкон надорад[27].

Аз ин лиҳоз, падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро, киояндаи мо мебошанд, дар рӯҳияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд парчами давлатамонро дилпурона ба сӯи уфуқҳоиояндаи ободу осуда баранд. Дар баробари ин, эҳтиром намудани падару модар ва расидан ба қадри заҳмати онҳо қарзи фарзандии ҳар як инсони бонангу номус мебошад.

Дар ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия ва такмили ахлоқу маънавият масъулияти асосӣ бар души падару модар аст. Зеро падару модар дар саргаҳи ташаккули андешаву эҳсос ва рушди ҷаҳонбинии кӯдак қарор доранд, фарзандон дунёро бо чашму дили онҳо мебинанду мешиносанд ва муносибати худро ба олами атроф, қабл аз ҳама аз дидгоҳи падару модар муайян мекунанд.

Усулан ақлу идрок, ҷаҳонбинӣ ва фазилати маънавии падару модар аввалин сарчашмаест, ки дар зеҳну шуури кӯдак нақши ҳамешагӣ пайдо мекунад ва нуфузи он дар зиндагии инсон як умр боқӣ мемонад.

Масъалаи бағоят муҳиме, ки аз ин қазия бармеояд, сатҳи тафаккур, дараҷаи худогоҳӣ ва ҳофизаи таърихиву фарҳангии худи падару модар мебошад, ки тавассути он фарзанд соҳиби саводу дониш, дили огоҳу ақли бедор, арҷгузорӣ ба ниёгон ва муҳаббату садоқат ба Ватану миллати худ мегардад.

Дар воқеъ, шарти нахустини тарбияи фарзанди солеҳ мавҷудияти сафою покизагӣ, раҳму шафқат ва дӯстиву вафодорӣ миёни падару модар ва муҳити хонавода мебошад.

Эҳтирому меҳрубонии мутақобила ва риояи ҳуқуқи ҳамдигар аз ҷониби падару модар дар зеҳни фарзанд эҳтиром ба шахси худ, эҳтиром ба инсон ва эҳтиром ба ҷамъиятро парвариш медиҳад.

Ба ин маънӣ пайғамбари ислом мефармояд: «Фарзандони худро эҳтиром кунед ва ба онҳо бо одобу рафтори нек бархурд намоед, ба фарзанди худ дар анҷоми некӣ ва ҳашр ёрӣ расонед».

---

[27] Ниг.: Бобозода У.Э. Право человека на труд: социально-экономический феномен. // Права человека в процессе глобализации: материалы республиканской научно-теоретической конференции (7 декабря 2021 года) // Под редакцией доктора юридических наук, профессора Рахмон Д.С. – Душанбе: Типография ТНУ, 2021. – С. 145.

Дар ин масъала Унсуралмаолии Кайковус низ мефармояд: «Ва падару модарро ҳам тавон аст ва ҳам фармон. Аммо тавон аст ба парвардани ту ва фармон аст ба хубӣ омӯхтан».

Дар ин таъкид ҳам дуруст тарбия кардан ва ҳам дуруст таълим додани фарзанд қарзи аввалиндараҷаи падару модар дониста мешавад, ки ин арзишҳо бояд дар замони мо боз ҳам амиқтар амалӣ гарданд ва фарзандон донишу фарҳанги зиёдтарро соҳиб шаванд.

Ба шарофати падару модар одобу ахлоқ, маърифату маънавият ва беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагони мо аз насл ба насл интиқол ёфта, ба як мактаби бузурги тарбияи ахлоқи иҷтимоӣ ва маънавии шахсият мубаддал мегарданд.

Доир ба назария ва амалияи нақши падару модар дар тарбияи фарзанд ва ё баръакс, вазифаи фарзанд дар бобати эҳтиром гузоштан ба падару модар китобҳои муътабаре, аз қабили «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насираддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғазолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Давонӣ ва дигар панду насиҳатномаҳо таълиф шудаанд. Дар ин китобҳо марҳалаҳои мухталифи таҷрибаи ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, ки ояндаи ҷомеаро муайян менамояд, бо далелҳои муътамад ба исбот расидаанд.

Яке аз ақидаҳои бунёдии ин муаллимони бузурги ахлоқ аз он иборат мебошад, ки онҳо ҳусни эҳтиром ва масъулиятро нисбат ба фарзанд ва пайваставу ҳамеша анҷом додани амалҳои солеҳро дар рафтору гуфтори ӯ бо муносибати некбинонаи падару модари онҳо алоқаманд медонанд.

Дар ин замина мутафаккири бузурги асрҳои миёнаи тоҷик Муҳаммад Ғазолӣ чунин гуфтааст: «Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили поки фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ҳар тухме, ки дар вай бикорӣ, бирӯяд. Агар тухми хайру некӣ аст, ба саодати дину дунё расад ва падару модару муаллим дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ, то ҳар чӣ хоҳад, кунад ва бо ҳар кӣ хоҳад, нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ накунӣ».

Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа рӯҳу равони воқеӣ пайдо мекунад. Аммо ба ин се ниҳод муҳити атроф ва фазои иттилоотӣ, ки дар натиҷаи раванди ҷаҳонишавӣ вусъати азиме пайдо кардааст, таъсири зиёд мерасонад, дар ин гуна ҳолат ниҳодҳое, ки зикр намудам, бояд якҷо бо расонаҳои миллии иттилоотӣ нерӯву иқтидори кофии муқовимат дошта бошанд, то ин ки вуруди ҷанбаҳои номатлуби фарҳанги бегонаро пешгирӣ карда, нагузоранд, ки онҳо дар ҷомеаи мо миёни наврасону ҷавонон паҳн гарданд ва афкори онҳоро заҳролуд намоянд.

Ин ҷо сухан нафақат дар бобати падидаҳои зоҳирӣ, аз қабили сарулибос, одоби муошират, нишасту хез меравад, балки бештар дар

хусуси ҷаҳонбинии миллӣ ва эътиқодоти маънавист, ки дар шароити муосир аҳаммияти бағоят бузургро соҳиб мебошанд.

Бо дарназардошти ин, мо як рукни умда ва созандаи низоми тарбияро дар тарбияи хонаводагӣ мебинем. Дар ин ҳалқаи сегона агар оила ё хонавода рисолаташро бо камоли масъулият ба сомон расонад, дар парвариши инсони комил, оқилу донишманд, ватандӯсту ватанпарвар натиҷаи матлуб ба даст меояд ва агар ҷомеа таъсир расонад, мақоми таълиму тарбия боз ҳам устувортар мегардад.

Махсусан, нақши оилаи устувор ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият дар тарбияи фарзанд басо муҳим мебошад. Падару модарон, ки сутуни хонавода ва ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диққати доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир намоянд. Онҳо бояд як нуктаро ба инобат гиранд, ки фарзанди солеҳ ва бомаърифат давоми умри падару модар мебошад ва ба ин хотир ҳангоми таълиму тарбия ҳеҷ чизро набояд аз онҳо дареғ доранд ва барои ба камолот расидани онҳо сармояи хешро дар парваришу омӯзиши фарзандонашон сарф намоянд.

Фарзанд меваи умри одамизод мебошад. То замоне, ки ҷон дар бадани инсон аст, набояд ӯ аз тарбияи фарзанд канораҷӯӣ намояд.

Мутаассифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир сатҳи тарбияи фарзандон то андозае паст рафтааст ва баъзе падару модарон ба ин масъалаи ҳаётан муҳим беэътиноӣ зоҳир мекунанд.

Коста гардидани ахлоқи қисме аз наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани иддае аз онҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи беаҳаммиятӣ ва бемасъулиятии падару модарон мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки тарбияи кӯдак дар баробари ин, ки самти муҳими фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, пеш аз ҳама вазифаи муқаддаси ҳар як падару модар, созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва умуман аҳли ҷомеа низ ба шумор меравад.

Дар ин марҳалаи басо ҳассос ва муборизаҳои ошкору ниҳони нерӯҳои гуногун вазифаи муқаддаси падару модарон ва дигар калонсолон дар оила, пеш аз ҳама ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандон ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо мебошад. ҷавонон бояд дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия ёфта, ба онҳо дар муҳити оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ ахлоқу одоби ҳамида, маърифати шаҳрвандӣ, камолоти инсонӣ, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ таълим дода шавад, то ки наврасону ҷавонони мо ҳамчун ворисони арзандаи халқу Ватан ба воя расанд.

Дар ин раванд ҳикмати пурмуҳтавои халқамонро ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки мегӯяд: «Фарзандони худро ҳунар ва илм биомӯзед ва онҳоро чунон бояд тарбия намоед, ки оқибат сиришки ғам аз дидаҳои пурумед нарезад»[28].

---

[28] Э. Раҳмон. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».14.12.2010 15:00, шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/1578 (санаи муроҷиат 29.01.2024).

Инчунин, дигар натиҷагирии фаъолиятҳои чандинсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба пешниҳоди эълон шудани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ", **дар** суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**, дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10 июли соли 2014** баргузор гардида буд, баён намудан лозим медонем, ки таъкид намуданд: "Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз роҳҳои муҳимму самараноки таъмини волоияти қонун, риояву иҷрои бечунучарои он ва ҳамзамон бо ин, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад. Дар баробари иҷрои дигар вазифаҳои масъулиятнок мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд ба ин самти фаъолият таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Худи ҳаёт нишон медиҳад, ки баъзе шаҳрвандони кишвар маҳз бо сабаби надонистани талаботи қонун ба ҳуқуқвайронкуниҳо роҳ медиҳанд.

Дар шароити ҷаҳони имрӯза шаҳрвандон бояд дорои сатҳи баланди донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бошанд, то ки вазъияти кунунии ҷаҳон ва минтақаро ҳамаҷониба дарк карда, мавқеи худро дуруст муайян карда тавонанд"[29].

Дигар натиҷагирии фаъолиятҳои чандинсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди эълон шудани соли 2024 – "Соли маърифати ҳуқуқӣ" бевосита аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бо ташаббуси хеш пешниҳод намуданд ва қабул шуданд, дахл доранд, аз ҷумлаи онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳо, қарорҳо маҳсуб меёбанд.

Тибқи моддаи 70 Конститутсияи ҶТ, ба Президенти ҶТ ҳуқуқи дар доираи салоҳият баровардани фармон дода шудааст.

Дар баробари чунин фармонҳо, ки натиҷагирии фаъолиятҳои чандинсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди эълон шудани соли 2024 – "Соли маърифати ҳуқуқӣ" гардидаанд, дахл доранд, аз ҷумлаи онҳо, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар боаи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар ин асос қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22-и августи соли 1997 хусусияти универсалӣ дорад. Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар заминаи санадҳои зикршуда рӯи кор омадааст, бешубҳа, дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ҳамзамон барои тақвият бахшидани ин

---

[29] Таъмини адолати иҷтимоӣ ва зиндагии ором.Нашрияи расмии Тоҷикистон - "Ҷумҳурият" Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=14991 (санаи муроҷиат 29.01.2024).

чорабиниҳо соли 2002 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи миллии таълим» ва соли 2006 «Консепсияи миллии тарбия» тасдиқ ва қабул гардид, ки дар самти боло бардоштани фаҳмиши ҳуқуқии мардум аз аҳаммият холӣ нест.

Вобаста ба ин ҳаминро қайд карданием, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин амалҳои хеш тамоми мардуми соҳибмаърифату тамаддунсоз, хурду бузурги шарафманду сарбаланди мамлакатро даъват намуданд, ки аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд ва дар лаҳзаи зарурӣ манфиатҳои худро ҳимоя карда тавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмуи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат, муносибатҳои фоидаовари ҷамъиятӣ, хусусан муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар арзишҳои дар таърихи мавҷудияти миллат исботшуда робитаи ногусастанӣ дорад.

Ташаккули инсон ҳамчун шаҳрванд дар натиҷаи таъсири мутақобилаи табиат, муҳити иҷтимоӣ ва меҳнат ба амал меояд. Инсон онҳоро дар ҷараёни ҳаёти худ фаъолона дигаргун намуда, ба тағйир ёфтани хеш низ мусоидат мекунад. Маҳз дар ҷараёни меҳнат шаклҳои нави ҳаёти маънавӣ зоҳир ва пайдо мешаванд ва инсон ҳамчун шаҳрванд ташаккул меёбад[30].

Ҳар як фард, ҳатто махлуқи ҷондор бо меҳнату машаққат ба арсаи ҳаёт меояд ва нафаси аввалинро бо меҳнат оғоз мекунад.

Дар «Луғати иқтисодиёти сиёсӣ» ҷараёни фаъолияти бунёдкоронаи одамонро меҳнат меноманд, ки тавассути он инсон ашёҳои табиатро шаклан тағйир дода, барои қонеъ гардондани талаботи худ кор мефармояд. Меҳнат шарти аввалини мавҷудияти инсон аст. Одам ба туфайли меҳнат хусусан бо туфайли меҳнати бошуурона аз ҷаҳони махлуқоти зинда фарқ карда, қувваҳои табиатро ба нафъи худ истифода менамояд, олоти меҳнату истеҳсолотро офарида, қобилият, маҳорату донишро равнақ дода, бо ҳамин равнақу ривоҷи минбаъдаи ҷомеаро пешбинӣ менамояд. Одамон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ воситаҳои зиндагиро ба даст оварда, байни ҳамдигар муносибатҳои истеҳсолӣ барқарор месозанд. Қобилияту маҳорати инсон дар ҷараёни меҳнат вусъат меёбад.

Дар замони худ К. Маркс ва Ф. Энгелс ба имкониятҳои тарбиявии меҳнат диққати махсус зоҳир менамуданд, зеро меҳнат на танҳо манбаи сарватманд шудан аст. Аҳаммияти вай аз ин бештар аст. Вай шарти аввалин ва асоси ҳаёти инсонӣ аст, ба он дараҷа, ки мо бо маънои томаш бояд гӯем: «меҳнат худи одамро офаридааст»[31].

---

[30]Бобокалонов Ғ.М. Ташаккули наврасони душвортарбия дар фаъолияти меҳнатӣ //Маводи конференцияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Роҳҳо ва шаклҳои пешгирӣ намудани ҷинояти ноболиғон // Академияи педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1997. – С. 19.

[31] К. Маркс. Ф. Энгелъс. Соч. т.2. – С. 365-413.

Дар ҷараёни меҳнат шахс бо ҷомеа, гурӯҳҳои истеҳсолӣ бо намояндагони насли калонсолон ва насли худ иртибот барқарор менамояд ва аз онҳо на танҳо таҷрибаю маҳорати истеҳсолӣ, балки таҷ-рибаи ҳаёти ҷамъиятиро низ меомӯзад. Чи тавре, ки фаъолият мураккабтару гуногунмазмун мегардад ва инкишофи иҷтимоии вай ҳам ба ҳамон дараҷа меафзояд.

К. Маркс таъкид мекард, ки иштироки кӯдакон дар меҳнати истеҳсолӣ шарти асосии ташакули иҷтимоии онҳо мебошад. Дар сохти ҷамъиятӣ бо тадбир ҳар кӯдак аз синни 9 – солагӣ бояд коргари истеҳ-солкунанда шавад. Мутафаккирони тоҷик Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хусрав, Унсуралмаолии Кайковус ва дигарон низ дар ин ақидаанд, ки кӯдак аз хурдӣ ба меҳнати ҷисмонӣ ҷалб карда шавад, зеро меҳнат ҷисму рӯҳи онҳоро қавӣ намуда, обутоб медиҳад. Бале, бузургони олам ҳамеша қобилияти зеҳнии худро тибқи шуғли иловагӣ – коре, ҳунаре ва ё бо ягон намуди варзише обутоб додаанд. Ҷиҳати меҳнат Абӯалӣ ибни Сино «Дар қонуни тиб» овардааст: «Инсонро мизоҷе додааст, ки муътадилтарини мизоҷҳо андар олам бувад ва дархӯри он қувваҳоест, ки инсон бо ёрии онҳо коркуну корпазир аст»[32].

Барои шахсӣ аз хурдӣ дар меҳнат обутобёфта ҳаллу фасли бартараф намудани мушкилиҳои ҳаёт осон мегардад. Ҳамин тариқ аз хурдӣ шарик кардан ба меҳнати ҷисмонӣ омили инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак мегардад.

Ба назарияи тарбияи меҳнатии хонандагон А.С. Макаренко саҳми арзандае гузоштааст. Ба ақидаи вай танҳо меҳнат инкишофи ҳамаҷонибаи шахсро таъмин карда метавонад. Дар баробари меҳнат тарбияи сатҳи баланди маърифат, фаъолияти ҷамъиятӣ ва оммавӣ, моддӣ зарур аст.

Ба тарбияи фарзанд олим, педагоги рус В.А. Сухомлинский диққати махсус зоҳир намудааст. Ба ақидаи вай одамро танҳо дар ҷараёни меҳнат ва бо меҳнат тарбия кардан мумкин аст, бе меҳнат тарбия кардан мумкин нест[33].

Чи тавре зикр гардида буд, мутафаккирони тоҷик ба тарбияи меҳнатӣ ва омӯхтани касбу ҳунар аҳаммияти калон медоданд.

Дар боби тарбияи фарзанд сухан ронда Унсуралмаолии Кайковус дар китоби «Насиҳатнома» мефармояд: «Пас бояд, ки ҳарчӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар фарзандро биёмузӣ то ҳаққи падарӣ ва шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва натавон донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунаре ва фазле рӯзе ба кор ояд».

Ҳунарро тавсиф намуда, Саъдии Шерозӣ дар ҳикояте овардааст: «Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулки давлати дунёро эътиқод нашояд ва симу зар дар сафарбар маҳаллихатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад.

---

[32] Абӯалӣ инби Сино. Қонуни тиб. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2021. – С. 27.
[33] Сухомлинский В.А. Проблемы воспитания всесторонне развитой личности // Избранные произведения в пяти томах. – Киев: «Радянська школа», 1979-1980. – Т. 1. – С. 59-218.

Аммо ҳунар чашмае зоянда асту давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунарманд дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма ҷӯяду сахтӣ бинад»[34].

Дар замони ҳозира, чунин шаклҳои фаъолияти механикие заруранд, ки истифодаи донишҳоро тақозо намуда, нисбати он талаботро афзун гардонад. Меҳнати муфидии ҷамъиятӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва олӣ сурат мегиранд, наврасонро ба фаъолиятҳои гуногун, чун худхизматрасонӣ, ташкилотчигӣ, меҳнати пурмаҳсул ҳидоят мекунад. Дар рафти фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо рафиқон ва калонсолон, асоси ислоҳи ахлоқи наврасон гузошта мешавад[35].

Дар мамлакати мо хуқуқ ба меҳнат мувофиқи қобилияту маҳорати шахс, ҳамчунин ба интихоби касбу ҳунари дилхоҳ ба дараҷаи талаботи конститутсионӣ бардошта, ба дахлнопазирии вай кафолати комил дода шудааст.

Мутобиқи модаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ҳуқуқ ба музд ба андозаи на каматр аз ҳадди ақали музди меҳнат дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Меҳнати муфидро аз синни кӯдакӣ ба фарзандон фаҳмонда, онҳоро ба пос доштану афзун намудани анъанаҳои меҳнатии оила, авлод ва халқи худ водор намудан лозим аст. Фарзандон бояд донанд, ки сарчашмаи фаровони нозу неъматҳои дастурхони падар, ободии хонадон, иззату эътибори ҷамъиятии волидайн ва умуман оила маҳз меҳнати самарабахшу фоиданоки онҳост.

Тарбияи меҳнатии одамон ҳанӯз аз хурдсолӣ дар хона аз кору бори рӯзгор оғоз ёфта, ҳисси меҳнатдӯстӣ, ҳунардӯстӣ сарфаю сариштакории онҳо бо ибрати нек, таъсир, ва маслиҳати падару модарон ташаккул меёбад. Онҳо ба қадри ҳар гуна неъмати моддӣ расиданро аз калонсолон, махсусан аз волидайни хеш меомӯзанд, волидон ҳар корро ба фарзандон мувофиқи маҳораташон супорида, бояд иҷрои онро назорат намоянд, кори хубу хушсифат иҷрогаштаро қадр кунанд, камбудиҳоро бо масли-ҳати хайрхоҳона ислоҳ намоянд.

Меҳнат бояд бо як мароми низоми муайян ба роҳ монда ба тариқи дастҷамъӣ ва кумаки ҳамдигарӣ ба ҷо оварда шавад: яке дегу табақро шӯяд, дуюмаш онҳоро хушк карда ҷо ба ҷо гузорад, сеюмаш дастархонро

---

[34] Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби Куллиёт. Ҷилди 1. - Сталинобод. 1958; Панд ба писарон. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://hazina.tj/gunogun/pand-bar-pisaron/ (санаи муроҷиат 30.01.2024).

[35] Бобокалонов Ғ.М. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии функсияи иҷтимоии меҳнати наврасон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/4(170) Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2015. – С. 29-35.

ғундорад ва ҳоказо. Сохтмон, киштукор, ҳосилғундорӣ ва корҳои дигарро бо тариқи ҳашари умумӣ ба ҷо овардан ба меҳнат як руҳи дилхушӣ, шодкомӣ мебахшад, таҷриба, маҳорат ва ҳунари волоро як навъ тарғибу ташвиқ менамояд.

Исботи гуфтаҳои дар боло зикр гардида: …дар давраи муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон адои вазифа намуданам дар «Шаҳраки донишҷӯён», «Боғи ботаникӣ» ва дигар мазеъҳои Ватани азизамонро бо ҳамроҳии устодону донишҷӯёни ватандӯст тариқи ҳашари умумӣ ободу гул-гул шукуфон намудем…

Фарзандони мо на танҳо корманд, зиёӣ, олимони ояндаанд, балки ҳар яки аз онҳо дар оянда падару модар мешаванд, фарзандони хешро тарбия медиҳанд. Барои он ки дар оянда онҳо оиладори хуб шуда, фарзандонашонро хуб тарбия карда тавонанд, бояд худ дар хурдӣ аз волидайн тарбияи хуб гиранд. Омили муҳимми тарбияи ахлоқӣ ва омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақил тарбияи меҳнатӣ мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки фарзандони дар оилаҳои меҳнатдӯст бавоярасида ҳамчун шахсони меҳнатдӯсту хушахлоқ ташаккул меёбанд. Онҳо анъанаҳои неки оилаи хешро дар оянда, дар оиладории худ ва дар тарбияи фарзандон истифода менамоянд ва ин анъанаи нек солҳо дар оилаҳои онҳо боқӣ мемонад ва аз насл ба насл мегузарад.

Халқи тоҷик мардуми заҳматкаш аст. Бо меҳнати дастони худ шаҳру деҳотро обод кардааст. Ҷавонони деҳот дар ободонии деҳот саҳми худро мегузоранд. Онҳо дар баробари иштирок кардан дар корҳои хоҷагии оила, дар корҳои кишоварзӣ ҳам иштирок варзида, музд мегиранд, ба оилашон даромад меоранд. Давраи таътил дар саҳроҳои ҳоҷагиҳои деҳқонӣ кор мекунанд. Музде, ки аз меҳнаташон мегиранд ба волидон ёрии амалӣ мегардад.

Дар китоби «Хайрхоҳи мардум», ки бо қалами доктори илмҳои таърих, профессор Абдусаттор Мухторов дар бораи муаллиф ҳикоя шудааст, гуфтаҳои болост:

… «Дар зери таъсири муҳит Ғоибназар тани худро ба меҳнат бахшид. Ӯ ҳамагӣ 11 сол дошту алакай ба кори саҳро шуғл варзид. Ҳамсояашон акои Мирзосаид Саломов (Салом-пожар) дар бригадаи Пахтамоҳ-апа ба ҳайси ҳисобчӣ (табелчӣ) кор мекард. Боре ба Ғоибназар рӯ оварда гуфт:

- Писарам мебинам, ки бачаи қобил менамоӣ, биё баъд аз мактаб ҳамроҳи ман ба саҳро ба кор меравем…

Ҳамин тавр, ҳам шуд. Ғоибназар бо мадади дӯстон роҳи саҳроро пеш гирифт. Дил ба меҳнат баст. Баъди чанде ба ӯ маош таъин карданд. Хазиначӣ ба вай дар ҳаҷми 14 сӯмму 50 тин маош дод Ғоибназар пулро ба қабза гирифта то хона давид.

Ба модараш Обидамоҳ рӯ оварда гуфт:

- Очаҷон, очаҷон, ман маош гирифтам…

Обидамоҳ дар ҳайрат монда пурсон шуд:

- Ба ту кӣ маош дод?

- Бобои Салом-пожар, – ҷавоб дод Ғоибназар.

- Чанд сӯм гирифтӣ? – пурсид Модар.

- Бисёр. Биё ба мағоза рафта харид мекунем? – гуфт писар.

- Маошат барои як халта орд мерасад? – гуфт Модар.

- Зиёдатӣ мекунад очаҷон, – гуфт писар.

Ин хабари хуш Обидамоҳро болида намуд.

Шукри Худованд кард, ки имрӯз тифли вай пайдогар шуда, хонаро бо маводи хӯрока таъмин менамояд. Ба ивази маоши Ғоибназар модару писар аз мағозаи деҳа ба андозаи 12 сӯмму 50 тин як халта орд ва бо нархи як суму 50 тин як килограмм қанди коғазпеч хариданд…

Обидамоҳ ашки шодӣ мерехт. Ифтихор аз он дошт, ки тифли рӯи падарро надида имрӯз паронҷак шуда, дасти дарози модар гаштааст. Вай аз орди бо пули писараш харидашуда кулчаҳои ширмол пухта, бо қандҳои коғазпеч ҳамроҳ, ба ҳамсоягон тақсим намуда, мегуфт:

- Ғоибназари маро дуо кунед, ки имрӯз пайдогар шудааст. Худо ба шукр! Ин қанду кулчаҳо аз маоши аввалини вай мебошад, хуред, боз дуои некашро намоед...» [36].

Ин буд, ки тарбияи меҳнатии Ғоибназар ҳанӯз аз хурдсолӣ дар хона аз кору бори рӯзгор оғоз ёфта, ҳисси меҳнатдӯстӣ, ҳунардӯстӣ сарфаю сариштакории ӯ бо ибрати нек, таъсир, ва маслиҳати волидону шахсони маърифатпари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташаккул ёфта, имрӯз бо меҳнати мақсадноки худ аз корманди қаторӣ то вазифаҳои масъул ва ба эҷоди асарҳои илмиву оммавӣ шуғл меварзад[37].

Бачагони деҳот қадри пули меҳнатиро хуб медонанд. Дар шаҳрҳо волидон кушиш менамоянд, фарзандонро бо корҳои рӯзгор ҷалб намоянд, қисме аз ҷавонон дар давраи таътилашон дар корхонаҳо кор ёфта кор мекунанд.

Дар давраи собиқ ИҶШС як қисми ҷавонон асосан донишҷӯён барои кор ба ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ барои кор мерафтанд. Таъсири вазъи сиёсӣ-иқтисодӣ дар мамлакат ба ин анъана халал ворид кард. Аммо чунин вазъият ҳам ба бад гаштани тарбияи фарзандон дар оила сабаб шуда наметавонанд. Бештари оилаҳо анъанаҳои тарбияи меҳнатии фарзандонро идома медиҳанд. Мутаассифона дар қисме аз оилаҳои шаҳру марказҳои ноҳияҳо фарзандон ба кори доимие банд нестанд, тобистон қисме аз онҳо ба минтақаҳои истироҳатӣ мераванду қисми дигарашон аз бекорӣ намедонанд ба чӣ кор машғул шаванд[38].

Дар шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои мавсимие ҳастанд, ки ба қувваи кории наврасон эҳтиёҷ доранд, аммо волидон худашон машғули меҳнатанду намехоҳанд фарзандонашон меҳнат кунанд.

---

[36] Мухторов А. Хайрхоҳи мардум. Нашриёти «Пойтахт», Душанбе, 2013. – С.52-53.

[37] Фаъолият ва номгӯи асарҳои илмӣ ва илмӣ–оммавии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бобокалон Ғоиб Мерган. – Душанбе: «Сино», 2023. – 254 с.

[38] Ниг.: Бобозода У.Э. Право человека на труд в Республике Таджикистан: история формирования и этапы совершенствования // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (33). Душанбе, 2024. – С. 102.

Одатан чунин падару модарон ақида доранд, ки фарзандонашон барои кор кардан ҳанӯз ҷавонанд ва вақташон биёяд аз кор ҳам безор мешаванд. Чунин волидон фарзандонро ба корҳои хонаю рӯзгор ҳам ҷалб намекунанд. Кӯдакон, махсусан дар хурдсолӣ кӯшиш менамоянд, ки дар корҳои рӯзгор ба волидон ёрӣ расонанд.

Духтарон мехоҳанд дар корҳои рӯзгор ба модар, писар ба падар ёрӣ расонанд. Волидайн бо баҳонаи «аз уҳдаи кор намебароянд» ҳанӯз хурд аст, «мешиканад», «вайрон мекунад» фарзандонро ба ин амали нек роҳ намедиҳанд.

Борҳо шунидаем, ки волидон бо «ифтихор» нақл мекунанд, ки онҳо фарзандонро ба корҳои рӯзгор ҷалб намекунанд, онҳо танҳо ба хондан машғуланд, дар мактаб нағз хонад, калон шавад, мактабро тамом карда, ба мактаби олӣ дохил шавад, баъд вақти кораш ҳам мерасад.

Баъзе, падару модарон корҳои оддитарини кӯдаконро ҳам ба уҳдаи худ мегиранд. Масалан, либоси бачаю духтарони 7-9 - соларо худашон мепӯшонанд. Пойафзоли онҳоро тоза мекунанд. Чунин волидон гумон доранд, ки ба фарзандонашон некӣ мекунанд, аммо дар асл онҳо принсипи муҳимми тарбияро вайрон мекунанд, зеро кӯдак бояд аз хурдӣ корҳои оддии худхизматрасониро иҷро намуда, ба иҷрои корҳои мураккабтар малакаю маҳорат ба даст орад. Он кореро, ки кӯдак шахсан қодир аст, иҷро намояд, касе ба ҷои вай бояд онро ба уҳда нагирад. Дар чунин оилаҳо фарзандон коргурез, ноуҳдабаро ва худхоҳ ба воя мерасад ва ба ҳаёти мустақили ояндаи оилавӣ таёр нестанд. Чунин тарзи тарбия ба ахлоқу рафтори фарзандон таъсири бад мерасонанд. Онҳо оҳиста-оҳиста тамоман аз кори рӯзгор, меҳнати ҷисмонӣ дур мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин бачаҳо худро аз корҳои ҷамъиятӣ канор мегиранд, ҳатто аз дарсҳои меҳнат бештари вақт мегурезанд, ба мактабу синф ягон манфиате намеоранд.

В.А. Сухомлинскиӣ меҳнатро омили асосии тарбияи фарзандон медонад ва истифодаи омили муҳимро аз хурдӣ дар тарбияи кӯдак тавсия менамояд. Ба ақидаи вай ҷихатҳои манфие, ки дар ҷавонон дучор мегардад, нишонаи истифода намӯдани таъсири ҳамин омил аст. «Решаҳои нозуку нафиси танбалӣ, бекорхуҷагӣ, муфтхӯрӣ, сангдилӣ, бепарвоӣ нисбат ба он, ки дигарон аз барои бача заҳмат мекашанд, аз ҳамин об мехӯрад. Тафаккури кӯдак сол аз сол то рафт пучу холӣ мегардад, баъд маъюс, ноумедӣ пайдо мешавад, ба ин маъюсию ноумедӣ ҳамон ҷавоне аз қадамҳои аввалини ҳайёти мустақилонаи меҳнатиашон дучор меоянд, ки овони кӯдакию наврасӣ талаботашон бе андеша қонеъ кунонда мешуданд[39].

Мутаассифона, чунин камбудиҳо дар тарбияи фарзандон ҳанӯз дар оилаҳо дучор меоянд. Баъзе волидон аҳаммияти тарбиявии меҳнатро намедонанд, аз ин сабаб онҳо меҳнатро барои фарзандон ҳамчун ҷазо истифода мебаранд. Агар фарзанд аз фанне баҳои бад гирад ё ба ягон кори

[39] Сухомлинский В.А. Проблемы воспитания всесторонне развитой личности // Избранные произведения в пяти томах. – Киев: «Радянська школа», 1979-1980. – Т. 1. – С. 59-218.

ношоями дигар даст занад, ба вай ҳамчун ҷазо рӯфтани хонаю ҳавлӣ ё шустани дегу табақ ё кори дигар фармуда мешавад. Чунин ҷазою тарбия ба ахлоқи маънавии кӯдак таъсири бад мерасонад. Онҳо ягон корро мустақилона ба анҷом расонида наметавонанд. Ба меҳнат ва умуман ба одамони меҳнати ҷисмонӣ бо тамасхӯр назар мекунанд, ба қадри меҳнати дигарон намерасанд. Аз хурдӣ волидон ба онҳо талқин мекунанд, ки хонад "одам" шавад. Баъд аз хатми мактаб волидон бо ҳар илоҷ кӯшиш мекунанд, ки фарзандашонро ба мактаби олӣ дохил намоянд. Ба чунин ҷавонон фарқ надорад, ки соҳиби чӣ хел касб мегарданд. Мақсади асосии онҳо аз кори ҷисмонӣ ё аз хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ватанамон раҳо ёфтан аст. Ҳам духтарон ва ҳам писарон чунин тарбия ёфтанд, ки ба оиладорӣ, кори рӯзгор, ҳаёти мустақил тайёр нестанд. Баъд аз оиладор шудан ҳам онҳо корҳои рӯзгорро ба мушкилӣ анҷом медиҳанд. Омӯзиши сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон нишон медиҳад, ки асосан он оилаҳое вайрон мешаванд, ки оила онҳоро ба меҳнат, ҳаёти мустақили оилавӣ таёр накардааст.

Омили асосие, ки ба ташаккули фарзандон таъсир мебахшад, тарзи ҳаёти оилавӣ мебошад. Нуктаи муҳим дар тарбияи фарзандон муносибати худи волидон ба меҳнат мебошад. Қадамҳои нахустини меҳнатиро фарзандон бо ибрати падару модар мегузоранд. Ибрати падару модар ва дигар ашхоси калонсоли оила омили муҳими тарбияи меҳнатию меҳнатдӯстии фарзандон дар оила мебошад. Дар аксари оилаҳо аз хурдӣ фарзандон дар корҳои оилаю рӯзгор фаъолона иштирок менамоянд, духтарон дар рӯбучини хона, пухтупази хӯрок, писарон дар корҳои ҳавлӣ, замин, таъмири хона, нигоҳубини чорво ёрӣ мерасонанд. Онҳо вазифаҳои доимие доранд, ки бе амру фармони иловагии рӯзмарра онро иҷро менамоянд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба корҳои ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Замони пеш омадани мушкилие дар анҷоми ягон кор аз падару модар маслиҳат мепурсанд.

Ҳамин тариқ дар ҷараёни меҳнат дар фарзандон ҳисси вазифашиносӣ, масъулиятнокӣ, коллективизм, дасти ёрӣ дароз кардан ба ҳамдигар, мустақилият ва эҳтиром ба якдигар ташаккул меёбад. Яъне, меҳнат ба ҷанбаҳои мухталифи ахлоқӣ-маънавии фарзандон таъсири муфид мерасонад. Бачагони дар меҳнат обутобёфта ба қадри меҳнат ва мардуми меҳнатӣ мерасанд. Гоҳо волидон роҳи осони кор фармудани фарзандонро истифода менамоянд, роҳи осон ин фармонфармоӣ аст.

Фарзандон амри волидонро иҷро намуда, дар хона, корҳои назди ҳавлӣ корҳои зиёдеро анҷом менамоянд. Аммо ин корҳо ба онҳо ягон қаноатмандӣ намебахшад, зеро фарзандон аз тарси дуғу пӯписа, гӯштоб ва ҳатто шапотии волидон маҷбуранд он корҳоро анҷом диҳанд. Чунин кор фармудани фарзандон аз тарбияи ахлоқӣ дур аст. Фарзандон бешуурона амрро иҷро менамоянду халос. Падару модарон бояд бо фарзандон хайрхоҳона зарурати иҷро намудани ҳар кори фармудашударо фаҳмонанд, роҳи дуруст ба анҷом расондани онро маслиҳат диҳанд ва ниҳоят анҷоми онро ҳам аз назар гузаронанд. Ба иҷрои он баҳо диҳанд. Фарзандон

фаҳманд, ки кори зарури муҳимро иҷро намуданд, падару модар аз кори онҳо шод гаштанд. Аз танқиди бачаҳо барои дуруст анҷом надодани кори супурдашуда, аз суханҳои дағал худдорӣ кардан зарур аст. Ҳар бор шунидани калимаҳои аҳмақ, аблаҳ, бефаросат ва ғайра ба пешрафти кор мусоидат намекунад ва кор барояш як ҷазои мушкил мегардад. Агар фарзанд коргурезу гапнодаро шавад, сабабашро волидон бояд дар рафтори худ ҷӯянд. Яке аз масъалаҳои муҳимми оила, махсусан оилаҳои шаҳрӣ тарбияи меҳнатии бачагони наврас мебошад.

Умуман, дар деҳот фарзандон ба корҳои хоҷагӣ ҷалб карда мешаванд. Дар шаҳрҳо бошад вазъият дигар аст.

Одатан, дар хурдсолӣ модар фарзандонро ба корҳои рӯзгор ҷалб менамояд, ҳам духтарон, ҳам бачагон асосан ёрдамчии модаронанд. Онҳо ба модар дар хӯрокпазӣ, рӯбучини хонаю қавлӣ ёрӣ мерасонанд. То синни муайян бачагон аз ин корашон қаноатманданд. Чун ба синни наврасӣ мерасанд, духтарҳо дар вақтҳои аз корҳои рӯзгор холӣ ба дӯзандагӣ, гӯлдузӣ, ҷуроббофӣ ва ғайра машғул мешаванд. Бачагони наврас бошанд, гоҳо барои худ кори мувофиқ намеёбанд. Тарбияи меҳнатии фарзандони наврасро бояд падар ба уҳда бигирад. Падар бояд бачаҳоро дар оила ба корҳои «мардона» ҷалб намояд. Падар бачаҳоро ба таъмири хона, асбобҳои рӯзгор, аз ҷумла дарзмол, тафдонҳои барқӣ, дуруст кардани қулфи дари хона, шинондан ё иваз кардани ноқилҳои барқии аз кор баромада ҷалб намояд. Аммо гоҳо падарон худро аз тарбияи бачаҳо дар канор мегиранд, ба онҳо ягон ҳунарро ёд дода наметавонанд. Дар натиҷа чунин фарзандон ҳатто фурӯзонакҳои сӯхтаи барқиро иваз карда наметавонанд.

Интихоби касб аз ҳама пеш дар оила оғоз меёбад. Агар волидон касби худро дӯст доранд, онҳо метавонад ин муҳаббатро нисбат ба касбӣ хеш дар дили фарзандон низ ҷой кунанд. Гоҳо фарзандон дар бораи кори волидон мепурсанд. Дар ин ҳолатҳо падару модарон бояд дар бораи вазифа ё касби худ дар корхона нақл кунанд, гӯянд ки чаро ҳамин касбро интихоб намуданд, вазифаи онҳо аз чӣ иборат аст. Баъзан падару модарон фарзандонашонро ба корхонааашон мебаранд. Тарзи корашонро ба онҳо нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ фарзандон ба касби волидон дилбастагие пайдо мекунанд ва касби онҳоро интихоб менамоянд.

Ба фарзандон аз хурдӣ талқин додан зарур аст, ки касби хубу касби бад арзи ҳастӣ надорад. Хубу бад гардидани касб ба худи одам вобаста аст. Дар ҳар вазифае, агар шахс бо сидқ ва ҳисси масъулият кор кунад, соҳиби эҳтиром мегардад.

Дар баъзе оилаҳои тоҷикон одат аст, ки корҳои рӯзгор ба корҳои мардонаю занона тақсим карда мешаванд. Сабабгори чунин тақсимот одатан падар мегардад. Вай ба корҳои завҷааш ёрӣ намедиҳад, пухту паз, рӯбучини хонаро кори занона медонад. Фарзандон ин амалро аз хурдӣ мушоҳида намуда, аз падар ибрат мегиранд ва гоҳо тугмаи кандашудаи худро дӯхта наметавонанд. Аз ин хотир бачаҳо ҳам дар оила бояд бо тамоми корҳои рӯзгор ҷалб карда шаванд. Модарон ба фарзандони наврас

пӯхтани хӯрок, дарзмолкунӣ, дӯхтани дарзи дарида, тугма ва ғайраро бояд омӯзонанд. Бо ҳамин роҳ аз хурдӣ фарзандонро ба ҳаёти мустақили оилавӣ тайёр намудан зарур аст. А.С. Макаренко дар ни бора чунин гуфтааст: «Тарбияи фарзандон вазифаи муҳимми ҳаёти мо мебошад. Фарзандони мо шаҳрвандони ояндаи кишвари мо ва шаҳрвандони ҷаҳон мебошанд. Онҳо таърихро ба вуҷуд меоранд. Фарзандони мо падару модарони ояндаанд ва онҳо низ фарзандони хешро тарбия менамоянд. Фарзандони мо бояд ҳамчун шаҳрвандони хуб, падару модарони хуб ба камол расанд. Аммо бо ин хотима намеёбанд. Фарзандони мо ин пирии мост. Тарбияи дуруст пирии босаодати мост, тарбияи бад ғами ояндаи мо мегардад, ин ашки мо, ин гуноҳи мо аст дар назди дигар одамон, дар назди тамоми кишвар»[40].

Аз ин хотир дар баробари тарбияи меҳнатдӯстӣ масъалаи муҳими дигари волидон, тарбияи накукории фарзандон мебошад. Накукорӣ ин кори нек кардан барои падару модар, аъзои оила, одамон, калонсолон, умуман ба одамон дасти ёрӣ дароз кардан дар корҳои онҳо мебошад. Сифатҳои одамгарӣ, хайрхоҳӣ, дилсӯзӣ, меҳрубонӣ, самимиятро фарзандон танҳо аз падару модарони хеш меомӯзанд. Ба корҳои модар ёрӣ расонидани падар ва дар корҳои падар хайрхоҳона шарик будани модар барои фарзандон ибрати беҳтарин аст. Фарзандон аз хурдӣ амалӣ онҳоро мушоҳида намуда, ба онҳо пайравӣ менамоянд ва кӯшнш менамоянд ба корҳои падару модар ёрӣ расонанд. Духтар то омадани модар аз кор хонаро рӯбучин мекунад, корҳои ошхонаро анҷом медиҳад, пиёлаю косаҳоро шуста ҷо ба ҷо мегузорад. Писар бошад, замини назди ҳавлиро побел карда ҷӯй мегирад ё курсии шикастаро тармим мекунад. Албатта, фарзандон ҳанӯз маҳорату малакаи заруриро соҳиб нашудаанд ва ҳамчун падару модар корҳоро бе камбудӣ ба ҷо оварда наметавонанд. Аммо неш задани решаи аввалини некӯкорӣ дар ҳаққи падару модар дар амали онҳо мушоҳида мешавад.

Падару модари ботаҷрибаю хирадманд амали фарзандонро мушоҳида намуда, бояд қадамҳои аввалии некӯкории онҳоро таҳким бахшанд. Барои ин бояд кори боиродаи худ иҷро намудаи фарзандонро бо суханони нек қадр кунанд. Дар айни ҳол камбудиҳояшонро нишон дода, хайрхоҳона тарзи дуруст иҷро намудани корро маслиҳат диҳанд. Ҳамин тариқ, дар фарзандон хислатҳои некӣ, ёрии беғараз, дар корҳои волидон, баътар бо корҳои дигар одамон, ки бо ёрии онҳо ниёз доранд ва дар корҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, мустаҳкам мегарданд.

Мутаассифона, ин амали неки фарзандон гоҳо аз тарафи худи падару модарон ба назар гирифта намешаванд ва бунёди ин ниҳоли нек дар ибтидо решакан мегардад. Чи тавр зикр гардида буд, духтару писар корҳои рӯзгору хоҷагиро анҷом дода бетоқатона омадани падару модарро интизор мешаванд. Онҳо боварӣ доранд, ки волидон аз кори онҳо шод мегарданд. Аммо баъзан волидон аз кор баргашта ба тозагии хонаю ошхона, замини

---

[40] Макаренко А.С. Педагогические сочинения: В 8-ми т. Т.5 / Сост: Л.Ю. Гордин, А.А. Фролов. – М.: Педагогика, 1985. – С. 240.

побел карда, ҷӯйи кашида ҳатто аҳаммият намедиҳанд. Ё ин тавр ҳам мешаванд, ки духтар ба модараш арз мекунад, ки вақти шустани зарфҳо, пиёларо тасодуфан шикастааст. Модар ба ғазаб омада гарчанде худи вай чандин косаю пиёларо дар шоҳидии духтараш шикастааст, ба духтараш амр медиҳад, ки бори дигар ба кори ошхона даст назанад.

Падар бошад ба ҷӯйҳои писараш кашида назар карда бо тамасхӯр хулоса мебарорад, ки ҳам дасту ҳам чашми ту каҷ ҳамин хел каҷу килеб ҷӯй мекананд, ту хондани худатро бидон бори дигар ба ин кор даст назан. Дар ҳарду ҳолат фарзандон бо иродаи хеш ба кори нек даст заданд, аммо волидони беандеша қадри онро надониста, фарзандонро маъюс гардонданд. Табиист, ки фарзандон дар чунин ҳолат дигар бо ихтиёри худ, аз тарси он ки дар иҷрои кор хатое содир карда сабаби сарзаниш нагарданд, ба коре даст намезананд. Аз ин сабаб дар ноуҳдабаро, беҳунар ва номустақил ба камол расидани фарзандон аз ҳама пеш падару модарон гунаҳгоранд.

Хатогии дигари волидон дар он аст, ки ҳар як кори анҷомдодаи фарзандро бо пул баҳо медиҳанд. Кореро ба фарзанд супориш дода, таъкид менамояд, ки хуб иҷро кунӣ 10 сомонӣ медиҳам, ё фарзандон бо иродаи худ курсиеро тармиму ранг намуда, ба падар нишон медиҳанд. «Агар ин корро ягон усто ёд медод 30 сомонӣ мегирифт», баҳо медиҳад падар ё модар, «ин раҳмати бепул чӣ фоида». «Бо раҳмат киса пур намешавад» гуфтани волидон дар назди фарзандон қадами аввал аст барои дур гардидани фарзанд аз некӯкорӣ ва наздик шудан ба хислатҳои бади хасисӣ. Одатан, фарзандоне, ки дар чунин муҳит тарбия ёфта, ба воя мерасанд, аз кори бемузд мегурезанд, ба касе дасти ёрӣ дароз намекунанд, чунки аз хурдӣ онҳо меҳнатро бо пул баҳо медиҳанд.

Аз ин хотир барои он, ки фарзандон ҳамчун одамони некӯкору дилсӯз, хайрхоҳу меҳрубон ба воя расанд, ба онҳо гоҳо як табассуми меҳрубонона «офарин писарам» баҳои беҳтарини волидон мебошад.

Ҳамин тариқ кӯдак аз хурдсолӣ дар оила бояд бештар ба меҳнат ҷалб карда шавад. Фарзандон аз корҳои оддӣ шурӯъ карда, оҳиста-оҳиста корҳои мураккабро ҳам иҷро карда метавонанд. Ҳар аъзои оила, аз он ҷумла фарзандон, дар оила бояд вазифаи доимӣ дошта бошанд. Волидон бояд дар ёд дошта бошанд, ки ба воситаи меҳнат дар фарзандон хислатҳои неки инсониро тарбия менамоянд ва ҳаётиояндаи оилавӣ ва ҷамъиятии онҳо бо ҳамин меҳнату меҳнатдӯстӣ вобаста аст[41].

Зеро, ба ақидаи равоншиносон асоси феълу атвори кӯдак то 6-солагӣ ташаккул меёбад ва масъулияти гузоштани хишти аввалро баояндаи фарзандон волидон бояд доимо дар ёд дошта бошанд.

Аз таҳлили зикргардида, ин муносибатҳоро ҳуқуқи фитрии падар, модару фарзандон баён намоем ба хатогӣ роҳ намедиҳем, зеро ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқи ҳамеша ва ҳама ҷо вуҷуддошта, табиатан ба инсон мутаалиқ

---

[41] Бобокалонов, Ғ.М. Оилаи солим – пойдории давлат. [Матн]: монография / Ғ.М. Бобокалонов, Х. Раҳимзода – Душанбе: ҶДММ "Фасл-4", 2022. – С. 118-135.

аст, ки ифодаи арзишу талаботҳои инсонӣ буда, ягона маҳаки ҳақиқӣ будани тамоми муқаррароти одамон мебошад. Ҳуқуқи фитрӣ таҷассуми ақидаву талаботҳои хирад, ахлоқ ва адолат аст. Он талаботу ғояҳоеро ифода мекунад, ки аз шароитҳои табиии ҳастиву зиндагии инсон бармеоянд[42].

Талаботҳои ҳуқуқи фитрӣ дар ахлоқ, одатҳо, мафкура инъикос ёфтаанд.

Инчунин, вобаста ба ин мавзуъ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки ин таҳлилҳо яке аз мисолҳои танзими ҳуқуқии меъёрҳои одативу анъанавӣ мебошад, одату анъанаҳои ҷойдоштаро дар сатҳи қонунӣ мустаҳкам намуда, ба онҳо хусусияти расмии ҳуқуқӣ мебахшад.

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, аз як тараф меъёрҳои одатӣ пас аз ифодаи ҳуқуқияшон шакли ҳуқуқӣ мегиранд, дар шакли меъёри ҳуқуқ, бо риояи ҳамаи талаботи ифодаи меъёри ҳуқуқӣ дар матни қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ сабт мешаванд. Аз ин хотир, онҳо эътибори меъёри қонун ё санади дигари меъёриро пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар меъёрҳои одатӣ пас аз ифодаи ҳуқуқӣ низ мисли одатҳо амал мекунанд. Акнун онҳо хусусияти нави ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Меъёрҳои одатӣ таърихан дар рафти инкишофи ҷомеа, аз тарафи худи одамон, дар ҷараёни ташаккулу инкишофи муносибатҳои бардавоми ҷамъиятии байни онҳо чун меъёри танзими ҳаёти онҳо пайдо мешаванд. Давлат онҳоро на эҷод, балки эътирофу мустаҳкам мекунад[43].

Маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолиятест, ки дар роҳандозии он низоми ҳуқуқи наврасон нақши асосӣ дорад. Ба ҳайси ҳадафи асосии маърифати ҳуқуқӣ густариши ҷаҳонфаҳмии илмии ҳуқуқии наврасон ва дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани талаботҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад. Ба шумули масъалаҳои асосии маърифати ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатиро метавон мансуб донист.

Дар ин ҷода волидон бо дарназардошти ҳифзи саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак танҳо машғул шудан ба корҳои безаррари хона, назди ҳавлӣ, ва ғайраро ҷалб кунанд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки меҳнати муфиди ҷамъиятӣ дар ташаккули шахсияти наврасон (шахсони ба синни ҳаждаҳ нарасида), ки онҳо аз қолаби ахлоқу идрок берун рафтаанд, нақши муҳимро мебозад.

Тамоми самтҳо, шаклу усулҳо ва ҷиҳатҳои шавқманду ҳавасмандкунандаи кори фоиданоки ҷамъиятиро истифода бурда, сифатҳои беҳтарини ахлоқиро дар наврасон тарбия кардан мумкин аст.

Дар замони ҳозира, чунин шаклҳои фаъолияти механикие заруранд, ки истифодаи донишҳоро тақозо намуда, нисбати он талаботро афзун гардонад. Меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии

---

[42] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академик Маҳмудзода М.А. н.и.ҳ. дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: “ Меҳроҷ-граф”, 2022. – С. 606-607.

[43] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: “Сино”, 2018. – С. 479.

миёнаи махсус ва олӣ сурат мегиранд, наврасонро ба фаъолиятҳои гуногун, чун худхизматрасонӣ, ташкилотчигӣ, меҳнати пурмаҳсул ҳидоят мекунад. Дар рафти фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо рафиқон ва калонсолон, асосиислоҳи ахлоқи наврасон гузошта мешавад[44].

Бояд тазаккур дод, ки сатҳи ташаккули ҷомеа асосан бо танзими ҳуқуқии дурусту одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан муносибатҳои меҳнатӣ вобастагӣ дошта, ҳолати қонунгузории миллӣ ва ҳолати воқеии кор дар самти амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо нишондиҳандаи баланди маърифати фарҳангию маънавии ҷомеа мебошад, балки ин иқдом бевосита ба равандҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат низ таъсири худро мерасонад.

Хулас, чи тавре зикр намудем, маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолиятест, ки дар роҳандозии он низоми ҳуқуқи ва ахлоқии наврасон нақши асосӣ дорад.

Вобаста ба ин ба ақидаи Д.Ш. Сангинзода, маърифати ҳуқуқӣ маҷмӯи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ эҳтиром гузошта мешавад[45].

Дар муносибатҳои меҳнатӣ наврасон бо дигар кормандон ҳуқуқҳои баробар доранд. Ҳамзамон, кормандони ноболиғ дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои имтиёзҳо ва кафолатҳои иловагӣ мебошанд, масалан, дар бахши ҳифзи меҳнат, вақти кор, вақти истироҳат ва дигар бахшҳо, ки дар моддаҳои дахлдори КМ ҶТ шарҳу тавзеҳи худро ёфтаанд.

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи ҶТ ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Моддаи 208 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) бошад, корҳоеро, ки иҷрои онҳо барои шахсони аз ҳаждаҳсола хурд манъ аст, муқаррар намудааст, чунончӣ: корҳои вазнин ва корҳои шароиташон зарарноку хатарнок; корҳои зеризаминӣ, ҳамчунин корҳое, ки

---

[44] Бобокалонов Г.М. Кадыров С.К. Организация совместной деятельности спецшколы и органов внутренних дел по организации трудового воспитания подростков // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 1100-летию государства Саманидов. – Душанбе, – 1999. – С. 243.

[45] Сангинзода Д.Ш. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон. «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Шарҳи коршиносон доир ба ҳадафҳои эълони ин сол. Маводи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/01/soli-marifati-u-u-shar-i- korshinoson-doir-ba-adaf-oi-eloni-in-sol/ (санаи муҷиат 30.01.2024).

ба саломатӣ ё рушди маънавии онҳо зарар расониданашон эҳтимолият дорад. Номгӯи пурра ва мушаххаси корҳоеро, ки истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар онҳо манъ шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2014, №169 дар бораи «Рӯйхати корҳо, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои онҳо дастӣ бардоштан ва кашонидан иҷозат дода мешавад», барои шахсони ноболиғ меъёрҳои вобаста ба дастӣ кашонидан ва бардоштани борҳо муайян шудаанд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 74 КМ ҶТ барои кормандони аз 15 то 16 – сола – 5 соат ва аз 16 то 18 – сола – 7 соат; барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар давоми соли хониш таҳсилу кор мекунанд; аз 14 то 16 – сола – 2,5 соат ва аз 16 то 18 – сола – 3,5 соат, давомнокии вақти кории ҳаррӯза (баст) зиёд буда наметавонад.

Фасли III КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандонро муқаррар намуда, дар боби 15 сухан дар бораи хусусияти танзими меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида меравад, ки меъёрҳо оид ба ҳуқуқи кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида дар муносибатҳои меҳнатӣ (м. 207), корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ мебошанд (м. 208), қатъи шартномаи меҳнатӣ бо талаби падару модар, васӣ (парастор) ё мақомоти ваколатдор (м. 209), муоинаи ҳатмии тиббии кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида (м. 210), давомнокии вақти корӣ барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида (м. 211), пардохти музди меҳнат ва меъёрҳои коркард барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида (м. 212), хусусияти реҷаи меҳнат ва истироҳати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида (м. 213), маҳдудияти ҷавобгарии моддии кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида (м. 214) пешбинӣ шудаанд.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ, қобилҳуқуқии меҳнатии шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба синни балоғати меҳнатӣ (15 - солагӣ) расидан ба амал омада, қобиламалии меҳнатии ӯ низ ба миён меояд.

Ба андешаи мо, баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии наврасон дар муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо, аз лаҳзаи қобилҳуқуқии меҳнатии шахс, ба синни балоғати меҳнатӣ (15-солагӣ) расидан, ки қобиламалии меҳнатии ӯ низ ба миён меояд, балки аз лаҳзаи хурдсолӣ фарзандон дар корҳои оилаю рӯзгор фаъолона иштирок менамоянд, духтарон дар рӯбучини хона, пухтупази хӯрок, дӯзандагӣ, писарон дар корҳои ҳавлӣ, замину боғдорӣ, нигоҳубини чорво ёрӣ мерасонанд, ки чунин корҳои иҷрошаванда ба гурӯҳи корҳои сабук мутааллиқ мебошанд ва ба саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии наврас зарар намерасонад, баръакс, ба ташаккулёбии ҷисми онҳо таъсири мусбӣ мерасонанд.

Ба ақидаи равоншиносон асоси феълу атвори кӯдак то 6 - солагӣ ташаккул меёбад ва масъулияти гузоштани хишти аввалро ба ояндаи

фарзандон волидон бояд доимо дар ёд дошта бошанд. Зеро бузургон фармудаанд:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Мақсади тарбия дар насли наврас парваридани сифатҳои неки инсонӣ: меҳнатдӯстӣ, ҳунармандӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонию ватанпарварӣ мебошад. Ин сифатҳоро фарзандон аз ҳама пеш аз падару модар мегиранд, яъне ибрати волидон барои фарзандон мактаби ҳаёт аст.

Вобаста ба ин бояд тазаккур дод, агар наврас аз хурдсолӣ дар оила бештар ба меҳнат ҷалб карда шавад, саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ рушд ёфта, такон ба ҷузъи муҳими тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати фарҳангию ҳуқуқии, муосир мебошад.

Хулоса, мақсад аз эълон шудани соли 2024 – “Соли маърифати ҳуқуқӣ”, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳамаи соҳаҳо, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар ин самт мебошад. Зеро мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ эҳтиром гузошта мешавад.

**Адабиёт:**


1. Абӯалӣ инби Сино. Қонуни тиб. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2021. – 1536 с.
2. Бобокалонов Г.М. Кадыров С.К. Организация совместной деятельности спецшколы и органов внутренних дел по организации трудового воспитания подростков // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 1100-летию государства Саманидов. –Душанбе, 1999. – С. 243-244.
3. Бобокалонов Ғ.М. Ташаккули наврасони душвортарбия дар фаъолияти меҳнатӣ //Маводи конференцияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Роҳҳо ва шаклҳои пешгирӣ намудани ҷинояти ноболиғон.//Академияи педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1997. – С. 19-20.
4. Бобокалонов Ғ.М. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии функсияи иҷтимоии меҳнати наврасон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/4 (170) Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2015. – С. 29-35.

5. Бобокалонов Ғ.М. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии функсияи иҷтимоии меҳнати наврасон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/4(170) Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2015. – С.29-35.
6. Бобокалонов, Ғ.М. Оилаи солим – пойдории давлат. [Матн]: монография / Ғ.М. Бобокалонов, Х. Раҳимзода – Душанбе: – ҶДММ "Фасл-4", 2022. – 356 с.
7. Бобозода У.Э. Право человека на труд: социально-экономический феномен. // Права человека в процессе глобализации: материалы республиканской научно-теоретической конференции (7 декабря 2021 года) // Под редакцией доктора юридических наук, профессора Рахмон Д.С. – Душанбе: Типография ТНУ, 2021. – С. 140-150.
8. Бобозода У.Э. Право человека на труд в Республике Таджикистан: история формирования и этапы совершенствования // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (33). Душанбе, 2024. – С. 96-109.
9. 
10. К.Маркс. Ф.Энгелъс. Соч. т.2. - 2-е изд. - Москва: Госполитиздат, 1954. – 652 с.
11. Макаренко А.С. Педагогические сочинения: В 8-ми т. Т.5/ Сост: Л.Ю. Гордин, А.А. Фролов. – М.: Педагогика, 1985. – 336 с.
12. Мухторов А. Хайрхоҳи мардум. Нашриёти «Пойтахт», –Душанбе: 2013. – 114 с.
13. Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.С. Насриддинзода, Ф.С. Сайнозимзода // Давлатшиносӣ ва Ҳуқуқи инсон. №2 (22) 2021. – С. 6–19. ISSN 2414 9217.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008. шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/195 (санаи мурoҷиат 29.01.2024).
15. Сайнозимзода Ф.С. «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ». Афтореф. дисс. барои дарёфти ун. илмии н.и.ҳ. Душанбе, 2022. – 67 с.
16. Сангинзода Д.Ш. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон. «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Шарҳи коршиносон доир ба ҳадафҳои эълони ин сол. Маводи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/01/soli-marifati-u-u-shar-i-korshinoson-doir-ba-adaf-oi-eloni-in-sol/ (санаи муҷиат 30.01.2024).

17. Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби Куллиёт. Ҷилди 1. - Сталинобод. 1958; Панд ба писарон. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://hazina.tj/gunogun/pand-bar-pisaron/ (санаи муроҷиат 30.01.2024).

18. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: “Сино”, 2018. – 784 с.

19. Сухомлинский В.А. Проблемы воспитания всесторонне развитой личности // Избранные произведения в пяти томах. – Киев: «Радянська школа», 1979-1980. – Т. 1. – 686 с.

20. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академик Маҳмудзода М.А., н.и.ҳ. дотсент Саидзода И.Ҳ. — Душанбе: “ Меҳроҷ-граф”, 2022. – 682 с.

21. Фаъолият ва номгӯи асарҳои илмӣ ва илмӣ–оммавии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бобокалон Ғоиб Мерган. – Душанбе: «Сино», 2023. – 254 с.

Эмомалӣ Р. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».14.12.2010 15:00, шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/1578 (санаи муроҷиат 29.01.2024).

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Саидзода Исфандиёр Искандар,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 918712871
**Email:** saidov-i88@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ишора менамояд, ки дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят зиёд мебошад. Зеро, Пешвои миллат аз нахустин рӯзҳои касби Истиқлоли давлатӣ рушди донишҳои ҳуқуқӣ ва дар ин замина тақвият бахшидани маърифати ҳуқуқии аҳолиро дар меҳвари сиёсати ҳуқуқии худ қарор доданд. Маҳз бо дастгирӣ ва ташаббусҳои пайвастаи Пешвои миллат санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки онҳо тавонистанд аз як тараф пояҳои давлатдориро устувор намоянд, аз тарафи дигар баҳри бунёди ҷомеаи адолатпарвар, демократӣ ва ҳуқуқбунёд заминагузорӣ намоянд. Вале, нобобаста аз ин, бо назардошти тағйирёбии муносибатҳо дар ҷомеаи инсонӣ ва рӯйи кор омадани соҳаҳои нави ҳуқуқ, зарурат ба миён омадааст, ки маърифати ҳуқуқии аҳолӣ низ баланд бардошта шавад ва онҳо бо дарки воқеият ба олами ҳастӣ муносибат намоянд. Аз ин рӯ, муаллиф қайд менамояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳониро эҳсос намуда, барои ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии аҳолӣ пайваста андешаронӣ менамоянд, ки эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» маҳз бо ҳамин мақсад роҳандозӣ гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқот, пажӯҳишгар ишора менамояд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар меҳвари сиёсати Пешвои миллат қарор дошта, ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф, ҳар як шаҳрванди кишварро зарур аст, ки пайваста барои такомули донишҳои ҳуқуқӣ ҷидду ҷаҳд намоянд ва аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври кофӣ огоҳӣ дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, маърифати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, давлати демократӣ, ҷомеаи адолатпарвар, тарбияи ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ.

# ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ ЮРИДИЧЕСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ

**Саидзода Исфандиёр Искандар,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 918712871
**Email:** saidov-i88@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматривается один из важных вопросов юриспруденции – повышение правового просвещения населения. Автор отмечает, что роль Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона чрезвычайно важна в повышении правового просвещения населения. Так, с первых дней Государственной независимости Лидер нации поставил развитие правовых знаний и в этом контексте усиление правового просвещения населения в центр своей правовой политики. Именно при постоянной поддержке и инициативе Лидера нации были приняты и реализованы многие нормативные правовые документы, способные с одной стороны стабилизировать основы государственности, а с другой – заложить основу для создания справедливого, демократического и правового общества. Однако независимо от этого, учитывая изменения отношений обществе и появление новых сфер права, необходимо повысить правовое просвещение населения и подходить к реальному миру с пониманием действительности. Поэтому, автор отмечает, что Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон быстро реагирует на меняющуюся ситуацию мирового сообщества и постоянно думает о формировании правового мировоззрения населения, был запущен именно с этой целью а также об объявлении 2024 года «Годом правового просвещения». В результате исследования исследователь указывает, что повышение правовых знаний населения находится в центре политики лидера нации, и для достижения этой цели необходимо каждому гражданину страны постоянно стремиться к совершенствованию юридических знаний и правовых норм, быть достаточно информированными.

**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, Основатель мира и национального единства – Лидер нации, правовое просвещение, правовая политика, права и свободы человека и гражданина, правовые знания, правовая культура, правовое государство, демократическое государство, справедливое общество, правовое воспитание, юридическое мировоззрение.

## LEGAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF LEGAL EDUCATION

**Saidzoda Isfandiyor Iskandar,**
Tajik National University, Faculty of law, docent o the department of human rights and comparative law, candidate of legal sciences
**Phone.:** +992 918712871
**Email:** saidov-i88@mail.ru

**Annotation:** This article deals with one of the important issues of jurisprudence – improvement of legal education of the population. The author notes that the role of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon is extremely important in enhancing legal education of the population. Thus, since the first days of independence, the Leader of the Nation has put the development of legal knowledge and, in this context, the strengthening of legal education of the population at the center of his legal policy. It was with the constant support and initiative of the Leader of the Nation that many normative legal documents were adopted and implemented, capable, on the one hand, of stabilizing the foundations of statehood and, on the other hand, of laying the foundation for the creation of a just, democratic and law-based society. However, regardless of this, given the changes in the relations of society and the emergence of new areas of law, it is necessary to increase the legal education of the population and approach the real world with an understanding of reality. Therefore, the author notes that the President of the Republic of Tajikistan respected Emomali Rahmon quickly responds to the changing situation of the world community and constantly thinks about the formation of legal outlook of the population, was launched for this purpose and also about the announcement of 2024 "Year of Legal Education". As a result of the study, the researcher indicates that increasing the legal knowledge of the population is at the center of the policy of the leader of the nation, and to achieve this goal, it is necessary for each citizen of the country to constantly strive to improve legal knowledge and legal norms, to be sufficiently informed.

**Keywords:** Constitution of the Republic of Tajikistan, Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, legal education, legal policy, human and civil rights and freedoms, legal knowledge, legal culture, law-based state, democratic state, justice society, legal education, legal worldview.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ[46] ва бархӯрди манфиатҳо дар байни субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ, таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба фарҳанги ҳуқуқӣ[47], махсусан ба фарҳанги ҳуқуқи инсон[48] ва дар ин замина баланд

---

[46] Оид ба ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонишавии ҳуқуқ ба таври муфассал ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Рахмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы / под ред. д.ю.н., профессора А.Г. Холикзода. – Душанбе, 2019. – 376 с.

[47] Оид ба фарҳанги ҳуқуқӣ ба таври муфассал ниг.: Насурдинов Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики: дис.

бардоштани донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ, ҷиҳати расидан ба бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, ки дар он ба унсурҳои хосси миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ аҳамияти нахустдараҷа дода мешавад, ба мақсад мувифиқ хоҳад буд. Зеро, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ бо назардошти консепсияи универсализм (фарогир)-и ҳуқуқи инсон омода шуда[49], аксар маврид унсурҳои муҳимми давлатиро, ки хосси халқу миллатҳои мухталиф мебошанд, берун аз мадди назари худ қарор додаанд. Аз ин ҷост, ки имрӯз давлатҳои ҷудогона бахри бунёди давлати миллӣ[50] ҷаҳду талош намуда, дар ҳоли дигаргунгардии муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ мехоҳанд вориди муносибатҳое шаванд, ки бар манфиати онҳо хизмат намуда, унсурҳои мутааллиқ ба онҳоро мавриди назар қарор диҳанд. Яке аз зинаҳои муваффақият дар ин самт, албатта, огоҳ сохтани аҳолӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои худ ва дарки воқеии ҳолати кунунии ҷомеаи башарӣ мебошад, ки ин ҳангоми доштани донишҳои баланди ҳуқуқӣ ва болобурди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ имконпазир мегардад.

Таърихи инсоният собит намудааст, ки дар ҳар як давраи муайяни рушди давлатдорӣ ва гузариш аз як сохти давлатӣ ба сохти дигари давлатӣ ҷомеа ногузир ба мушкилоту бухронҳои муайяни сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ рӯ ба рӯ мегардад ва зарурати ба талаботи замони нав мувофиқ намудани фаҳмиш ва диду назари шаҳрвандон ба вуҷуд меояд. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бошад, яке аз омилҳои асосии ҳалли ин мушкилот ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, бар асари ноустувории ҳаёти сиёсии солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд, ки ин омил бевосита ба коҳиш ёфтани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеа гардид. Аз ин рӯ, барои рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки дар он сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши асосиро иҷро мекунад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас ва чорабиниҳои маҷмӯӣ андешида шуд.

Бо дарки ин воқеият Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали роҳбариашон оид ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Ҳанӯз 9 апрели соли 1997 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии

... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Насурдинов Эмом Сайфиддинович. – Душанбе, 2014. – 432 с.; Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 316 с.

[48] Доир ба фарҳанги ҳуқуқи инсон ба таври бештар ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.; Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения мужданародного и национального права: материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014. – С. 264-272.

[49] Доир ба консепсияҳои ҳуқуқи инсон, инчунин нақши санадҳои байналмилалӣ дар эътирофи ҳуқуқи инсон ва имплементатсияи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ ба таври муфассал ниг.: Сафаров Б.А. Консепции по правам человека: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 160 с.; Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и совриsменность. – Душанбе, 2016. – 324 с.

[50] Оид ба андешаи давлати миллӣ муфассал ниг.: Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 685 с.

Тоҷикистон» қабул шуда, заминаи асосии ҳуқуқӣ барои минбаъд қабули барномаҳои омӯзиш ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва сиёсати ҳуқуқӣ дар ин самт гардид[51]. Фармони мазкур бо мақсади тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таъмини дастрасии санадҳои ҳуқуқӣ барои тамоми шаҳрвандон ва ташкилотҳо, мустаҳкам кардани асосҳои ҳуқуқии фаъолият ва интизоми онҳо, инчунин пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо қабул гардид.

Дар ин замина ва барои иҷрои фармони мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22 августи соли 1997 қабул гардид[52]. Тибқи ин қарор вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва корхонаҳои ҷумҳурӣ муваззаф гардиданд, ки дар сохторҳои худ бахшҳои ҳуқуқро таъсис дода, миёни коллективи меҳнатӣ ва ҷомеа тарғибу ташвиқи қонунгузориро бо ҷалби ҳуқуқшиносон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳ монанд, то ки сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шуда, пеши роҳи қонунвайронкуниҳо гирифта шавад. Ҳамзамон, бо қарори мазкур Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Барномаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, тарғиби ғояҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ ва ғ. равона шудааст.

Гузашта аз ин, Пешвои миллат дар ҳар суханронию вохӯриҳояшон ба масъалаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бардоштани дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин масъала яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар Паёми соли 2001 масъалаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеа арзёбӣ гардид. Пешвои миллат изҳори нигаронӣ карданд, ки то ҳанӯз сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии мардум паст мебошад ва сабаби асосии он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани ташвиқоти қонуну қарорҳои қабулшуда маҳсуб мешавад[53].

Бояд қайд намуд, ки нигаронии Роҳбари давлат аз он иборат буд, ки содиршавии ҷиноят аз ҷониби шаҳрвандон ва роҳбарони идораю корхонаҳо дар кишвар зиёд гардидааст. Сабабу омилҳои асосии ҳолати мазкур пеш аз ҳама дар мавҷуд набудани тарғибу ташвиқи қонуну қарорҳои қабулшуда миёни аҳолӣ, надонистани талаботи қонун ва оқибатҳои он ба шумор мерафт.

---

[51] Маҳкам М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 12-24.

[52] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22 августи соли 1997, №383. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.05.2024).

[53] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2001. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 20.05.2024)

Зимнан, Пешвои миллат қайд намуданд, ки «Конститутсия ва қонунҳое, ки давоми чанд соли охир қабул шудаанд, асоси тозаи низоми ҳуқуқиро гузоштанд, ки аз нигоҳи моҳияту мазмунашон дар муқоиса бо қонунҳои давраи гузашта комилан нав ҳастанд. Дарку фарогирии ин падидаҳои ҳуқуқӣ ва идомаи ислоҳоти соҳаи ҳуқуқ ҳам аз шаҳрвандон ва ҳам аз мақомоти давлатию ғайридавлатӣ тақозо менамояд, ки муносибати худро дар ин самт ба куллӣ тағйир диҳанд»[54]. Ҳамин тавр, мувофиқи ин Паём парламент, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат вазифадор гардиданд, ки барои тарғибу ташвиқи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат тадбирҳои заруриро андешанд ва фаъолона саҳм гузоранд.

Барои ноил шудан ба мақсад ё расидан ба ҳадафи муайян фаъолияти дастаҷамъона лозим аст. Чунин мақсад ё ҳадафҳои муҳимро як нафар, як гурӯҳи одамон ё як ниҳод дар алоҳидагӣ наметавонад амалӣ намояд. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ яке аз чунин ҳадафҳои давлату Ҳукумати кишвар ба шумор меравад, ки фаъолияти дастаҷамъонаро тақозо менамояд. Роҷеъ ба ин масъала, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 чунин пешбинӣ шудааст: «Дигар масъалае, ки ҳамчунин кӯшиши якҷояи ҳамаи рукнҳои ҳокимият, аҳзоби сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои иттилооти омма, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти умумӣ, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеаро талаб менамояд, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва зина ба зина баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардум ва пеш аз ҳама, ҷавонон аст»[55]. Дарвоқеъ, тарғибу ташвиқ оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва донишу тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан маърифати ҳуқуқии ҷавонони мамлакат кори дастаҷамъонаи ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Яке аз роҳҳои ташаккул ва инкишофи давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дар баробари дигар омилҳои таъсиррасон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба шумор меравад. Дар Паёми соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки «рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад»[56]. Дар воқеъ асоси рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро маърифати баланди ҳуқуқии аҳолӣ ташкил медиҳад. Зеро, маърифати баланди ҳуқуқии аҳолӣ боис мегардад, ки низому тартибот дар ҷомеа таъмин гардида, принсипи қонуният ва таъмини баробарии шаҳрвандон амалӣ карда шавад. Чунки риояи

---

[54] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2001. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 20.05.2024)

[55] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2007. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/taxonomy/term/5/68?page=1 (санаи муроҷиат: 16.05.2024)

[56] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 апрели соли 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 11.05.2024)

Конститутсия, қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигарон аз маърифати ҳуқуқӣ сарчашма мегиранд. Маҳз, маърифати баланди ҳуқуқӣ боиси пешгирии ҳама гуна падидаҳои номатлуб ва низоҳои иҷтимоӣ, динӣ, маҳаллӣ ва миллӣ дар ҷамъият гардида, мавқеи арзишҳое ба монандӣ инсондӯстӣ, таҳамулпазирӣ, адолат, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ғайра баланд мегардад.

Инчунин, дар идомаи суханрониашон дар Паёми соли 2008 Пешвои муаззами миллат иброз намуданд: «Барои беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ зарурати таҳияву қабул кардани барномаи нави дарозмуддати мукаммал ва ба таври самарабахш татбиқ намудани он ба миён омадааст. Дар амалӣ намудани чунин барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои то ба ҳол қабулшуда бояд ҳамаи рукнҳои ҳокимият, инчунин аҳзоби сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти умумӣ, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеа ҳаматарафа ҷалб карда шаванд»[57]. Роҳбари давлат барои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ба вазорату идораҳои дахлдор таҳия намудани барномаи дарозмуддату самарабахшро дастур доданд.

Сипас, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» тасдиқ карда шуд. Мақсади барномаи мазкур аз баланд бардоштани сатҳи маърифат ва донишҳои ҳуқуқӣ, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ, риоя ва эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва ғайра иборат аст[58]. Тадбирҳои андешидашуда маҳз барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, паст кардани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва аҳолӣ, воқиф гардидани аҳолӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо равона шудааст.

Сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути барномаҳои дигар низ, аз ҷумла «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020»[59], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон аз 3 декабри соли 2012 қабул гардидааст, амалӣ карда мешавад. Мақсади асосии Барномаи мазкур низ, аз баланд бардоштани маданияти ҳуқуқи инсон, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷорӣ намудани омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон дар низоми

---

[57] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 апрели соли 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 11.05.2024)

[58] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» аз 29 апрели соли 2009, №253 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.05.2024).

[59] Саъдизода Дж. Образование в области прав человека как основное направление деятельности государства по формированию культуры прав человека. // Права человека: История, теория, практика // Под ред., д.ю.н., Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 396-412.

маориф, барномаҳои таълимии судяҳо ва низоми хизмати давлатӣ ва ғайра иборат мебошад.

Дар Паёми соли 2016 бошад, Пешвои миллат оид ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро таъкид намуданд ва онҳо дар барномаҳои муассисаҳои таълимӣ ворид гардиданд[60].

Воқеан ҳам, ин ташаббуси Пешвои миллат дар раванди ҷаҳонишавии фарҳангҳо, ки ба сатҳи маънавиёт, тарбия ва ташаккули ҷавонону наврасон, замина мегардад, зарурӣ ва саривақтӣ буд. Зеро солҳои охир шомилшавии баъзе аз наврасону ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву террористӣ  ба назар мерасад, ки албатта боиси ташвишу нигаронист. Дар шароити кунунӣ шомилшавии баъзе ҷавонон ба ин падидаҳои номатлуб, аслан тавассути шабакаҳои гуногуни иттилоотӣ расонида мешавад, чунки аксарияти истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавонон мебошанд, ки ин ба ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишварҳо таъсири ногувори худро мерасонад. Сабаби ба чунин ҳизбу ҳаракатҳо шомил шудани онҳо пеш аз ҳама надоштани саводи кофии дунявию динӣ ва дар сатҳи пасти тарбия, хусусан тарбияву маърифати ҳуқуқӣ қарор доштани ҷавонон мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши Конститутсия ва қонунҳои болозикр ба ҷавонону наврасон имкон медиҳад, ки маълумоти зарурӣ дар бораи Конститутсия, дар бораи ҷашну маросим, ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, пешгирӣ аз хурофоту таассуб,  таълиму тарбия онҳо дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангиро пайдо намоянд[61].

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб шуда, айни замон сиёсати давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мубрам арзёбӣ мегардад. Дар Паёми соли 2018 пешбинӣ шудааст, ки «баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад»[62]. Воқеан ҳам, бунёд ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро бидуни маърифати ҳуқуқӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Чунки давлати ҳуқуқбунёд аз арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳифзи манфиатҳои инсон ва шаҳрванд

---

[60] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 январи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 13.05.2024)

[61] Сафарзода Н.Ф. Назаре ба ҳуқуқофаринии мардуми тоҷик // Илм ва фановарӣ. (Маҷаллаи илмии ДМТ) №2 (6). Душанбе: Сино, 2015. – С. 173-180.

[62] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 15.05.2024)

ҷудонопазир буда, амалишавии ин арзишҳо аз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вобастагӣ дорад.

Маҳз ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф дар ҳамин Паём қабули «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон» масъалагузорӣ гардид ва дар натиҷа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» тасдиқ карда шуд. Қабули Барномаи мазкур бо назардошти пешрафти ҷомеа ва рушди илму техникаи муосир бениҳоят зарур арзёбӣ карда мешавад.

Дар Барнома таҳлили вазъи кунунӣ, мақсад, вазифа ва принсипҳо, низоми таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, мақомоти ҳамоҳангсоз ва татбиққунандаи барнома, ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, сарчашмаи маблағгузорӣ, интизорӣ аз натиҷаҳо пешбинӣ гардидааст. Ғайр аз ин, татбиқи Барнома амалишавӣ ва риояи ҳуқуқи инсонро таъмин намуда, ба эҳтироми қонун ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат карда, ба таҳкими ҳамкории ҳамаҷонибаи байнисоҳавӣ, рушди шарикӣ байни мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва тиҷоратӣ, инчунин ба роҳ мондани арзишҳои фарҳанги ҳуқуқиро дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ тарғиб менамояд[63].

Дар Паём аз 28 декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд. Ин ташаббуси Пешвои миллат ба таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд шудааст. Дар ин хусус, дар ҳамин Паём Президенти кишвар чунин иброз намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад»[64].

Ҳамин тариқ, имрӯз масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба яке аз масъалаҳои мубрам ва асосии ҷомеа табдил ёфтааст. Ҷиҳати ҳалли ин мушкилот шаҳрвандонро зарур аст, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба самти кору фаъолияти онҳо дахлдошта, хусусан аз меъёрҳои Конститутсия, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим, дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак огаҳӣ дошта бошанд. Донистани Конститутсия ва қонунгузории болозикр танҳо вазифаи ҳуқуқшиносон нест. Онҳо бояд

---

[63] Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз 27 ноябри соли 2019. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05.2024).

[64] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 20.03.2024).

китоби рӯимизии ҳар як сокини Тоҷикистон бошанд. Корманди мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар бораи Конститутсия маълумот дошта бошанд, меъёрҳои онро донанд, муҳимтарин масъалаҳои дар Конститутсия пешбинишударо аз бар намуда, аз тартиби гузарондани ҷашну маросим огоҳӣ дошта, арзишҳои асили фарҳанги миллиро ҳифз намуда, хурофоту таассуброро пешгирӣ карда, фарзандонро дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ таълиму тарбия диҳанд. Маҳз ҳангоми доштани маълумот дар бораи Конститутсия, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим, дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ва дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мансуб ба самти кору фаъолияти хеш маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боз ҳам боло бардошта мешавад. Дар натиҷаи боло рафтани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, волоияти Конститутсия ва қонунгузорӣ дар ҷомеа таъмин мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои болозикр, манзур намудани чунин хулосаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Дар раванди ҷаҳонишавӣ нигоҳ доштани манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми ҷой доштани донишҳои баланди ҳуқуқӣ ва сатҳи шоистаи маърифатнокии ҳуқуқӣ имконияти дифоъ намудан аз манфиатҳои миллӣ имконпазир мегардад. Бо ин мақсад, аз нигоҳи мо болобурди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бояд яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ дар кишвар маънидод карда шавад. Дар ҳамин замина, бояд омӯзиши меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои кишвар дар муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ шуда, сатҳ ва сифати он зери назорат қарор дода шавад.

2. Пажӯҳиши рушди маърифати ҳуқуқӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ нишон медиҳад, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар болобурди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бениҳоят калон мебошад. Зеро, ташаббускори қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан барномаҳои мухталифи таълимӣ оид ба омӯзиши донишҳои ҳуқуқӣ, маҳз Пешвои муаззами миллат буда, ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ меҳвари сиёсати ҳуқуқии Роҳбари давлатро ташкил медиҳад.

3. Аз нигоҳи мо, ҳадафҳои давлатӣ дар самти расидан ба бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд замоне имконпазир мегардад, агар аҳолӣ аз ҳуқуқ ва манфиатҳои худ, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, воқиф бошанд. Бо ин мақсад, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ заминаи устуворро баҳри таъмини қонуният, татбиқи адолати иҷтимоӣ ва иҷрои меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ ба миён оварда, пояи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро фароҳам меорад.

**Адабиёт:**

1. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз 27 ноябри соли 2019. // Махзани

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.05.2024).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 22 августи соли 1997, №383. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.05.2024).

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» аз 29 апрели соли 2009, №253 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.05.2024).

4. Маҳкам М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 12-24.

5. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 316 с.

6. Насурдинов Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Насурдинов Эмом Сайфиддинович. – Душанбе, 2014. – 432 с.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 20.03.2024).

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2001. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 20.05.2024)

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2007. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/taxonomy/term/5/68?page=1 (санаи муроҷиат: 16.05.2024)

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 апрели соли 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 11.05.2024)

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 январи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 13.05.2024)

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018.

[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 15.05.2024)

13. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.

14. Рахмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы / под ред. д.ю.н., профессора А.Г. Холикзода. – Душанбе, 2019. – 376 с.

15. Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и соврименность. – Душанбе, 2016. – 324 с.

16. Сафарзода Н.Ф. Назаре ба ҳуқуқофаринии мардуми тоҷик // Илм ва фановарӣ. (Маҷаллаи илмии ДМТ) №2 (6). Душанбе: Сино, 2015. – С. 173-180.

17. Сафаров Б.А. Консепции по правам человека: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 160 с.

18. Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения мужданародного и национального права: материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014. – С. 264-272.

19. Саъдизода Дж. Образование в области прав человека как основное направление деятельности государства по формированию культуры прав человека. // Права человека: История, теория, практика // Под ред., д.ю.н., Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 396-412.

20. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.

21. Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 685 с.

# ИНКИШОФИ ЗАМИНАИ НАЗАРИЯВИИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР АФКОРИ ФОРСУ ТОҶИК

**Шодиён Исматуллло Раҳматуллозод,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел.:** (+992) 888-88-83-12
**Email:** shodiyon-ismatullo@maill.ru

**Мушовири илмӣ:** Шарофзода Р., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба масъалаи моҳияти яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ аз назари баъзе аз мутафаккирони форсу тоҷик бахшида шудааст. Проблемаҳои ҳокимияти судӣ аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо маъноҳои адолати судӣ ва суд дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирони аҳли башар қарор гирифтааст. Дар баробари дигар мутафаккирон дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии форсу тоҷик низ андешаҳо дар хусуси моҳияти ҳокимияти судӣ ва адолати судӣ бисёр ҷолиби диққат аст. Дар таърихи тамаддун ва афкори форсу тоҷик ҳокимияти судӣ бо тафаккури ташаккулёфта ва дарки ҳисси баланди масъулият тавсиф мешавад. Баррасии моҳияти ҳокимияти судӣ дар афкори форсу тоҷик аз қадим то ба имрӯз идома дорад. Намояндагони ин афкор дар таҳияи проблемаи давлат, ҳуқуқ ва ҳокимияти судӣ дар тӯли таърихи инкишофи андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии аҳли башар саҳми назаррас дошта, нуқтаи назари махсуси худро дар осори безаволи худ пешниҳод намудаанд. Осорҳои безавол ва назари як қатор мутафаккирони оламшумули форсу тоҷик, ки дар ин мавзуъ андешаронӣ намудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** Моҳият, андешаҳо, мутафаккирони форсу тоҷик, афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, дин, тамаддун, зардуштия, ислом, Авесто, Қуръон, ҳадис, ал-ҳидоя (роҳи рост), суд, ҳокимияти судӣ, адолати судӣ, мурофиаи судии мусулмонӣ, фақеҳ, доварон, қозӣ, Расули Худо, балоғат, тақводорӣ, адолат, беғаразӣ.

# РАЗВИТИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКОЙ ОСНОВЫ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ УЧЕНИЯХ

**Шодиён Исматулло Рахматуллозод,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет,

доцент кафедры теории и истории государства и права
**Тел.:** (+992) 888-88-83-12
**E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru

**Научный консультант:** Шарофзода Р., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Данная статья посвящена вопросу сущности одной из ветвей государственной власти – судебной власти с точки зрения некоторых персидско-таджикских мыслителей. Проблемы судебной власти находятся в центре внимания мыслителей мирового сообщества с древних времен до наших дней с точки зрения правосудия и суда. Наряду с другими теориями в персидско-таджикском политико-правовом учении весьма примичательны идеи о сущности судебной власти и правосудия. В истории цивилизации и персидского-таджикской мысли судебная власть характеризуется развитым мышлением и восприятием высокого чувства ответственности. Рассмотрение сущности судебной власти в пересидско-таджикской мысли продолжается с древних времен до наших дней. Представители этого народа внесли значительный вклад в развитие проблемы государства, права и судебной власти на протяжении всей истории развития политических и правовых учений и представили свои личные взгляды в своих безукоризненных произведениях. Были проанализированы и рассмотрены безмолвные артефакты и взгляды ряд мыслителей персидско-таджикского мира, размышляющих на эту тему,.

**Ключевые слова:** Сущность, взгляды, персидско-таджикские мыслители, политические и правовые учения, религия, цивилизация, Зороастризм, Ислам, Авеста, Коран, Хадисы, Ал-Хидоя (правильный путь), суд, судебная власть, правосудие, мусульманское судопроизводство, богослов, судьи, казий, Посланник Бога, совершеннолетие, благочестивый, справедливость, беспристрастность.

## DEVELOPMENT OF THE THEORETICAL BASIS OF JUDICIAL POWER IN TAJIK-PERSIAN OPINION

**Shodiyon Ismattullo Rahmatullozod,**
Tajik National University, Faculty of law, docent of the chair of Theory and history of state and law
**E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru
**Phone:** (+992) 888888312

**Scientific supervisor:** Sharofzoda R., doctor of law, professor
**Reviser:** Azizzoda U.A., doctor of law, professor

**Annotation:** This article is devoted to the question of the essence of one of the branches of state power – the judiciary from the point of view of Persian-Tajik thinkers. The problems of the judiciary have been at the center of attention of the thinkers of mankind from ancient times from the point of view of justice, the court. Along with other Persian Tajik political and legal views, views on the essence of judicial power and justice are very significant. In the history of civilization and Persian Tajik thought, the judiciary is characterized by developed thinking and perception of a high sense of responsibility. Consideration of the essence of judicial power in Persian Tajik thought continues from ancient times to the present day. Representatives of this opinion have made a significant contribution to the development of the problem of the state, law and the judiciary throughout the history of the development of political and legal opinions and have presented their personal views in their valuable works. The silent artifacts and views of number of Persian Tajik thinkers of the world significance reflecting this theme were analyzed and considered.
**Key words:** Essence, views, Persian-Tajik thinkers, political and legal doctrines, religion, civilisation, Zoroastrianism, Islam, Avesta, Quran, Hadith, Al-Hidayah (the right way), court, judiciary, justice, Muslim judicial procedure, theologian, judges, Qazi, Messenger of God, majority, pious, justice, impartiality.

Бо вуҷуди таърихи тӯлонии рушди афкори фалсафӣ ба ҳокимияти судӣ, дар ҷаҳони муосир нуқтаи назари умумиэътирофшуда ба муайян кардани моҳияти ин падида таҳия нашудааст. Аз ҷумла дунёи андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии абармардони форсу тоҷик дар мавзуи ҳокимияти судӣ, ки бениҳоят ҷолиб аст то ба имрӯз пурра, ҳамаҷониба ва дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқи муҳақиққон нагардидааст. Ҳарчанде, ки аз ҷониби муҳақиққони ватанӣ паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст[65].

---

[65] Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917 – 1929 гг.). – Душанбе, 2001. Ч.1.Т.2, – 492 с.; Азизкулова Г.С. История государства и права Республики Таджикистан: Цикл лекций. – Душанбе, 1995. – 220 с.; Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. – 459 с.; Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / Отв. ред. С. А. Авакьян. – Душанбе, 2010. – 420 с.; Буриев И.Б. Судебные институты государственности досоветского Таджикистана. – Душанбе, 2010. – 187 с.; Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории и законодательной регламентации и практики: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02. – Душанбе, 2021. – 381 с.; Разыков Ш. К истории советского суда в Таджикистане. – Сталинабад, 1960. – 220 с.; Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1999. – 193 с.; Абдуллоев Ф. К вопросу о судебной власти // Государство и право. – Душанбе, 1996. №1. – С. 137-149; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 379 с.; Диноршоев А.М. Понятие и основные свойства судебной власти // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. Научно-информационный журнал. (№1). – Душанбе, 2014. – С. 140-150; Джураев С. Понятие и принципы организации и деятельности судебной системы Республики Таджикистан // Право и жизнь. – Душанбе, 2000. №105 (15). – С. 226-240; Табаров Н.Д. Институт военного судьи в досоветском Таджикистане (историко – правове исследование): автореф. дис. … канд. юрид. наук.: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 25 с.; Саъдизода Дж. Роль судебной власти в обеспечении прав человека: взгляд на правоприменительную политику // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №4 (20). – Душанбе, 2017. – С. 26-34; Саъдизода Ҷ. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон Маҷаллаи илмӣ-

Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки "... ташаккулу инкишофи тӯлонии афкори сиёсиву ҳуқуқии башарро меомӯзад"[66] – афкори сиёсию ҳуқуқии форсу тоҷик, ки ҳамчун заминаи инкишофи дигар тамаддунҳои ҷаҳонӣ хизмат намудааст ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои илмӣ ба тариқи возеҳу равшан мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқ ва муаррифии ташаккули афкори форсу тоҷик, аз ҷумла моҳияти ҳокимияти судӣ, ки пояи устувори давлатдорӣ дар ҳама давру замонҳо мебошад, аз аҳаммият холӣ нест.

Модели хоси пайдоиши суд (албатта бо назардошти бисёр нозукиҳо, истисноҳо, камбудиҳо, ки аз ҷониби хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, ҷуғрофӣ ва шабеҳи ин ё он кишвар муайян карда шудааст) дар адабиёти илмӣ бо роҳҳои гуногун асоснок карда шудааст. Фарқиятҳои асосӣ ҳанӯз дар асарҳои мутафаккирони шарқ ва ғарби асрҳои гузашта қайд карда шудаанд.

Мувофиқи таълимоти зардуштӣ, худи Аҳуро Маздо довари олӣ буд. Вай дар баробари дигар ваколатҳо ва имтиёзҳо, инчунин ваколатҳои додгустарӣ низ дошт. Авасто мегӯяд: "Аҳуро танҳо додгустари ҷаҳон аст"[67]. Тоҷикон ва форсизабонони қадим бовар доштанд, ки ба ҷуз додгоҳҳои заминӣ, ихтилофот ва баҳси байни одамонро бузургтарин мақом – Худо ё ҳамон Аҳуро Маздо низ баррасӣ мекунад. Муаррихон нахустин давлати зуҳуркарда дар қаламрави Тоҷикистонро давлате бо номи «Пешдодиён» медонанд[68], ки худи номи ин кишвар аз вожаи "дод" – адл[69], густариши ростӣ бармеояд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар байни ҳамаи халқҳо подшоҳ дар замони гузариш аз низоми қабилавӣ ба синфӣ як додгустари аслӣ буд. Шояд ин ба зарурати ягонагии қудрат ва фаъолияти судӣ дар ҷомеаҳои қадим вобаста бошад. А.Ғ. Холиқзода дар ин робита дуруст тазаккур медиҳад, ки ҷорӣ сохтани адолат бе салоҳият ва ихтиёрдории муайян дар ҷомеа номумкин

---

амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Издательства юридического факультета ТНУ. №2 (22). – Душанбе, 2022. – С. 6-21; Сафаров Д.С. Понятие судебной власти в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №2 (06). – Душанбе, 2014. – С. 13; Шодиён, И.Р. Развитие судебной власти в Таджикистане: вторая половина XIX – начало XXI вв.: монография. – Душанбе, 2021. – 160 с.; Мурадов А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного суда Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2014. – 190 с.; Абдуллозода Ф.Н. Особенности формирования и развития Верховных судов Республики Таджикистан и России: советский и постсоветский период (сравнительное историко-правовое исследование): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 170 с.; Мирзоев С.Б. Конституционное правосудие в Республике Таджикистан: проблемы теории, законодательства и практики. – Душанбе, 2017. – 464 с.; Махмудов М.А., Худоёров, Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2012. – 396 с.; Мирзоев С.Б. Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджикистане: историко - правовое и общетеоретическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 205 с.; Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 177 с.; Яршев З.М. История формирования новой судебной системы Республики Таджикистан (1991-2011 гг.): автореф. дис. … канд. истор. наук по специальности 07.00.02. – Худжанд, 2012. – 23 с. ва дигарон.

[66] Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. – С. 13.

[67] Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе, 2005. – С. 88.

[68] Беруни А. Осор – улбоқия. – Душанбе, 1990. – С. 130–133.

[69] Фарҳанги точикӣ ба русӣ / Зери таҳрири Холматова С.Д., Солеҳова С., Каримова С. – Душанбе, 2004. Т.1. – С. 202.

аст[70]. Дар ин робита, ҳокимони аввалини салтанатҳои қадим имтиёзҳои судӣ доштанд. “мегӯянд, ки подшоҳони аҷам чунин одат доштаанд: дар рӯзҳои меҳрҷон (шакли арабишудаи меҳргони форсӣ, номи рӯзи 6-уми моҳи меҳр, ҷашни баробаршавии тирамоҳ буд. – и.ш.) ва наврӯз (ҷашни баҳорӣ, оғози соли нав – и.ш.) подшоҳ ҳамаро ба боргоҳи худ қабул мефармуд, ҳеҷ кас манъ карда намешуд”.

Додгустарон барои ҳукмҳои ноодилона ва ришваситонӣ ҷазои сахт мегирифтанд. Мегӯянд, ки шоҳи Камбуҷия (Ҳахоманӣ) яке аз додгустарони хешро барои ришват гирифтан ҷазо додааст. Вай пӯсти ин қозиро канда, дар мизи кориаш овехта, писари қозии қатлшударо ба ҷои падараш қозӣ таъйин кард ва чунин амр дод: вақте ки парвандаеро баррасӣ мекунӣ, ба пусти падари худ назар кун ва адолат намо[71].

“Ба ҳамаи рӯзгор аз гоҳи Одам алайҳиссалом то акнун – менависад мутафаккири асримиёнагӣ Низомулмулк – дар ҳамаи миллат ва дар ҳамаи мулке адл варзидаанд ва инсоф додаанд ва ба ростӣ кӯшидаанд то мамлакат бимондааст”[72]. Одам, тибқи қуръон ва инҷил, номи аввалин шахсест, ки Худо офаридааст. Тибқи Қуръон (2:30, 31, 32, 33), ӯ аз хок ва “гили сафолин” ҳамчун “халифаи Худо” дар рӯи замин офарида шудааст. Одамро, инчунин абулбашар (падари инсоният) низ гуфтаанд[73]. Мувофиқи гуфтаи ин мутафаккир, адолат аллакай дар замони Одам вуҷуд дошт, албатта, на ба ҳамон шакле, ки имрӯз фаҳмида мешавад; додгоҳи ҳақшинос, адолат такягоҳи асосии давлат аст ва пойдороии миллат, мулк ва мамлакат ҳам аз адл, инсоф ва ростӣ вобаста аст.

Аз таҳлили таърихи пайдоиши ин истилоҳҳо бармеояд, ки мардум дар низоми қабилавӣ дар атрофи қозии одил муттаҳид шуда, тадриҷан ин иттиҳод ба давлат мубаддал гашт ва ин қозии одил ҳам подшоҳ шуд. Масалан, Паёмбари Ислом Муҳаммад (с) дар солҳои фаъолияти худ ихтилофҳоеро ҳал мекард, ки дар робита ба масъалаҳои гуногун ба ӯ мурочиат мекарданд, яъне яке аз вазифаҳои асосии пайғамбар қазоват буд. Суханони худи Муҳаммад (с) аз ин амр шаҳодат медиҳад: «Ба дурустӣ, шумо аз ман хоҳиш мекунед, ки баҳси миёни шуморо ҳал кунам; шояд яке аз шумо дар пешниҳоди далелҳои худ нисбат ба дигаре фасеҳтар бошад ва ман дар асоси он чизе ки аз ӯ шунидаам, ба фоидаи ӯ ҳукм кунам; аммо агар ман бо ин кор ба ӯ ҳаққи мутааллиқ ба тарафи дигари баҳсро бидиҳам, пас бо ин кор забони алангаи дӯзахро барояш ато кардаам”[74]. Қисмати якуми ин ҳадис ба салоҳиятҳои қазоии Паёмбар (с) ишора мекунад. Қисмати дуюм ба объективии далелҳо диққат медиҳад, зеро ҳукм на бар

---

[70] Халиков А.Г. Асари ишорашуда. – С. 89.
[71] Халиков А.Г. Асари ишорашуда. – С.93.
[72] Низам – ал – Мульк. Сиасат – наме/ Перевод, введение в изучение памятника и прим. Проф. Б.Н. Заходера. – М.,1949. – С. 44-45.
[73] Тарҷумаи Тафсири Табарӣ // Зери назари узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Ю.Салимов. – Хуҷанд, 2007. – С.39; Коран /Перевод смыслов и комментарии. Пороховой И.В. – Дамаск, 1999. – С. 35-39; Ислам: Энциклопедический словарь. – М., 1991. – С. 13.
[74]Аль - Хафиз бен Хаджар аль-Аскалани. Получение желаемого из источников норм. – Каир, 1934. (бо забони арабӣ). – С. 288.

пояи тахмин ва фарзияҳо, балки бо арзёбии беғаразонаи далелҳо ва рафтори берунии шахс бояд асос ёбад. Ин гуфтаҳоро Д. Обидов низ қайд менамояд, ки "... заминаи пайдоиши ҳокимияти давлатии мусулмонон дар давраҳои аввали пайдоиши ислом ҳокимияти судӣ буд"[75].

Аз таҳлили афкори мутафаккирони болозикр ва тамаддунии зардуштӣ ва исломӣ бармеояд, ки таърихан адолати судӣ, суд ва ҳокимияти судӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ тақрибан дар як вақт бо давлат пайдо шуд ва пайдоиши он аз ташкилоти тодавлатӣ сарчашма мегирад.

Агар ғояи мустақилияти ҳокимияти судӣ дар Аврупо дар асри XYII аз ҷониби Шарл Луи Монтескё де Секондат (1689-1755) – ҳуқуқшинос, мутафаккири Фаронса дар асари машҳураш «Роҷеъ ба моҳияти қонунҳо» пешниҳод шуда бошад, аз тарафи мутафаккири тоҷик – асосгузори фиқҳи Исломӣ ва мактаби ҳуқуқии (мазҳаби) ҳанафия Имом Абӯҳанифа (Имоми Аъзам) оид ба мустақилияти қазоват[76] ё ҳокимияти судӣ аллакай дар солҳои 699-767 пешниҳод гардидааст. Абӯҳанифа мӯътақид ба ин буд, ки қозӣ ҳангоми таҷовузи халифа ба ҳуқуқи мардум битавонад бар зидди халифа фатвое содир кунад. Ӯ ба шогирдонаш чунин дастур медиҳад: «Агар халифа ба сабаби таҷовуз ба ҳуқуқи мардум муқассир бошад, қозӣ, ки ба мақом толи ӯст (яъне қозиюлқузот) бояд ӯро маҷбур кунад, ки ба ҳукми қонун (шаръӣ) гардан бигузорад»[77].

"Ва ҳамин вобастагии қазо аз ҳокимияти халифа дар давраи Уммавиёну Аббосиён буд, ки қайд менамояд Р.Ш. Шарофзода – Имом Абӯҳанифа мансабҳои пешкашшудаи қазоро намепазирад"[78]. Имоми Аъзамро ба сабаби напазируфтани мансаби қозиюлқузотии Куфа Язид ибни Умар ибни Убайра фармон медиҳад, тозиёна зананд. Халифаи Аббосӣ Мансур низ ба Абӯҳанифа мансаби қозиюлқузоти хилофати Аббосиро пешниҳод мекунад, вале Абӯҳанифа ин мансабро низ намепазирад. Ӯ аз ҷумла, дар яке аз нишастҳо ба халифа мегӯяд: «Ҳатто агар ин мақомро ба иродаи худ бипазирам, на ба икроҳ, комилан мутмаин бош, нахоҳам тавонист мавриди итминони ту бошам. Зеро агар ман даъвоеро бар хилофи майли шумо фатво диҳам ва шумо аз ман бихоҳед он ҳукмро ба кайфари ғарқ шудан дар рӯди Фурот тағйир диҳам, ман ғарқа шуданро бар тағйири ҳукм тарҷеҳ хоҳам ниҳод. Аз ин гузашта, (мушкили дигар) дарбориёни шумо ҳастанд; фақат маъдуде аз онҳо моил ба бақои қозӣ дар девони олии шумо ҳастанд, бар хилофи майли онҳо амал кунад»[79]. Халифа Мансур Имом Абӯҳанифаро зиндонӣ намуда, мавриди шиканҷаву тозиёна, аз ҷумла гуруснагиву ташнагӣ қарор медиҳад. Дар ниҳояти кор

---

[75] Обидов Д.С. К вопросу формирования и сущности исламской концепции правосудия // Научно – теоретический журнал "Вестник ТГУПБП" («Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики») Серия гуманитарных наук. – Худжанд, №3 (55), 2013. – С. 19.

[76] Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X - XIX ) / Зери таҳрири Шукурова М.Ш., Капранова В.А., Хашима Р., Масуми Н.А. – М., 1969. Т.1. – С. 667.

[77] Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 134-135.

[78] Ҳамон ҷо.

[79] Ҳамон ҷо.

Имом Абӯҳанифа дар зиндон даргузашт, ба ривоятҳои мухталиф, ба марги табиӣ ва ё ба заҳр.

Аз гуфтаҳои ин нобиғаи беҳамтои олами ислом – Абӯҳанифа ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ аз сиёсати ноодилонаи халифони давр ва норизогии мардум огаҳӣ дошта, намехост, ки ҳукмҳои ноодилонаи онҳоро нисбати мардуми бегуноҳ тасдиқ намояд ва ё баръакс барои беэҳтиромии ҳуқуқҳои мардумон аз ҷониби халифа ва наздикон ӯ ба муқобили ҳокимиятдорон ҳукм барорад. Яъне намехоҳад миёни раъият ва халифони араб доварии ноодилона намояд. Фавқуззикр тарс на аз халифа ва наздиконаш дошт, балки тарс аз Худованд дошт, ки ҳангоми аз тарафи халифа талаби қабули ҳукми нодуруст воситаи беадолатӣ гардад.

Марде, тасодуфан ҳангоми хӯрокхӯрии фустат, ки соли 90/709 қозӣ таъйин шуда буд, дид, ки хӯроки ӯ аз наскҳои кӯҳнаи қамиш, нони хушк ва об иборат аст. “Дар ин мансаб нон пайдо наметавонам кард” гуфт қозӣ ба ӯ[80]. Қозӣ фустат, ки то солҳои 120/738 қозӣ буд, дар баробари мансаби худ, инчунин ба фурӯши равғани растанӣ машғул мешуд. Вақте ки дӯсти ҷавонаш дар ин бора бо тааҷҷуб аз ӯ пурсид, қозӣ дасташро ба китфи ӯ зад ва гуфт: “сабр кун, рӯзе мерасад, ки ту ҳам ба хотири шиками дигарон гуруснагӣ мекашӣ!”. Ҷавон ин суханонро танҳо вақте фаҳмид, ки ба ӯ ҳам лозим омад, ки “чӣ будани фарзандро бифаҳмад”[81].

Сайид Муҳаммад Амин ибни Обиддин дар бораи қоидаҳои фаъолияти касбии қозӣ сухан ронда, ба гуфтаҳои боло илова мекунад, ки қозӣ инчунин аз қабули тӯҳфаҳо, қарз аз мардум ва рафтан ба тӯйҳои онҳо манъ карда шудааст. Қозӣ набояд аз ҳад зиёд ба шӯхӣ ва масхара дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дода шавад, зеро ин барои салоҳият ва обрӯи ӯ хатарнок аст. Аммо дар мурофиа, хандаву шӯхӣ барои ӯ манъ аст. Ҳангоми муколама бо ҷонибҳои парванда ӯ бояд як оҳанги овозро риоя кунад[82].

Ба шахсияти қозӣ ва интихоби он сарчашмаҳои дини ислом талаботҳои махсусе дорад, ки аз ҷумлаи онҳо ҳолатҳои зерин мебошанд: “балоғат, тақводорӣ, адолат, беғаразӣ ва аз ҳама муҳим – доштани дониши кофӣ”[83] ва “... Ҳаромзода (яъне бе никоҳи шариатӣ таваллуд шудан) набудан..., ҷинси мард”[84].

Шартҳо ва талаботҳои номбаршуда дар шакли мушаххас дар таълимоти тоҷушшарии Убайдуллоҳ ибн Масъуд зикр гардидааст. Ба ақидаи ӯ, “қозӣ бояд шахсе бошад, ки дар дониши фиқҳ (муҷтаҳид) ва адолатпарварӣ эътибори баланд дошта бошад. Аз ин рӯ, касе, ки ба адолат боварӣ дорад, метавонад қозӣ бошад ва касе, ки боварӣ надорад, наметавонад ин вазифаро ишғол кунад[85].

---

[80] Адам Мец. Мусульманский Ренессанс. – М., 1973. – С. 187.

[81]Ҳамон ҷо.

[82]Обидов Д.С. Ханифитская правовая школа и ее значение в суннитском направлении исламского права (мавераннахрское течение): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – С. 185.

[83]Буриев И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период): автореф. дис . … канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 30.

[84] Азизкулова Г.С. Некоторые мысли о проекте Кодекса поведения судьи в Республике Таджикистан. // Правовая жизнь. – Душанбе, 2014. №2 (06). – С. 6.

[85] Мухтасар-ул-виқоя. Дар 2 қисм /Коммент. Шарҳи Хоҷи Акбар Насимии Қубодиёнӣ. – Душанбе,

Мутафаккири тоҷик Бурҳониддини Марғелонӣ бо осори худ дар соҳаи ҳуқуқи исломӣ эҳтироми зиёди муҳити илмӣ ва халқҳои тамоми ҷаҳони мусулмононро ба даст овард. Дар ин самт осори ӯ “Ал-ҳидоя” (“роҳи рост”) аҳаммияти калон дошт. Ин асар муҳимтарин ганҷинаи маънавии дар олами ислом ва таърихи афкори ҳуқуқии миллати тоҷик мебошад.

Мавқеи асосиро дар қисматҳои “Ал-ҳидоя” китоб “дар бораи уҳдадориҳои қозӣ” ишғол мекунад. Дар ин қисмат сарчашмаҳои ғоявию ҳуқуқии механизми мурофиаи судии мусулмонӣ, ки бо мустақилияти ҳокимияти судӣ ва ҳудуди татбиқи он, уҳдадориҳои касбии қозӣ, стандартҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ки барои тамомияти шахсияти касбии қозӣ заруранд, ба таври васеъ омӯхта шудаанд[86].

Таъмини мурофиаи одилонаи адолати судиро Бурҳониддини Марғелонӣ бо нақши самаранокии давлат дар таҳияи сиёсати кадрӣ алоқаманд мекунад. Бо ин мақсад дар таълимоти худ дар бораи ҳокимияти судӣ ва меъёрҳои таъмини адолати судӣ Марғелонӣ ба тарбияи шахсияти касбӣ ва танзими ҳуқуқии мақоми номзадҳо ба мансабҳои давлатӣ диққати махсус додааст[87].

Фақеҳони гуногуни мусалмон дар бораи принсипҳои аслии адолат, ки дар чунин сарчашмаҳои пешбарандаи шариати ислом, ба мисли Қуръон ва суннат, сабт шудаанд, назари якхела доранд. Онҳо адлро, ки дар бисёр оятҳои Қуръон аз он ёд шудааст, ҳамчун принсипи пешбарандаи додгоҳи мусалмонон меноманд. Масалан, дар Қуръон омадааст «Агар дар миёнашон доварӣ кардӣ, одилона доварӣ кун (5:42); ба ман дастур дода шудааст, ки дар миёни шумо додварӣ кунам» (42:15)[88]; «Аз ҳавову ҳавас пайравӣ накунед, ки (аз адл ва ростӣ) мунҳариф мегардед» (4, 135)[89] ва ғайра[90].

Тавре ки мутафаккири форс-тоҷик А. Ҷомӣ қайд кардааст, додварӣ ҳалли баҳсҳои ҳуқуқиро дар асоси адолат ва дониши амиқи пояҳои қонун пешбинӣ мекунад, ки принсипҳои ҷустуҷӯи ҳақиқат ва беғаразиро сармашқи кор қарор медиҳад. Вай адолати судиро вақте бо чунин ҳолати кор дар давлат мепайвандад, ки гунаҳгорон ҷазо мегиранд ва бегуноҳон аз сиёсати шоҳ зарар намебинанд. Ҷомӣ инчунин як идеяи муҳим ва пурсамареро таҳия мекунад, ки танҳо дар асоси онҳо амал карда, ба ҳадафҳои давлатдории одилона ноил шудан мумкин аст. Ҳамин тавр, ӯ менависад:

Бегуноҳеро ба ҷурми дигаре аз рӯи ҷаҳл

---

2004. қ.2. – 202 с.

[86] Маргинани Б. Хидоя. Комментарий мусульманского права.Ч.1. Т.II. / Под ред. Н.И. Гродекова. Отв. ред., авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. Саидов А.Х. – М., 2008. – С. 87.

[87] Маргинани Б. Асари ишорашуда. – С. 87.

[88] Коран / Перев. с араб. и комментарии М.Н. О. Османова. – М., 1999. – С. 112.

[89] Пороховой И. В. Коран /Перевод смыслов и комментарии. – Дамаск, 1999 г. – С. 119,168.

[90] Тарҷумаи Тафсири Табарӣ Асари ишорашуда. Сураи Нисо, оят 58, оят 135, оят 168; Сура Моида, оят 8, оят 48, оят 49; Сура Анъом, оят 57, оят 82; Сура Ал-Аъроф, оят 29, оят 56, оят 199. – Хуҷанд, 2007. – С. 87-98.

Сарзаниш кардан на расми оқили донишвар аст[91].

Аз ин ҷиҳат ояти 58, Сураи Нисо (Занон), “Ба дурустӣ, Худо ба шумо мефармояд ... чун миёни мардум ҳоким шавед, ба рости ҳукм кунед. Ҳар оина некӯ чизе аст, ки Худо бо он ба шумо панд медиҳад. Ба дурустӣ, ки Худо Шунавоӣ Биност”[92].

Дар ин самт нақши муҳимтаринро ҳадисҳои Паёмбари Ислом Муҳаммад (с) дорад, ки масъалаҳои таъмини адолати судиро танзим мекунад. Ба монанди: “Мегӯянд, ки Бурейда, Худои бузург аз ӯ розӣ бошад, нақл кард, ки Расули Худо (с), гуфт: “се намуди доварон ҳастанд: дутои онҳо ба дӯзах андохта мешаванд ва сеюмаш ба биҳишт меравад. Агар инсон ҳақиқатро донад ва ҳукми беадолатона қабул кунад, ба дӯзах андохта мешавад. Ва агар инсон ҳақиқатро надониста, ҳукми ноодилона қабул намояд, пас ӯро низ ба дӯзах меандозанд”(Ин ҳадисро Абу Довуд, ат-Тирмизӣ, ан-Насоӣ ва Ибн Моҷа нақл мекунад ва ал-Ҳаким ҳадисро саҳеҳ номид)”[93]. Мегӯянд, ки Абу Ҳурайра, Худои бузург аз ӯ розӣ бошад, нақл кард, ки Расули Худо (с), гуфт “Агар одамро қозӣ таъин кунанд, ӯро бе корд куштаанд (Ин ҳадисро Аҳмад, Абу Довуд, ат-Тирмизӣ, ан-Насоӣ ва Ибн Моҷа ва Ибн Хузейма ва Ибн Хиббан саҳеҳ номид)”[94]. Мегӯянд, ки Абу Ҳурайра, Худои бузург аз ӯ розӣ бошад, нақл кард, ки Расули Худо (с), гуфт: **“**Шумо барои расидан ба ҳокимият талош меварзед, лекин дар рӯзи қиёмат пушаймон хоҳед шуд. Роҳат аз ҳокимият гуворо аст, аммо аз ӯ маҳрум шудан душвор аст (Ин ҳадисро ал-Бухорӣ нақл мекунад)”[95]. Мегӯянд, ки Ҷобир Худои бузург аз ӯ розӣ бошад, нақл кард, ки Расули Худо (с), гуфт “Чӣ гуна мардум метавонанд баракат пайдо кунад, агар заифон натавонанд, ки аз қудратмандон чизеро, ки ба онҳо тааллуқ доранд, бигиранд”[96]. Ин ҳадисро Ибн Ҳиббан нақл кард. Ба ҳамин мазмун монанд ҳадисро ал-Баззар аз суханони Бурейди нақл мекунад, ки Худо аз ӯ розӣ бошад ва Ибн Моҷа аз суханони Абу Саид ал-Худрӣ ки Худо аз ӯ розӣ бошад нақл мекунад). Мегӯянд, ки Оиша Худо аз ӯ рози бошад, нақл мекунад, ки аз Расули Худо (с) шунида буд, “Дар рӯзи қиёмат қозии одилро даъват мекунанд ва пурсиши ӯ, чунон сахт хоҳад буд ва ӯ мегуяд, беҳтар мебуд, ки ҳеҷ гоҳ байни одамони даъвогар ҳукм намекардам. (Ин ҳадисро

---

[91]Гулшани адаб. Намунаи назм иборат аз панҷ ҷилд / муҳар. Кином Қ., Ҷилди 3-юм. Намунаҳои назми Шарқ, Асрҳои XIV-XV. – Душанбе, 1976. – С. 206; Сативалдыев Р.Ш. Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами о праве и государстве / Под ред. Сативалдыев Р.Ш. Изд. 2-е, переаб., изм. и доп.– Душанбе-Худжанд, 2016. – С. 72.

[92] Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ // Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе, 2011. – С. 87.

[93] Обидов Д.С. К вопросу формирования и сущности исламской концепции правосудия // Научно – теоретический журнал “Вестник ТГУПБП” («Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики») Серия гуманитарных наук. – Худжанд, №3 (55), 2013. – С. 22.

[94] Ҳамон ҷо.

[95] Хафиз Ибн Хаджар аль-Аскъалани. Булюгъ аль-Марам мин Адиллат аль-Ахкам / Перевод Кулиева Э.Р. Книга 14. Судебные приговоры. Хадисы № 1383-1385, 1391-1394. 2007.

[96] Ҳамон ҷо.

Ибн Хиббан ва ал-Байҳақӣ, ба тарзи дигар низ нақл мекунанд: “ҳатто дар бораи як хурмо””’[97]).

Ҳокимияти судӣ, қайд менамояд Ф.М. Рахимова “тибқи таълимоти фақеҳони ҳанафии Мовароуннаҳр, ҳамчун як қисми ҳокимияти давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, зеро татбиқи вазифаҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ аз самаранокии он вобаста аст” [98].

Дар натиҷаи таҳлили афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккирони форсу тоҷик, тамаддунҳо ва сарчашмаҳои динӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳокимияти судӣ тавассути категорияи «адолат», инчунин инсоф, ростгӯӣ ва беғаразӣ муайян карда шуда, хусусияти динӣ, яъне табиати худоӣ дошт[99]. Ҳокимон ва мардуми тоҷик ба суд ва адолат бо эҳтироми хос муносибат мекарданд, ки ин мақом дар ҷомеа аҳаммияти калон дошт ва аз ҷойгоҳи муҳимме дар низоми мақомоти давлатӣ аз замонҳои қадим бархӯрдор буд.

Ба ин монанд, бардавомии арзишҳои ҳуқуқии исломӣ, ки барои замони мо аз ҳама муҳиманд, пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароит барои ноил шудан ба ҳокимияти воқеии мустақил ва беғаразонаи судӣ дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, тарбияи кадрҳои касбӣ ва аз ҷиҳати маънавӣ омодашуда дар ин соҳа мусоидат мекунад ва дар ниҳоят метавонад ба бунёди заминаи эътимоди мардум ба сиёсати адолати судии идораи ҳокимияти давлатӣ мусоидат намояд.

**Адабиёт:**

1. Абдуллоев Ф.К вопросу о судебной власти // Государство и право. – Душанбе, 1996. №1. – С. 137-150;
2. Абдуллозода Ф.Н. Особенности формирования и развития Верховных судов Республики Таджикистан и России: советский и постсоветский период (сравнительное историко-правовое исследование): автореферат дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 170 с.
3. Адам Мец. Мусульманский Ренессанс. – М., 1973. – 473 с.
4. Азизкулова Г.С. История государства и права Республики Таджикистан: Цикл лекций. – Душанбе, 1995. – 220 с.;
5. Азизкулова Г.С. Некоторые мысли о проекте Кодекса поведения судьи в Республике Таджикистан. // Правовая жизнь. – Душанбе, 2014. №2 (06). – С. 5-12.
6. Аль - Хафиз бен Хаджар аль-Аскалани. Получение желаемого из источников норм. – Каир, 1934 (бо забони арабӣ). – 378 с.
7. Беруни А. Осор – ул-боқия. – Душанбе, 1990. – 432 с.

---

[97] Хафиз Ибн Хаджар аль-Аскъалани. Булюгъ аль-Марам мин Адиллат аль-Ахкам / Перевод Кулиева Э.Р. Книга 14. Судебные приговоры. Хадисы № 1383-1385, 1391-1394. 2007. – 896 с.

[98] Рахимова Ф. М. Учение Бурхониддина Маргинани о правосудии как неотъемлемая часть государственной власти (по материалам «Ал-Хидоя») // Научно – теоретический журнал “Вестник ТГУПБП” («Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики») Серия гуманитарных наук. – Худжанд, №3 (55), 2013. – С.48.

[99] Кенджаев Ш.Ю. Государственно-правовые взгляды Джами: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003. – С. 76; Обидов Д.С. Асари ишорашуда. – С. 185.

8. Буриев И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период): автореф. дисс… док. юрид. наук: 12.00.01 / Буриев Имонкул Бозорович. – М., 2009. – 39 с.

9. Буриев И.Б. Судебные институты государственности досоветского Таджикистана. – Душанбе, 2010. – 187 с.

10. Гулшани адаб. Намунаи назм иборат аз панҷ ҷилд // муҳар. Қ. Киром, Ҷилди 3-юм Намунаҳои назми Шарқ, Асрҳои XIV-XV. – Душанбе, 1976. – 384 с.

11. Джураев С. Понятие и принципы организации и деятельности судебной системы Республики Таджикистан // Право и жизнь. – 2000. – №105 (15). – С. 226-240.

12. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 379 с.;

13. Диноршоев А.М. Понятие и основные свойства судебной власти // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. Научно-информационный журнал. (№1). – Душанбе, 2014. – С. 140-143;

14. Ибн Хаджар аль-Аскалани. Булуг аль-Марам мин Адиллат аль-Ахкам. Книга 14. Судебные приговоры. Хадисы № 1383-1385, 1391-1394. 2007. – 896 с.

15. Ислам: Энциклопедический словарь. – М., 1991. – 314 с.

16. Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1999. – 193 с.;

17. Кенджаев Ш.Ю. Государственно-правовые взгляды Джами: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003. – 211 с.

18. Коран / Перев. с араб. и комментарии М.Н. О. Османова. – М., 2017. – 976 с.

19. Коран / Перевод смыслов и комментарии. Пороховой И. В. –Дамаск, 1999. – 798 с.

20. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ// Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе, 2011. – 640 с.

21. Маргинани Б. Хидоя. Комментарий мусульманского права: в 2 ч., 4 т.: (пер. с анг.). Ч.1. Т. 1-2. / Под ред. Н.И. Гродекова. Отв. ред., авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х.Саидов. – М., Волтрес Клувер, 2008.– 807 с.

22. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории и законодательной регламентации и практики: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02. – Душанбе, 2021. – 381 с.

23. Мухтасар-ул-виқоя. Дар 2 қисм / Тафсири Шарҳи Хоҷи Акбар Насимии Қубодиёнӣ. – Душанбе, 2004. қ.2. – 202 с.

24. Низам – ал – Мульк. Сиасат – наме / Перевод, введение в изучение памятника и прим. Проф. Б.Н. Заходера. – М.,1949. – 380 с.

25. Обидов Д.С. К вопросу формирования и сущности исламской концепции правосудия // Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2013. – №3 (55),– С.11-23.

26. Обидов Д.С. Ханифитская правовая школа и ее значение в суннитском направлении исламского права (мавераннахрское течение): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Обидов Дилшод Солиджонович. – Душанбе, 2008. – 228 с.
27. Разыков Ш. К истории советского суда в Таджикистане. – Сталинабад, 1960. – 220 с.
28. Рахимова Ф.М. Учение Бурхониддина Маргинани о правосудии как неотъемлемая часть государственной власти (по материалам «Ал-Хидоя») // Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики»), Серия гуманитарных наук. – Худжанд, №3 (55), 2013. – С. 47-53.
29. Сативалдыев Р.Ш., Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами о праве и государстве / Под ред. Сативалдыев Р.Ш. Изд. 2-е, переаб., изм. и доп. – Душанбе-Худжанд, 2016. – 208 с.
30. Сафаров Д.С. Понятие судебной власти в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №2 (06). – Душанбе, 2014. – С. 11-22.;
31. Саъдизода Дж. Роль судебной власти в обеспечении прав человека: взгляд на правоприменительную политику // Правовая жизнь. – 2017. – №4 (20).– С. 26-34.
32. Саъдизода Ҷ. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (22).– С. 6-21.
33. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. – 459 с.
34. Табаров Н.Д. Институт военного судьи в досоветском Таджикистане (историко – правове исследование): автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 25 с.
35. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ (дар ду китоб ва ҳафт муҷаллад), Китоби якум // Зери назари узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Ю. Салимов. – Хуҷанд, 2007. – 884 с.
36. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917 – 1929 гг.). – Душанбе, 2001. Ч.1.Т.2. – 492 с.
37. Фарҳанги точикӣ ба русӣ / Зери таҳрири Холматова С.Д., Солеҳова С., Каримова С. – Душанбе, 2004. Т.1. – 388 с.
38. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X - XIX) // Под ред. Шукурова М.Ш., Капранова В.А., Хашима Р., Масуми Н.А. – М., 1969. Т.1. – 667 с.
39. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе, 2005. – 485 с.
40. Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / Отв. ред. С. А. Авакьян. – Душанбе, 2010. – 420 с.
41. Шодиён, И.Р. Развитие судебной власти в Таджикистане: вторая половина XIX – начало XXI вв.: монография. – Душанбе, 2021. – 160 с.
42. Яршев З.М. История формирования новой судебной системы Республики Таджикистан (1991-2011 гг.) / автореферат дис. … канд. ист: 07.00.02. – Худжанд, 2012. – 23 с.

# МАҲАКҲОИ ТАСНИФИ ШАКЛҲОИ ДАВЛАТ

**Куканов Айниддин Зайниддинович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел.:**+992985674477
**Email:** kukanov-ayniddin@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарофзода Р.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола масъалаҳои назариявии таснифи шаклҳои давлат мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Тавассути таснифи шаклҳои давлат унсурҳои таркибии он муаяйн карда мешавад. Масъалаи таснифи шаклҳои давлат бояд дар асоси маҳакҳо, хусусиятҳои шаклҳои давлат яъне тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ҳал гардад. Ба андешаи бархе аз муаллифон мафҳуми шакли давлат аз чор унсур иборат аст: шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ, режими сиёсӣ, динамикаи сиёсӣ. Муаллифони дигар динамикаи сиёсиро ҳамчун режими сиёсӣ пешбинӣ мекунанд. Вобаста ба ин дар илм баҳсҳои зиёд ҷой дорад. Шакли давлат ба маънои маҳдуд ва маънои васеъ фаҳмида мешавад. Ба маънои маҳдуд шакли давлат танҳо шакли идоракуниро ифода мекунад. Ба маънои васеъ бошад, ҳамчун маҷмуи шакли идоракунӣ ва шакли сохти давлатӣ фаҳмида мешавад. Режими сиёсӣ бошад, моҳияти давлатро ифода мекунад. Шакли идоракунӣ асосан ба монархия ва ҷумҳурӣ ҷудо мешавад. Монархия ба деспотия, мутлақ ва маҳдуд тақсим мешавад. Ҷумҳурӣ ба аристократӣ ва демократӣ ҷудо мешавад. Шаклҳои сохти давлатӣ ба унитарӣ ва федеративӣ ҷудо мешавад. Конфедератсия чун иттиҳоди давлатҳо ифода мегардад. Режими сиёсӣ ба шакли давлат муносибат надорад. Ба андешаи муаллиф ин таснифи гузаронидашуда умумӣ буда, тамоми навъҳои таърихии давлатро таҷассум мекунад. Баъзе аз олимон муқобили ин таснифи пешбинишуда буда, пешниҳод мекунанд, ки шакли давлат аз шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ ва режими сиёсӣ иборат мебошад.

**Калидвожаҳо:** Шакли идоракунӣ, тасниф, режими сиёсӣ, шакли сохти давлатӣ, монархия, президент, парламент, ҷумҳурӣ, аристократия, давлати федеративӣ, давлати унитарӣ, конфедератсия.

# КРИТЕРИИ КЛАССИФИКАЦИИ ФОРМ ГОСУДАРСТВА

**Куканов Айниддин Зайниддинович**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет доцент кафедры теории и истории государства и права

**Тел.:**+992985674477
**E-mail:** kukanov-ayniddin@mail.ru

**Научный руководитель:** Шарофзода Р.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье анализируются теоретические вопросы классификации форм государства. Путем классификации форм государства определяются его составные элементы. Вопросы классификации форм государства должна решаться на основе критериев, характеристик форм государства, то есть способов организации государственной власти. По мнению некоторых авторов, понятие формы государства состоит из четырех элементов: форма правления, форма государственного устройства, политический режим, политическая динамика. Другие авторы рассматривают политическую динамику как политический режим. В связи с этим в науке существует множество споров. Форма государства понимается в узком и широком смысле. В узком смысле форма государства представляет собой лишь форму правления. В широком смысле под ним понимают сочетание формы правления и формы государственного устройства. Политический режим представляет собой сущность государства. По форме правления в основном делятся на монархию и республику. Монархия делится на деспотизм, абсолютный и ограниченный. Республика разделена на аристократическую и демократическую. Формы государственного устройства делятся на унитарные и федеративные. Конфедерация определяется как союз государств. Политический режим не имеет никакого отношения к форме государства. По мнению автора, данная классификация является общей и отражает все исторические типы государства. Некоторые учёные выступают против предложенной классификации и предполагают, что форма государства состоит из формы правления, формы государственного устройства и политического режима.

**Ключевые слова:** Форма правления, классификация, политический режим, форма государственного устройства, монархия, президент, парламент, республика, аристократия, федеративное государство, унитарное государство, конфедерация.

## CRITERIA FOR CLASSIFICATION OF FORMS OF GOVERNMENT

**Kukanov Ainiddin Zainiddinovich,**
Tajik National University, Faculty of law, associate professor of the department of Theory and History of State and Law
**Тел.:**+992985674477
**E-mail:** kukanov-ayniddin@mail.ru

**Research supervisor:** Sharofzoda R.Sh., doctor of legal sciences, Professor
**Reviewer:** Azizzoda U.A., doctor of legal sciences, Professor

**Annotation:** In the article, the theoretical issues of the classification of forms of government are analyzed. By classifying the forms of the state, its constituent elements are determined. The problem of classification of forms of state should be solved on the basis of criteria, characteristics of forms of state, that is, ways of organization of state power. According to some authors, the concept of the form of the state consists of four elements: the form of government, the form of the state structure, political regime, political dynamics. Other authors envisage political dynamics as a political regime. In connection with this, there are many disputes in science. The form of the state is understood in a limited sense and a broad sense. The form of the state is understood in a limited sense and a broad sense. In a limited sense, the form of the state represents only the form of governance. In a broad sense, it is understood as a combination of the form of government and the form of the state structure. The political regime represents the essence of the state. The form of government is mainly divided into monarchy and republic. Monarchy is divided into despotism, absolute and limited. The republic is divided into aristocratic and democratic. The forms of state structure are divided into unitary and federal. A confederation is defined as a union of states. The political regime has no relation to the form of the state. According to the author, this classification is general and represents all historical types of the state. Some scientists are against this proposed classification and suggest that the form of the state consists of the form of management, the form of the state structure and the political regime.
**Keywords:** form of government, classification, political regime, form of the state structure, monarchy, president, parliament, republic, aristocracy, federal state, unitary state, confederation.

Масъалаи тасниф яке аз масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ буда, аҳаммияти бисёр муҳим дорад. Таснифи давлат имкон медиҳад, ки онро амиқ омухта, барои гуногунии ҳамеша ивазшавии шакли давлат сарфаҳм рафт. Барои муаяйн намудани тасниф он бояд дар асоси маҳаки илмӣ гузаронида шавад. Ҳаққонияти тасниф пеш аз ҳама дар асоси ба даст овардани нуқтаҳои илмии гуногун вобаста ба масъалаи муаяйн пайдо мешавад. Ба андешаи Магазинер Л.М. нуқтаи илмӣ барои таснифи давлатҳо ин принсипи ҳуқуқии ташкили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Қайд мегардад, ки маҳаки асосии тасниф вазъи ҳуқуқии сардори давлат мебошад. Бо дарназардошти тамомияти ҳокимият, аз як тараф монарх, аз тарафи дигар халқ, Магазинер Л.М. ҳашт намуди шакли идоракуниро ҷудо мекунад. 1) деспотия – мақомоти расмӣ ҷой надорад, ки барои амалишавии ҳокимияти давлатӣ ба монарх таъсир расонад; 2) худкома – мақомоти расмӣ ҷой дошта, ба амалишавии ҳокимияти монарх таъсир мерасонад; 3) монархияи дуалистӣ – сиёсати ҳукуматро монарх пеш мебарад; 4) монархияи парлумонӣ – сиёсати ҳукуматро парламент муаяйн мекунад; 5) ҷумҳурии парлумонӣ – сиёсати ҳукуматро парламент пеш

мебарад; 6) ҷумҳурии президентӣ – сиёсати ҳукуматро президент муаяйн мекунад; 7) ҷумҳурии бевосита намояндагӣ; 8) ҷумҳурии бевосита намояндагӣ – яъне ба амалишавии ҳокимияти соҳибихтиёри халқ Шурои намояндагӣ бо доштани функсияи қонунгузорӣ таъсир мерасонад[100].

Таснифи пешниҳодшудаи давлатҳо тааҷҷубовар ба назар мерасад. Аммо он як қатор камбудӣ дорад: Якум, дар таснифи гузаронидашуда раванди якҷошавии шакли идоракунӣ ва режими сиёсӣ ба назар мерасад. Дуюм, дар таснифи гузаронидашуда шакли сохти давлатӣ пешбинӣ намешавад. Албатта ин муҳим мебошад вақте, ки сухан дар бораи хислати умумии давлатҳо меравад. Дар консепсияи назариячиёни давраи инқилоби буржуазӣ шакли давлат аз нуқтаи назари вазъи ҳуқуқӣ таҳлил мегардад. Яъне танҳо вазъи ҳуқуқии мақомоти олии давлатӣ ба сифати маҳаки асосии таснифи мафҳуми шакли давлат истифода мешавад. Диққати ҷиддӣ бештар ба вазъи ҳуқуқии сардори давлат дода мешавад.

Масъалаи таснифи шаклҳои давлат бояд дар асоси маҳакҳо, хусусиятҳои шаклҳои давлат, яъне тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ҳал гардад. Ба андешаи бархе аз муаллифон мафҳуми шакли давлат аз чор унсур иборат аст: шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ, режими сиёсӣ ва динамикаи сиёсӣ. Муаллифони дигар динамикаи сиёсиро ҳамчун режими сиёсӣ пешбинӣ мекунанд[101]. Вобаста ба ин дар илм баҳсҳои зиёд ҷой дорад.

Ба андешаи А.И. Денисов шакли давлат ба маънои маҳдуд ва маънои васеъ фаҳмида мешавад. Ба маънои маҳдуд шакли давлат танҳо шакли идоракуниро ифода мекунад. Ба маънои васеъ бошад, ҳамчун маҷмуи шакли идоракунӣ ва шакли сохти давлатӣ фаҳмида мешавад. Режими сиёсӣ бошад, моҳияти давлатро ифода мекунад.

Чунончи, А.И. Денисов шаклҳои давлатро чунин тасниф мекунад. Шакли идоракунӣ асосан ба монархия ва ҷумҳурӣ ҷудо мешавад. Монархия ба деспотия, мутлақ ва маҳдуд тақсим мешавад. Ҷумҳурӣ ба аристократӣ ва демократӣ ҷудо мешавад. Шаклҳои сохти давлатӣ ба унитарӣ ва федеративӣ ҷудо мешавад. Конфедератсия чун иттиҳоди давлатҳо ифода мегардад. Ба андешаи Денисов А.И. режими сиёсӣ ба шакли давлат муносибат надорад[102]. Ба андешаи муаллиф ин таснифи гузаронидашуда умумӣ буда, тамоми навъҳои таърихии давлатро таҷассум мекунад. Баъзе аз олимон муқобили ин таснифи пешбинишуда буда, пешниҳод мекунанд, ки шакли давлат аз шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ ва режими сиёсӣ иборат мебошад[103].

Ба андешаи Г. Келзен шакли давлат ду нишонаи асосӣ дорад: 1) тарзу усулҳои ҳуқуқии ташкили ҳокимияти соҳибихтиёр; 2) вазъи ҳуқуқии шахсият дар давлат. Вобаста ба нишонаи якум се намуди шакли давлат, монархия, аристократия ва демократия ҷудо карда мешаванд. Аз рӯйи нишонаи дуюм шакли давлат ба демократия ва аристократия тақсим мешавад[104].

---

[100] Ниг.: Магазинер Л.М. Общее учение о государстве. – Пг., 1992. – С. 422.
[101] Ниг.: Чиркин В.Е. Элементы сравнительного государствоведения. – М., 1994. – С. 48.
[102] Ниг.: Денисов А.И. Сущность и формы государства. – М., 1960. – С. 13.
[103] Ниг.: Петров В.С. Типы и формы государства. – Л., 1967. – С.68
[104] H. Kelsen. General theory of law and State. Cambridge, 1946., pp. 283-284.

Ба андешаи олими Болгария В. Сонев шакли сохти давлатӣ барои таснифи шакли давлат ягон аҳаммият надорад ва бояд аз унсурҳои шакли давлат бардошта шавад[105]. Аммо ба андешаи бисёре аз олимони илми ҳуқуқшиносии Россияи муосир шакли давлат аз се унсури асосӣ, яъне шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ ва режими сиёсӣ иборат аст[106].

Аз рӯйи шакли идоракунӣ давлатҳо ба монархия ва ҷумҳурӣ тақсим мешаванд. Монархия чунин шакли идоракуниест, ки ба мансубияти ҳокимияти олии давлатӣ ба монарх (шоҳ, султон, амир, император) асос меёбад. Дар таърихи давлатдорӣ намудҳои гуногуни монархия, аз қабили монархияи мутлақ, монархияи табақавии намояндагӣ, монархияи маҳдуд ва монархияи дуалистӣ маълуманд. Дар ҷаҳони имруза монархияи парлумонӣ ё конститутсионӣ, монархияи теократӣ, аз ҷумла исломӣ бештар мушоҳида мешаванд. Дар адабиёти илмии муосир таснифҳои гуногуни монархия ҷой доранд. Чунончи, вобаста ба мансубияти воқеӣ ё шаклии ваколатҳои ҳокимиятӣ ба монарх, ду намуди монархия ҷудо карда мешаванд: 1) монархияҳои воқеӣ; 2) монархияҳои номиналӣ. Дар таснифҳои дигар монархияи воқеиро монархияи мутлақ, монархияи номиналиро бошад, монархияи маҳдуд ё парлумонӣ меноманд.

Тибқи таснифи дигар, се намуди монархия ҷудо карда мешавад: 1) монархияи маҳдуд; 2) монархияи мутлақ; 3) монархияи дуалистӣ. Дар монархияи дуалистӣ қонунҳоро парламент қабул мекунад, монарх тавассути ҳукумат давлатро идора мекунад. Монархияи дуалистӣ дар Олмон, Туркия, Тайланд, Ливия, Непал ва дигар кишварҳо вуҷуд дошт[107].

Дар монархияи парлумонӣ ваколатҳои ҳокимиятӣ байни монарх, парламент, ҳукумат тақсим карда мешавад. Монархияи парлумонӣ дар ҳамаи кишварҳои Аврупо аз ҷумлаи Британияи Кабир, Норвегия, Дания, Белгия, Голландия ва ғ. вуҷуд дорад. Монархияҳои воқеӣ бештар дар давлатҳои исломӣ вуҷуд доранд. Онҳоро монархияҳои теократӣ меноманд. Монархияҳои парлумонӣ бештар дунявӣ буда, шоҳигариҳои исломӣ давлатҳои динӣ мебошанд. Монархияҳои парлумонӣ ва исломӣ бо салоҳияти монархҳо низ фарқ мекунанд. Чунончи, сарвари Британияи Кабир – Шоҳ шаклан салоҳиятҳои зерини ҳокимиятӣ дорад: таъйини сарвазир ва аъзои ҳукумат, дигар шахсони мансабдори давлат (судяҳо, дипломатҳо, ходимони волои динӣ), ҳуқуқи вето ба лоиҳаи қонун, сарфаҳмондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ, тасдиқи шартномаҳои байналхалқӣ, эълони ҷанг ва имзои сулҳ, ҳуқуқи авф. Аммо воқеан ин ваколатҳои Шоҳро аъзои ҳукумат иҷро мекунанд, масалан санадҳои Шоҳро имзо мекунанд.

Салоҳияти монарх дар давлатҳои исломӣ бештар воқеӣ мебошанд. Бо ин хислат онҳо аз монархияҳои аврупоӣ фарқ мекунанд. Дар шоҳигарии исломӣ сарвари давлат дорои ваколатҳои муҳимми ҳокимияти мебошад. Чунончи, Шоҳ дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ сарвари давлат, раиси Шурои вазирон, сарфаҳмондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Ӯ ҳуқуқи эълон намудани ҷанг, вазъияти фавқулода ва сафарбарии умумӣ

---

[105] Ниг.: Левин И.Д. Современная буржуазная наука государственного права. – М. 1960.– С.350

[106] Ниг.: Теория государства и права / Под.ред. Марченко М.Н. – М., 1996. – С. 96-109.

[107] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Д., 2018. – С. 267.

дошта, ба ҳамаи вазифаҳои масъули шаҳрвандӣ, ҳарбӣ, дипломатӣ таъйин мекунад.

Ҷумҳурӣ шакли идоракунист, ки дар он мақомоти олии давлатӣ ба муҳлати муайян интихоб мешаванд. Замонҳои пеш ҷумҳурӣ дар шакли аристократӣ, демократӣ ва олигархӣ арзи вуҷуд дошт. Дар замони имруза ҷумҳурии президентӣ, ҷумҳурии парлумонӣ ва ҷумҳурии омехтаро фарқ мекунанд. Дар ҷумҳурии президентӣ ҳам сарвари давлат ва ҳам парламент интихоб мешаванд. Президентро шаҳрвандон бевосита ва бавосита, яъне тавассути интихобкунандагон интихоб мекунанд.  Дар ИМА ҳокимияти қонунгузор ба парламент (Конгресс), ҳокимияти олии иҷроия ба Президент ва ҳокимияти олии судӣ ба Суди Олӣ тааллуқ дошта, вазифаи сарвазир пешбинӣ намешавад, Президент чун сарвари ҳокимияти иҷроия ба кори кабинет роҳбарӣ мекунад[108].

Дар ҷумҳурии парлумонӣ ҳокимияти қонунгузор тариқи интихоби ҳизбҳои парлумонӣ аз ҷониби шаҳрвандон ташкил мешавад, сарвари давлат Президент бошад, аз ҷониби парламент интихоб мешавад. Ҳукуматро низ парламент аз ҳисоби ҳизби сиёсии ғолиб ташкил мекунад ва аз болои ҳукумат назорат мебарад. Президент метавонад парламентро пароканда намояд. Парламент метавонад ҳукуматро ба истеъфо равон кунад. Ҳукумат метавонад бо дастгирии Президент ба парокандашавии парламент ва интихоботи нав ба парламент муваффақ гардад.

Дар ҷумҳурии парлумонӣ нақши ҳизбҳои сиёсии парлумонӣ, хусусан ҳизбҳое, ки дар парлумон соҳиби аксари ҷой гаштаанд, калон мебошад.

Бо назардошти истифодаи якҷояи унсурҳои ҷумҳурии президентӣ ва ҷумҳурии парлумонӣ дар адабиёти илмии солҳои охир боз як шакли дигари идоракуниро бо номи шакли идоракунии омехта ё идораи нимпрезидентӣ, нимпарлумонӣ ҷудо мекунанд.

Ҷумҳурии омехта – чунин шакли идоракуниест, ки сардори давлат аз ҷониби аҳолӣ интихоб карда мешавад, ҳукуматро президент ташкил мекунад ва дар назди вай ҳисоботдиҳанда аст, президент ҳуқуқи пароканда намудани парламентро дорад. Хусусияти расмии фарқкунандааш мавҷуд будани мансаби сарвазир аст.

Чунин шакли идоракунӣ аввалин маротиба дар Фаронса соли 1958 бо ташаббуси Шарл Де Голл пайдо шудааст[109]. Бисёр вақт шакли идоракунии президентӣ-парламентӣ вомехурад, масалан шакли идоракунии давлати Фаронса, ки дар он ҳукумат ҳам дар назди Президент ва ҳам дар назди Маҷлиси Миллӣ масъулият дорад[110]. Шакли идоракунии ҷумҳурии омехтаи давлатҳои гуногун ба худ махсусиятҳои миллиро хос мебошад. Ҳамин тавр, дар Полша сарвари давлат – аз соли 1990 инҷониб Президент ба шумор меравад, ки бо роҳи интихоботи умумӣ ба муҳлати 5 сол ва танҳо як маротиба интихоб карда мешавад. Дар асоси Конститутсияи соли 1997

[108] Ниг.: Саъдизода Дж., Бобозода У.Э. Принципы проведения выборов Президента Республики Таджикистан. // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №3 (35). Душанбе, 2021. – С. 62-72.
[109] Арановский К.В. Государственное право зарубежных стран. – М., 2001. – С. 170.
[110] Пелипенко А.Н. Франция: Усиление роли парламента. // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения, 2010. № 5 (24). – С. 45 – 50.

президент дорои салоҳияти васеъ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва мудофиаи мамлакат дорад, аз ҷумла сафиронро ба вазифа таъйин намуда онҳоро даъват мекунад, шартномаҳои байналмилалиро тасдиқ мекунад, раисони мақомоти судҳои олӣ ва қувваҳои мусаллаҳи давлатро ба вазифа таъйин мекунад, ин таъйин намудан ба вазифаҳо бо розигии сарвазир ба амал баровarда мешавад. Инчунин президент сарвазирро ба вазифа таъйин мекунад, дар мавридҳои зарурӣ вай метавонад парламентро пароканда намояд, ҳуқуқи вето гузоштан ба қонунҳоро дорад, ҳолати ҷангӣ эълон намояд. Сейм ва Сенат дар ҷумҳурӣ вазифаи ҳокимияти қонунгузорро ба амал мебароранд. Сейм ба муҳлати 4 сол дар асоси овоздиҳии пинҳонии умумӣ интихоб карда мешавад. Сенат низ ба муҳлати 4 сол дар асоси овоздиҳии пинҳонии умумӣ интихоб карда мешавад. Сейм аз 460 вакил ва Сенат бошад аз 100 сенатор иборат аст. Сейм ва Сенат бо роҳбарии маршали Сейм ҷаласаи якҷоя мегузаронанд. Сейм – мақомоти олии идоракунандаи давлат ба шумор меравад. Ҷумҳурии Полша Суди Олӣ, инчунин судҳои маҳаллӣ, ҳарбӣ ва судҳои махсусро дорад, ки раисони судҳо, аз ҷумла Раиси Суди Олӣ ва ноиби раиси Суди Конститутсиониро президент ба вазифа таъйин мекунад. Раисони Суди Конститутсионӣ, Суди давлатӣ ва Палатаи олии идоракунанда ва масъулиятдор оид ба ҳуқуқи инсонро Сейм бо розигии Сенат ба вазифа таъйин мекунад.

Вобаста ба шакли сохти давлатӣ давлатҳо ба унитарӣ ва федеративӣ ҷудо мешаванд. Ё ба истилоҳи дигар ба оддӣ ва мураккаб ҷудо мешаванд. Шакли оддии сохти давлатӣ дар таркиби худ ташкилоти соҳибихтиёр надорад. Чунин шакли сохти давлатиро унитарӣ меноманд. Шакли мураккаби сохти давлатӣ аз ташкилотҳои соҳибихтиёр, аз қабили штатҳо, ҷумҳуриҳо, кантонҳо ва ғ. иборат мебошад. Давлати мураккаб вобаста ба сохташ ба протекторат ва уния ҷудо мешавад. Протекторат чунин сохти давлатдорӣ мебошад, ки дар шароити он дар ин ё он ҳудуд шартнома байни давлати пурқувват ва нодор баста мешавад.

Дар зери мафҳуми уния иттифоқ, ҳамроҳшавӣ, муттаҳид шудани давлатҳо фаҳмида мешавад. Дар таркиби уния конфедератсия, федератсия, муттаҳид шудани давлатҳои монархӣ фарқ карда мешавад.

В.Е. Чиркин бо назардошти он, ки шаклҳои давлат дар кишварҳои гуногун хусусиятҳои хос ва аломатҳои умумӣ доранд, таснифи шаклҳои давлатро мегузаронад. Муаллиф се шакли давлатро ҷудо мекунад: 1) «монократӣ», 2) «поликратӣ», 3) «сегментӣ».

Шакли монократии давлат ба аломатҳои зерин асос меёбад: мансубияти ҳокимияти давлатӣ ба як шоҳ, ба як мақоми давлатӣ ё ба якчанд мақоми давлатии ҳаммаъно; низоми якҳизбӣ; ҳукмронии як идеологияи давлатӣ; иқтисоди ягонаи давлатӣ. Ин шакли давлат дар кишварҳои сатҳи тараққиёташон баланд ё паст ташаккул меёбад. Ҳамчунин намудҳои зерини ин шакли давлат ҷудо карда мешаванд: 1) шакли монократии илоҳӣ дар кишварҳои исломӣ (Арабистони Саудӣ, АМА ва диг.); 2 фашистӣ (пештар дар Олмон, Италия, Испания); ҳарбӣ (Бразилия то охири соли 1980-ум); 4) тоталитарӣ.

Шакли поликратӣ ба тақсияи ҳокимият, гуногунии мафкуравӣ, низоми бисёрҳизбӣ, усулҳои демократии ҳокимиятдорӣ асос ёфта, дар давлатҳои шакли идоракуниашон ҷумҳуриявӣ ё монархияи парлумонӣ, дар давлатҳои унитарӣ ва федеративӣ арзи вуҷуд дорад. Он ду намуд мешавад: анъанавӣ ва пасосотсиалистӣ.

Шакли сегментӣ (Миср, Марокко, Венесуела, Индонезия, Нигерия, Сенегал ва ғ.) хислатҳои зерин дорад: дар тақсияи ҳокимият нуфузи ҳокимияти иҷроия баланд аст; усулҳои авторитарӣ истифода мешаванд; ҳуқуқи инсон дар Конститутсия эълон шуда, вале дар амал таъмин нестанд; фаъолияти ҳизбҳо маҳдуд аст. Ду намуди ин шакли давлат ҷудо карда мешавад: авторитарӣ ва миёнаи либералӣ[111].

Ҳамин тариқ таснифи шаклҳои давлат дар асоси ягонагии се унсури асосии он амалӣ карда мешавад. Гузашта аз ин ба мақсад мувофиқ аст, ки таснифи унсурҳои дохилии шаклҳои давлат дар асоси тамоми ҷанбаҳои таърихӣ гузаронида шавад[112].

**Адабиёт:**


1. Магазинер Я.М. Общее учение о государстве. – Пг., 1922. – 490с.
2. Чиркин В.Е. Элементы сравнительного государствоведения. – М., 1994. – 152с.
3. Денисов А.И. Сущность и формы государства. – М., 1960. – 67 с.
4. Петров В.С. Типы и формы государства. – Л. 1967. – 118 с.
5. H. Kelsen. General theory of law and State. – Cambridge, 1946., pp. 283-284.
6. Левин И.Д. Современная буржуазная наука государственного права. – М. 1960. – 397с.
7. Саъдизода Дж., Бобозода У.Э. Принципы проведения выборов Президента Республики Таджикистан // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №3 (35). Душанбе, 2021. – С. 62-72.
8. Теория государства и права / Под. ред. Марченко М.Н. – М., 1996. – 607 с.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Д., 2018.– 719 с.
10. Арановский К.В. Государственное право зарубежных стран. – М., 2001. – 488 с.
11. Пелипенко А.Н. Франция: Усиление роли парламента. // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения, 2010. № 5 (24). – С. 45-50.
12. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Д.2010. – 460 с.
13. Теория государства и права / Под ред. Матузова Н.И. и Малько А.В. – М., 2002. – 528 с.


[111] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Д.2010. – С. 456.
[112] См.: Теория государства и права / Под ред. Матузова Н.И. и Малько А.В. – М.,2002. – С. 78-92.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Мирзозода Фархундаи Субҳон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқ
Тел.: (+992) 918320001
E-mail: doktoranturad@gmail.com

**Фишурда:** Асри XXI давраи нав дар таърихи тамаддуни инсонӣ ва ҷаҳонишавии бошиддати ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Он аз даврахои қаблӣ пеш аз ҳама бо тағйироти шадиди траекторияи рушди инсоният, рушди босуръат, тағйирот дар ҳаёти ҳар як халқ, ҳар як инсон фарқ мекунад. Бемуболиға, асри XXI-ро асри ҷаҳонишавӣ ё асри тамаддуни ҷаҳонӣ меноманд, зеро имрӯз инсон худро дар баробари мушкилот ва таҳдидҳои зиёди хусусияти ҷаҳонидошта, боз бо пешрафти илму техника, муттаҳидшавии кушишҳо ва захираҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамгироии амалҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ дар зинаи баланди ҳаётӣ дарк менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавии бошиддат ҳамарӯза дар муошират ва рафтори шахс зери низоми тарбияи маданию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ рушд ёфта истодааст.

**Калидвожаҳо:** Маърифати ҳуқуқӣ, ҷаҳонишавии ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, рушди тафаккури шаҳрванд, дониши ҳуқуқӣ, функсияҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрванд.

# ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ В ПРОЦЕССЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**Мирзозода Фархундаи Субхон,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, кафедра теории и истории государства и права, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 918320001
**E-mail:** doktoranturad@gmail.com

**Аннотация:** XXI век – это новая эпоха в истории человеческой цивилизации и стремительной глобализации всех сфер, включая правовую глобализацию. Она отличается от предыдущих эпох, прежде всего, резкими изменениями траектории развития человечества, быстрым развитием, изменениями в жизни каждого народа, каждого человека. Без преувеличения XXI век называют веком глобализации или веком глобальной цивилизации, поскольку сегодня человек осознает себя перед

лицом многих проблем и угроз глобального характера, опять же с прогрессом науки и техники, интеграцией усилий и ресурсов всего мирового сообщества, интеграции действий и взаимопонимания на высоком уровне жизни. Правовое просвещение в условиях интенсивной глобализации с каждым днем развивается в общении и поведении человека в системе культурного, культурно-правового образования.

**Ключевые слова:** Правовое просвещение, глобализация права, правосознание, правовая культура, развитие мышления гражданина, правовые знания, функции правовой культуры, общественные отношения, образование и правовое воспитание граждан.

## LEGAL EDUCATION IN THE PROCESS OF GLOBALIZATION

**Mirzozoda Farkhundai Subhon**
Tajik national university, Faculty of law, department of theory and history of state and law, c.l.s.
**Phone:** (+992) 918320001
**E-mail:** doktoranturad@gmail.com

**Annotation:** The 21st century is a new era in the history of human civilization and the rapid globalization of all spheres, including legal globalization. It differs from previous eras, first of all, in the sharp changes in the trajectory of human development, rapid development, changes in the life of every nation, every person. Without exaggeration, the 21st century is called the century of globalization or the century of global civilization, since today people are aware of themselves in the face of many problems and threats of a global nature, again with the progress of science and technology, the integration of efforts and resources of the entire world community, the integration of actions and mutual understanding at a high level of life. Legal education in the context of intense globalization is developing every day in communication and human behavior in the system of cultural, cultural and legal education. In other words, legal knowledge is part of holistic knowledge, and legal knowledge complements and increases its social value.

**Key words:** legal education, globalization of law, legal consciousness, legal culture, development of citizen thinking, legal knowledge, functions of legal culture, public relations, education and legal education of citizens.

**Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Аллакай аз эълон гардидани Соли маърифати ҳуқуқӣ чанд моҳ сипарӣ мегардад. Ҳар як фарди солимфикри ҷомеа, махсусан олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ баъди пешниҳоду раҳнамоии Роҳбари оқилу доноӣ кишвар кушиш ба харҷ медиҳанд, ки дар ин соли фаромӯшношуданиву соли пешравиҳо, соли идеяҳои ояндасоз, соли бозёфтҳои илмӣ дар соҳа - соли рушди маърифати ҳуқуқӣ саҳмгузор бошанд. Ногуфта намонад, ки барои ҳуқуқшиносон солгарди ҳуҷҷати тақдирсоз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ боиси ифтихору сарфарозист, зеро қонуни бузург таъминкунандаи асосии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, низоми мукаммал дар адолат муқаррар гардидааст.

Мувофиқ ба талаботи моддаи 40-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон "ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад". Иштироки озодонаи шахс дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ба сатҳи маърифатнокию дониши ҳуқуқии шахс рабт дорад.

Ё дар ҷойи дигар, тибқи муқаррароти моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон "ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд". Албатта, риояи қонун ва эҳтироми шаъну шараф ба маърифати ҳуқуқии аҳли ҷомеа вобастагии ногусастанӣ дорад.

"Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст" – омадааст дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бе доштани маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, дарки ин мафҳум ҳифзи давлат, мустаҳкамии истиқлолият, қуввату қудрати дифои он ногузир аст.

Дар адабиёти илми ҳуқуқшиносӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ олимони хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд намудаанд. Ба монанди О.О. Миронов[113], И.А. Иванников[114], Дотсенко А.С.[115], Андреева Е.Е.[116], Атагимова Э.И.[117], Байниязов Р.С.[118], Певцова Е.А.[119], Соколов Н.Я. ва дигарон.

Профессор О.О. Миронов маърифати ҳуқуқиро "танҳо марҳилаи ибтидоӣ дар фаҳмиши категорияҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ" маънидод

---

113 Миронов О.О. Правовое просвещение — функция омбудсманов // Право и образование. – 2009. – № 5. – С. 13-29.

114 Иванников И. А. Теория государства и права: учебник. – М.: РИОР; Инфра-М : Академцентр, – 2012. – С. 280.

115 Доценко А.С. О понятии правового просвещения. Актуальные проблемы российского права. 2020. – Т. 15. № 1 (110) январь 185.

116 Андреева Е.Е., Морозов Г.Б. Об эффективных формах правового просвещения граждан Российской Федерации // Педагогическое образование в России. – 2016. – № 1. – С. 75-81.

117 Атагимова Э. И. Роль правового просвещения в развитии правового государства // Вестник Московского гуманитарно-экономического института. –2016. – № 4. – С. 61-68.

118 Байниязов Р. С. Правосознание и правовой менталитет в России: Введение в общую теорию: монография. – Саратов : СЮИ МВД России, 2001. –296 с.

119 Певцова Е. А. Правовая культура и правовое воспитание в России на рубеже XX-XXI веков. – М.: Новый учебник, 2003. – 416 с.; Певцова Е. А., Соколов Н. Я. Правовое просвещение в России: состояние и проблемы : монография. – Ярославль – Москва: Канцлер, 2013. – 240 с.

менамояд, ки "таълим, тарбияи фарҳанги ҳуқуқи инсон, маориф дар соҳаи ҳуқуқ" ҳамчун зинаҳои минбаъда ба ҳисоб рафта, ин категорияҳо ба ҳам наздик, аммо якхела нестанд"[120].

Олими дигари рус И.А. Иванников маърифати ҳуқуқиро яке аз усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ мефаҳмад ва онро чунин муайян мекунад: маърифати ҳуқуқӣ раванди паҳн кардани донишҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ мебошад, ки ба афзоиши фарҳанги ҳуқуқии онҳо, муносибату эҳтиром ба ҳуқуқ, адолат ва қонуният мусоидат мекунад[121].

Дотсенко А.С. ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқии ҷомеаро натиҷаи ниҳоии пешбинишудаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ медонад[122].

Ҳамзамон дар адабиёти таълимӣ олимон ҳангоми таҳлили масъалаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар бораи маърифати ҳуқуқӣ кам зикр мекунанд, аммо аксар вакт маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад.

Олимон маърифати ҳуқуқиро доштани фаҳмиши ҳуқуқӣ, то як андозаи муайян бархурдор будан аз илми ҳуқуқшиносӣ ё донистани илми ҳуқуқшиносӣ медонанд.

Дар асарҳо ва мақолаҳои ҷудогонаи олимони тоҷик Шарофзода Р. С., Насриддинзода Э.С., Ғаюрзода Ш.К., Сафаров Б.А., Тоҳиров Ф.Т., Раҳимзода Р.Ҳ., Холиқзода А.Ғ., Раҷабзода Р.М., З.Сангинзода Д., Азиззода У.А., Буризода Э.Б., Зоир Ҷ.М., Муҳибуллозода ва дигарон низ баъзе паҳлуҳои маърифати ҳуқуқӣ таҳқиқу таҳлил гардидаанд.

Ба андешаи профессор Насриддинзода Э.С. фаҳмиши ҳуқуқ, ки хоси даврони муосири таърихӣ мебошад, фарҳанги ҳуқуқӣ дар доираи маърифати нави ҳуқуқӣ, дар асоси шинохти ҳуқуқҳои ҷудоинопазири инсон, озодии иктисодӣ, эҷодӣ, илмӣ ва намуди дигари фаъолиятҳо, консепсияи ҳуқуқҳои табиии инсон шакл мегираду рушд менамояд. Аз ин лиҳоз, фарҳанги ҳуқуқӣ комёбиҳои мавҷударо дар заминаи ҳуқуқ (маълумоти ҳуқуқӣ, парламенти касбӣ, ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон ва ғайра) инъикос менамояд. Фарҳанги ҳуқуқӣ танҳо бо дарки ҳуқуқ шеваи озодӣ ва адолат тасаввурпазир аст[123].

Муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла профессор Раҷабзода Р.М. функсияҳои фарҳанги ҳуқуқиро чунин муайян намудааст:

1. Функсияи танзимкунӣ, ки дар ҷараёни танзими фаъолияти одамон тавассути арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳангӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар сарчашмаҳои

---

[120] Миронов О. О. Правовое просвещение – функция омбудсманов // Право и образование. – 2009. – № 5. – С. 13-29.

[121] Иванников И. А. Теория государства и права: учебник. – М.: РИОР; Инфра-М: Академцентр, – 2012. – С. 280.

[122] Доценко А. С. О понятии правового просвещения. Актуальные проблемы российского права. – 2020. Т. 15. № 1 (110) январь 185.

[123] Насриддинзода Э.С. дар мавзуи "Маориф ва раванди густариши маърифати ҳуқуӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" / дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ /, "Агентии итилооти Ховар". 13.01.2024.

ҳуқуқ амалӣ мешавад. Функсияи мазкур бо мақсади танзими ҳаёти фаъолияти одамон тавассути тадбирҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ (тарбиявӣ, таҳсилотӣ ва ғайра) равона шудааст.

2. Функсияи иттилоотӣ-коммуникативӣ. Ин функсия бо мақсади паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, робитаи иттилоотии байни давлат ва шаҳрвандон ва байни шаҳрвандон амалӣ мешавад.

3. Функсияи тарбиявӣ-таҳсилотӣ. Функсияи мазкур дар ҷараёни тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, бозомӯзии кадрҳои ҳуқуқшинос, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ истифода мешавад.

4. Функсияи маърифатӣ. Фарҳанги ҳуқуқӣ аз маҷмуи донишҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо, тасаввуроти ҳуқуқӣ иборат буда, дар раванди омӯзиши воқеияти ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Функсияи маърифатӣ бо мақсади дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ амалӣ мешавад.

5. Функсияи арзишӣ бо мақсади дарку таҳлил, паҳн намудан ва амалисозии арзишҳои ҳуқуқӣ амалӣ мешавад. Функсияи мазкур бо назардошти робитаи айни арзишҳои ҳуқуқии умумиинсонӣ ва миллӣ амалӣ мешавад.

6. Функсияи ҳифзи мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ ҳимояи манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла, фарҳанги ҳуқуқии миллӣ (осори ҳуқуқии таърихӣ, анъанаҳои ҳуқуқи миллӣ, арзишҳои ҳуқуқии миллӣ) аҳаммияти аввалиндараҷа дорад[124].

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи функсияҳои фарҳанги ҳуқуқӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ мавқеи худро доранд.

Функсияи маърифатии фарҳанги ҳуқуқиро муаллифон хуб тавзеҳ медиҳад. Дар ҳақиқат фарҳанги ҳуқуқӣ аз маҷмӯи донишҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо, тасаввуроти ҳуқуқӣ иборат буда, дар раванди омӯзиши воқеияти ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Функсияи маърифатӣ бо мақсади дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ амалӣ мешавад. Ба мероси ҳуқуқии миллӣ ва ҳифзи он, замони муосир зарурати аз нав арзёбӣ кардани баъзе муқаррароти он ба миён меояд ва дар тағйири парадигмаҳои илмӣ-ҳуқуқӣ, навсозии арзишҳои дар ҳуқуқ мавҷудбуда, сукути арзишҳои пешина ва ташаккули идеалҳои нав, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳуқуқии самараноки танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйироти инқилобӣ дар таълими ҳуқуқӣ ифода меёбанд.

Ҳуқуқшиноси шинохта профессор Ш. Ғаюрзода таъкид менамояд “меҳвари ҳама гуна муносибати ҷамъиятӣ, аз он ҷумла муносибатҳои ҳуқуқӣ, бояд инсон ва шаҳрванд бошад. Ва ҳама гуна қонун, аз ҷумла қонуни асосӣ маҳак ва меъёрсози ҳаёти шоиста барои инсон ва шаҳрванд дар ҷамъият аст. Ҳарчанд инсон ва шаҳрванд аз ин мақоми баланди худ огаҳ ёфт, вораста ва озода мегардад, ки мазмуни ин огаҳӣ маърифат аст”.

Дар ҷойи дигар, ҳуқуқшинос З. Муҳибуллозода “Маърифати ҳуқуқиро маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, донистани қонунҳо, санадҳои

---

[124] Бобоҷонзода И.Ҳ. Мафҳуми “маърифати ҳуқуқӣ” дар илми ҳуқуқшиносӣ. http://www.zoofirma.ru/, 2024.

зерқонунӣ ва истифодаи дурусти онҳо аз ҷониби шаҳрвандон медонад. Масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии кишвар қарор гирифтааст".

Дар адабиёти таълимӣ олимон ҳангоми таҳлили масъалаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар бораи маърифати ҳуқуқӣ кам зикр мекунанд, аммо аксар вақт маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад. Маърифати ҳуқуқиро доштани фаҳмиши ҳуқуқӣ, то як андозаи муайян бархурдор будан аз илми ҳуқуқшиносӣ ё донистани илми ҳуқуқшиносӣ медонанд.

Бо итминон метавон таъкид кард, ки асри XXI давраи нав дар таърихи тамаддуни инсонӣ ва ҷаҳонишавии бошиддати ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Он аз давраҳои қаблӣ пеш аз ҳама бо тағйироти шадиди траекторияи рушди инсоният, рушди босуръат, тағйирот дар ҳаёти ҳар як халқ, ҳар як инсон фарқ мекунад. Бемуболиға, асри XXI-ро асри ҷаҳонишавӣ ё асри тамаддуни ҷаҳонӣ меноманд, зеро имрӯз инсон худро дар баробари мушкилот ва таҳдидҳои зиёди хусусияти ҷаҳонидошта, боз бо пешрафти илму техника, муттаҳидшавии кӯшишҳо ва захираҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамгироии амалҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ дар зинаи баланди ҳаётӣ дарк менамояд.

Дар шароити вусъат пайдо намудани ҷаҳонишавӣ ва рушди равандҳои демократӣ аҳаммияти маърифатнокии ҳуқуқӣ ба маротиб боло рафтааст.

"Маориф ва маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ниҳоди пурмасъул дар даврони ҷаҳонишавӣ таъминоти фаромиллӣ дорад, чунки аксарияти арзишҳо, махсусан, арзишҳои фарҳангӣ тавассути маориф ва маърифати ҳуқуқӣ дар раванди таърих аз насл ба насл ба мерос мегузаранд. Аз ин рӯ, ҳар як миллату давлатро лозим аст, ки барои ба мерос гузоштани фарҳангу тамаддун ва ҳифзи арзишҳои гузаштагони хеш ҳарчи бештар маориф ва маърифати ҳуқуқӣ ҷомеаро рушд диҳанд. – менависад, профессор Насриддинзода Э.С.[125]. Маҳз ҳамин ниҳоди пурмаҳсул, ки олим таъкид менамояд, маърифати ҳуқуқӣ анҷом додани корҳои тарбиявӣ, сатҳи дониш, дарки масъулияти баланди таълимӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва билохира ташаккули сифатҳои ҳуқуқии инсон мебошад.

"Тамоюли ҷаҳонишавӣ фарҳанги ҳамаи халқияту миллатҳоро дар заифию устуворӣ имтиҳон мекунад. Роҳи ягона ва асосии ҳифзи ин арзишҳо дар чунин шароит тавассути илму маориф сурат мегирад. Мусаллам аст, ки барои дуруст рушдёбии ин падида ҷомеа ба мутахассисони ҳирфавӣ ва баландихтисоси касбӣ ниёз дорад, ки ин тавассути низоми маориф дар давлат ба роҳ монда мешавад. Муаллиф бар он назар аст, ки "Дар ҳақиқат маҳз илму маориф аст, ки ҳар фарди миллат ба василаи он дониш меандӯзад, давлату ҷомеа пешрафт менамояд ва дар умум, сатҳи маърифати шаҳрвандон дар ҳамаи самтҳо таъмин мешавад, ки

---

[125]Насриддинзода Э.С. дар мавзуи "Маориф ва раванди густариши маърифати ҳуқуӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" / дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ /, "Агентии итилооти Ховар". 13.01.2024.

яке аз муҳимтарини онҳо соҳаи ҳуқуқшиносӣ буда, соли ҷорӣ бо назардошти таҷлили сисолагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти он боз ҳам меафзояд" – идомаи андеша дорад, муаллиф Насриддинзода Э.С.[126].

Маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавии бошиддат ҳамарӯза дар муошират ва рафтори шахс зери низоми тарбияи маданию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ рушд ёфта истодааст. Ба ибораи дигар, маърифати ҳуқуқӣ як қисми маърифати комил буда, донишҳои ҳуқуқӣ арзиши иҷтимоии онро пурра ва такмил медиҳад.

Маърифати ҳуқуқӣ сатҳи таърихан муайяншудаи инкишофи ҷомеа буда, қувваи эҷодӣ ва қобилияти инсон, муносибати байниҳамдигарии аҳли ҷомеаро дар арзишҳои моддӣ ва маънавии эҷодшуда баён менамояд. Маърифати ҳуқуқии инсон қисми таркибии маданияти маънавӣ баҳисоб рафта, он аз низоми донишҳо, муайянияти арзишӣ, ҳиссиёти равонӣ дар заминаи эътирофу эҳтироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин соҳиби малака ва тавоноӣ мавриди амалисозӣ ва ҳимоя дар муносибатҳо роҳандозӣ мегардад. Маърифати ҳуқуқӣ дар сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқии инсон зоҳир мегардад.

Мусаллам аст, ҷаҳонишавӣ падидаи объективӣ буда, ба тамоми халқҳо ва тамоми кишварҳои сайёра таъсир мерасонад. Давраи объективии инкишофи тамаддуни инсоният аст, ки бо пайдоиш ва дарки мушкилоти умумиҷаҳонӣ, ки ба асосҳои мавҷудияти он дахл дорад ва ҷустуҷӯи роҳҳову усулҳои ҳалли онҳо ба эҷоди модели устувори иҷтимоии рушди он вобаста аст.

Ҷаҳонишавии ҳуқуқ тавассути ҷаҳонишавии маърифати ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Дар ин ҳолат сатҳи ҷаҳонишавии маърифати ҳуқуқӣ ба ташаккули маърифати ҷомеа ва сатҳи шуури ҳуқуқии ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ вобаста аст. Маърифат як падидаи яклухт ва доимӣ буда, симои ҷаҳони атроф дар он инъикос меёбад ва дар ҷараёни ҳаёт бо таъсири маълумоти гирифташуда ташаккул меёбад[127].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро меҳвари асосии сиёсати ҳуқуқии худ қарор додааст, аз 27 ноябри соли 2019, №599 бори севвум "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2030" бо қарори Ҳукумат қабул ва мавриди амал қарор дод, ки мақсади асосии қабул ва татбиқ гардидаи он аз вазифаҳои зерин иборат мебошад:

- риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;

[126] Насриддинзода Э.С. дар мавзуи "Маориф ва раванди густариши маърифати ҳуқуӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" / дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ/, "Агентии итилооти Ховар". 13.01.2024.

[127] Богатырёв В.В. Глобализация права. Автореферат дис. на соис. уч. степени докт. юр. наук., – Москва, – 2012.

- таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он;
- баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва аз байн бурдани ҳеҷангории (нигилизми) ҳуқуқӣ;
- байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;
- ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;
- ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмию фарҳангии ҷомеа.

Дар шароити вусъат пайдо намудани ҷаҳонишавӣ ва рушди равандҳои демократӣ аҳаммияти маърифатнокии ҳуқуқӣ ба маротиб боло рафтааст.

Мувофиқи хулосаи коршиносони байналмилаливу ватанӣ маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

- моҳияти калидӣ дорад;
- василаи муҳимми танзими фаъолияту рафтори сиёсии шахс;
- омили зарурии неруманде аст, ки ба сатҳи умумии маърифатнокии шахс таъсири амиқ мегузорад;
- омили таҳкими пояҳои давлатдорӣ;
- пойдевор дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;
- заминаи рушди тафаккури шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Дар ҳақиқат, маърифати баланди ҳуқуқии шаҳрванд дар раванди ҷаҳонишавӣ ба дастрасии қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва эҳтирому риояи онҳо, ҳисси масъулият, арҷгузорӣ нисбати муқаррароти ба меъёр даровардашудаву тасдиқнамудаи давлат вобаста аст. Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» қабул гардидааст. Мувофиқи банди 5 Барномаи мазкур сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба

имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд[128].

Ҷаҳонишавӣ ҳам падидаҳои мусбат ва ҳам баъзе ҷиҳатҳои манфӣ дорад. Ҷиҳатҳои манфӣ  мушкилоти глобалӣ аст: геоиқтисодӣ, геополитикӣ, ҳарбӣ, криминалистӣ, демографӣ, байниэтникӣ, динӣ, иҷтимоӣ-экологӣ ва ҳоказо. Ин мушкилот ба мавҷудияти тамаддуни инсонӣ таҳдид мекунад ва роҳи ҳалли онро пайдо кардан мумкин аст, агар қисми пешрафтаи инсоният, ки онҳоро дарк мекунад, кушишҳои худро барои ҳалли онҳо муттаҳид кунад. Дар ин ҳолат, муқовимати фаъол танҳо дар сурати фароҳам овардани шароит барои рушди устувор ва пешбинишудаи  тамаддуни инсонӣ имконпазир аст. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда низоми иҷтимоии ҷаҳонӣ бо идоракунии умумиҷаҳонӣ, яъне доштани маърифати ҳуқуқӣ, дарки солим, дониши ҳуқуқӣ  зарур аст. Тезу тундшавии вазъи  сиёсии ҷаҳон, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд, таъкид менамоянд муҳтарам Сарвари давлат дар ҳама суханрониҳояшон. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон итминони комил доранд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад”.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти ҷаҳонишавӣ, олимон ба мероси бойи маънавии умумиҷаҳонӣ, ки аз наслҳои гузаштаи тамоми инсоният ба даст оварда шудааст, такя мекунанд ва  айни замон таҷрибаи ҳуқуқии миллии худро истифода мебаранд. Мероси маънавии умумиҷаҳонӣ дониши қонунҳои рушди табиат ва ҷомеа (илм), дарки ҳассоси  атроф (фарҳанг), маҷмуи қоидаҳои муошират (ахлоқ), идеалҳо ва ангезаҳои фаъолият (идеология ва дин), низоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳуқуқ ва ахлоқ), усулҳо ва шаклҳои интиқоли мероси маънавӣ аз насл ба насл (маориф)-ро дар бар мегирад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ худи маърифати ҳуқуқӣ ба эътирофи арзишҳои шаҳрвандӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва институтҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари беғарази муносибатҳои ҷамъиятӣ асос меёбад. Эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” иқдоми саривақтӣ мебошад.

---

[128] Бобозода У.Э. Право человека на труд в Республике Таджикистан: история формирования и этапы совершенствования // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (33). Душанбе, 2024. – С. 96-109.

Халқи тоҷик аз қадим соҳиби таъриху тамаддун ва адабиёти бузургу фарҳанги оламшумул, соҳиби тафаккур, соҳиби ақлу заковат, дониш, маърифат буданд ва ҳастанд. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан, мо ҷавонон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа дар роҳи рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократӣ, ҷаҳонишавии ҳуқуқ, азхудкунии дониши мукаммали ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар робита бо фарҳанги комили ҳуқуқӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Андреева Е. ., Морозов Г.Б. Об эффективных формах правового просвещения граждан Российской Федерации // Педагогическое образование в России. – 2016. – № 1. – С. 75-81.
2. Атагимова Э.И. Роль правового просвещения в развитии правового государства // Вестник Московского гуманитарно-экономического института. – 2016. – № 4. – С. 61-68.
3. Байниязов Р.С. Правосознание и правовой менталитет в России : Введение в общую теорию : монография. – Саратов : СЮИ МВД России, 2001. – 296 с.
4. Барыкина М.В. Взаимодействие органов прокуратуры с Уполномоченным по правам человека в рамках правового просвещения и правовой пропаганды // Экономика и право. XXI век. – 2013. – №1. – С. 57-60.
5. Богатырёв В.В. Глобализация права.Автореферат дис. на соис. уч. степени докт. юр. наук., – М., 2012.
6. Бобоҷонзода И.Ҳ. Мафҳуми “маърифати ҳуқуқӣ” дар илми ҳуқуқшиносӣ. http://www.zoofirma.ru/2024.
7. Бобозода У.Э. Право человека на труд в Республике Таджикистан: история формирования и этапы совершенствования // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (33). Душанбе, 2024. – С. 96-109.
8. Доценко А.С. О понятии правового просвещения. Актуальные проблемы российского права. 2020. Т. 15. № 1 (110) январь 185.
9. Иванников И.А. Теория государства и права: учебник. М.: РИОР; Инфра-М : Академцентр, 2012. С. 280.
10. Миронов О.О. Правовое просвещение – функция омбудсманов // Право и образование. – 2009. – № 5. – С. 13-29.
11. Насриддинзода Э.С. дар мавзуи “Маориф ва раванди густариши маърифати ҳуқуӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” / дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ/, “Агентии итилооти Ховар”. 13.01.2024.
12. Певцова Е.А. Правовая культура и правовое воспитание в России на рубеже XX-XXI веков. – М. : Новый учебник, 2003. – 416 с.
13. Певцова Е.А., Соколов Н.Я. Правовое просвещение в России: состояние и проблемы : монография. – Ярославль-Москва: Канцлер, 2013. – 240 с.

14. Петручак Л.А. Правовая культура и юридическое образование в контексте модернизации российского общества : монография. – М.: Проспект, 2011. – 224 с.

15. Саидов А.Х. Глобалистикаи ҳуқуқӣ: муносибати глобалӣ ба харитаи ҳуқуқии ҷаҳон. Давлат, ҳуқуқ ва ҷаҳонишавӣ.

16. Саломатин А.Ю. Государство и право в условиях глобализации (по материалам стран Евросоюза). Методические рекомендации по курсу. – Пенза, 2011, – С. 3.

17. Хидирова М. Маърифати ҳуқуқӣ – масъалаи муҳими замони муосир. Андешаҳои профессор М. Хидирзода дар ин мавзуъ. – Душанбе, 05.04.2024 \ АМИТ "Ховар".

# ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зарифзода Шохрух Изатулло**, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Email:** shohruh.zarifov@mail.ru
**Тел:** (+992) 900-22-0000

**Фишурда:** Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат бо таҳия ва қабули фармонҳои меъёрӣ робита дорад. Ин фармонҳо хусусияти меъёрӣ дошта, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, тағйир медиҳанд ё бекор мекунанд. Мутобиқи м. 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

**Калидвожаҳо:** Фармонҳои Президент, ҳуқуқэҷодкунӣ, санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумат, санадҳои вазоратҳо, қабули қонун, имзои қонун.

# ПРАВОТВОРЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Зарифзода Шохрух Изатулло,** Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры теории и истории государства и права.
**Email:** shohruh.zarifov@mail.ru
**Тел:** (+992) 900-22-0000

**Аннотация:** Правотворческая деятельность Президента Республики Таджикистан как главы государства связана с разработкой и принятием нормативных указов. Эти указы носят нормативный характер которые устанавливают, изменяют или отменяют правовые нормы. В соответствии со. ст. 59 Конституции Республики Таджикистан проект закона о бюджете, об установлении и отмене налогов представляются правительством Республики Таджикистан в Маджлиси намояндагон.

**Ключевые слова:** Указы президента, законодательство, нормативно-правовой акт, постановления Правительство, акты министерств, принятие закона, подписание закона.

# FEATURES OF THE LAW-MAKING ACTIVITY OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Zarifzoda Shohrukh Izatullo**,
Tajik National University, Faculty of Law, The applicant of Department of Theory and History of State and Law
**Email:** shohruh.zarifov@mail.ru
**Tel:** (+992) 900-22-0000

**Annotation:** The law-making activity of the President of the Republic of Tajikistan as the head of state is connected with the development and adoption of regulatory decrees. These orders are normative in nature and establish, amend or repeal legal norms. In accordance with Article 59 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the draft law on the budget, on the establishment and abolition of taxes has been submitted by the Government of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Namoyandagon.

**Keywords:** Presidential decrees, legislation, normative legal act, Government resolutions, acts of ministries, adoption of the law, signing of the law.

Фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли расмии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ буда, намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Он дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зерин дорад:

– намуди мустақили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад;

– дар доираи салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Конститутсия ва қонунҳои дигар муқаррар шудаанд, ба роҳ монда мешавад;

– шакли самараноки амалӣ намудани салоҳияти Сарвари давлат мебошад;

– бевосита аз тарафи Сарвари давлат ҳамчун субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад;

– бо ҷалби кормандони Дастгоҳи иҷроияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони масъули Ҳукумати Тоҷикистон ба сомон мерасад;

– хусусияти фаврӣ дошта, иҷрои салоҳияти Сарвари давлат, пеш аз ҳама, салоҳияти идоракуниро бо мақсади идоракунии ҳамарӯзаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъмин мекунад.

Дар робита бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои зерини фармонҳои меъёрии Сарвари давлати Тоҷикистонро муайян намудан мумкин аст:

1. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент буда, хусусиятҳои ин намуди фаъолияти ҳуқуқэҷодуниро инъикос мекунанд.

2. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди мустақили санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, унсури таркибии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

3. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ҳуқуқ буда, ҳамчун шакли расмии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Хусусияти дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) мебошад. Аз ин хотир, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо вазъи ҳуқуқии ӯ ба ду намуд ҷудо карда мешавад:

1) фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат;

2) фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат).

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат бо таҳия ва қабули фармонҳои меъёрӣ робита дорад. Ин фармонҳо хусусияти меъёрӣ дошта, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, тағйир медиҳанд ё бекор мекунанд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) бо иштироки сарвари давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷокунии Ҳукумат робита доранд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раиси Ҳукумат ба амалӣ гардидани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат мусоидат мекунад.

Салоҳияти ҳуқуқэҷокунии Ҳукумат дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шудаанд. Тибқи м. 29 Қонуни конститутсионии мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия, ҳамин Қонуни конститутсионӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Санадҳое, ки хусусияти меъёрӣ доранд дар шакли қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд[129].

Дар м. 30 Қонуни конститутсионии зикршуда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иштирок дар фаъолияти қонунгузорӣ кафолат дода мешавад. Тибқи моддаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо дар бораи тағйир додан ё бекор кардани қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дохил намудани тағйирот ба қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон (таклифҳои қонунгузорӣ) ба амал мебарорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

[129] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001, № 4, мод. 215; 2003, № 4, мод.152; 2008, № 1, қ.1, мод. 1; 2009, № 12, мод. 813; 2016, № 7, мод. 602.

барномаи тайёр намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, таҳия ва тасдиқ мекунад. Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи қонунҳо хулосаҳои хаттӣ медихад, ки онҳо ба субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд[130].

Мутобиқи м. 31 Қонуни конститутсионии зикршуда аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон, кумита ва комиссияҳои онҳо мутобиқи талаботи Дастури онҳо иштирок намоянд ва баромад кунанд[131].

Мутобиқи м. 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад[132].

Қарорҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат, аз ҷумла дар давраи қабули қарорҳои меъёрӣ бевосита иштирок мекунад. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат мебошад.

Хусусияти дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи сарвари давлат дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Мутобиқи м. 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад[133].

Пешниҳоди лоиҳаи қонун дар бораи авф салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда намешавад. Бе иштироки сарвари давлат қабули қонун дар бораи авф ғайриимкон аст. Фаъолияти қонунэҷодкунии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қабули қонун дар бораи авф иштироки бевоситаи сарвари давлатро талаб мекунад. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъолияти қонунэҷодкунии парламенти ҷумҳурӣ мебошад.

---

[130] Қонуни конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001, № 4, мод.215; 2003, № 4, мод. 152; 2008, № 1, қ.1, мод.1; 2009, № 12, мод.813; 2016, № 7, мод. 602.

[131] Ҳамон ҷо.

[132] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

[133] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ алоқаманд аст. Тибқи м. 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мачлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тааллуқ дорад[134].

Тибқи м. 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорие, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо бо мақомоти манфиатдор мувофиқа карда мешаванд[135].

Тавре, М.А. Маҳмудзода ва Р.Ш. Шарофзода қайд мекунанд: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сарвари ҳам давлат ва ҳам ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аз ташаббуси қонунгузорӣ истифода мебарад»[136].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду шакл амалӣ мешавад: 1) ҳамчун сарвари давлат; 2) ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат). Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат бевосита аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ истифода намуда, лоиҳаи қонун ё таклифи қонунгузориро ба парламент пешниҳод мекунад. Ҳамзамон бо ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худро якҷоя бо ташаббуси қонунгузории Ҳукумат амалӣ мекунад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ яке аз шаклҳои нави ифодаи ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат мебошад. Тавре, М.А. Маҳмудзода ва Р.Ш. Шарофзода қайд мекунанд: «Таклифҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бештар дар шакли Паёмҳои сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Дар ҳар як Паёми сарвари давлат ин ё он таклифи қонунгузорӣ пешниҳод мешавад. Аз ин рӯ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави амалӣ гаштани ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат маҳсуб мешавад»[137].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои қонун дар яке аз давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад.

---

[134] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

[135] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 18 майи соли 2017, №1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №5, қ. 1, мод. 271.

[136] Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 3-м. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – С. 17-18.

[137] Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Асари ишорашуда. – С. 21-22.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 14 м. 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунҳо имзо мегузорад[138].

Ба ақидаи як қатор олимон, Президент сарвари ҳокимияти иҷроия буда, бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз ҳадди ваколат баромадани ҳокимияти қонунгузор аз ҳуқуқи имзо накардани қонун истифода мебарад[139]. Ба ақидаи олимони дигар Президент ба ҳокимияти иҷроия мансубият надошта, умуман, бо низоми таҷзияи ҳокимият ягон робита надорад[140].

Бе имзои сарвари давлат интишори қонун ғайриимикон аст. Имзои қонун аз тарафи сарвари давлат заминаи ҳуқуқии интишори қонун маҳсуб мешавад. Илова бар ин, мутобиқи м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо пас аз интишори расмӣ амал мекунанд. Аз ин хотир, имзои қонун аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти интишор ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани қонунҳо мебошад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъоли раванди ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Илова бар ин, мутобиқи м. 62 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба қонун ё қисми он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонун дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд[141]. Тавре аз матни моддаи мазкур бармеояд, имзо ва интишори қонун ба доираи салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Сарвари давлат қонунро имзо ва интишор менамояд. Сарвари давлат салоҳияти имзо накардани қонунро низ дорад. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъоли ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Бе имзо ва интишори қонун ҷарани ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом намерасад.

Ҳамчунин, мутобиқи моддаи зикршудаи Конститутсия ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидашуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунанд. Агар Президент қонуни конститутсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи

---

[138] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

[139] Ниг.: Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – М., 2013. – С. 673.

[140] Ниг.: Сапун В.А. Правотворчество и законодательство: стратегия и тактика формированияправа и закона / В.А. Сапун, Я.В. Турбова // Юридическая техника. – 2015. – №8. – С. 680.

[141] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонуни конститутсионӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конститутсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд[142].

Дар заминаи гуфтаҳои боло хусусиятҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад:

– фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти васеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Конститутсия ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд, ба роҳ монда мешавад;

– фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат маҳдуд намешавад. Чунки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъол ва бевоситаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

– лоиҳаи қонун дар бораи авф танҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад;

– ба қонунҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мегузорад ва аз ин хотир, бе имзои сарвари давлат ягон қонун интишор намешавад ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекунад.

Хусусиятҳои фаъолияти ҳукуқэҷодкунии сарвари давлат дар давлатҳои ҳамсоя низ мушоҳида мешаванд. Чунончи, Е.Б. Бондаретс салоҳияти Президенти Россияро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: «фаъолияти бевоситаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва иштироки Президент дар ҷараёни қонунгузорӣ»[143].

Хусусияти дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ваколатҳои истисноии сарвари давлат муайян карда мешавад. Тибқи м. 69 Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салохияти зерин дорад:

– санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад (банди 6);

– шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд (банди 17);

– ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад (банди 21);

– дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи

---

[142] Ҳамон ҷо.

[143] Бородец Е.Б. Анализ конституционно-правовых полномочий Президента Российской Федерации в сфере правотворчества // Закон и право. – 2012. – № 11. – С. 44.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад (банди 23)[144].

Тавре маълум аст, ҳуқуқэҷодкунӣ қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Бекор намудан ва боздоштани санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо яке аз функсияҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Салоҳияти дигари истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат амалӣ карда мешавад, чунки қабули фармонҳои дахлдорро пешбинӣ мекунад.

**Адабиёт:**

1. Бородец Е.Б. Анализ конституционно-правовых полномочий Президента Российской Федерации в сфере правотворчества // Закон и право. – 2012. – № 11. – С. 44.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001, № 4, мод.215; 2003, № 4, мод.152; 2008, № 1, қ.1, мод.1; 2009, № 12, мод.813; 2016, № 7, мод.602.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 18 майи соли 2017, №1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №5, қ. 1, мод. 271.
5. Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 3-м. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – С. 17-18.
6. Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – М., 2013. – С. 673.
7. Сапун В.А. Правотворчество и законодательство: стратегия и тактика формированияправа и закона / В.А. Сапун, Я.В. Турбова // Юридическая техника. – 2015. – №8. – С. 680.

[144] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

# ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЮРИДИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ РОМАНО-ГЕРМАНСКОЙ ПРАВОВОЙ СЕМЬИ

**Бабаева Мавджуда Таировна**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры иностранных языков
**Тел**: (+992) 918614074
**E-mail:** m.boboyeva@mail.ru

**Шарипова Зулейха Амировна**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков.
**Тел:** (+992)919166240
**E-mail:** zulejcha@gmail.com

**Рецензент**: Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются особенности языка с точки зрения лингвистического анализа юридической терминологии. В данном исследовании основное внимание уделяется особенностям романо-германской правовой семьи, в свете её зарождения, развития и дальнейшего функционирования. Были проанализированы признаки романо-германской правовой системы, основным компонентом которой является писаный закон как источник права. Авторы констатируют, что высшая юридическая сила данной правовой семьи отводится писаным конституциям.

Основу современной немецкой юриспруденции составляют нормы и правовые презумпции римского права. Из латинского языка в нормативно-правовые акты Германии были внедрены юридические термины.

Необходимость толкования терминов и устойчивых словосочетаний в области права является общетерминологическим требованием. Дефиниция терминов права является важным условием для точного и ясного понимания юридического текста.

**Ключевые слова:** Лингвистический анализ, юридическая терминология, романо-германская правовая семья, лексико-грамматические трансформации, оригинальный текст, нормативно-правовые акты, лексический строй, синтаксическая структура, заимствование, язык права, правовая политика, приёмы перевода.

# ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ОИЛАИ ҲУҚУҚИИ РОМАНИЮ ОЛМОНӢ

**Бобоева Мавҷуда Тоҳировна**,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ
**Тел:** (+992)918614074
**E-mail**:m.boboyeva@ mail.ru

**Шарипова Зулейха Амировна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ
**Тел:** (+992)919166240
**E-mail:**zulejcha@gmail.com

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда**: Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои забон аз нуқтаи назари таҳлили лингвистии истилоҳоти ҳуқуқӣ баррасӣ мегарданд. Тадқиқоти мазкур ба хусусиятҳои оилаи ҳуқуқии романию олмонӣ бо назардошти пайдоиш, рушд ва фаъолияти минбаъдаи он равона шудааст. Муаллифони мақола хусусиятҳои оилаи ҳуқуқии романию олмониро, ки ҷузъи асосии онро қонунҳои навишташуда ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ташкил медиҳад, таҳлил менамоянд. Аз ин рӯ, бар меоянд, ки қувваи олии ҳуқуқии ин низом ба конститутсияҳои навишташуда  тааллуқ дорад. Асоси илми ҳуқуқшиносии муосири Олмонро меъёрҳо ва муқаррароти ҳуқуқи римӣ ташкил медиҳанд. Аз забони лотинӣ ба санадҳои меъёрии  ҳуқуқии Олмон истилоҳоти ҳуқуқӣ ворид гардидаанд. Зарурияти тафсири истилоҳот ва иборахо дар соҳаи ҳуқуқ талаботи умумии истилоҳот пазируфта шудааст. Тафсири истилоҳоти ҳуқуқӣ шарти муҳим барои фаҳмиши дақиқ ва равшани матни ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** таҳлили лингвистӣ, истилоҳоти ҳуқуқӣ, оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, таҳвили лексикӣ-грамматикӣ, матни аслӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сохти луғавӣ, сохтори синтаксисӣ, иқтибос, забони ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, усулҳои тарҷума.

## LINGUISTIC ANALYSIS OF LEGAL TERMINOLOGY OF THE ROMANO-GERMANIC LEGAL FAMILY

**Boboeva Mavjuda Toirovna**,
Tajik National University, faculty of law, docent of the department of foreign languages
**Phone.**: (+992)918614074
**E-mail**: m.boboyeva@mail.ru

**Sharipova Zuleyha Amirowna**,
Tajik National University, faculty of law, docent of the department of foreign languages
**Phone**: (+992)919166240
**E-mail**: zulejcha@gmail.com

**Reviewer:** Azizzoda Ubaydullo Abdullo, Doctor of Law sciences, professor

**Annotation:** This article discusses the features of language from the point of view of linguistic analysis of legal terms. This study focuses on the features of the Romano-Germanic legal family, in the light of its origin, development and further functioning. The features of the Romano-Germanic legal family, the main component of which is written law as a source of law, are analyzed. The authors of the article come to the conclusion that the highest legal force of this legal system belongs to written constitutions. The basis of modern German jurisprudence is the norms and legal presumptions of Roman law. Legal terms were introduced from Latin into German legal acts. The need to interpret terms and set phrases in the field of law is a general terminological requirement. The definition of legal terms is an important condition for an accurate and clear understanding of the legal text.

**Key words:** Linguistic analysis, legal terminology, Romano-Germanic legal family, lexical grammatical transformation, original text, normative legal act, lexical structure, syntactic structure, borrowing, legal language, legal politic, styles of translation.

Развитие правовой системы в любом обществе сопровождается созданием новых понятий, изменением уже существующих и появлением новых терминов. Процесс развития общества привёл к созданию правовых семей, которые подразделяются на романо-германскую и англо-саксонскую. Помимо этого существуют религиозная и традиционная правовые семьи. Романо-германская правовая семья или семья континентального права возникла на основе римского права. После падения Римской Империи на территории Европы право практически отсутствовало. Для разрешения споров применялись поединки, пытки, колдовство и иные методы. С развитием общества изменялась и правовая политика.

В начале с XIII века в Европе стали возникать университеты, на юридических факультетах, в которых изучалось римское право так называемое «Corpus juris civilis», известное под названиями «Свод Юстиниана» или «Кодификация Юстиниана». В период зарождения романо-германского права Шарль Монтескье, один из основоположников сравнительного правоведения Европы, в своём трактате по политической философии «О духе законов» проанализировал правовые системы и, учитывая различия между этими системами, сформулировал своё

понимание права[145]. Идею зарождения романо-германского права в самой Германии и сравнения её с другими правовыми системами первым выдвинул Готфрид Вильгельм Лейбниц. «Он предпринял попытку составления правовой карты мира, классифицировав право различных государств в правовые семьи»[146].

Основным признаком романо-германской правовой семьи являются писаный закон как источник права. Высшая юридическая сила данной правовой семьи отводится писаным конституциям. Право имеет отраслевое выражение и подразделяется на публичное и частное.

В отличие от англосаксонской правовой семье правовой обычай и правовой прецедент в романо-германской правовой семье играют вспомогательную роль, а сходство обеих правовых семей заключается в превосходстве прав человека и гражданина над его обязанностями.

Правовая система независимого Таджикистана основывается на романо-германской правовой семье, которая базируется также во многих странах Европы, странах Центральной и Южной Америки, а также в ряде стран Востока (Япония, Южная Корея, Таиланд, Индонезия).

«Известно, что основу современной немецкой юриспруденции составляют нормы и правовые презумпции римского права. Из латинского языка в нормативно-правовые акты Германии были внедрены юридические термины. В качестве примера могли бы послужить такие слова как: die Legislative – законодательство, die Judikative – судебная власть, die Exekutive – исполнительная власть, das Jurisprudenz – правоведение, das Argument – доказательство, довод, exakt – точный, die Justiz – правосудие, der Prozeß – судебное разбирательство, die Appellation – обжалование, протест»[147].

Необходимость толкования терминов и устойчивых словосочетаний в области права является общетерминологическим требованием. При переводе нормативно-правовых актов дефиниция терминов права является особой необходимостью для точного и ясного понимания юридического текста.

Проблему соответствия текста оригинала и перевода рассматривали такие видные учёные как Комиссаров В.Н., Бархударов Л.С., Левицкая Т.Р., Фитерман А.М. и другие. Одним из исследователей, выдвинувшим теорию закономерных соответствий является Я.И. Рецкер. Он разделил лексические соответствия на эквивалентные и вариантные, которые применимы в языке оригинала, в случае, если им соответствуют несколько слов языка перевода. Дословный перевод, по его теории, это и есть «грамматические трансформации, к основным категориям которых можно отнести: изменение порядка слов, добавление или опущение слов, изменение структуры предложения путём замены частей речи и членов

---

[145] Шарль Монтескье. О духе законов» (фр. De l'esprit des loix). The Oxford Handbook of Comparative Law, – 2012.

[146]Лейбниц Готфрид Вильгельм // Большая советская энциклопедия: [в 30 т.] / гл. ред. А. М. Прохоров. – 3-е изд. – М.: Советская энциклопедия, 1969—1978.

[147]Бобоева М.Т., Шарипова З.А. Заимствования как объект языковой деятельности //Маҷмӯаи илмии "Паёми Осиё",№3.Душанбе. – 2018. – С.51-57.

предложения в переводимом языке»[148]. В качестве примера можно рассмотреть выражение *Grundrechtsbeschränkung im Wehrbereich* – (ограничения основных прав в связи с военной службой и обороной)[149]. Приведённый пример демонстрирует, что юридический термин на немецком языке *Grundrechtsbeschränkung* является сложным и был переведён при помощи трёх слов «ограничения основных прав». Двусложный термин *Wehrbereich* передаётся в переводе как *военная служба и оборона.* Слияние же немецкого предлога *in* и артикля *dem (im)* переводится как *в связи,* что не соответствует прямому лексическому значению данного оборота.

Лексико-грамматические трансформации в приведённом выше примере являются приёмами перевода, при которых реорганизуются одновременно и лексический строй, и синтаксические структуры оригинального текста.

При анализе перевода другого выражения *Verfassungsmäßige Ordnung in den Ländern (Homogenitätsgebot*) (конституционный строй земель (требование однородности))[150] наблюдаются следующие трансформации: замена и опущение, которые требуют в процессе перевода преобразования оригинального текста на лексическо- грамматическом уровне.

В переводе на русский язык произошли следующие трансформации: предлог *in* в сочетании с артиклем дательного падежа *den* выражается словом *земли* в родительном падеже, налицо семантико-грамматическая замена. Что касается лексемы *Homogenitätsgebot – требование однородности,* необходимо отметить, что данный термин состоит из двух слов: латинского *Homogen* и немецкого G*ebot*.

Для немецкой юридической терминологии характерно наличие такого рода комбинированных терминов, один из которых является прямым латинским заимствованием, а другой – немецким термином или ассимилированным заимствованием, например, *die Koalitionsfreiheit* - свобода объединений, *die Rechtswegegarantie* – гарантия права обратиться в суд, *die Informations-und Pressefreiheit* – свобода информации и печати, *die Position einräumen* – предоставить, *das Mißtrauensvotum* – вотум недоверия, *die Regierungsfunktion* – функция правительства, *das Bundeskriminalamt* – федеративный уголовный розыск, *der Fraktionsvorsitzende* – председатель фракции. Факт происхождения таких терминов в немецкоязычной юридической терминологии объясняется, прежде всего, тем, что перевод латинской части на немецкий язык сделал бы подобные словосочетания сложными по структуре и менее точными по значению.

Для терминологии романо-германской правовой семьи характерно следующее явление: некоторые термины, совпадающие по форме с общеупотребительными словами, очень часто непонятны непрофессионалам, даже если они сопровождаются законодательной дефиницией.

---

148 Рецкер Я.И. Пособие по переводу с английского языка на русский. – М.: Просвещение, – 1982. – 159 с.
149 Grundgesetz für die BRD. Artikel 17. Friedrich Ebert Stiftung. – 2007. – P. 136.
150 Grundgesetz für die BRD. Artikel 28. Friedrich Ebert Stiftung. – P. 141

Например, сложное существительное *der Bundestagspräsident* переводится как *председатель Бундестага*, хотя слово *der Präsident* в прямом переводе на русский язык имеет то же самое значение, что и немецкое слово.

В качестве другого примера можно привести лексему из неофициального языка *der Schwarzarbeiter*. Лексические расхождениями между разноязычными системами обусловлены трансформацией дефиниции слова, т.е. буквальный перевод которого означает *чернорабочий.* В оригинале слово было употреблено в переносном смысле, а прямое его значение является *человек, незаконно занимающийся каким-либо промыслом*[151]. Данный пример варьируется между лексической заменой и контекстуальным добавлением, так как трансформация произведена для пояснения значения употреблённого слова. Однако ввиду того, что при трансформации одно слово было заменено на другое и имеется добавление другой лексемы, эту трансформацию можно отнести к лексическим заменам.

Язык права является одним из элементов, регулирующих правовые отношения. Развитие общества является мощным стимулом для лексико-грамматических трансформаций языка. Социальный фактор и развитие языка взаимосвязаны и взаимообусловлены развитием науки и просвещения, перемещением народных масс и созданием новой государственности (что характерно для современного общества). Это, в свою очередь, приводит к изменению форм законодательства и делопроизводства. Влияние этих основных факторов на язык различно и по форме, и по содержанию. В связи с этим, язык рассматривается как гуманистическая ценность и играет роль правового фактора, оказывающего существенное влияние на нормативно-правовую деятельность общества. «Язык права подразумевает специализированность лексики, которая охватывает широкий спектр правовых отраслей и институтов. Известно, что немецкое право обусловлено не только заимствованной лексикой из римского права, но и создано на основе национальных кодексов. При переводе правовых документов необходимо учитывать характерные особенности языка права в юридических дискурсах и коллизиях».[152] Композиты являются характерной особенностью морфологии немецкого языка. Замены сложного немецкого существительного при передаче их на переводимый язык осуществляются при помощи конструкций «прилагательное + существительное»: *der Datenschutz – информационная защита; die Sozialversicherung – социальное обеспечение; der Gerichtshof – судебная палата; die Verfahrensvorschriften – процессуальные правила* или «существительное + существительное»: *die Betriebsverfassung – устав предприятия; die Baugenehmigung- разрешение на строительство,die Vertragsfreiheit – свобода договоров; der Freiheitsentzug – лишение свободы.* Приведённые выше выражения показывают, что «нормы

---

[151] Bußmann H. Lexikon der Sprachwissenschaft / H. Bußmann. – Stuttgart: Kröner, 2002. – 218 S.

[152] Бобоева М.Т., Шарипова З.А. Особенности языка права речевой конфликтологии (на примере судопроизводства Германии по миграционной политике. Маҷаллаи илмии “Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон” №1(17). — Душанбе, ДМТ, 2020. —С. 126-130.

права выражаются средствами языка, следовательно, при осуществлении профессиональной коммуникации в сфере права возникает необходимость тщательного отбора юридических дефиниций»[153].

Во избежание ошибок при переводе следует тщательно определить содержание и объем понятий, выражаемого переводимым термином, обращая при этом внимание на взаимосвязи данного термина с близкими по значению (т.е. выражающими родственные понятия) иноязычными терминами. Уточнив значения предполагаемых эквивалентов в родном языке, следует выбрать один из них, полностью соответствующий в определенном контексте иноязычному термину. Проблему подбора эквивалента разноязычной юридической терминологии следует рассматривать как важный процесс, так как термин, который передаётся переводчиком, преобразуется в лексему родного языка и продолжает функционировать как независимое слово. Словоупотребление требует не только знания терминов, но и правильного их использования.

**Литература:**


1. Bußmann H. Lexikon der Sprachwissenschaft / H. Bußmann. – Stuttgart: Kröner, 2002. – 218 S.
2. Duden online [Электронный ресурс] // URL: http://www.duden.de.
3. Grundgesetz für die BRD. Friedrich Ebert Stiftung.2007. — 331 S.
4. Rolf E. Die Funktionen der Gebrauchstextsorten. Berlin, New York: de Gruyter, 1993. — 340 S.
5. The Oxford Handbook of Comparative Law, — 2012.
6. Афзали М.К., Назарова З.А. Стандартизации нормативно-правовой терминологии – основной критерий регламентации языка права. Паёми ДМТ. Шумораи 5. Душанбе. —2022. — С.149-168.
7. Бархударов Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода). М., «Междунар. отношения», 1975. — 240 с.
8. Бобоева М.Т., Шарипова З.А. Текст как форма подачи учебного материала при обучении иностранного языка на юридическом факультете. Маводҳои конференсияи илмӣ-тадқиқотӣ байналмилалӣ дар мавзӯи “Русский и иностранные языки: Перспективы преподавания в вузах Таджикистана с использованием современных образовательных технологий”. — Душанбе, МЭИ, 2021.— С.60-69.
9. Бобоева М.Т. Заимствования как объект языковой деятельности / М.Т. Бобоева, З.А. Шарипова // Паёми Осиё. – 2018. – №3. – С.51-57.
10. Бобоева М.Т. Особенности языка права речевой конфликтологии (на примере судопроизводства Германии по миграционной политике / М.Т. Бобоева, З.А. Шарипова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №1(17).– С. 126-130.
11. Большая советская энциклопедия [Электронный ресурс] // URL: https://dic.academic.ru/contents.nsf/bse.


[153] Афзали М.К., Назарова З.А. Стандартизации нормативно-правовой терминологии – основной критерий регламентации языка права. Паёми ДМТ. Шумораи 5. Душанбе. — 2022.— С. 149.

12. Виноградов В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы). – М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001. – 224 с.

13. Комиссаров В.Н. Современное переводоведение. Курс лекций. М.: ЭТС, 1999. – 192 с.

14. Лейбниц Готфрид Вильгельм // Большая советская энциклопедия : [в 30 т.] гл. ред. А. М. Прохоров. – 3-е изд. – М.: Советская энциклопедия, 1969-1978.

15. Рецкер Я.И. Пособие по переводу с английского языка на русский. – М.: Просвещение, 1982. – 159 с.

16. Философский энциклопедический словарь [Электронный ресурс] // URL: https://dic.academic.ru/contents.nsf/enc_philosophy.

## ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

# МАҚОМИ САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚ

**Раҳмон Далер Сафарбек,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ
**Тел:** (+992)902778565
**E-mail:**safarovdaler@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
**Муқарриз:** Сулаймонзода М.С., мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

**Фишурда:** Дар адабиёти илми ҳуқуқшиносӣ мавқеи санадҳои Суди конститутсионӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ва нақшу мақоми онҳо масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Масъалаи дигари баррасишаванда омилҳое мебошанд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ наметавонанд ба сифати амсоляи судӣ – сарчашмаи ҳуқуқ эътироф шаванд.

Аз таҳқиқи мақолаи мазкур бармеояд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ ҷиҳати эътироф намудани онҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба тамоми талабот ҷавобгӯ мебошанд. Бешубҳа, дар санадҳои Суди конститутсионӣ муқаррароти конститутсионӣ мавҷуданд, чунки дар онҳо, дар навбати аввал муқаррароти Конститутсия шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Онҳо метавонанд меъёрҳои ҳуқуқи конститутсиониро эҷод, тағйир ва бекор намоянд ва бо ин муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқиро ба танзим дароранд.

Муаллиф, дар мақола ба хулосае меояд, санадҳои Суди конститутсионӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумлаи сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Аз рӯи шакли худ онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, дар иерархияи сарчашмаҳои ҳуқуқ мақоми дуввумро ишғол менамоянд.

**Калидвожаҳо:** Сарчашмаи ҳуқуқ, санаҳои Суди конститутсионӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, қонунгузорӣ, таҷзияи ҳокимият.

# МЕСТО АКТОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМЕ ИСТОЧНИКОВ ПРАВА

**Рахмон Далер Сафарбек,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры конституционного и административного права
**Тел:** (+992)902778565
**E-mail:** safarovdaler@mail.ru

**Научный руководитель:** Диноршох А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Сулаймонзода М.С., заведующий кафедрой конституционного и административного права, кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В правоведческой литературе актуальным вопросом является место актов Конституционного суда в системе источников права и их роль и статус. Другой рассматриваемый вопрос, факторы, из - за которых решения Конституционного суда не могут быть признаны в качестве судебного прецендента. Из рассмотрения данной статьи следует, что решения Конституционного суда отвечают всем требованиям признания их источниками права.

Несомненно, в актах Конституционного суда содержатся конституционные положения, поскольку в них в первую очередь разъясняются статьи Конституции. Они могут создавать, изменять и отменять нормы конституционного права и тем самым регулировать конституционно-правовые отношения.

Автор в статье делает вывод, что акты Конституционного Суда являются в целом и среди источников конституционного права. По своей форме они являются нормативными правовыми актами и занимают второе место в иерархии источников права.

**Ключевые слова:** Источник права, даты Конституционного суда, конституционное право, Верховный Суд, Высший экономический суд, законодательство, разделение властей.

# THE PLACE OF ACTS OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE SYSTEM OF SOURCES OF LAW

**Rahmon Daler Safarbek,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Constitutional and Administrative Law
**Phone:** (+992)902778565

**E-mail:** safarovdaler@mail.ru

**Scientific supervisor:** Dinorshok A.M., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Sulaimonzoda M.S., Head of the Department of Constitutional and Administrative Law, Candidate of Law, Associate Professor

**Abstract:** In the legal literature, an urgent issue is the place of acts of the Constitutional Court in the system of sources of law and their role and status. Another issue under consideration is the factors due to which the decisions of the Constitutional Court cannot be recognized as a judicial precedent. It follows from the consideration of this article that the decisions of the Constitutional Court meet all the requirements for recognizing them as sources of law. Undoubtedly, the acts of the Constitutional Court contain constitutional provisions, since they primarily explain the articles of the Constitution. They can create, change and repeal the norms of constitutional law and thereby regulate constitutional and legal relations. The author concludes in the article that the acts of the Constitutional Court are generally among the sources of constitutional law. In their form, they are normative legal acts and occupy the second place in the hierarchy of sources of law.
**Keywords:** Source of law, dates of the Constitutional Court, constitutional law, Supreme Court, Supreme Economic Court, legislation, separation of powers.

Дар адабиёти илми ҳуқуқшиносӣ марбут донистани санадҳои Суди конститутсионӣ ба сарчашмаҳои ҳуқуқ ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми сарчашмаҳо масъалаи баҳснок ба шумор меравад. Сабаби чунин баҳсҳо дар вуҷуд надоштани нуқтаи назари ягона оид ба худи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ва муносибату назарҳои мухталиф нисбат ба хусусиятҳои юридикӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии қабули санадҳои Суди конститутсионӣ мебошад.

Пеш аз ҳама мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро мавриди назар қарор додан зарур аст. Дар адабиёти муосири илми ҳуқуқшиносӣ ду нуқтаи назари асосӣ дар масъалаи муайян намудани ин мафҳум ташаккул ёфтаанд - материалӣ ва расмӣ. С. В. Бошно мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба маънои материалӣ ҳамчун «ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои инъикоси комилан мувофиқи муносибатҳои ҳуқуқии дар ҳуқуқи мусбат, ё ирода (манфиат)-и кӣ ва чӣ гуна дар дастурҳои меъёрӣ дарҷ меёбад»[154]-ро шарҳ додааст.

Қисми зиёди олимон мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба маънои расмӣ ҳамчун шакли берунаи ифодаи ҳуқуқ, ки ба он хусусияти меъёри расмии ҳуқуқӣ медиҳад, мефаҳманд[155].

С.Л. Зивс масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, дар навбати худ қайд менамояд, ки «вақте сухан дар бораи сарчашмаҳои ҳуқуқ аз лиҳози

[154] Бошно С.В. Соотношение понятий источник и форма права //Юрист. - №10. 2001. – С.18.
[155] Александров Н.Г. Понятие источника права// ВИЮН. Ученые труды. 1946. Вып. 8. – 350.

материалӣ меравад, шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии рушди ҷамъият дар назар дошта мешаванд»[156]. Вақте сухан дар бораи сарчашмаи ҳуқуқ аз нуқтаи назари расмӣ меравад, пас «зери мафҳуми он «шакли таҷассумкунонии меъёрҳои ҳуқуқӣ» фаҳмида мешавад»[157].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчунин назарҳои боз ҳам фарохтар оид ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» вомехӯранд. Ҳамин тавр, М.Н. Марченко қайд менамояд, ки категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро аз ду ҷанба метавон шарҳ дод: расмӣ-ҳуқуқӣ ва файласуфӣ[158]. Дар мавриди расмӣ-ҳуқуқӣ (махсус-юридикӣ) сарчашмаҳои ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари шаклҳои дохиливу берунии ифодаи ҳуқуқ зери таҳқиқ қарор дода мешаванд. Ҷанбаи файласуфӣ бошад, таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқро дар асоси ғояву ақидаҳои файласуфӣ, ки бар онҳо бунёд ёфтааст, дар назар дорад. Ҳамин тариқ, олимон маъмулан манбаи воқеии (материалӣ, маънавӣ ва ғ.) ҳуқуқро ба сарчашмаи расмӣ интиқол медиҳанд, ё ин ки сарчашмаҳои воқеии ҳуқуқро аз диди назариявӣ ва сарчашмаҳои расмӣ-юридикиро – аз лиҳози амалӣ мавриди назар қарор медиҳанд.

Як қатор муаллифон мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқро» ба се маъно таҳқиқ карда– ба материалӣ ва расмӣ, ҳамчунин ҷанбаи мафкуравӣ[159] ё идеалӣ (маҷмуи ақидаҳои ҳуқуқӣ) ҳамроҳ менамоянд[160]. Чунин шарҳи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» масъалаҳои бо таълимоту доктрина ва ақидаҳои ҳуқуқии дар ҷамъият ташаккулёфта вобастаро, дар бар мегирад.

Дар адабиёти ватанӣ низ ин нуқтаи назар тасдиқи худро ёфтааст. Вобаста ба ин масъала Р.Ш. Сотиволдиев қайд менамояд, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро аз се лиҳоз донистан зарур аст – материалӣ, файласуфӣ-мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ. Зери маънои якум мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ», ҳамчун шароити зиндагӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ), ки барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ мусоидат мекунад, дониста мешавад. Таҳти мазмуни дуюм мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ сарчашмаҳои ғоявиеро, ки ба доктринаҳои файласуфӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтаанд, дар бар мегирад. Ба мазмуни сеюм бошад, «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамчун шакли ҳуқуқ фаҳмида мешавад, яъне сухан дар бораи сарчашмаи расмӣ (ғайриматериалӣ) меравад[161].

Дар навбати худ Н.Л. Гранат пешниҳод менамояд, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ба ду мазмун шарҳ дода шавад. Ба маънии васеъ зери мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» «...сабаб ва қонуниятҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ё генезиси ҳуқуқ» дониста мешавад»[162]. Ба маънии маҳдуд бошад «ин воситаи мавҷудият ва устуворгардонии меъёрҳои ҳуқуқ ё сарчашмае мебошад, ки аз

---

[156] Зивс С.Л. Источники права. – М., 1981. – С.58-60.
[157] Ҳамон ҷо. – С.58-60.
[158] Марченко М.Н. Источники права. М.,- 2005. – С. 50-52
[159] Баранов В.М. Формы (источники) права// Общая теория права/Под ред В.К. Бабаев. – Нижний Новгород, 1993. – С.249.; Комаров С.А., Малько А.В. Теория государства и права. – М., 2004. – С.312., Теория государства и права/Отв. Ред. А.В. Малько. – М., 2006. – С. 159 и др.
[160] Российская юридическая энциклопедия. – М., 1999. – С.404.
[161] Сотиволдиев Р.Ш. Назария давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои макотиби олӣ. - Душанбе, 2009. – С.319.
[162] Гранат Н.Л. Источники права//Юрист. -1998. - №9. – С.6.

он ҳуқуқшинос ё субъекти дигари ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқиро ба даст меорад»[163].

Нуқтаҳои назари пешниҳодшударо омӯхта, мо ба чунин хулосаҳо омадем: мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» падидаи мураккабу бисёрҷанба мебошад. Мо бо нуқтаи назари муаллифоне, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба маъниҳои васеъ ва маҳдуд пешниҳод менамоянд, розӣ мебошем. Ба маънии васеъ мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ ҷанбаҳои материалӣ ва файласуфӣ-мафкуравии шаклгирии ҳуқуқро дар бар мегирад. Яъне, вақте сухан дар бораи сарчашмаи ҳуқуқ ба маънии васеъ меравад, мазмуни он ҷанбаҳои таърихии таҳаввулоти меъёр ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, инчунин шароит ва пешомадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии пайдоиш ва рушди онро дар бар мегирад.

Дар асоси чунин муносибат олимони ватанӣ Эъломияи Куруши Кабирро ба сарчашмаи ташаккули ғояҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар тамаддуни шарқӣ ворид намуда, бо ин нуқтаи назари худро оид ба решаҳои шарқӣ доштани пайдоиши ҳуқуқи инсон собит менамоянд[164].

Ба маънои маҳдуд мафҳуми “сарчашмаи ҳуқуқ” ҳамчун шакли муосири устуворгардонӣ ва ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, истилоҳи мазкур санадҳои мухталифи аз ҷониби мақомоти давлатӣ муқарраршуда ё санксияшударо ифода мекунад, ки дар давлат барои танзими муносибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ истифода мешаванд, яъне сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои юридикӣ.

Бояд қайд намуд, ки оид ба ин масъала низ миёни олимон оид ба мафҳум ва мазмуни сарчашмаи ҳуқуқ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Баҳсҳои асосӣ оид ба масъалаи таносуби мафҳумҳои «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ» сурат мегиранд.

Гурӯҳи якуми олимон ин мафҳумҳоро айният медиҳанд, яъне манбаъҳои қонунро ба маънои расмӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида, онҳоро шаклҳои ифодаи ҳуқуқ меноманд.[165] Чунончи Р.Ш.Сотиволдиев қайд менамояд: «Сарчашмаи ҳуқуқ на ҳамчун шарти пайдоиши ҳуқуқ ва на асоси мафкуравии ҳуқуқ, балки ба ҳайси шакли ифодаи зоҳирии ҳуқуқ тафсир мешавад, аз ин лиҳоз маъмулан мафҳуми шакл ва сарчашмаи ҳуқуқ якҷо истифода мешаванд»[166].

Гурӯҳи дуюми олимон ин мафҳумҳоро фарқ менамояд. Чунончи Н.В. Силченко мафҳумҳои «сарчашмаи меъёрҳои ҳуқуқ», «шакли ҳуқуқ» ва «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро махсус қайд менамояд. Зери мафҳуми «сарчашмаи меъёрҳои ҳуқуқ» «шаклҳои зоҳирии ифода ва устуворгардонии» ҳуқуқ, инчунин манбае, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқи амалкунанда расман устувор гардидаанд, фаҳмида мешаванд. Шаклҳои ҳуқуқро барои ишора намудани маҷмуи ақидаҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки «дар онҳо ҳуқуқи амалкунанда арзи вуҷуд дорад ва зоҳир мегардад» истифода мешаванд. Ба сарчашмаҳои

[163] Ҳамон ҷо. – С. 6.
[164] Ниг.: Диноршоев А.М. Ҳуқуқҳои инсон дар таърихи афкори ҷамъиятӣ
[165] Теория государства и права/Отв. ред. А.В. Малько. – М., 1997. – С159.
[166] Сотиволдиев Р.Ш. Назария давлат ва ҳуқуқ. – 320.

ҳуқуқ бошад, «тамоми омилҳои ҳуқуқэҷодкунанда, инчунин ҷараёнҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологие, ки пештар ва дар айни замон ба ташаккулёбии ҳуқуқ таъсир мерасонанд», тааллуқ доранд[167], (яъне, он чи, ки пештар мо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба маънии васеъ ишора карда будем – Д.С.).

Дар ин маврид ба мо мавқеи гурӯҳи якуми олимон, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ»-ро ба маънии расмӣ-ҳуқуқӣ шабоҳат медиҳанд, наздиктар мебошад. Аз ин лиҳоз мо бо олимони ватанӣ (Р.Ш. Сотиволдиев ва И.И. Камолов) дар мавриди он, ки дигар тобишҳои маъноии мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ», аз ҷумла файсалуфӣ, мафкуравӣ, моддӣ ва ғайра аҳамият надоранд, розӣ ҳастем. Сарчашмаҳои ғайриҳуқуқӣ (маънавӣ, моддӣ ва ғ.) ба ин маъно шаклҳои зуҳуроти ҳуқуқ ҳисобида намешаванд.

Ин мавқеъ дар таърифи пешниҳодкардаи Пиголкин А.С. ва Дмитриева Ю.А. ба таври возеҳ инъикос ёфтааст, ки дар он "сарчашмаи ҳуқуқ" ҳамчун ҳуҷҷатҳои расмии амалкунандаи давлат, ки меъёрҳои ҳуқуқ, шаклҳои берунии ифодаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатро, ки бо ёрии онҳо иродаи қонунгузор ҳатмӣ мебошад, муқаррар ё санксия мекунанд »[168].

Ба назари мо мафҳуми "қонунгузор" бояд ба маънии васеъ шарҳ дода шавад ва дар худ на танҳо мақомоти давлатии қонунгузорро, балки мақомоти иҷроия ва судиро низ таҷассум намояд (аз ҷумла, Суди конститутсиониро). Чунончи Н.С. Бондар қайд менамояд: "чунин муносибат бо эътирофи вазифаҳои меъёрэҷодкунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимият, аз ҷумла қонунгузории вогузоршуда тасдиқи худро меёбад"[169]. Дар ин замина шарҳи мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ, ки аз ҷониби В.В. Лазарев дода шудааст, қобили таваҷҷуҳ аст: сарчашмаи ҳуқуқ – чизест, ки барои асоснок намудани қарори кори ҳуқуқӣ истифода мешавад (барои истифода пешбинӣ шудааст). [170]

Аз ин сабаб як қатор олимон пешниҳод менамоянд, ки муайян намудани мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» бо чанде аз аломатҳо пурра карда шавад. Аз ҷумла З.М. Хаткова пешниҳод менамояд, ки ба ҳайси яке аз чунин аломатҳои сарчашмаи ҳуқуқ меъёри ҳуқуқтатбиққунӣ дохил карда шавад. Вай инчунин ишора менамояд, ки «сарчашмаҳои ҳуқуқ дар баробари меъёрӣ ва ҳатмӣ буданашон, ҳамчунин дорои дигар сифати муҳим мебошанд, яъне ворид намудани тағйирот ба низоми амалкунандаи ҳуқуқӣ бо муқаддимаи он (тариқи муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳои амалкунанда)»[171]/

---

[167] Сильченко И.В. Источники права Республики Беларусь// Правотворчество и технико-юридические проблемы формирования системы российского законодательства в условиях глобализации. – С. 171.

[168] Теория государства и права/Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. – С. 407.

[169] Бондарь Н.С. Акты конституционного правосудия как источники права: их нормативно-доктринальная природа // Национальная государственность и европейские интеграционные процессы. – Минск: Изд. Центр БГУ, 2008. – С. 14-27.

[170] Лазарев В.В. Лоббирование правотворческих решений// Юридическая техника. – 2004.- №8. – С. 216.

[171] Теория государства и права/ Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. – С. 407.

Мавқеъҳои пешниҳодгардидаро мо ба дараҷаи кофӣ асоснокшуда меҳисобем. Воқеан, дар марҳилаи муосир дар қисми зиёди давлатҳо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти иҷроия ва судӣ бештар аҳамият пайдо карда истодааст. Чунин тамоюл ба принсипи таҷзияи ҳокимият, ки ба он як зумра олимон ишора менамоянд, ба пуррагӣ ҷавобгӯ намебошад. Вале ба назари мо ҳамагуна консепсия бояд вобаста ба вақту шароит тағйир ёбад. Дар ин маврид принсипи таҷзияи ҳокимият низ истисно шуда наметавонад. Дар асри XXI муносибатҳои ҷамъиятӣ сатҳи баландро касб намуданд, ниёзҳои нави одамон шакл гирифта истодаанд, ки ин ҳама устуворгардонии ҳуқуқиро тақозо менамояд. Ҳокимияти қонунбарор ба ҳайси мақоми ҳуқуқэҷодкунанда дар айни ҳол наметавонад мустақилона ин масъалаҳоро ҳаллу фасл намояд, аз ин рӯ беш аз пеш мақомоти иҷроия ва судии давлатҳои ҷаҳон санадҳои ҳуқуқэҷодкунанда қабул карда истодаанд, ки баъдан онҳо аз ҷониби мақомоти қонунгузор ба санадҳои қонунгузорӣ табдил дода мешаванд. Ба таври возеҳ ин дар мисоли эътироф намудани ҳуқуқҳои нави инсон (ҳуқуқи ҷисмонӣ, ҳуқуқи трансгендерҳо ва оилаҳои ҳамҷинсҳо) дида мешавад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ бояд санадҳои мақомоти судӣ, хусусан Суди конститутсионӣ дохил карда шаванд.

Мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро муайян карда, бояд муқаррар намоем, ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд ё не? Агар, ҳа, пас онҳо кадом мақомро ишғол менамоянд?

Оид ба масъалаи мазкур дар мавриди он, ки муайян намудани таносуб байни сарчашмаҳои ҳуқуқ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, бояд бо нуқтаи назари В.В.Захаров розӣ шуд. Дар ҳолатҳое, ки сухан дар бораи қарорҳои Суди конститутсионӣ меравад, набудани номуайянӣ дар дарк намудани ҷавҳари ҳуқуқии онҳо ба шаъну шарафи мақомоти адолати конститутсионӣ ва дар маҷмӯъ ба раванди татбиқи ҳуқуқ ба таври манфӣ таъсир мерасонад.[172]

Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани баҳсҳо оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд ё не ва муайян намудани мақоми онҳо дар низоми мазкур он аст, ки аксарияти давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ дохиланд. Аз рӯи доктринаи дар назарияи ҳуқуқ умумиэътирофгардида дар низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ санадҳои судӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ шинохта шаванд. Дар низоми ҳуқуқии мазкур ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ танҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Аз ин рӯ, оид ба он, ки санадҳои Суди конститутсионӣ амсоли судӣ мебошанд ва ё ҳамчун санади меъёрии мустақиланд, баҳсу мунозира барпо мегардад.

---

[172] Захаров В.В. Решения Конституционного суда РФ в системе источников российского права// Журнал российского права. - №11. – 2006. – С.25.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ (шӯравӣ) чунин баҳс дар миёни солҳои 60-уми асри ХХ ба вуқуъ пайваста буданд ва одатан қарорҳои Суди Олиро дар бар мегирифтанд. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба он зоҳир мегардид, ки Суди Олӣ тавассути қарорҳои худ таҷрибаи судӣ ва омори судиро меомӯзад, ҷамъбаст ва таҳлил менамояд. Аз ҷониби Суди Олӣ эзоҳи роҳбарикунанда оид ба масъалаҳои истифодабарии қонунгузорӣ, ки дар ҷараёни баррасии кори судӣ ба вуқӯъ мепайванданд, дода мешавад. Ҳамчунин ишора карда мешуд, ки чунин қарорҳои Пленум барои иҷро аз ҷониби судҳои поёнии дар ҳудуди кишвар қарордошта ҳатмӣ мебошанд. Аз ин рӯ пешниҳод карда мешуд, ки чунин фаъолияти Суди Олӣ ҳамчун фаъолияти фаҳмондадиҳии ҳуқуқӣ ҳисоб карда шавад ва қарорҳои он бошад ба ҳайси сарчашмаи мустақили ҳуқуқ, яъне амсоли судӣ эътироф гарданд.

Мавқеи мазкур дар солҳои навадуми асри гузашта дастгирии васеъ пайдо намуд. Дар кишварҳои пасошӯравӣ мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ ташкил гардиданд ва худи давлатҳо бошанд иштирокчии шартнома ва аҳдномаҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон гаштанд, ки дар доираи онҳо имконияти муроҷиати шаҳрвандон ба инстантсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шуда буд. Дар натиҷа ин ба тавсеаи доира ва соҳаи истифодаи таҷрибаи судӣ ва тағйири муносибат ба он аз ҷониби олимон оварда расонид. Ва ин боис гардид, ки дар муайян намудани нақш ва мақоми санадҳои Суди конститутсионӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ду муносибат ташаккул ёбад:

1) ҳамчун амсоли судӣ;
2) ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Ҷонибдорони нуқтаи назари аввал ба он ишора менамоянд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ на танҳо хусусияти тавзеҳӣ доранд, балки меъёрҳои нави ҳуқуқиро муқаррар менамоянд. Ҳамин тавр, ба ақидаи С.А Авакян аз ҷониби ҳокимияти муосири судии Россия, пеш аз ҳама Суди конститутсионӣ, амалан функсияи ҳуқуқэҷодкунанда амалӣ карда мешавад.[173] В.Д. Зоркин низ чунин ақидаро дунбола карда, ишора менамояд, ки дар ҳоли ҳозир раванди тағйироти нақши ҳокимияти судӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба назар мерасад.[174]

Оид ба он, ки дар доктринаи ҳуқуқӣ тасаввурот оид ба амсоли судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ тағйир меёбад, инчунин М.Н. Марченко ишора менамояд. Ба ақидаи ӯ, эътирофи расмии таҷрибаи судӣ ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ бештар масъалаи амалӣ мебошад, чунки дар низомҳои миллии ҳуқуқӣ хусусиятҳои хос дар ҳуқуқэҷодкунии судӣ вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз якҷо намудани мафҳуми «амсоли судӣ» ба маънои классикӣ, ки дар низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ истифода мешавад, нодуруст буда ва ин бо таҷрибаи истифодаи амсол дар давлатҳои ҷаҳон тасдиқи худро ёфтааст.[175]

[173] Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. – М., 2000. – С. 206-209.
[174] Зорькин В.Д. Современный мир, право и Конституция. – М., 2010. – С.161.; Он же. Конституционно-правовое развитие России. – М., 2011. – С. 335.
[175] Марченко М.Н. Источники права. – С. 385.

Дар адабиёт дар бораи ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба ин масъала пешниҳоди куллан нав ба назар мерасанд. Аз ҷумла, Н.А. Вересова пешниҳод менамояд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ ҳамчун амсоли конститутсионӣ таъйин карда шаванд, ки дар онҳо «қарорҳои судии бо тартиби истеҳсолоти судии конститутсионӣ қабулкардаи мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ, бо мавҷудияти чунин аломатҳое, ба монанди уҳдадории умумӣ, ниҳоӣ, эътибори фаврӣ ва тоқатнопазирӣ, ки қисми таркибии он дорои аҳамияти меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор мераванд, аз тафсири санади конститутсионӣ иборат бошанд»[176].

Дар байни олимони ватанӣ ҷонибдорони тааллуқ доштани санадҳои Суди конститутсионӣ ба амсоли судӣ низ вомехӯранд. Аз ҷумла, ин мавқеъро С.Б. Мирзоев ҷонибдорӣ карда, дар асоси таҳлили фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадаст, ки қарорҳои ин мақомоти судӣ хусусияти амсолӣ доранд. Хулосаи худро вай бо он асоснок менамояд, ки қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ барои тамоми мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда барои иҷро ҳатмӣ мебошанд ва ҳамин мазмун санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро низ фаро мегиранд[177].

Бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки табиати ҳуқуқӣ-хусусии муносибатҳои меҳнатӣ бебаҳс аст ва дар аксари давлатҳо ин муносибатҳо дар фазои ҳуқуқие ба вуҷуд меоянд, ки дар он татбиқи қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои императивии он аҳамияти ҳалкунанда доранд. Амалан дар тамоми давлатҳои дунё муносибатҳои меҳнатӣ ба асосҳои умумии сивилистӣ ва коллизионӣ бо муқаррароти оммавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи меҳнат, шароити меҳнат ва монанди инҳо тобеъ мегарданд.

Хусусияти хоси муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ин тамоюли маҳдуд гардонидани мухторияти иродаи тарафҳо баҳри ҳифзи тарафи «заиф» мебошад. Зеро дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳамеша як тараф корманд аст ва қонунгузор ӯро ҳамчун тарафи заиф ҳифз менамояд.

Ҳамин тавр, масоили марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар соҳаи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд, хусусияти муҳимро доро мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ масъалаи ба соҳаҳои алоҳида тақсим намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷой дорад.

Аз ҷумла, А.Л. Маковский мавҷудияти ҳуқуқи байналмилалии хусусии баҳриро дастгирӣ менамуд. В.П. Звеков бошад аз мавҷуд будани ҳуқуқи байналмилалии хусусии меҳнатӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳарф мезанад[206].

Доираи масъалаҳое, ки ба ҳуқуқи байналмилалии хусусии меҳнатӣ дохил карда мешаванд, – менависад ӯ – васеъ буда, бо муносибатҳои гуногуни фарогирифтаи худ фарқ менамоянд. Дар байни онҳо – муносибати байни шаҳрвандони ватанӣ ва корфармоёни хориҷӣ дар дохили кишвар ва берун аз он, кори шаҳрвандони ватанӣ дар ташкилотҳои ватании берун аз кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ, кори шаҳрвандони хориҷӣ дар дохили кишвар, аз ҷумла дар ташкилотҳои ватанӣ бо иштироки хориҷиён ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Аммо ба андешаи мо ҷудо намудани ҳуқуқи байналмилалии хусусии меҳнатӣ ҳамчун соҳа ё зерсоҳа аз ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ чандон ба мақсад мувофиқ намебошад. Зеро дар зинаи мазкур, чи тавре, ки ба назар мерасад ҳуқуқи байналмилалии хусусии меҳнатӣ хусусиятҳоеро, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ба таври анъанавӣ ҳамчун ташкилдиҳандаи низоми алоҳида ё соҳаи (зерсоҳаи) алоҳида баррасӣ карда мешаванд, доро намебошад. Ба онҳо дохил мешаванд, агар зерсоҳа дар назар дошта шавад принсипҳои махсус, ки барои танзими категорияи муайяни муносибатҳо нигаронида шуда, маҷмуи меъёрҳое мебошанд, ки имкон медиҳад онҳоро ба категорияи алоҳида ҷудо намуд, чунки онҳо аз як тараф сатҳи баланди умумияти дохилӣ ва аз тарафи дигар сифатҳои махсусро нисбат ба меъёрҳои дигари соҳаи мазкур доро мебошанд.

Чи тавре ки тадқиқоти муаллифони барҷаста, аз қабили Л.А. Лунс, М. Андре, И. Саси ва ғ., ки ба муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ равона гардиданд, нишон медиҳад, ҳуқуқи байналмилалии хусусии меҳнатӣ ҳеҷ кадоме аз онҳоро соҳиб намебошад. Мавҷуд будани шаклҳои махсуси мустаҳкамнамоии коллизионӣ, ки ҳамчун

---

[206] Ниг.: Звеков В.П. Международное частное право. – М., 1999. – С. 410-412.

воситаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баромад менамоянд, ҳолати корро дигаргун карда наметавонад. Дар робита бо ин дар айни ҳол танҳо дар бораи институти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ – маҷмуи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии хусусияти байналмилалӣ дошта, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманд мебошанд, сухан гуфтан имконпазир асту бас.

Ба муносибатҳои хусусияти гражданӣ-ҳуқуқӣ дошта ба маънои васеъи калима, ки таҳти таъсири ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қарор мегиранд, муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ низ дохил мешаванд, аммо танҳо дар ҳадде, ки танзими ҳуқуқии онҳо бо истифодаи категорияҳои ҳуқуқи гражданӣ амалӣ гардонида мешавад (уҳдадориҳои шартномавӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ, ҷуброни зарар, муҳлати даъво ва амсоли инҳо).

Дар соҳаи ҳуқуқи меҳнатӣ нисбат ба ҳуқуқи гражданӣ асосҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ нисбатан зиёдтар ба назар мерасанд. Ҳуқуқи меҳнатӣ (ба мисли ҳуқуқи оилавӣ) ин ихтилоти муқаррароти оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-уқуқӣ мебошад, гарчанде аслан ҳуқуқи меҳнатӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ дохил мешавад. Расидагии давлат ба ин соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ бинобар зарурати гузаронидани сиёсати муайяни иҷтимоӣ, ки тавонад манфиати кормандон ва корфармоёнро бо мақсади нигоҳ доштани устуворӣ дар ҷомеа ва бартараф кардани бекорӣ ҳифз намояд, ҷой дорад. Бавуҷудоӣ ва рушди назарияи шарикии иҷтимоӣ, ки дар танзими муосири муносибатҳои меҳнатӣ васеъ ба назар мерасад, маҳз бо таъсири давлат ба муносибатҳои мазкур алоқаманд мебошад[207].

Танзими коллизионии муносибатҳои меҳнатӣ татбиқи категорияҳои умумии ҳуқуқи коллизиониро пешбинӣ менамояд (аммо бо тавзеҳоти муайян). Азбаски созишномаи меҳнатӣ – ин шартнома мебошад, пас ба он мухторияти ирода ҳамчун алоқамандии умумии коллизионии тамоми уҳдадориҳои шартномавӣ татбиқ карда мешавад. Қонунгузории аксарияти давлатҳо имконияти созиши тарафҳоро оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ҳамчун дилхоҳ шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд.

Аммо бояд гуфт, ки на ҳамаи масъалаҳои шартномаи меҳнатӣ бо мухторияти ирода танзим карда мешаванд. Аз ҳама маҳдудияти асосии он – зарурати риояи меъёрҳои императивии қонунгузории меҳнатии ҳам кишвари маҳалли фаъолияти меҳнатӣ ва ҳам кишвари маҳалли бастани шартномаи меҳнатӣ ва ҳам давлати шаҳрвандии корманд мебошад. Ҳангоми мавҷуд набудани созиши тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда дар шартномаи меҳнатӣ дар судҳои кишварҳои Ғарб ҷустуҷӯи гипотетикии дар назар доштаи мухторияти ирода амалӣ гардонида мешавад. Алоқамандии махсуси субсидиарӣ (иловагӣ) ин қонуни маҳалли фаъолияти меҳнатӣ ва қонуни маҳалли бастани шартнома мебошанд. Дар

[207] Муф. ниг.: Бобозода У.Э. Право человека на труд в Республике Таджикистан: история формирования и этапы совершенствования // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (33). Душанбе, 2024. – С. 96-109.

муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар асосҳои умумии танзими коллизионӣ масъала оид ба бархурди (конфликти) квалификатсияҳо ва бархурди юрисидиксияҳо гузошта мешавад. Ҳамчунин масоили ҳаволакунӣ ва тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ ҳал карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дар асоси қонуни шахсии корманд муайян карда мешавад, аммо бо як қатор истисноҳо ба фоидаи қонуни маҳалли фаъолияти меҳнатӣ ё қонуни маҳалли бастани шартнома.

Фаъолияти меҳнатии фардҳои алоҳида дар соҳаи байналмилалӣ ба як қатор қоидаҳои махсус итоат менамоянд. Дар ҳаёти муосир аксари кишварҳо додани иҷозатномаро барои воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрвандӣ ба қаламрави худ дар якҷоягӣ бо пешниҳоди иҷозат ба кор амалӣ мегардонанд (Австрия, Британияи Кабир, Испания, Канада, ИМА, Олмон ва ғ.). Дар дигар давлатҳо ба даст овардани иҷозат ба кор на аз шахсони ҷисмонӣ, ки нияти амалӣ гардонидани фаъолияти меҳнатиро доранд, балки аз ташкилоте, ки бо шахсони ҷисмонии алоҳида шартномаи меҳнатӣ мебандад, талаб карда мешавад (Монголия).

Мувофиқи Қонуни Монголия оид ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ аз 24 декабри соли 1993 «тамоми ташкилотҳо ва муассисаҳо дар дилхоҳ шакли ҳуқуқӣ, ки дар қаламрави Монголия фаъолият мебаранд, уҳдадор мебошанд, ки бо мутахассисони хориҷӣ ва кормандон аз кишварҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ шартномаи меҳнатӣ банданд ва иҷозати мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, ки ба муносибатҳои меҳнатӣ масъул мебошанд, гиранд» (б. 5 м. 11).

Қайд кардан ба маврид аст, ки талаботе ки нисбати ба муносибатҳои меҳнатӣ ворид шудани хориҷиён дар кишвари будубош эълон карда мешавад, мазмуни муқаррароти моддӣ-ҳуқуқиро, ки ҷабҳаи оммавӣ-ҳуқуқӣ доранд, ташкил медиҳад. Мувофиқан ба муносибатҳои аз ҷониби онҳо танзимшаванда масъалаи интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда ба вуҷуд намеояд, зеро муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ҳамеша ба қонуни қаламравӣ итоат менамоянд. Ҳамзамон истисно намудани чунин меъёрҳо аз доираи масоили дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасишаванда нодуруст мебошад, зеро онҳо ҳамчун асос барои муқаррар намудани режими ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқии хориҷиён, аз ҷумла меҳнаткашони хориҷӣ дар кишвари дахлдор хизмат менамоянд.

Танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки аз ҳудуди юрисдиксияи як давлат берун мебароянд, дар кишварҳои алоҳида бо истифодаи консепсияҳои гуногун ба роҳ монда мешаванд. Дар як гурӯҳи давлатҳо (кишварҳои Иттифоқи Аврупо) равияи сивилистӣ ҳукмфармо мебошад, дар дигар кишварҳо – баъзе аз маҳдудияти он бо назардошти унсурҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ мавҷуданд (Олмон, Фаронса, Италия).

Ҳамин тавр, танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ доираи чунин масъалаҳоро фаро мегирад:

1) имконияти танзими шартномаи меҳнатӣ дар асоси принсипи мухторияти ирода;

2) танзими давлатии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хориҷиён ва шахсони

бешаҳрвандӣ;

3) имконияти маҳдуд кардани ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон дар асоси шартномаҳои дутарафаи байналмилалӣ.

Алоқамандиҳои умумӣ ва махсуси коллизионнӣ инҳо мебошанд:

1) қонуни маҳалли бастани шартномаи меҳнатӣ;

2) қонуни маҳалли амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ;

3) қонуни парчам дар нақлиёти баҳрӣ ё ҳавоӣ;

4) қонуни шахсии корманд;

5) қонуни маҳалли ҷойгиршавии корфармо;

6) қонуни маҳалли фаъолияти доимии меҳнатӣ;

7) қонуни маҳалли ҷойгиршавии муассисае, ки кормандро ба сафари хизматӣ фиристодааст;

8) қонуни маҳалли бақайдгирии воситаҳои нақлиёт;

9) қонуни боркашон.

Дар қонунгузории Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъдан ҳуқуқи хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои коллизионие, ки ба муносибатҳои меҳнатии дар соҳаи байналмилалӣ бавуҷудоянда, воҷиби татбиқ мебошанд, мавҷуд набуданд ва имрӯз ҳам чунин меъёрҳо ҷой надоранд. Азбаски дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ҳуқуқи меҳнатӣ мавқеи махсусро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ишғол менамояд, бинобар ин дар сарчашмаҳои ҳуқуқи граждані муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ҳамчун объекти танзимнамоӣ ҳисоб намешаванд, дар натиҷа меъёрҳои коллизионӣ, ки ба муносибатҳои меҳнатӣ бахшида шудаанд, вуҷуд надоранд. Дар қисми 3-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ моддаи алоҳидае вуҷуд надорад. Мувофиқан танзими коллизионӣ-хуқуқии муносибатҳои меҳнатии хусусияти байналмилалӣ дошта бо ёрии воситаҳои миллӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси хешро наёфтааст. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав меъёрҳои коллизионии марбут ба соҳаи мазкурро дар бар намегирад. Дар ҳоле ки Кодекси меҳнати қаблан амалкунанда муқаррароти умумиро дар бораи татбиқи қонунҳои меҳнат нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бетабаа ва ташкилотҳои хориҷӣ мустаҳкам намуда буд (м. 12). Аз ҷумла, зикр карда мешуд, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ба ашхосе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, вале тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар ташкилотҳои воқеъ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кор менамоянд, агар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартномаи байналмилалӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, татбиқ карда мешаванд. Дар ташкилотҳое, ки пурра ва ё қисман ба ашхоси ҳуқуқӣ ё ашхоси воқеии хориҷӣ мансубанд ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат бо илова ва истисноҳое, ки санадҳои қонунгузорӣ ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мумкин аст муқаррар намоянд, татбиқ карда мешаванд.

Чи тавре ки В.А. Канашевский андешаи В.П. Звековро дар асари худ иқтибос оварда, қайд менамояд: мавҷуд набудани меъёрҳои коллизионӣ

дар Кодекси меҳнати ФР маънои номумкин будани мутобиқат ба принсипҳои умумии меъёрҳои коллизиониро, ки дар Кодекси граждании ФР дарҷ ёфтаанд, надорад[208].

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани факти расонидани зарар, ки бо иҷрои ухдадориҳои меҳнатӣ алоқаманд мебошанд, суд меъёри коллизионии умумӣ, ки дар моддаи 1339-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудааст, ба роҳбарӣ мегирад. Мувофиқи он нисбат ба ҳолати мазкур ҳуқуқи кишваре, ки амал ё ҳолати дигар дар он ҷой дошт ва барои талаботи баргардонидани зарар асос шуда бошад, татбиқ карда мешавад. Ҳангоми муқаррар намудани факти зарурати татбиқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон суд меъёрҳои умумии ҳуқуқи моддиро, ки дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ амал менамоянд, татбиқ менамояд.

Бо такя ба муқаррароти амалкунандаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мухторияти иродаи тарафҳо дар муносибатҳои шартномавии гражданӣ-ҳуқуқӣ эҳтимол кардан мумкин буд, ки татбиқ намудани чунин принсип дар шартномаҳои меҳнатӣ низ ҷойгузир аст. Вале бо вуҷуди ин тасдиқи қонунии ҳолати мазкур дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад.

Дар як қатор ҳолатҳо ба шартномаи меҳнатӣ қонуни парчами киштӣ, қонуни маҳалли ҷойгиршавии маркази маъмурии муассиса (дар мисоли муассисаи нақлиётӣ), қонуни кишвари муассисаи шахси ҳуқуқӣ ё давлате, ки он маҳалли ҷойгиршавии мақомоти худро дорад ё маҳалли афзалиятноки амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ татбиқ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар доираи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳлил карда мешаванд, амали аксари институтҳои он, аз қабили озодии шартнома, мухторияти иродаи тарафҳо, режими миллӣ, режими афзалиятнок, тарафайн, тавзеҳот дар бораи тартиботи оммавӣ ва ғ. хос мебошад.

**Адабиёт:**


1. Звеков В.П. Международное частное право. – М., 1999.
2. Звеков В.П. Международное частное право. Учебник. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристь. 2004. – С. 522-523.
3. Канашевский В.А. Международное частное право: Учебник. Изд. 2-е, доп. – М.: Междунар. отношения, 2009. – 752 с.
4. Кодиркулов Х.Р. Проблемы правового регулирования трудовых отношений с иностранным элементом. –Душанбе: Ирфон, 2006.
5. Менглиев Ш.М. Лекции по международному частному праву. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 512 с.
6. Менглиев Ш.М. Международное частное право. – Душанбе: Типография ТНУ, 2013.
7. Бобозода У.Э. Право человека на труд в Республике Таджикистан:


[208] Канашевский В.А. Международное частное право: Учебник. Изд. 2-е, доп. – М.: Междунар. отношения, 2009. С. 600. / Звеков В.П. Международное частное право. Учебник. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юристь. 2004. С. 522-523.

история формирования и этапы совершенствования // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (33). – Душанбе, 2024. – С. 96-109.

8. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ: Воситаи таълимӣ / Муҳаррирони масъул: н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҷабов М.Н. ва н.и.ҳ., дотсент Мирзоев А.М. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 264 с.

9. Толстых В.Л. Коллизионное регулирование трудовых отношений // Трудовое право. – 2003. – №4.

# СОЦИАЛЬНОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО В ТАДЖИКИСТАНЕ: СОСТОЯНИЕ, ФАКТОРЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права, к.ю.н., доцент.
**E-mail:** omavlonazarov@mail.ru
**Тел:** (+992) 500000909

**Халимова Мадина Акрамовна**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, студент 3-го курса
**E-mail:** madinakhalimova@mail.ru
**Тел:** (+992) 987339356

**Рецензент:** Гаюрзода Ш.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Данная научная статья исследует состояние социального предпринимательства в Таджикистане, анализируя основные факторы, влияющие на развитие этой формы предпринимательства. Результаты исследования позволяют выявить основные проблемы и вызовы, с которыми сталкиваются социальные предприниматели в Таджикистане, а также выявить потенциальные перспективы для развития данной сферы. Современная политическая жизнь Республики Таджикистан характеризуется формированием новой системы взаимоотношение между предпринимателями и государство. В условиях рыночной экономики происходит активный процесс либерализации социально-экономической структуры общества. Примером тому является то, что Конституция Республики Таджикистан устанавливает многообразие форм собственности и их равноправие. Основными функциями правового демократического государства являются обеспечение и защита личных прав и свобод человека и гражданина, его чести достоинство, а также создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие граждан.

**Ключевые слова:** Предпринимательство, социальное предпринимательство, социальная миссия, предприниматель, финансирование, благотворительных организаций, социальные предприниматели, индивидуальный предприниматель, социальные проблемы, социальные проекты.

# СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ВАЗЪИЯТ, ОМИЛҲО ВА БАРТАРИЯТҲО

**Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**E-mail:** omavlonazarov@mail.ru
**Тел.:** (+992) 500000909

**Ҳалимова Мадина Акрамовна**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, донишҷӯи курси 3-юм
**E-mail:** madinakhalimova@mail.ru
**Тел:** (+992) 987339356

**Муқарриз: Ғаюрзода Ш.К., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

Фишурда: Мақолаи илмии мазкур вазъи соҳибкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистонро таҳлил карда, омилҳои асосии ва бартариятҳои ин шакли соҳибкориро таҳлил менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба мо имкон медиҳад, ки мушкилоти асосии соҳибкорони иҷтимоӣ дар Тоҷикистон муаяйн намуда, дурнамои эҳтимолии рушди ин соҳаро муайн созем. Ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба ташаккули низоми нави муносибатҳои байни соҳибкорон ва давлат алоқамандӣ дорад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ рафти фаъолии либерализатсияи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият ба вуҷуд меояд. Мисоли ин гуфтаҳо, меъёри Конститутсия, ки шаклҳои гуногуни моликияти баробарии иштиркчиёни он шуда метавонад. Функсияи асосии давлати ҳуқуқбунёду демократӣ таъмини ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ҳамчунин муҳайё намудани шароити мусоид ва инкишофи озодонаи он мебошад. Бо ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ дар Тоҷикистон, пайдоиши навъҳои гуногуни хизматрасонӣ, ки онҳо бо талаботи рузмарраи соҳибкорони инфиродӣ ва соҳибкорони шахсони ҳуқуқӣ ва давлат дахл доранд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, соҳибкории иҷтимоӣ, вазифаи иҷтимоӣ, соҳибкор, маблағгузорӣ, ташкилотҳои хайриявӣ, соҳибкоронӣ иҷтимоӣ, соҳибкорӣ инфиродӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, накшаҳои иҷтимоӣ.

## SOCIAL ENTREPRENEURSHIP IN TAJIKISTAN: STATUS, FACTORS AND PROSPECTS

**Mavlonazarzoda Odilbek Abdulnazar,**
Tajik National University, faculty of law, Head of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law,

Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.
**E-mail:** omavlonazarov@mail.ru
**Phone.:** (+992) 500000909

**Halimova Madina Akramovna,**
Tajik National University, Faculty of Law, Student 3-rd years
**Тел:** (+992) 987339356
**E-mail:** madinakhalimova@mail.ru

**Reviewer:** Ghayurzoda SH.K. Doctor of law, professor.

**Annotation:** This scientific article examines the state of social entrepreneurship in Tajikistan, analyzing the main factors influencing the development of this form of entrepreneurship. The results of the study allow us to identify the main problems and challenges faced by social entrepreneurs in Tajikistan, as well as identify potential prospects for the development of this area. Modern political life of the Republic of Tajikistan is characterized by the formation of a new system of relationships between entrepreneurs and the state. In a market economy, there is an active process of liberalization of the socio-economic structure of society. An example of this is that the Constitution of the Republic of Tajikistan establishes a variety of forms of ownership and their equality. The main functions of a legal democratic state are to ensure and protect the personal rights and freedoms of man and citizen, his honor and dignity, as well as the creation of conditions that ensure a decent life and free development of citizens. With the development of market relations in the country, the emergence of a number of different types of services in which individual entrepreneurs and legal entity entrepreneurs, as well as the state, are in need. The work is aimed at improving conditions for social entrepreneurs and promoting a deeper understanding of the role of social entrepreneurship in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** Entrepreneurship, social entrepreneurship, social mission, entrepreneurs, financing. Charitable organization, social entrepreneurs, individual entrepreneur, social problem, social projects.

Развитие социального предпринимательства в Таджикистане в настоящее время находится в существенной зависимости от внешних стейкходеров – государства, крупного бизнеса и частных фондов. При выявлении путей государственной, в том числе правовой, поддержки предпринимательства, наверно, следует предварительно определить степень полноты законодательного оформления в Таджикистане каждого из приведенных направлений… основных направлений предпринимательского права[209].

[209] См.: Ш.М. Исмаилов. Сборник избранных статей. – Душанбе, 2021. – Стр. 127.

Несмотря на расхождение в оценках, вероятность повышения предпринимательской активности граждан и их участие, а социальных предприятиях мы считаем находится на низкие уровни. Социальное предпринимательство и социально-культурных услуги направлены на удовлетворение духовных, интеллектуальных потребностей и подержание нормальной жизнедеятельности граждан[210]. Кроме того, отсутствуют ожидание крупных инвестиций бизнеса в развитие социальных предприятий. Социальное предпринимательство в Таджикистане представляет собой форму бизнеса, целью которого является решение социальных проблем и улучшение качество жизни людей. Предпринимкатель обладает гражданским правом на нее и созданный по его заказу объект принадлежит только ему[211]. В отличие от обычных коммерческих предприятий, социальные предприниматели стремятся не только к получению прибыли, но к достижению социальных целей, таких как борьба с бедностью, защита окружающей среды, поддержка малоимущих слоёв населения и т.д.

История развития социального предпринимательства входит в глубь веков, когда люди начали осознавать необходимость решения социальных проблем через бизнес-подходов. Одним из первых примеров социального предпринимательства можно назвать деятельность монастырей в Средние века, которые занимались благотворительностью, образованием и помощью нуждающимся. Монастыри создавали свои предприятия, чтобы обеспечить себя и помогать обществу. Следующим важным этапом в развитии социального предпринимательства было появление благотворительных организаций в XIX веке. Например, Флоренс Найтингейл основала первую школу медсестер и заботилась о здоровье и социальном благополучии людей. Такие организации стали активно привлекать финансирование от частных лиц и правительства для решения социальных проблем[212]. В начале XX века в США появились первые социальные предприятия, такие как Goodwill Industries, которые занимались оказанием помощи бездомным и малоимущим людям. В период Великой депрессии 1930-х годов социальные предприниматели активно участвовали в решении социальных проблем, создавая программы по оказанию помощи нуждающимся[213]. Возникли такие новые формы социального предпринимательства, такие как социальные предприятия, кооперативы и некоммерческие организации. Они стали активно

---

[210] См.: Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально – культурных услуг. – Душанбе, 2014. – Стр. 4.

[211] См.: Мавлоназаров О.А. Права потребителей на надлежащую рекламу, и его защита по законодательству Республики Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2016. – 175 стр.

[212] См.: Войнова О. А., Козлова О. А. Эволюция концепции социального предпринимательства // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2016. – Т. 22. – №. 1. – С. 102-112. [электронный ресурс] URL:https://cyberleninka.ru/article/n/evolyutsiya-kontseptsii-sotsialnogo-predprinimatelstva (дата обращения: 17.02.2024).

[213]См.: Баталина М. и др. Обзор опыта и концепций социального предпринимательства с учетом возможностей его применения в современной России // Препринты НИУ ВШЭ. Сер. WP1. Институциональные проблемы российской экономики. – 2008. – №. 2. – С. 24. [электронный ресурс] URL: http://soc-biz.ru/left-menu-soc-biz-media/soc-biz-media-review/Московская о развитии СП.pdf (дата обращения: 17.02.2024).

использовать бизнес-модели для решения социальных проблем и устойчивого развития [214].

С развитием глобализации и информационных технологий в конце XX века социальное предпринимательство приобрело новые формы и возможности. Появились и развиваются организации, которые поддерживают социальных предпринимателей по всему миру. Также стали активно развиваться социальные стартапы, которые используют инновационные подходы для решения социальных проблем. Сегодня социальное предпринимательство стало широко распространенным и признанным способом решения социальных проблем. Множество успешных социальных предпринимателей по всему миру демонстрируют, что бизнес-подход к социальным вопросам может быть эффективным и устойчивым. Например, Мухаммед Юнус основал банк Грамин в Бангладеше, который предоставляет микрокредиты бедным людям и помогает им выйти из бедности[215] .

Несколько этапов развития социального предпринимательства:

Этап первый, проявления социального предпринимательства в древние времена, когда монастыри занимались благотворительностью и помощью нуждающимся.

Этап второй, развитие благотворительных организаций в XIX веке, которые активно привлекали финансирование для решения социальных проблем.

Этап третий, появление новых форм социального предпринимательства в XX веке, таких как социальные предприятия и некоммерческие организации.

Этап четвёртый, современный этап развития социального предпринимательства, когда бизнес-подход к социальным вопросам стал широко распространенным и признанным.

Прежде чем раскрыть сущность социального предпринимательства, нужно сначала определить и понять само понятие предпринимательства. Предпринимательство – самостоятельная деятельность, основанная на риске, осуществляемая лицами, прошедшими государственную регистрацию в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан, направленная на получение прибыли от использования имущества, производства, реализации товара (выполнения работ или оказания услуг)[216]. Понятие предпринимательской деятельности, приведённое в ст.1 ГК РТ, не отражает фактического положения индивидуального предпринимателя, потому что признаки самостоятельность и рискованность, которые законодатель считает

---

[214] Там же

[215]См.: Волкова М.С. Становление социального предпринимательства // Социально-экономические явления и процессы. – 2015. – Т. 10. – №. 5. – С. 24-29. [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/stanovlenie-sotsialnogo-predprinimatelstva (дата обращения: 18.02.2024).

[216] Закон РТ «О государственной защите и поддержке предпринимателей» от 26.07.2014г., №1107 [электронный ресурс] URL: https:// mmk.tj (дата обращения 18.02.2024г.)

присущими предпринимателям, не всегда касаются индивидуального предпринимателя считает С.Х. Наботов[217].

В общем предпринимательскую деятельность разделяют на 2 вида, это предпринимательство юридических лиц и индивидуальное предпринимательство. Исходя из данных определений, мы можем понять, что такое социальное предпринимательство и как оно развивается в обществе. Социальное предпринимательство можно объяснить, как предпринимательскую деятельность не зависимо от формы государственной регистрации (индивидуальный предприниматель или юридическое лицо), которая направлена на конкретную социальную миссию, а также на решение социальных проблем в обществе.

У социального предпринимательства есть свои признаки, по которым она отличается от традиционного предпринимательства:

1. **Преобразовательная деятельность с социальным устойчивым эффектом**, что означает создание и развитие бизнеса, который не только приносит прибыль, но и решает социальные проблемы или способствует улучшению общественного благосостояния.
2. **Целевая направленность на решение существующих социальных проблем**, которая является ключевым аспектом социального предпринимательства. Компании, занимающиеся социальным предпринимательством, обычно стремятся к созданию устойчивых инновационных решений для таких проблем, как неравенство, доступ к образованию и здравоохранению, экологические проблемы и другие вызовы.
3. **Самоокупаемость социального предпринимательства** – это способность социального предприятия или проекта возвратить свои инвестиции и стать финансово устойчивым без постоянной зависимости от внешних источников финансирования. Для оценки самоокупаемости социального предпринимательства обычно проводят анализ бизнес-модели, потенциальных источников доходов, затрат, прогнозируемых расходов и ожидаемых результатов.
4. **Финансовая устойчивость в социальном предпринимательстве** – ключевой аспект развития сектора социального предпринимательства. Для обеспечения финансовой устойчивости, социальные предприниматели могут использовать различные источники финансирования, такие как: гранты, инвестиции, краудфандинг (**народное финансирование**, от англ**.** ***crowdfunding*, *crowd*** – «толпа», ***funding*** – «финансирование») – является формой коллективного сотрудничества людей (доноров), которче добровольно объеденяют свои финансовые или иные ресурсы, чаще всего через интернет, с целью поддержать усилие других людей или организаций. Важно также разработать эффективную стратегию по привлечению и управлению финансовыми ресурсами.
5. **Распространение опыта** – включает в себя обмен знаниями, опытом и лучшей практикой между социальными предпринимателями,

[217] См.: Наботов С.Х. Правовой режим имущества индивидуального предпринимателя. Автореферат... дисс на соискание у.с. доктора философии (Phd). – Душанбе 2020. – Стр. 10.

организациями, правительственными структурами и другими заинтересованными сторонами. Это способствует созданию благоприятной среды для развития социального предпринимательства, обмена идеями и инновациями, а также повышения общественного внимания к социальным проблемам.

Даже если у социального предпринимательства имеется давняя история, но в мире оно достаточно новое и развитое направление. Устоявшего единого понимания того, кто такой “социальный предприниматель” и какие компании и частные предприниматели могут считаться социальным – нет. Первая группа учёных считает, что социальным предпринимателем является лицо, которое является основателем организаций, которые материально и финансово существуют за счет денежных поступлений их клиентов. Однако под такое определение попадает большое количество лиц, собственников и основателей организации, без какой-либо конкретизации. По мнению других учёных, социальным предпринимателем является субъект осуществляющий предпринимательскую деятельность в соответствии с определенной конкретной социальной миссией по достижению устойчивого качественного изменения состояния социальных проблем, берущий на себя всякие обязательства по ведению бизнеса с целью получения прибыли. Социальными предпринимателями являются не только лица, осуществляющие свою деятельность по государственным контрактам, грантам и пожертвованиям. Качественное определение социального предпринимателя состоит в том, что он имеет предпринимательский подход. Для социального предпринимателя присуще получение прибыли, но приоритетная его цель, будет состоять в желании работать на благо общества, решать конкретные социальные проблемы.

Социальное предпринимательство имеет большое значение для устойчивого развития Таджикистана. Оно способствует созданию инновационных решений социальных проблем, развитию малого и среднего бизнеса, улучшению качества жизни населения и формированию позитивного общественного воздействия. Благодаря социальным предпринимателям, Таджикистан может двигаться вперед, развиваясь как справедливое и процветающее общество.

Социальное предпринимательство в Таджикистане играет ключевую роль в поиске инновационных решений социальных проблем и улучшении качества жизни его населения. Поддержка социальных предпринимателей, создание благоприятной экономической среды и разработка эффективных механизмов финансирования помогут продолжать развитие этого важного сектора экономики Таджикистана.

**Основными функциями социального предпринимательства в Таджикистане являются:**

1. Идентификация социальных проблем и поиск их инновационных решений.

2. Создание устойчивых моделей бизнеса, способствующих решению социальных задач.

3. Привлечение инвестиций и финансовых ресурсов для реализации социальных проектов.

4. Партнерство с государством, неправительственными организациями и другими заинтересованными сторонами.

5. Мониторинг и оценка результатов деятельности, с целью повышения эффективности и социальной её отдачи.

В Республике Таджикистан, активно разрабатывают концепцию социального предпринимательства и внедряют в практику. Одним из наиболее ярким примером социального предпринимательства в Таджикистане, является проект Инициативы родителей детей с аутизмом Общественная организация «Ирода» и Социальное кафе «Дар як замин» (на одной земле). Данное кафе создаёт благоприятную среду для людей с аутизмом, где они могут продемонстрировать свои таланты и навыки. От приготовления различных вкусностей на кухне до взаимодействия с клиентами — каждая задача — это возможность для личностного роста и развития. Благодаря структурированному распорядку дня и четким ожиданиям у сотрудников с аутизмом формируются цель и чувство принадлежности к своей работе. Клиенты, посещающие это кафе, получают совершенно другой вид обслуживания, отличающийся аутентичностью и искренним общением. Уникальные взгляды и таланты людей с аутизмом придают особый оттенок общему опыту, способствуя сочувствию и признательности среди посетителей. Помимо индивидуального воздействия, социальные кафе, в которых работают люди с аутизмом, способствуют созданию более инклюзивного общества. Бросая вызов стереотипам и способствуя принятию, данное кафе служит катализаторам перемен, воспитывая культуру уважения и понимания к людям с инклюзивностью.

В заключении хочется отметить, что социальное предпринимательство представляет собой новый подход к решению социальных проблем, объединяя в себе цели как общественного блага, так и финансовой устойчивости. Этот вид предпринимательства ориентирован на создание положительного влияния на общество и окружающую среду, а не только на получение прибыли.

История развития социального предпринимательства показывает, что идея сочетания коммерческой деятельности с социальной миссией имеет давние корни, но набирает особую актуальность в наше время. Одним из ключевых моментов, который был выявлен в ходе исследования, является то, что социальное предпринимательство представляет собой новый подход к решению социальных проблем, объединяя в себе цели как общественного блага, так и финансовой устойчивости. Этот вид предпринимательства ориентирован на создание положительного влияния на общество и окружающую среду, а не только на получение прибыли.

Важным аспектом социального предпринимательства является механизм сотрудничества, который позволяет успешно реализовывать социальные проекты. Сотрудничество между бизнесом, государством и некоммерческими организациями способствует созданию устойчивых и

эффективных социальных предпринимательских инициатив. Финансирование социального предпринимательства также играет важную роль в его развитии. Различные источники финансирования, такие как гранты, инвестиции социальных фондов, краудфандинг и другие, позволяют социальным предпринимателям реализовывать свои идеи и проекты.

Преимущества социального предпринимательства включают в себя возможность решения социальных проблем, создание инноваций, привлечение инвестиций и участие в развитии общества. Однако, на пути развития социального предпринимательства стоят такие вызовы, как: нехватка финансирования, сложности в измерении социального воздействия и необходимость в поддержке со стороны государства.

Таким образом, социальное предпринимательство представляет собой эффективный инструмент для решения социальных проблем и достижения общего блага.

**Литература**:

1. Баталина М. и др. Обзор опыта и концепций социального предпринимательства с учетом возможностей его применения в современной России // Препринты НИУ ВШЭ. Сер. WP1. Институциональные проблемы российской экономики. – 2008. – №. 2. – С. 24.
2. Войнова О.А., Козлова О.А. Эволюция концепции социального предпринимательства // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2016. – Т. 22. – № 1. – С. 102-112.
3. Волкова М.С. Становление социального предпринимательства // Социально-экономические явления и процессы. – 2015. – Т. 10. – №. 5. – С. 24-29. [электронный ресурс] URL: https://cyberleninka.ru/article/n/stanovlenie-sotsialnogo-predprinimatelstva (дата обращения: 17.02.2024).
4. Закон РТ «О государственной защите и поддержке предпринимателей» от 26.07.2014 № 1107 [электронный ресурс] URL: https:// mmk.tj (дата обращения 18.02.2024 г.)
5. Мавлоназаров О.А. Права потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан. Монография. – Душанбе. 2016. – 175 с.
6. Исмаилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе, 2021. – 631 с.
7. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально – культурных услуг. – Душанбе, 2014. – 207 с.
8. Наботов С.Х. Правовой режим имущества индивидуального предпринимателя. Автореферат..дисс на соискание у.с. доктора философии (Phd). – Душанбе, 2020. – 30 с.

# ПУЛИ ИҶОРА ЯКЕ АЗ ШАРТИ АСОСИИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ БИНО ВА ИНШООТ

**Раҳимов Диловар Қосимович,**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ
Тел.: 987-55-83-96
E-mail: rakhimov.dilovar@list.ru

**Фишурда:** Дар мақола пули иҷора яке аз шарти асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот баррасӣ карда шудааст. Ҳадафи асосии тадқиқот таҳлили муқаррароти назариявӣ ва ҳуқуқӣ оид ба пули иҷора яке аз шарти асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот мебошад. Муаллиф шартҳои асосии ин навъи шартнома пули иҷораро омӯхта, проблемаҳои пардохти онро муайян кардааст. Таҳлили таҷрибаи мавҷудаи мақомоти ваколатдор оид муайянкунии пули иҷора яке аз шарти асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот баррасӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои таҳлил намудани асосҳои ҳуқуқии пули иҷора яке аз шарти асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот ин дуруст муайянкунии ҳаҷмӣ пули иҷора аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Калидвожаҳо:** Бино, иншоот, шартнома, иҷора, шартномаи иҷора, пули иҷора, моликияти давлатӣ ва комуналлӣ, иҷорадеҳ, иҷорагир.

# АРЕНДНАЯ ПЛАТА – ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ УСЛОВИЙ ДОГОВОРА АРЕНДЫ ЗДАНИЯ И СООРУЖЕНИЕ

**Рахимов Диловар Касимович,**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры теории государства и права
Тел.: (992) 98755 83 96
E-mail: rakhimov.dilovar@list.ru

**Аннотация:** В статье рассматривается арендная плата как одно из основных условий договора аренды здания и сооружения. Основная цель исследования – проанализировать теоретические и правовые положения об аренде, одном из основных условий договора аренды зданий и сооружений. Автор изучил основные условия данного вида договора аренды и выявил проблемы его оплаты. Рассмотрен анализ существующего опыта уполномоченных органов по определению арендной платы как одного из основных условий договора аренды зданий и сооружений. Отмечается, что одной из целей анализа правовой основы арендной платы является одно из основных условий договора аренды зданий и сооружений, а именно

правильное определение размера арендной платы законодательством Республики Таджикистан.
**Ключевые слова:** Здание, сооружение, договор, аренда, договор аренды, арендная плата, государственное и коммунальное имущество, арендодатель, арендатор

## RENT IS ONE OF THE BASIC CONDITIONS OF THE LEASE AGREEMENT FOR BUILDINGS AND STRUCTURES

**Rahimov Dilovar Qosimovich**
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Senior Lecturer Department of Theory of State and Law, Faculty of Law
Tel: (992)98755 83 96.
E-mail: rakhimov.dilovar@list.ru

**Annotation:** This article analyses rent is one of the main terms of the lease agreement for a building and structure. The main goal of the study is to analyze the theoretical and legal provisions on lease, one of the main conditions of the lease of buildings and structures. The author studied the basic terms of this type of lease agreement and identified problems with its payment. An analysis of the existing experience of authorized bodies in determining rent as one of the main conditions of a lease agreement for buildings and structures is considered. It is noted that one of the goals of analyzing the legal basis of rent is one of the main conditions of the lease of buildings and structures, namely the correct determination of the amount of rent by the legislation of the Republic of Tajikistan.
**Keywords:** Building, structure, agreement, lease, lease agreement, rent, state and municipal property, lessor, lessee

Дар шароити мавҷудият иқтисоди бозаргонӣ муносибатҳои иҷоравӣ торафт васеъ паҳн шуда истодаанд, зеро дар айни замон бисёр субъектҳои хоҷагӣ барои ба даст овардани молу мулки зарури захираҳои моддӣ ва молиявӣ надоранд, субъектони дигар бошанд, аз ин фурсатҳо самаранок истифода бурда, тавассути ба иҷора гирифтани молу мулк, бахусус биноҳо ва иншоотҳо талаботҳои худро қонеъ менамоянд[218].

Бино ва иншоот ҳамчун молу мулки ғайриманқул дар б. 1 м. 138 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[219], м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”[220] ва м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

[218] Ланда В.М. Актуальные проблемы регламентации отношений по аренде нежилых помещений // Правовые вопросы недвижимости. 2009. № 1.
[219] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022. – № 1918.
[220]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” аз 16 январи соли 2008 № 833.

иҷора”[221] реҷаи ҳуқуқӣ, шартҳои асосии ба иҷора додан ва ҳамчунин як шаклҳои афзалиятноки истифодабарӣ ба манфиати халқро касб намудааст.

Тартиби бастан ва шартҳои асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тавассути қонунгузорӣ муайян карда шуда таҳти танзими қоидаҳои қатъии ҳуқуқи маданӣ қарор доранд. Муҳимияти шартҳои асосии шартномаи иҷораи бино ва иншоот бо он такид мешавад, ки агар ақаллан яке аз шартҳои муҳимми эътирофшуда дар шартнома мавҷуд набошад, ин шартнома беэътибор дониста мешавад ва дар байни иштирокчиёни он ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба вуҷуд намеорад.

Шартномаи иҷораи бино ва иншоот аз руи хусусиятҳои предметаш як навъи мустакили иҷора маҳсуб ёфта, предмети он, яъне “бино” ва “иншоот” дорои арзиши баланд буда, дар муомилоти маданӣ аҳамияти махсусро касб намудаст.

Яке аз хусусиятҳои хоси шартномаи иҷораи бино ва иншоот ин музднокии он аст, зеро иҷорадеҳ барои иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба супоридани молу мулк ба соҳибӣ ва истифодаи иҷорагир, бояд охирин пешниҳоди вохӯридоштаро дар намуди пардохтани маблағи иҷора гирад. Пардохти пули иҷора дар шартномаи мазкур ҳамчун яке аз шартҳои муҳим на танҳо пардохт барои истифодабарии бино ва иншоот, балки пардохтҳои (хароҷоти) дигарро ҳам, ки метавонанд дар натиҷаи бастани шартнома ба миён меоянд (масалан, пардохти маблағи об, барқ, оби гарм, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Ба ҷузъ аз ин, пардохти мазкур метавонад фарогири пардохтҳое бошад, ки иҷорагир бояд ба шахсони сеюм супорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ вобаста ба масъалаи таърихан ташаккулёбии иҷорапулии шартномаҳои иҷора баъзе андешаҳо ва таълимотҳо вомехӯранд. Мисол, Дар «Драхмашастра» маҷмуаи қоидаҳои этикии қадими Ҳиндустон, ки қисматҳои онҳо ба миёнаҳои ҳазораи 1 пеш аз милод рост меояд, муқаррарот дар бораи иҷораи замин мавҷуданд[222]. Иҷора «авакрита» (Гаутама, П.3.39), «авакрайя» (Яджнавалка, 11.238), «стома» (Нарада, IV.20-22) ном дошт. Ғайр аз ин, чунин намудҳои пулакии истифода бурдани замин ҷудо карда мешуд: «самбхога», «бхукти», «ятибхога»[223].

Дар қонунҳои шоҳ Хаммурапӣ, ки тақрибан соли 1800 пеш аз милод пайдо шудааст, қариб 20 модда мавҷуд буд, ки ба танзими муносибатҳои ичоравӣ нигаронида шуда буд[224]. Онҳо ба иҷора гирифтани қитъаҳои замин (майдонҳо), боғҳо, биноҳои истиқоматӣ, киштиҳои дарёӣ, ҳайвоноти корӣ, аробаҳо дахл доштанд.

Ҳангоми ба иҷора додани киштзорҳо, одатан пули иҷора дар шакли натуравӣ («аз қисм ё аз се ҳиссаи он») муқаррар карда мешуд. Дар баробари ин, ҳосил наёфтан дар замин, бо айби (танбалии) иҷорагир онро аз додани ҳаққи маблағе, ки аз заминҳои ҳамсоя мепардозад, озод

---

[221] Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990. – № 184.
[222] Ниг.: Самозванцев А.М. Теория собственности в Древней Индии. – М., 1978.
[223] Муфассал ниг.: Самозванцев А.М. Правовой текст дхармашастры. – М., 1991. – С.150-170, 220-224.
[224] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Источники права. Вып. 1. – Тольятти: ИПП «Акцент», 1996. – С.7-17.

намекард. Қоидае низ муқаррар карда шуд, ки мувофиқи он тамоми оқибатҳои манфии тасодуфан талаф шудани ҳосил, аз ҷумла, давом додани уҳдадории додани пули иҷораро иҷорагир ба души худ мегирад.

Алоҳида ба иҷора додани қитъаҳои замини бекорхобида барои киштзор ё боғ танзим карда шуд, дар ин мавридҳо пули иҷора дар солҳои аввал ситонида намешуд.

Дар қонун байни кирояи оддии киштӣ ва кироя кардани киштӣ бо киштисоз (шахсе, ки киштиро идора мекунад) тафовут гузошта, масъулияти иҷорагирро барои нокомии киштӣ танҳо ҳангоми кирояи оддии киштӣ, ҳангоми ҷой доштани гуноҳи ӯ муқаррар кардааст, ҳамчунин маблағаи иҷора барои ин намуд иҷораҳо маҳдуд карда шудааст[225]. Яъне, аз гуфтаҳои боло бар меоянд, ки пули иҷора барои шартномаҳои иҷора, аз он ҷумла шартномаи иҷораи бино ва иншоот таърихан мавҷуд буда, то айни замон тарзҳои гуногуни муайян намудани ҳаҷми пули иҷора барои молу мулки ба иҷора додашуда коркард гаштаанд.

Иҷорапулиро метавон ҳамчун маблағи муқарраршуда дар як моҳ ё маблағи воҳиди майдони бино (иншоот) ё дигар нишондиҳандаи андозаи он муайян кард. Дар сурати охирин пули иҷора дар асоси хаҷми аслии бино ва иншооте, ки ба иҷорагир дода шудааст, муайян карда мешавад. Ҳуқуқи гирифтани пули иҷора танҳо баъди тасдиқи ба иҷора супоридани бино ва иншоот ба вуҷуд меояд[226]. Тавре ки мебинем, равишҳои назариявии муайян кардани шаклҳои пули иҷора умуман ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳарду тараф нигаронида шудаанд. Албатта, масъалаи интихоби шакл бо назардошти манфиатҳои мушаххас ҳал карда мешавад. Ҳамзамон, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, маъмултарин шакли пардохи пули иҷора ду намуд мебошанд:

- пардохтҳои даврӣ дар ҳаҷми муқарраршуда;
- ситонидани хароҷот ба иҷорагир барои беҳтар намудани бино ва иншооти ба иҷора гирифташуда.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аксар вақт ин шаклҳо якҷоя карда мешаванд.

Тибқи Кодекси граждании Федератсияи Россия вобаста ба иҷораи бино ва иншоот, нарх аз ду ҷузъ иборат аст: мутобиқи банди 2 м. 675 ҳамин Кодекс, пардохт барои истифодаи бино ва иншоот ва пардохт барои истифодаи қитъаи замин, ки дар он ҷойгир аст ё қисми дахлдори қитъаи бо он додашуда. Истисноҳо ҳолатҳое мебошанд, ки тибқи қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, тарафҳо ҳуқуқ доранд дар бораи пардохти иловагӣ барои қитъаи замин, ки бино дар он ҷойгир аст, ба мувофиқа расанд. Дар амал, аксар вақт иҷораи бино ва иншоот (манзили ғайриистиқоматӣ) барои як воҳиди масоҳат ба як метри мураббаъ муқаррар карда мешавад. Дар ин ҳолат қоидаи махсус амал мекунад: иҷора

---

[225] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Указ. соч. – С.15-16.

[226]Васильева М., Карсетская Е., Кирюшина И., Крутякова Т., Мешалкин В., Шершнев А. Аренда: правовое регулирование, бухгалтерский и налоговый учет // Журнал «Экономико-правовой бюллетень» №10, 2005 г.

бо назардошти андозаи воқеии бино, иншоотҳо ва биноҳои ғайриистиқоматии ба иҷорагир додашуда муайян карда мешавад (банди 3 моддаи 675 Кодекси граждании ФР)[227].

Моҳияти имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат дар қонунгузории миллӣ дар он ифода меёбад, ки инсонҳо дар тамоми дунё новобаста аз нажод, миллат, ҷинс ва дигар фарқиятҳо як ҳастанд, баробаранд, ҳама инсон ҳастанд, ки касе аз касе бартарию тафовут надорад. Бинобар ҳамин ҷомеаи башарӣ кӯшиш менамояд, ки дар ҳама соҳаҳо, хусусан дар соҳаи меҳнат бо меъёрҳо, принсипҳо, стандартҳо ба ҳам наздик бошанд ва ба инсон шароити мусоиди кору меҳнат кардан фароҳам оваранд. Инсон тавонад озодона фаъолияти меҳнатиашро интихоб ва ҳангоми зарурат тағйир диҳад. Яъне қонунгузории миллии тамоми давлатҳо дар соҳаи меҳнат аз ҳамдигар набояд тафовути зиёд дошта бошанд. Барои аз байн бурдани чунин тафовут ва фарқиятгузориҳо маҳз имплементатсия зарур аст.

Дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба якчанд тарзҳои имплементатсияи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ишора шудааст. Масалан, Е.Ю. Зарубаева тарзҳои зерини имплементатсияро ҷудо мекунад:

а) инкорпоратсия – мустақиман дохил кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи миллӣ (дохилидавлатӣ);

б) табдилдиҳӣ (трасформатсия) – таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ бинобар зарурати ба назар гирифтани анъанаҳои миллии ҳуқуқӣ ва стандартҳои техникаи ҳуқуқӣ (бо ин мақсад аксар вақт қонунҳои махсус қабул карда мешаванд);

в) истиноди умумӣ, хусусӣ ё мушаххас;

г) таҳияи меъёрҳои бланкетӣ дар қонунгузорӣ, ки дар онҳо ба манбаи аввала ишора мешавад[256].

И.В. Шестерякова ба тарзҳои зерини дар сатҳи миллӣ (дохилидавлатӣ) имплементатсия намудани шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат ишора мекунад:

1) инкорпоратсия, яъне дохил кардани меъёрҳои байналмилалии меҳнат ба қонунгузории миллӣ оид ба меҳнат бидуни тағйирот;

2) табдилдиҳӣ, яъне дохил намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат ба қонунгузории миллӣ оид ба меҳнат бо тағйироти муайян, таҷдид бо нигоҳ доштани маъною муҳтавои умумии меъёри байналмилалии меҳнат;

3) истинод, яъне ба қонунгузории миллӣ дохил кардани меъёри истинодкунанда ба санади байналмилалие, ки масъаларо моҳиятан ҳал карда метавонад[257].

Як қатор муаллифони дигар чунин тарзҳои имплементатсияро ҷудо мекунанд: табдилдиҳӣ, инкорпоратсия, ретсепсия ва истинод[258].

---

[256] Зарубаева Е.Ю. Общепризнанные принципы и нормы международного права и международные договоры в правовой системе России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. - С. 56.

[257] Шестерякова И.В. Международные трудовые нормы и трудовое право России: их соотношение и коллизии. - Саратов: Изд-во Сарат. Ун-та, 2011. – С. 277.

[258] Томашевский К.Л. Очерки трудового права. История, философия, проблемы системы источников / Науч. ред. О.С. Курылева. - Минск, 2009. – С. 238; Усенко Е.Т. Соотношение и взаимодействие

Дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар баъзе мавридҳо ба табдилдиҳии мустақим, ғайримустақим, умумӣ ва инфиродӣ низ ишора шудааст.

Табдилдиҳии мустақим чунин маъно дорад: шартномаи байналмилалие, ки аз ҷониби давлат баста шуда, эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардааст ва ба қувваи амал даромада, дар Конститутсияи давлат сабт шудааст. Табдилдиҳии ғайримустақим маънои онро дорад, ки тартиби татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар дохили кишвар бо Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии давлат танзим мегардад. Тавассути табдилдиҳии умумӣ, давлат муайян мекунад, ки оё ҳама меъёрҳои байналмилалиро метавон қисми ҳуқуқии миллии давлат донист ё баъзеи онро. Табдилдиҳии инфиродӣ маънои аз ҷониби давлат ба тасвиб расонидани санади махсус дар ҳар як ҳолати воридсозии меъёрҳои байналмилалӣ ба қонунҳои миллии кишварро дорад.

Одатан, дар бораи инкорпоратсия вақте сухан меравад, ки шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳуқуқи миллӣ меъёр ва қоидаҳои ҳаммонандро бо ҳукми воқеияти тасдиқи онҳо, эътироф, имзо ва ҳамроҳшавӣ ба вуҷуд меоранд.

Инкорпоратсия имкони ворид намудани ҳама тағйироту иловаҳои расмии минбаъдаро ба матни аслии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ фароҳам меорад ва меъёрҳои аз эътибор соқитшударо хориҷ мекунад, ихтилофот ва номутобиқатиҳоро ошкор месозад[259].

Оид ба истинод дар қонуни асосии давлат як ҳолат ишора шудааст, ки «агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» (қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи ҶТ)[260].

В.А. Батир ду тарзи имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро қайд мекунад: якум, истинод, яъне таъмини иҷрои шартномаи байналмилалӣ, ки меъёрҳои он ба таври кофӣ, мушаххас ва пурра таҳия шудаанд, бо ишора дар санади меъёрии ҳуқуқии миллӣ (дохилидавлатӣ) ба он ки дар ҳолатҳои муқарраршуда бояд қоидаҳои шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ карда шаванд; дуюм, инкорпоратсия, яъне аз ҷониби давлат қабул гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба иҷрои муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Инкорпоратсия имкон медиҳад, ки ба матни аслии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тамоми тағйиру иловаҳои минбаъдаи расмӣ дохил, меъёрҳои аз эътибор соқитшуда хориҷ, ихтилофот ва номутобиқатиҳо ошкор карда шаванд[261].

И.О. Хлестова чунин ақида дорад, ки зери мафҳуми инкорпоратсия тарзи амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ тавассути ба

---

международного и национального права и российская Конституция // Московский журнал международного права. - 1995. - № 2. – С. 25.

[259] Словарь международного права. 2-е изд. перераб. и доп. - М.: Международные отношения, 1986. – С. 56-102.

[260] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.

[261] Батырь В.А. Актуальные проблемы имплементации норм МТП в законодательстве РФ // Московский журнал международного права (спец. выпуск). – 1999. – С. 195-200.

тасвиб расондани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ, бо мақсади ба амал баровардани ухдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии давлат фаҳмида мешавад[262].

Ду марҳалаи имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ оид ба меҳнат дар сатҳи миллӣ (дохилидавлатӣ) қобили зикр мебошад. Марҳалаи якум, аз таҳлили қонунгузории амалкунанда дар хусуси мутобиқати он бо меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллаӣ ва мавҷудияти ризоят ба ҳатмӣ будани иҷрои шартномаи байналмиллалӣ барои давлат, ки ба ҳукми амал надаромадааст, иборат мебошад. Марҳалаи дуввум, аз омода кардан ва қабул намудани санадҳои меъёрии ба иҷрои ухдадориҳои байналмиллалӣ нигаронидашуда аз тарафи мақомоти давлатӣ иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки муайян намудани марҳилаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмиллалӣ нишонаи истиқлоли давлатӣ буда, ба салоҳияти дохилии ҳар як давлат дохил мешавад.

Дар имплементатсияи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз инкорпоратсия ва табдилдиҳӣ истифода мебаранд.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде оид ба меҳнат қабул карда шудаанд, ки ба талаботи муқаррароти меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла меъёрҳои санадҳои СММ ва ТБМ ҷавобгӯ мебошанд, аз ҷумла: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён», «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ва ғайра.

Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) ба сифати муассисаи махсуси СММ вазифаи меъёрэҷодкуниро иҷро намуда, санадҳои мухталиф – оиннома, эъломия, конвенсия, тавсия, паймон ва ғайраро таҳия ва қабул мекунад.

«Саҳми Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва густариши шарикии иҷтимоии байни ҳукуматҳо, иттифоқҳои касаба, корфармоён ва ҳуҷҷатҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсияҳо ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунанд», – таъкид менамоянд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2019[263].

---

262 Хлестова И.О. Соотношение международного и внутригосударственного права и Конституция Российской Федерации // Журнал Российского права. – 1997. - № 12. – С. 22.

263 Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24.10.2019. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www. president.tj/ru/node/21697. (Санаи муроҷиат 30.12.2022 с.).

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 инҷониб ҳамчун узви комилҳуқуқи ин созмон то имрӯз 51 конвенсия ва 22 тавсияномаи ТБМ-ро эътироф намудааст.

Дар охир мутобиқати Конвенсияи №111 аз соли 1958 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл»[264], ки тасдиқи он аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 ба қайд гирифта шудааст, таҳлил менамоем.

Вобаста ба конвенсияи мазкур қайд кардан ба маврид аст, ки моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шаҳрвандро новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, маълумот, эътиқоди сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молиявӣ, инчунин баробарҳуқуқии мардон ва занонро кафолат медиҳад.

Ҳамчунин, моддаи 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатиро муқаррар кардааст, ки тибқи қисми якуми моддаи зикршуда "Ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имкониятро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст".

Исботи ин гуфтаҳо, қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»[265] аз 19 июли соли 2022 таҳти №1890 исботи мутобиқ гардонидани Конвенсияи зикршудаи ТБМ ба қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробарро барои ҳамаи шахсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, низоми ҳуқуқии пешгирӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои табъизро муқаррар менамояд.

Мутобиқи қисми 1 модаи 1 қонуни мазкур «Табъиз ин ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истиснокунӣ, маҳдудсозӣ ё афзалиятдиҳӣ мебошад, ки дар асосҳои воқеӣ ва (ё) эҳтимолӣ нисбат ба дилхоҳ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсон, хешовандони онҳо ё шахсони бо онҳо ба тариқи дигар алоқаманд ба вуҷуд омада, ба аломатҳои нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар асос меёбад ва мақсад ё оқибати он бад кардан, нобуд сохтан ва (ё) кам нишон додани ҳуқуқу озодиҳои эътирофшуда, истифода ё амалӣ намудани тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар асоси баробарӣ мебошад».

Инчунин, бори нахуст ба қонун мафҳумҳое чун таъқиб ва сегрегатсия (ҷудокунӣ) ворид карда шуданд. Дар қисми 3 моддаи 6 қонуни мазкур

[264] Конвенсияи СБМ № 111 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» аз 25 июни соли 1958. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ ба матни русӣ: URL: http: //www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_120760/ (санаи мурочиат: 29.10.2022 с.).

[265] Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19.07.2022, №1890 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 21.11.2023 с.).

таъкид шудааст, ки «таъқиб дар ҷойи кор ин ҳама гуна шакли таъқиби ғайриҷисмонӣ дар ҷойи кор бо рафторҳои такроршаванда мебошад, ки ба шахс таъсири пастзананда, таҳқиркунанда мерасонад ва мақсади бад кардан ё боиси бад шудани шароити кории корманд ё мақоми касбии ӯро дорад».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо» 1 марти соли 2005 қабул гардид[266]. Он муносибатҳои таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардон ва занонро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин, дар ҳар соҳаи дигар ба танзим дарорад, яъне ба пешгирии табъиз аз рӯйи ҷинсият нигаронида шудааст.

Илова бар ин, ҷиҳати татбиқи Конвенсияи №111 аз соли 1958 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» ду ҳуҷҷати дарозмуҳлати муҳими давлатӣ қабул гардида буд. 1) Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, № 391). 2) «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, № 269)[267]. Ҳадафи асосии ин ду ҳуҷҷати муҳим аз татбиқи сиёсати дарозмуддати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занон дар Тоҷикистон, тавсеаи дарки мубрамият ва аҳаммияти муносибатҳои иҷтимоӣ миёни мардон ва занон, пеш аз ҳама, миёни кормандони низоми идоракунии давлатӣ, ки дар ҳама сатҳҳо қарор қабул мекунанд, ташкил ва рушди низоми шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқие, ки саҳми мусбии занонро дар рушди ҷомеа кафолат медиҳанд, иборат буд, ки ин ҳадафҳо дар давраи муҳлати амали барнома ва стратегияи зикршуда амалӣ шуданд.

Хулоса, манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ барои амалӣ кардани имконияти баробари шаҳрвандон ва муҳайё кардани шароити якхелаи корӣ равона карда шудааст. Давлат ҳифзи ҳуқуқи баробар ва самаранок аз табъизро кафолат дода, барои пешбурди сиёсат ва барномаҳое, ки ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шакли табъиз равона шудаанд, чораҳо меандешад. Исботи ин гуфтаҳо меъёрҳои дахлдорӣ амалкунандаи Конститутсияи ҶТ, қонунгузории ҷорӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатии қабулшуда, ки болотар зикр кардем, мебошанд.

---

[266] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»** аз 01.03.2005, № 89. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.11.2023 с.).

[267] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, № 269 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://comwom.tj/storage/new%20files/strategiya/_1567148739.docx (санаи муроҷиат 22.11.2023).

**Адабиёт:**


1. Батырь В.А. Актуальные проблемы имплементации норм МТП в законодательстве РФ // Московский журнал международного права (спец. выпуск). – 1999. – С. 195-200.
2. Вайнштейн В.Н., Тютина Е.В. Применение норм международного права в свете нового Трудового кодекса Российской Федерации // Марийский юридический вестник. - 2002. Вып. 2. – С. 149-160.
3. Зарубаева Е.Ю. Общепризнанные принципы и нормы международного права и международные договоры в правовой системе России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. - 195 с.
4. Конвенсияи СБМ № 111 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» аз 25 июни соли 1958. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ ба матни русӣ: URL: http: //www.consultant.ru/document/consdoc_LAW_120760/ (санаи муроҷиат: 29.07.2017 с.).
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 21.11.2023 с.).
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, № 269 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://comwom.tj/storage/new%20files/strategiya/1567148739.docx (санаи муроҷиат 22.11.2023).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19.07.2022, №1890 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 21.11.2023 с.).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 01.03.2005, № 89. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.11.2023 с.).
10. Мингазов Л.Х. Эффективность норм международного права. – М., 1990. – 207 с.
11. Раджабов С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. - Душанбе: «Дониш», 2006. – 295 с.

12. Словарь международного права. 2-е изд. перераб. и доп. - М.: Международные отношения, 1986. – 432 с.

13. Тиунов О.И., Каширкина А.А., Морозов А.Н. Влияние норм международного права на развитие национального законодательства // Журнал Российского права. – 2010. - № 6. – С. 35-44.

14. Томашевский К.Л. Очерки трудового права. История, философия, проблемы системы источников / Науч. ред. О.С. Курылева. - Минск, 2009. – 335 с.

15. Усенко Е.Т. Соотношение и взаимодействие международного и национального права и российская Конституция // Московский журнал международного права. - 1995. - № 2. – С. 13-28.

16. Хлестова И.О. Соотношение международного и внутригосударственного права и Конституция Российской Федерации // Журнал Российского права. – 1997. - № 12. – С. 20-25.

17. Шестерякова И.В. Международные трудовые нормы и трудовое право России: их соотношение и коллизии. - Саратов: Изд-во Сарат. Ун-та, 2011. – 287 с.

18. Эмомалӣ Раҳмон - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24.10.2019. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: http://www. president.tj/ru/node/21697. (Санаи муроҷиат 30.10.2019 с.).

19. Юридический энциклопедический словарь. – М.: Инфра-М, 1996. – 374 с.

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

# МАСОИЛИ БАНДУБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ АЗ ҶОНИБИ ГУРӮҲИ МУТАШАККИЛ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, дотсент
Тел.: (+992) 931-53-99-99
Email: m.rahmonzoda@mail.ru

**Муқарриз:** Сафарзода А.И, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба таҳлили масоили бандубасти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир кардани ин кирдор таҳлил ва баррасии он дар моддаи 263 КҶ ҶТ пешбинигардида, бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши асарҳои илмие, ки ба масалаи тадқиқшаванда бахшида шудаанд, инчунин санадҳои меъёри-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад.

**Калидвожаҳо:** Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, гурӯҳи муташаккил, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, аломатҳои бандубасткунандаи ҷиноят.

# ВОПРОСЫ КВАЛИФИКАЦИИ НЕЗАКОННОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНИЗОВАННОЙ ГРУППОЙ ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Рахмонзода Муҳаммад Джамшед,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции,
Тел.: (+992) 931-53-99-99
Email: m.rahmonzoda@mail.ru

**Рецензент:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор.

**Аннотация:** Данная статья посвящена анализу вопросов, связанных с незаконной банковской деятельностью по уголовному законодательству Республики Таджикистан, особенно анализу и проверке данного деяния организованной группой, предусмотренной статьей 263 УК. Данная статья посвящена анализу вопросов квалификации незаконной банковской деятельности в соответствии с уголовным законодательством Республики Таджикистан, то есть совершение данного деяние организованной группой анализ и рассмотрение этого деяние предусмотрено статьей 263 УК РТ. На основании изучения научных работ, посвященных исследуемой проблеме, а также нормативно-правовых актов Республики Таджикистан, автор приходит к выводу, что преступление признается совершенным организованной группой, если оно совершено устойчивой группой лиц, заранее объединившихся для совершения одного или нескольких преступлений.

**Ключевые слова:** Незаконная банковская деятельность, уголовная ответственность, организованная группа, группа лиц с предварительным сговором, уголовное законодательство, квалифицированные признаки преступления

## ISSUES OF QUALIFICATION OF ILLEGAL BANKING ACTIVITY BY AN ORGANIZED GROUP UNDER THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahmonzoda Muhammad Jamshed,**
Tajik National University, faculty of law,
Head of the Department of Criminal Law and the fight against Corruption,
Phone: 931-53-99-99
E-mail: m.rahmonzoda@mail.ru

**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article is devoted to the analysis of issues related to illegal banking activities under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, especially the analysis and verification of this act by an organized group, provided for in Article 263 of the Criminal Code. This article is devoted to the analysis of issues of qualification of illegal banking activities in accordance with the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, that is, the commission of this act by an organized group, analysis and consideration of this act is provided for in Article 263 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Based on a study of scientific works devoted to the problem under study, as well as regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan, the author comes to the conclusion that a crime is recognized as committed by an organized group if it is committed by a stable group of persons who have united in advance to commit

one or more.

**Key words:** Illegal banking activities, criminal liability, organized group, group of persons with prior conspiracy, criminal legislation, qualified signs of a crime.

Аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷиноят воситаи муҳимми тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар худ хусусият ва дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии кирдорро таҷассум менамоянд. Бинобар ин, бо ёрии онҳо қонунгузор таркибҳои бандубастшавандаи ҷиноятро тартиб дода, барои онҳо санксияи навро муқаррар менамояд, ки дар тафриқа аз санксияи таркиби асосии ҷиноят вазнинтар мебошанд.

Аломатҳои бандубастшаванда чун қоида хусусият ва дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии кирдорро таҷассум намуда, дар қисмҳои алоҳидаи моддаи қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад. Бо дарки чунин ҳолат қонунгузор барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ низ дар б. «а» қ. 2. м. 263 КҶ ҶТ содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил-ро муқарррар намудааст.

Содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи муташккил яке аз унсурҳои институти шарикӣ дар ҷиноят мебошад, ки аввалин маротиба дар таърихи қонунгузории ҷиноятии кишвар дар Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 “Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ҳамчун аломати бандубастшаванда дарҷ карда шуд[268].

Мутобиқи қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад. Дар мафҳуми аз ҷониби қонунгузор додашуда хусусиятҳои хоси гурӯҳи муташаккил таҷҷассуми худро бевосита ёфтаанд.

Нишонаи аввалини гурӯҳи муташаккил дар устувории он ифода меёбад. Устуворӣ дар муддати тулонӣ мавҷуд будани гурӯҳ, робитаи зиёди байниҳамдигарии аъзоёни гурӯҳ ва нақши онҳо ифода мегардад. Ба ақидаи профессор Ҷ.З. Маҷидзода уствурории гурӯҳи муташаккил – чунин ҳолати гурӯҳ мебошад, ки бо доштани алоқаи мустаҳкам байни шарикон ва шаклу усулҳои фаъолияти ҷинояткорона тавсиф меёбад. Устувории алоқаи ҷинояткорон, муттаҳидии шарикон аломати сифатнокии асосӣ ба ҳисоб рафта, он аз дигар шаклҳои шарикӣ фарқ мекунад[269].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ якчанд маҳакҳои муайян кардани категорияи “устуворӣ”-и гурӯҳи муташаккил пешниҳод карда шудааст. Масалан, А.А. Герсензон, В.Д. Меншагин, А.Л. Ошерович, А.А. Пионтковский пешниҳод менамоянд, ки ба сифати категорияи “устуворӣ”-и гурӯҳи муташаккил миқдори ҷиноятҳои банқшагирифташуда ва

[268] Основы уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик. От 25 декабря 1958 г.// Сборник документов по истории Уголовного законодательства СССР и РСФСР. (1953–1991). Ч.1: Законодательство СССР. – Казань, 1992. – 197 с.

[269] Маҷидзода Ҷ.М., Назаров М. Ҷинояткории муташккил ва трансмиллӣ. – Душанбе, 2014. – С. 26

содиршуда бояд ба назар гирифта шавад[270]. Ақидаи мазкурро муҳаққиқон Ю.Б. Мелникова ва Т.Д. Устинова ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки "устуворӣ" бояд дар доимияти фаъолияти ҷиноятkорона, ки барои якчанд маротиба, ҳамчунин бетанаффус содир намудани кирдори ҷиноятkорона равона гардиаанд, ифода гардад[271].

В.С. Комиссаров бошад, нишондиҳандаи "устуворӣ"-ро дар дараҷаи баланди ташкилӣ, муътадилияти таркибӣ ва ташкилии сохторӣ, мавҷудияти шаклҳои тавсифӣ ва методҳои фаъолияти ҷиноятkорона, доимӣ будани ин шакли содиркунии ҷиноятҳо маънидод менамояд[272].

Ба ақидаи Р.Р. Галиакбаров ба сифати маҳаки расмӣ барои фаҳмиши нишондиҳандаи устувории гурӯҳи муташаккил ин аломат ҳамчун низоми содирнамоии таҷовузи ҷиноятkорона дорои якчанд хусусиятҳо мебошад. Мунтазамият ба такрории (чандинбора) содиршавии ҷиноят намеоварад. Он, пеш аз ҳама миқдори зиёди таҷовузро – се ва зиёда аз онро пешбинӣ менамояд, ки хусусияти зиддиичтимоии ҳаракати субъект, афзоишёбии ҷиддии сатҳи хавфнокии ташкилотро инъикос менамояд. Устуворӣ хати муайяни рафтори иштирокчиёни ҷиноятро, ҳамчунин майлу рағбати хавфноки ҷойдоштаи онҳоро ифода менамояд. Ҳамзамон, якшакл, якҷинс ё гуногунҷинсии таҷовузе, ки гурӯҳ содир менамояд, чандон аҳаммият надорад. Мунтазамият аз хусусияти муташаккилӣ ва устувории гурӯҳ шаҳодат медиҳад[273].

Ба ақидаи Ю.Н. Проходов ва А.В. Шеслер тавсифи устувории гурӯҳи муташаккилро тавассусти нишонаҳои субъективӣ ва объективӣ бояд омӯхт. Дар фаҳмиши субъективӣ ин нишона маънои "устуворӣ", мустаҳкамии мақсаду нияти ҷиноятkоронаи иштирокчиёни гурӯҳ, азми қатъии доимӣ ё муваққатӣ машғул шудан ба фаъолияти ҷиноятkорона»-ро дорад.[274] Ба фаҳмиши субъективии устуворӣ онҳо ҳамчунин маслиҳати пешакии аъзоёни шарикиро ба ягонагии алоқаи байниҳамдигарӣ ва манфиатҳои ҷиноятkорона дохил менамоянд. Чунин маслиҳат, пеш аз ҳама, ба муттаҳидкунии кӯшиши шахсии шарикон ҷиҳати ноилшавии психологӣ ва ташкилии устувори гурӯҳ равона гардидааст. Изҳорёбии объективии устуворӣ ба маҷмӯи аломатҳои зерин ифода меёбад:

а) муътадилии хусусияти фаъолияти ҷиноятkоронаи гурӯҳ;

б) мавҷудияти унсурҳои захираҳои моддӣ;

в) ҳаммуташаккилии аъзоёни гурӯҳ.

Критерияҳои мухолифи гуфтаҳо низ дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, П.И. Гришаев ва Г.А. Кригер эътироф менамоянд, ки устувории фаъолияти якҷоя ҳангоми содир намудани як

---

[270] Государственные преступления / Герцезон А.А., Меньшагин В.Д., Ошерович А.Л., Пионтковский А.А. – М.,1938. – С. 128.

[271] Мельникова Ю.Б., Устинова Т.Д. Уголовная ответственность за бандитизм. – М., 1995. – С. 136.

[272] Курс уголовного права. Общая часть. Учение о преступлении: В 5 т. / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой, Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М.: Зерцало, 1999. – С. 434.

[273] Галиакбаров Р.Р. Квалификация преступлений по признаку их совершения организованной группой // Российская юстиция. – 2000. – № 4. – С. 41.

[274] Проходов Ю.Н., Шеслер А.В. Организованная группа как форма соучастия в преступлении // Актуальные проблемы правоведения в современный период. – Томск: ТГУ, 1998. – С. 14.

ҷиноят низ имконият дорад[275]. Т.Н. Ермакова менависад, ки устуворӣ маънои мутлақияти доимии таркиби гурӯҳи муташккилро надорад. Дар мавриди давраи дарози фаъолияти гурӯҳи муташаккил таркиби он тағйир меёбад. Дар гурӯҳи мазкур аъзоёни нав ҷалб карда мешавад, баъзе аз аъзоён бо сабабҳои гуногун аз фаъолияти ҷинояткорона даст мекашанд, устувории гурӯҳ дар ин мавриддар қоибилияти ин гурӯҳ вобаста ба ҳифз намудани сохтор ва самти фаъолият вобаста аст[276].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудонамоии чунин хусусиятҳои асосии устуворӣ ба мақсад мувофиқ аст:

а) дараҷаи баланди муташаккилӣ (коркарди бодиққатонаи нақшаҳои содиркунии як ё якчанд ҷиноят, сохтори иерархӣ ва тақсими нақшҳо байни шарикон, низоми сахти дохилӣ, амалҳои фаъоли ташкилкунандагон, низоми фикркардашудаи таъмини олот ва воситаи содирнамоии ҷиноят ва таъмини амнияти шарикон);

б) устувории сардори гурӯҳ ва сохтори ташкилии он, ки ба шарикон имкон медиҳад то якдигарро ҳангоми содир намудани ҷиноят дастгирӣ намоянд;

в) мавҷудияти шакл ва методҳои ба худ хос ва фардӣ, ки дар методикаи махсуси муайян намудани объектҳо, тарзи пеш бурдани разведка, махсусияти тарзҳои содирнамоии ҷиноят (масалан, машғул шудан ба фаъолияти бонкӣ тавассути шабакаи Интернет), таъмини паноҳ кардани далелҳои шайъӣ, муҳофизат кардан ва ғ.

г) доимияти шакл ва методҳои фаъолияти ҷинояткорона, ки бештар вақт кафили муваффақияти содир намудани ҷиноят мегардад, зеро онҳо эҳтимоли саҳви шариконро дар сурати ҳолатҳои тасодуфӣ то ба ҳадди сифр мебаранд. Вобаста ба мунтазамияти тақсими устуворонаи уҳдадориҳо байни аъзоёни гурӯҳ, истифодаи либосҳои махсус ва нишонаҳои муайянкунанда метавонанд шаҳодат диҳанд.

Нишонаи дигари гурӯҳи муташаккил ин пешакӣ муттаҳид шудани аъзоёни он мебошад. Ин маънои онро дорад, ки аъзоёни гурӯҳ на танҳо барои дар якҷоягӣ содир намудани ҷиноят муттаҳид шудаанд, ки ин асосан ба гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ хос аст, балкӣ онҳо умумияти субъективӣ ва объективиро бо мақсади дар якҷоягӣ содир намудани як ё якчанд ҷиноят соҳиб гардидаанд. Дар баробари ин истисно нест, ки ташкили гурӯҳи муташаккил танҳо барои содир намудани як ҷиноят, бахусус ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ки барои содир намудани он омодагии ҷиддӣ ва ҳаматарафа зарур аст, таъсис дода шавад.

Ба аъзои гурӯҳи муташаккил мумкин аст иҷрокунандагони ҷиноят бошанд. Аъзоёни гурӯҳ барои он муттаҳид шудаанд ва номи гурӯҳи муташккилро гирифтаанд, ки ҳар як аъзои гурӯҳ ҳангоми содир намудани ҷиноят функсияи муайяни худро дорад. Ҳамаи шарикон аз лаҳзаи ба

---

[275] Гришаев П.И., Кригер Г.А. Соучастие по уголовному праву. – М., 1959. – С. 111.

[276]Ермакова Т.Н. Некоторые проблемные разграничения форм соучастия // Российский следователь. – 2007. – № 14. – С. 6–9.

гурӯҳи муташаккил ворид шудан аъзои он мегарданд ва новобаста аз ҷой ва вақти содир намудани ҷиноят, характери воқеии иҷрои нақшҳо ба ҳамиҷрокунандагон баробар эътироф карда мешаванд. Дар қонун муқаррар карда шудааст, ки ҷиноят дар ҳамон маврид гурӯҳӣ ҳисоб карда мешавад, ки агар дар бобати содир кардани ҷиноят аз тарафи гурӯҳ пешакӣ маслиҳат шуда бошад. Кирдор ҳамон вақт гурӯҳӣ шуда метавонад, ки агар ҳаракатҳои ҳар як иштирокчӣ бо розигии тарафайн муайян карда шуда бошад. Ҳамон шахсе иштирокчии гурӯҳ ҳисобида мешавад, ки ӯ вазифаҳои худро бо дигар иштирокчиёни ҷиноят алоқаманд намояд.

Ғайр аз алоқаманд кардани вазифаҳои ҳамиштирокони гурӯҳи муташаккил боз дорои як қатор хусусиятҳои хос аст. Ҳар як иштирокчии он уҳдадор мешавад, ки қисми кирдори ягонаи ҷиноятиро иҷро намояд. Тарафи субъективии кирдори ӯ ғайр аз қасд, ки ба ҳамаи шаклҳои ҳамиштирокӣ дахл дорад, боз дар худ донистани онро, ки вай ба гурӯҳи ҷиноятӣ дохил аст ва мақсади онро иҷро менамояд, талаб мекунад.

Ниҳоят, аломати сеюми гурӯҳи муташккил ин содир намудани як ё якчанд ҷиноят аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ мебошад. Содир намудани як ё якчанд ҷиноят аломати миқдорӣ буда, сифати содир намудани ҷиноят аҳамият надорад.

Вобаста ба амалинамоии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳаминро қайд намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки ин ҷиноят (м. 263 КҶ ҶТ) дар ҳамон ҳолат аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда эътироф мегардад, агар барои содир намудани он пешакӣ ду ва ё зиёда шахсон муттаҳид шуда бошанд ва фаъолияти бонкиро ғайриқонунӣ дар муддати дароз амалӣ намуда бошанд. Ба монанди кушодани суратҳисобҳо ба муштариён, гирифтани пасандозҳо, барасмият даровардани шартномаҳои бонкӣ ва монанди инҳо. Дар ҳолатҳои мазкур мушкилие пеш омаданаш имкон дорад, ки киро мо метавонем аъзои гурӯҳи муташаккил эътироф намуд, ки дар фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ширкат варзидааст. Зеро одатан амалиётҳои бонкиро шахсоне анҷом медиҳанд, ки ба тариқи шартнома ба кор қабул шудаанд ва ғайриқонунӣ будани фаъолияти бонкро намедонанд. Албатта надонистани қонун ҷавобгариро истисно намесозад ва дар чунин маврид ташкилкунандагон, иҷрокунандагон ва дигар шахсон бо қ. 2 м. 263 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Дар ин маврид асосан исботи қасди умумии гунаҳгорон ва ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ барои кӯшиши онҳо ҷиҳати гирифтани даромад аз фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ кифоя аст, зеро ҳар як иштирокчии гурӯҳи муташаккил дарк менамояд, ки кирдори зиддиҳуқуқиро анҷом дода истодааст, нақш ва ҷойи муайянро дар сохтори ин гурӯҳ дорад.

Бояд зикр намуд, ки қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии ҶТ 4 шакли содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсонро пешбинӣ намудааст, ба монанди содир намудаи ҷиноят аз ҷониби а) гурӯҳи шахсон, б) гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, в) гурӯҳи муташаккил ё г) иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ). Аз чор намуди ба таври гурӯҳи

содир намудани ҷиноят дар м. 263 КҶ ҶТ танҳо аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳамчун ҳолати бандубастшаванда пешбинӣ шудааст, ки дар амалияи тафтиши ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мушкилиҳоро ба вуҷуд овардааст.

Таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ одатан аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ҷиҳати якҷоя содир кардани ҷиноят амалӣ карда мешавад, ки гурӯҳи муташаккил нестанд. Масалан, ду ва зиёда шахсон фаъолияти ғайриқонунии бонкиро амалӣ сохта, маблағҳои муаяйнро ба хориҷи кишвар интиқол медиҳанд. Вале дар байни онҳо устуворӣ, тақсми нақшҳо ва дигар аломатҳое, ки ба гурӯҳи муташаккил хос мебошанд, дида намешавад. Дар ин ҳолат парвандаи ҷиноятӣ нисбати ҳар як шахс бо қ. 1 ё 2 (агар даромад ба миқдори калон бошад) м. 263 КҶ оғоз карда шуда, маҳкум карда мешаванд. Аммо хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда аз ҷинояти аз ҷониби як шахс содиргардида баланд аст. Бинобар ин, зарур аст, ки шаклҳои шарикӣ дуруст тафриқагузорӣ карда шуда, дар м. 263 КҶ пешбинӣ карда шавад. Аз ин ру, пешниҳод мегардад, ки дар қ. 2 м. 263 КҶ содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ чун банди алоҳида муқаррар карда шавад.

**Адабиёт**:


1. Галиакбаров Р.Р. Квалификация преступлений по признаку их совершения организованной группой // Российская юстиция. – 2000. – № 4. – С. 41.
2. Государственные преступления / Герцезон А.А., Меньшагин В.Д., Ошерович А.Л., Пионтковский А.А. – М.,1938. – С. 128.
3. Гришаев П.И., Кригер Г.А. Соучастие по уголовному праву. – М., 1959. – С. 111.
4. Ермакова Т.Н. Некоторые проблемные разграничения форм соучастия // Российский следователь. – 2007. – № 14. – С. 6–9.
5. Курс уголовного права. Общая часть. Учение о преступлении: В 5 т. / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой, Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М.: Зерцало, 1999. – С. 434.
6. Маҷидзода Ҷ.М., Назаров М. Ҷинояткории муташккил ва трансмиллӣ. – Душанбе, 2014. – С. 26
7. Мельникова Ю.Б., Устинова Т.Д. Уголовная ответственность за бандитизм. – М., 1995. – С. 136.
8. Основы уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик. От 25 декабря 1958 г.// Сборник документов по истории Уголовного законодательства СССР и РСФСР. (1953–1991). Ч.1: Законодательство СССР. – Казань, 1992. – 197 с.
9. Проходов Ю.Н., Шеслер А.В. Организованная группа как форма соучастия в преступлении // Актуальные проблемы правоведения в современный период. – Томск: ТГУ, 1998. – С. 14.

# ОИД БА КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ҚОНУНИГАРДОНИИ (РАСМИКУНОНИИ) ДАРОМАДҲОЕ, КИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БА ДАСТ ОВАРДА ШУДААНД

**Идрисзода Илёс Мумин,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвоҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

**Муқарриз:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Фишурда:** Дар мақола мушкилоти криминализатсияи қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноят таҳлил карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноят раванди ворид намудани даромадҳои аз фаъолияти ғайриқонунӣ ба даст омада, бидуни ҷалби таваҷҷӯҳи мақомот ба низоми молиявӣ мебошад. Сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва бюрократӣ метавонанд пулшӯёнро ба ин ҷиноят ташвиқ кунанд. Усулҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноят вобаста ба тахайюлоти чунин ҷинояткорон, гуногунии воситаҳо дар низоми молиявӣ ва сохтори иқтисодӣ ва низоми ҳуқуқии кишварҳо тафовут мекунанд. Расмикунонии даромади ҷиноятӣ ба ҷинояткорон имкон медиҳад, ки маблағҳои аз фаъолияти ҷиноятии гуногуни худ, аз қабили қочоқи маводи мухаддир, фасод, терроризм ва ҷиноятҳои муташаккил ба даст овардаро қонунӣ кунанд. Дар маҷмуъ, криминализатсияи қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ барои ҳифзи якпорчагии низоми молиявӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва терроризм, мусоидат ба риояи андозҳо ва мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди фаъолияти молиявии ғайриқонунӣ зарур аст.

**Калидвожаҳо:** Хавфи ҷамъиятӣ, криминализатсия, ҷинояткорӣ, қонунигардонӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодӣ, қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, терроризм, кримонология.

# О КРИМИНАЛИЗАЦИИ ЛЕГАЛИЗАЦИИ (ОТМЫВАНИИ) ДОХОДОВ, ПОЛУЧЕННЫХ ПРЕСТУПНЫМ ПУТЕМ.

**Идрисзода Илёс Мумин**
Таджикский национальный университет, юридический факултет, соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции

**Рецензент:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор.

**Аннотация:** В статье анализируется проблема криминализации легализации (отмывании) доходов, полученных преступным путем. Отмечается, что отмывание денег – это процесс внедрения доходов, полученных от незаконной деятельности, в финансовую систему без привлечения внимания властей. Экономические, социальные, юридические, политические и бюрократические причины могут подтолкнуть лиц, отмывающих деньги, к этому преступлению. Методы отмывания денег различаются в зависимости от фантазии отмывателей, разнообразия инструментов финансовой системы, а также экономической и правовой структуры страны. Отмывание денег позволяет преступникам легализовать доходы от своей незаконной деятельности, такой как незаконный оборот наркотиков, коррупция, терроризм и организованная преступность. В целом, криминализация отмывания денег необходима для защиты целостности финансовой системы, борьбы с преступностью и терроризмом, содействия соблюдению налогового законодательства и развития международного сотрудничества в борьбе с незаконной финансовой деятельностью.

**Ключевые слова:** Общественная опасность, криминализация, преступление, легализация, отмывание, преступления в сфере экономической деятельности, легализация преступных доходов, незаконный оборот наркотиков, коррупция, терроризм, кримонология.

## ON THE CRIMINALIZATION OF LEGALIZATION (LAUNDERING) OF PROCEEDS FROM CRIME

**Idriszoda Ilyos Mumin,**
Tajik National University, faculty of law, assistant at the department of criminal law and combatting corruption

**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article analyzes the problem of criminalization of legalization (laundering) of proceeds from crime. It is noted that money laundering is the process of introducing proceeds derived from illegal activities into the financial system without attracting the attention of the authorities. Economic, social, legal, political and bureaucratic reasons may encourage money launderers to commit this crime. Money laundering methods vary depending on the imagination of the launderers, the variety of instruments in the financial system, and the economic and legal structure of the country. Money laundering allows criminals to legalize proceeds from their illegal activities, such as drug trafficking, corruption, terrorism and organized crime. Overall, criminalizing money laundering is necessary to protect the integrity of the financial system, combat crime and terrorism, promote tax compliance, and promote international cooperation in the fight against illicit financial activities.

**Key words:** Public danger, criminalization, crime, legalization, laundering, crimes in the sphere of economic activity, legalization of criminal proceeds, drug trafficking, corruption, terrorism, crimonology.

Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд мегардад «Таълимоти ҳуқуқӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки манъкунии ҳуқуқии ҷиноятӣ аз талаботи объективии ҷомеа баҳри ҳимояи муносибатҳои муайян ба миён меояд. Дар иртибот бо ин аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок пурра коркард нашудани меъёрҳои қонун хусусан қонунгузории ҷиноятӣ метавонад ба ду оқибати таъхирнопазир оварда расонад: холигии қонуни ҷиноятӣ ва манъкуниҳои барзиёд»[277]. Мушкилоти қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд дар солҳои охир ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба яке аз мушкилоти афзалиятнок табдил ёфтааст. Ин мушкилот барои Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад, зеро криминализатсияи иқтисод яке аз таҳдидҳои асосии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Миқёс ва паҳншавии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва дигар фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ба раванди муътадили иқтисодиёти миллӣ халал расонида, нобоварии ҷамъиятро нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ ба вуҷуд меорад.

Дар натиҷаи қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои ҷиноятӣ принсипҳои асосии конститутсионие, ки ягонагии фазои иқтисодӣ, ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва дороиҳои молиявиро ва озодии фаъолияти иқтисодӣ муқаррар мекунанд вайрон ва маҳдуд гардида, ҷалби маблағҳо аз манбаъҳои ҷиноятӣ дар навбати худ боиси ноором гардидани муносибатҳои молиявӣ гардида, ин кирдор ба суботи низоми иқтисодӣ дар маҷмӯъ таҳдид мекунад.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ, Тоҷикистон роҳи ташаккули иқтисоди бозаргониро бо назардошти анъанаҳои миллӣ, хусусиятхои фарҳангӣ ва таърихӣ ва сохти иқтисодӣ пеша намудааст. Тибқи м. 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад»[278].

Аммо таҳлили вазъи иқтисодиёти кишвар дар охири солҳои 90-уми асри XX ва дар ибтидои асри XXI гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи назар аз тадбирҳои андешидаи Ҳукумат, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо омилҳои сирф сиёсӣ тезутунд шудаанд, норасоиҳои қонунгузории иқтисодӣ ва ҷиноятӣ рушди минбаъдаи равандҳои ҷиноятиро муайян кардаанд[279]. Таҳлили муқоисавии вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар

---

[277] Шарипов, Т. Асосҳои криминализатсияи кирдори ба ҷамъият хавфнок / Т. Шарипов, А. Сафарзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – No. 4(32). – P. 98-103. – EDN CZLVHO. – С. 97

[278] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[279] Рахимов Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе. – Душанбе, 2006. – С. 9.

давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ яке аз омилҳое мебошанд, ки ба тағйиротҳои дар ин кишварҳо ҷараёндошта мухолифат мекунанд. Бо дарназардошти он, ки ҷинояти иқтисодӣ воқеан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад, Ҳукумат маҷбур шуд, ки як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул намояд[280], ки ба муқовимат ба ин намуди ҷиноят нигаронида шуда дар натиҷа мубориза бар зидди он оғоз гардидааст, ҳамчун соҳаи муҳимтарини фаъолияти тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти назоратӣ ба ҳисоб мерафт.

Имрӯз ба андешаи бархе аз коршиносон, бинобар ба эътидол омадани вазъи иҷтимоъиву сиёсии ҷумҳурӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ кӯшишҳои фаъоли ба соҳаи иқтисодӣ ворид шудани ҷинояткории муташаккил ба назар мерасанд. Дар натиҷаи чунин кирдорҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки барои давлат ва ҷомеа ҳаётан муҳим, фаъолияти ҷинояткории муташакил ворид мегарданд, ки барои ба даст овардани даромадҳои ҷиноятӣ ва васеъ кардани самтҳои фаъолияти ҷиноятӣ имкон медиҳад[281]. Тавре дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд мегардад «афзоиши бахши ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ, ки ба сармоягузориҳо монеагӣ мекунад, сатҳи маҳсулнокиро коҳиш дода заминаи даромадҳои буҷетӣ, самаранокии танзими давлатиро маҳдуд месозад ва ба коррупсия мусоидат мекунад. Бахши ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳиссаи назаррасро ташкил медиҳад. Аз рӯи баҳодиҳии ХБА ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ (бе назардошти иқтисодиёти ҷиноятӣ) соли 2008 беш аз 30 фоиз ҳиссаи ММД-и Тоҷикистонро ташкил дод. Тибқи тадқиқоти охирин соли 2014 арзиши миёнаи пардохтҳои ғайрирасмӣ 7,9 фоиз фурӯши солонаи ширкатҳоро ташкил медиҳад. Дар сохтори иқтисодиёти ғайрирасмӣ ҳиссаи андозҳои пардохтнашуда 17 фоиз ҳиссаи ММД-ро ташкил медиҳад»[282].

Бо қабули Кодекси ҷиноятии соли 1998 бори аввал дар таърихи қонунгузории Тоҷикистон, м. 262 барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардид. Дар ҳоли ҳозир аз рӯи ин модда (то соли 2023) ҳамагӣ 45 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии баррасишуда мутобиқи м. 262-и КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки асосан маблағҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда шудаанд, қонунӣ гардонида мешаванд. Дар байни ҷиноятҳое, ки даромади онҳо мавзуи татбиқи м. 262-и КҶ ҶТ 55% ҷиноятҳои иқтисодӣ, 22% дуздӣ ва 23% дигар ҷиноятҳоро ташкил медиҳад.

---

[280] Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по усилению борьбы с преступностью, укреплению законности и правопорядка» от 25 сентября 1995 г. №341; Указ Президента Республики Таджикистан «О дополнительных мерах по усилению борьбы с преступностью в области экономики и коррупции» от 21 июля 1999 г. №1262; Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по дальнейшему развитию и повышению эффективности экономических реформ» от 1 декабря 1999 г. № 3.

[281] Рахимов Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе. – Душанбе, 2006. – С. 10.

[282] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

Маълумоти оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки низоми қарз ва молия ҳамчунон беҳифзтарин бахши иқтисод боқӣ мемонад. Ҷинояткорӣ кардани низоми кредитӣ ва молия барои ҷомеа хатарнок аст, зеро он боиси ҷиноят шудани тамоми дигар қисмҳои иқтисодиёт мегардад. Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда дар ин самт меафзояд.

Мавриди зикр аст, ки то ҳол ба қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноятҳои зидди саломатии аҳолӣ, аз қабили муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади фурӯш ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ таваҷҷӯҳи зарурӣ дода нашудааст (моддаи 200-201 КҶ ҶТ). Ҳарчанд маълум аст, ки онҳо дар робита бо ҷиноятҳои муташаккил ва соҳаи даромаднокӣ хатарноктарин мебошанд[283]. То имрӯз гардиши солонаи афюни афғон дар ҷаҳон ба рақами астрономӣ ба 25-30 миллиард доллари амрикоӣ расидааст. Даромад аз тавлиди афюн дар Афғонистон дар соли 2008 3,4 миллиард долларро ташкил дод, ки 33 дарсади ММД-и Афғонистонро ташкил медиҳад[284]. Тайи 10 соли охир дар Тоҷикистон беш аз 60 тонна маводи мухаддир мусодира шудааст, ки беш аз 28 тоннаашро ҳероин ташкил медиҳад[285]. Ҳамин тавр, дар давраи таҳлилшуда ягон парвандаи ҷиноятӣ марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар оғоз нашудааст, ки даромади онҳо предмети м. 262 КҶ ҶТ мазкур гардида бошад.

Зарар аз қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шуда на танҳо ба манфиатҳои давлат дар соҳаи иқтисодӣ нигаронида шудааст, балки ба манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ низ расонида мешавад. Таҳлили амалияи судӣ мутобиқи м. 262-и КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки онҳо ба миқдори калон содир карда мешаванд. Барои исботи ин гуфтаҳо метавон мисоли парвандаи ҷинояти ба муқобили Д.Н. 104 қ. 2, 187 қ. 3, 245 қ. 4, 262 қ. 3 КҶ ҶТ (Оид ба далелҳои дуздӣ, сӯиистифода аз мақоми хизматӣ, пинҳон кардани даромад аз андоз ва дигар ҷиноятҳои вазнини коррупсионӣ), дар натиҷа ки беш аз 38 миллион сомонӣ (11 176 000 доллар) дуздии маблағҳои давлатӣ ошкор шудааст. Бо ин маблағ Д.Н дар шаҳри Маскав манзил ва анбор дар Новосибирск харида, даромадҳои ҷинояти қонунӣ мегардонид[286].

Ҳамин тавр, ба иқтисодиёти қонунӣ ворид шудани маблағҳои калони ҷиноятӣ боиси як қатор оқибатҳои манфии дар сатҳи макроиқтисодӣ мегардад, аз қабили афзоиши хавфҳои молиявӣ, пеш аз ҳама дар бахши бонкии иқтисодиёт, оқибатҳои манфии вобаста ситонидани андозҳо ва хароҷоти давлат бинобар сабаби нодуруст ҳисобот додани даромад, берун баромадани сармоя аз иқтисодиёти миллӣ. Дар ҳолати аз ҷинояткорон

[283] Дарозии марзи Тоҷикистон бо Афғонистон 1344 километр буда, канали асосии қочоқи маводи мухаддир аз давлати мо мегузарад.
[284] «Северный» маршрут – нарастающие риски. ЦАРИКЦ, – Алматы, 2008, – С. 2.
[285] Обзор о наркоситуации в Республике Таджикистан за 2008 год, – Душанбе, 2009 . – С.33.
[286] Архив Верховного суда Республика Таджикистан. Уголовное дело №1752

мусодира нагардидани сармяҳои бо роҳи ҷиноятӣ ба даст овардашуда, ба туфайли даромади зиёди гурӯҳҳо ва иттиҳодҳои ҷиноятӣ танҳо самтҳои алоҳида, балки тамоми соҳаҳои иктисодиётро ба зери назорати худ хоҳанд қарор дод. Ба намунаи оқибатҳои манфии қонунигардонии беназорати даромадҳои ҷиноятӣ вазъияте, ки дар иқтисоди Тоҷикистон дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX ҷой дошт қайд намуда мумкин аст. Маҳз дар натиҷаи амалҳои густурдаи қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда имконият пайдо шуд, самтҳои зиёди иқтисодиёт зери назорати гурӯҳҳои ҷиноятӣ қарор гиранд. Илова бар ин, мавҷудияти робитаи мустақими байни қонунигардонии пулҳои «сиёҳ» ва берун рафтани онро ба хориҷа низ ба назар мерасад.

Мавриди зикр аст, ки муқовимат ба қонунигардонии молумулки ҷиноятӣ боиси кам шудани ҷиноят дар маҷмуъ намегардад. Ба андешаи мо барои рушди фаъолияти ҷиноятии худ, ҷинояткоронро зарур нест, ки даромадҳои худро қонунӣ гардонанд, зеро худи хусусияти ин фаъолият маблағи начандон калони накдро талаб мекунад, ки аксар вақт сармояи «ифлос» аз ҷиноятҳо гирифта мешавад. Ҳамин тавр, ҳадафи асосии муқаррароти мубориза бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд на ин ки «бардоштани заминаи иқтисодӣ» эълоншуда аз ҷиноятҳои муташаккил, балки эҷоди монеаҳо байни пули ҷиноятӣ ва иқтисоди қонунӣ хоҳад буд.

Ҳамин тавр, дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятиии кирдори дар м. 262 КҶ ҶТ пешбинигардида, маҳз дар зараре зоҳир мегардад, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти муътадили молиявии давлат ва умуман иқтисодиёт расонида мешавад. Ба ибораи дигар, зарари аз қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ расонидашударо дар сатҳи макроиқтисодӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст.

Дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бештар на дар он аст, ки сармояи ҷиноят аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ баъдан барои густариши фаъолияти ҷиноятии худ истифода мекунад, балки дар таъсири манфӣ он ба вазъи макроиқтисодӣ дар маҷмуъ мебошад, ки дар натиҷаи дороиҳои ҷиноятӣ ҳангоми ворид шудан ба муомилоти қонунӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, мақсади мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ҳифзи иқтисодёти қонунӣ аз ворид шудани сармояи ҷиноятӣ ба он мебошад.

Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз ҳама давру замон падидаи қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, дар байни олимон оид ба пайдоиши худи истилоҳ, ки моҳияти онро ифода мекунад – «расмикунонӣ» ақидаи якдилона ҷой надорад. Тавре Б.С. Бейсенов қайд мекунад мафҳуми «расмикунонии» бори аввал дар солҳои 20-уми асри 20 дар ИМА, дар давраи ки Конгресси ИМА дар соли 1917 дар шаклиислоҳи 18-уми Конститутсияи ИМА қабул намуд, ки тибқи он «истеҳсол, фурӯш ва интиқол, инчунин воридот ва содироти ҳама гуна нӯшокиҳои спиртиро ба

Иёлоти Муттаҳида» манъ гардид. Ин қонун ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ зарари калони моддӣ расонид. Истеҳсоли пинҳонӣ ва қочоқ, инчунин фуруши машрубот ба вуҷуд омада, васеъ паҳн гардид. Дар натиҷаи истеҳсоли махфӣ, қочоқи нӯшокиҳои спиртӣ ва фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ иттиҳодҳои муташаккил ва созмонҳои ҷиноӣ маблағи хело зиёд ба даст овардаанд[287]. Дар он давра раҳбарони иттиҳоди ҷиноятӣ як шабакаи автоматҳои ҷомашӯӣ таъсис дода, даромадҳои ҷиноятии худро бо даромаде, ки аз ин шабакаи махсус таъсисёфтаи ҷомашӯӣ ба даст овардаанд, «омехта» карда, онҳоро қонунӣ эълон менамуданд, ки ин раванд «шустушӯӣ» номида мешавад»[288].

Тавре маълум аст, асоси ҳар як илми ҷамъиятӣ дастгоҳи концептуалӣ (истилоҳот) мебошад, ки таҳрифи онҳо барои омӯзиши ҳодисаҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти зиёд дорад. Аз ин рӯ, зарурати муайян кардани истилоҳот вобаста ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд ба миён меояд, ки барои ифодаи аломатҳои асосии он истифода мешавад. Зеро ҳар як истилоҳот мазмуни муайян ва таърифи дақиқи истилоҳотро дар қонуни ҷиноятӣ ва криминалистӣ ифода намуда, шарти ҳатмии возеҳи ҳалли масъалаи мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад[289].

Таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки барои ифодаи моҳияти раванди табдили даромадҳои бо роҳи ҷиноятӣ бадастовардашуда мафҳумҳои «расмикунонии пул» ё «қонунгардонӣ» истифода мешаванд. Мутаносибан, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология истифодаи мафҳумҳои «қонунигардонӣ» ва «расмикунонӣ» дар қонунгузории миллӣ баҳсҳоро ба миён овардааст. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан ду гурӯҳи нуқтаи назар ҷой дорад.

Муҳақиқони гурӯҳи аввал ба он назаранд, ки истилоҳи «расмикунонӣ» истилоҳи махсус ҳуқуқӣ набуда, он неологизм, як ибораи кучагиест, ки бо истилоҳоти илмӣ онро якҷоя кардан душвор аст[290]. Бо чунин ивазнамоии истилоҳот метавон қарорҳои бемаънӣ қабул карда шаванд ва қонунгузор бояд дар мавриди баррасии онҳо танҳо истилоҳи «қонунгардонӣ»-ро истифода барад.

Барои тасдиқи ин ақида муаллифон далелҳои гуногун пешниҳод мекунанд. Ҳамин тавр баъзе муаллифон ҳангоми баррасии унсурҳои таркибии ҷинояти қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ба хулосае меоянд, ки мафҳуми «расмикунонӣ» ҳуқуқӣ намебошад, бинобар ин он наметавонад

---

[287] Бейсенов Б.С. Алкоголизм: Уголовно-правовые и криминологические проблемы. – М., 1981. – С. 10-11.

[288] Алиев В.М. Теоретические основы и прикладные проблемы борьбы с легализацией «отмыванием» доходов, полученных незаконным путем. Дис.. д-ра юрид. наук. – М.,2001. – С. 19.

[289] Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем. – Душанбе, 2012. – С. 13.

[290] Босхолов А.С. Уголовная ответственность за легализацию денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем. Дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 37; Лавров В.В. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств или иного имущества, приобретенных незаконным путем. Дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2000. – С. 16; Ивакина Н. Русский язык российского права // Российская юстиция. 2000. №7.

бо истилоҳи «қонунигардонӣ» синоним бошад. Бинобар ин онҳо пешниҳод мекунанд, ки аз номи меъёр истилоҳи «расмикунонӣ» хориҷ карда шавад[291].

Дар навбати худ В.В. Лавров муътақид аст, ки қонунгузор ин неологизмро мутобиқ карда, онро ҳангоми сохтани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ истифода бурда, онро «қонунигардонии (расмикунонии) маблағ ё дигар амволи ғайриқонунӣ ба даст овардашуда» номидааст[292]. Ҳамзамон, ӯ қайд мекунад, ки дар матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи чунин ибора ба мисли «расмикунонӣ» ҳатто аз сабаби истифодаи умумӣ ва возеҳи он набояд маънои истилоҳи анъанавии қонунгузории «қонунигардонӣ» -ро иваз намояд. Дар навбати худ, Н. Ивакина қайд менамояд, ки неологизми «расмикунонӣ» дар услуби расмӣ-корӣ номувофиқ аст, беҳтар аст, ки калимаи «қонунигардонӣ» истифода шавад[293].

Гурӯҳи дуюми олимон қайд мекунанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ истифодаи истилоҳи «қонунигурдонӣ» аз ҷиҳати ҳуқуқӣ нодуруст аст, зеро танҳо мақомоти олии қонунгузории кишвар метавонад бо баровардани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор чизеро қонунӣ гардонад[294]. Аз ин рӯ, барои истинод ба ҷинояти мавриди назар истилоҳи «расмикунонӣ»-ро истифода бурдан зарур аст, зеро ин истилоҳ аз норавшание, ки ҳоло ба истилоҳи «қонунигардонӣ» ҷой доранд холӣ аст.

Ҳамин тавр, В.А. Тагирова таъкид мекунад, ки истилоҳи «расмикунонӣ» бояд дар қонунгузорӣ истифода шавад, зеро он «мафҳуми устуворест, ки дар қонунгузории ҷиноятии бештари кишварҳои хориҷӣ ва дар тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ истифода мегардад[295]. О.Ю. Якимов бар он назар аст, ки истилоҳи «расмикунонӣ» барои ҷинояти баррасишаванда хеле мувофиқ аст. Дар ҳар сурат, он аз норасоиҳои, ки ҳоло ба истилоҳи «қонунигардонӣ» хос аст, холӣ мебошад ҳарчанд дар он тобиши муайяни лаҳҷавӣ ҷой доранд... Бинобар ин, ба назари муаллиф такрор кардани он бо истилоҳи «қонунигурдонӣ» (ки мазмуни тамоман дигар дорад) зарур нест»[296]. Ба андешаи М.Б. Кострова имрӯз истилоҳи «расмикунонӣ»-ро калимаи лаҳҷавӣ ҳисобидан дуруст нест. Он аллакай ба истилоҳи расмӣ табдил ёфтааст, зеро он дар ҳама санадҳои ҳуқуқии байналмилалие истифода мегардад, ки ҷанбаҳои гуногуни мубориза бар зидди истифодаи даромадҳои аз ҷиноят бадастомадаро танзим мекунанд.

---

[291] Виноградова Л.К., Гаража Н.А. Указ. работа. – С. 83.

[292] Лавров В.В., Степанков Д.В. Юридическая ответственность за легализацию доходов, полученных преступным путем, по российскому законодательству. – Н. Новгород. 2003. – С. 13.

[293] Ивакина Н. ҳамон асар.

[294]Тагирова В. А. Уголовная ответственность за отмывание доходов от преступной деятельности и его предупреждение в США и России: вопросы теории и законодательной регламентации: Дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2005. – С. 33; Якимов О. Ю. Легализация доходов, приобретенных преступным путем: Уголовно-правовые и уголовно-политические проблемы/ Под ред. докт. юрид. наук, проф. Н. А. Лопашенко. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2005. – С. 142-146; Кострова М.Б.Особенности реализации языковых правил законодательной техники в уголовном законе // Уголовное право. №2.2002. – С. 39; Букарев В.Б. Легализация (отмывание) доходов, приобретенных преступным путем: общественная опасность и вопросы квалификации: Автореф. дисс. канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 26; Бодров В. А. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с легализацией преступных доходов: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – М., 2008. – С.6.

[295] Тагирова В.А. Ҳамон асар. – С. 33.

[296] Якимов О.Ю. Ҳамон асар. – С. 143.

Масалан, дар Конвенсияи Страсбурги Шурои Аврупо дар соли 1990 «Дар бораи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, муайян кардан, мусодира намудан ва мусодираи даромадҳои аз фаъолияти ҷиноятӣ бадастоварда» ин истилоҳ, ҳатто бе тавзеҳи қавси синонимии он ба истилоҳи «легализатсия» ҳамчун истилоҳи асосӣ истифода мегардад[297]. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми «расмикунонӣ» дар меъёри КҶ ҶТ барои риояи меъёрҳои истилоҳоти ҳуқуқии байналмилалӣ асоснок карда шудаанд.

Тибқи андешаи В.А. Бодрова дар ҳуқуқи байналмилалӣ истилоҳи «расмикунонӣ» дар робита ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои байнидавлатӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, бо мақсади мутобиқати дақиқи қонунгузории дохилӣ оид ба мубориза бар зидди расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи мушкилоти мавриди баррасӣ қарордошта танҳо истилоҳи “расмикунонӣ” истифода карда шавад[298].

Профессор Сафарзода А.И бо мавқеи ҳарду гурӯҳи ин олимон розӣ нашуда қайд менамояд, ки истилоҳоти «қонунигардонӣ» ва «расмикунонӣ» синоним буда, метавонанд ҳамчун истилоҳоти ивазшаванда, пурракунанда истифода шаванд. Фарқиятҳои ин истилоҳот метавонад ҳамкории байналмилалиро дар мубориза бар зидди расмикунонии аз даромадҳои ҷиноятӣ бо сабаби номувофиқ будани қонунгузорие, ки чораҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муқаррар мекунад, хеле душвор гардонад. Истилоҳоти якхела ба муътадил шудан ва амиқтар шудани ҳамкориҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Дар асоси ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд истилоҳҳои муштараки «қонунигардонӣ» ва «расмикуноний» истифода шаванд, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нишон дода шудаанд. Ҳамин тавр, таҳлили як қатор санадҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки онҳо асосан мафҳуми «расмикунонӣ»-ро истифода мебаранд, аммо дигар санадҳои минтақавӣ низ мавҷуданд, ки дар баробари ин истилоҳ истилоҳи «қонунигардонӣ»-ро истифода мебаранд. Дар баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (масалан, Конвенсияи СММ ба муқобили ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, Конвенсияи Страсбург оид ба расмикунонии даромадҳо, кофтуков, мусодира ва мусодираи даромадҳо аз ҷиноятҳо) истилоҳи «расмикуноний» истифода мешавад, дар ҳоле ки дар дигар санадҳо (масалан, Намунаи Қонуни ИДМ «Дар бораи мубориза бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноятҳо» 1998, Шартномаи Душанбегии давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ё дигар молу мулки аз ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» соли 2007 тавсияҳо оид ба

[297] Кострова М.Б.Ҳамон асар . – С. 39.
[298] Бодров В.А. Ҳамон асар. –С. 6.

истифодаи истилоҳи «қонунигардонӣ» дар баробари истилоҳи «расмикунониӣ» дар қонунгузории миллӣ мавҷуд мебошанд.

Афзалиятҳо ва камбудиҳои истифодаи ин истилоҳҳотро баррасӣ намуда профессор Сафарзода А.И қайд менамояд, ки барои дар баробари истилоҳи «қонунигардонӣ» истифодаи истилоҳ «расмикунонӣ» ҳамчун истилоҳоти ҳуқуқӣ ягон монеае вуҷуд надорад. Айни замон дар м. 262 КҶ ҶТ ҳамчун роҳи ҳалли ваъзият ҳарду истилоҳ – «қонунӣгардонӣ» ва «расмикунонӣ» истифода гардидаанд[299].

Мушкилоти мубориза бар зидди "расмикунонӣ" даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд дар саросари ҷаҳон вақтҳои охир аҳамияти хоса пайдо кардааст, ки он диққати доираи васеи мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистиро ба худ ҷалб мекунад. Сабаб он аст, ки мафҳуми таҳлилшаванда хеле гуногунҷабҳа буда, омӯзиши он равишҳои гуногунро тақозо мекунад.

Мафҳуми қонунгузории ҷинояти баррасишванда дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011 № 687[300] ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 мавҷуданд, ки айнан якхела мебошанд.

Тибқи банди 12 Қонуни мазкур қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда - анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ё бо мақсади мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпӯш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, инчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк мебошад[301].

Афзалияти мафҳуми овардашуда дар он аст, ки қонунигардони (расмикунони) ҳамчун фаъолияте муайян карда мешавад, ки ҳадафи он мақоми ҳуқуқӣ додан ба даромадҳои ҷиноятӣ мебошад. Ин мавқеъ пурра моҳияти падидаи баррасишавандаро инъикос мекунад. Қонунигардонӣ дар ҳаёти воқеӣ тавассути муомилоти амволӣ ё дигар амалиёт ё бо роҳи

---

[299] Сафаров А.И. Проблемы использования термина «легализация» и «отмывание» в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / Законодательство. №1, январь-март. Душанбе, 2011

[300]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011 № 687

[301] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011 № 687

истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ дар тиҷорат ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд. Рӯйпӯш ва пинҳон намудани ё дидаю дониста таҳриф кардани маълумот дар бораи пайдоиш, сарчашма, маҳалли ҷойгиршавӣ ё тағйир додани ҳуқуқ ба онҳо, бояд дар натиҷаи истифодаи даромади ҷиноятӣ бо мақсади қонуни гардонидани онҳо ҷиноят дониста шавад.

Бартарии дигари таърияи мазкур дар он аст, он манбаи даромади ғайриқонунии бадастомадаро ки қонунӣ гардонидашудаистодааст ҳамчун ҷиноят муайян менамояд. Мафҳуми «бо роҳи ҷиноят», ки дар м. 262-и КҶ ҶТ истифда мегардад метавонад ба таври васеъ шарҳ дода шавад ва барои муайян кардани кирдори дахлдори ғайриқонунӣ ба қадри кофӣ дақиқ нест. Истифодаи ин истилоҳ метавонад ба вазъияте оварда расонад, ки сухан дар бораи содир намудани на танҳо ҷиноят, балки ҳамчунин вайрон кардани ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории гражданӣ ва маъмурӣ равад. Бинобар ин кирдори барои ҷамъият хавфнок бояд ба таври дақиқ муайян карда шавад, то ки кирдор дуруст бандубаст карда шавад.

Дар адабиёт оид ба мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд андешаҳои гуногун баён шудаанд. Ҳамин тавр, Ю.В. Быстрова кайд мекунад, ки бо мақсадҳои илмӣ машкилоти мафҳуми қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноят бояд аз ду ҷиҳати илмӣ баррасӣ карда шавад: ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминология, то ки ин масаъала ҳамарафа ошкор гардад[302]. Дар асоси ин ақидаҳои олимонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба гурӯҳи аввал бояд он олимоне дохил карда шаванд, ки мафҳуми ҳуқуқии-ҷиноятии «қонунигардонидании даромадҳо аз ҷиноят»-ро медиҳанд ё дастгирӣ мекунанд. Ба гурӯҳи дуюм он олимоне дохил карда мешаванд, ки таърифи криминологии «қонунигардонидании даромадҳо аз ҷиноят»-ро медиҳанд. Тарафдорони нуқтаи назари якум[303] мафҳуми қонунигардонии даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шударо дар асоси муқаррароти қонуни ҷиноятӣ, ки ҷазоро барои ин кирдор пешбинӣ менамояд шарҳ медиҳанд.

Тибқи ин модда зери мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд - анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё

---

[302]Быстрова Ю.В. Легализация денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: уголовно правовая и криминологическая характеристики // Вестник Орел ГИЭТ, 2009, №4(10). http://orelgiet.ru/310bistrova. pdf.

[303] Волженкин Б.В. Экономические преступления. – СПб., 1999. – С. 107; Быстрова Ю.В. Указ. работа. http://orelgiet.ru/310bistrova.pdf; Никулина В.А. Правовые аспекты соучастия в легализации незаконных доходов: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – С.17; Эм В.Ю. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика легализации (отмывания) денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – Ростов– на– Дону, 2004. –С. 9; Тетюков К.В. Легализация преступных доходов (Уголовно-правовая и криминологические аспекты): дис. канд. юрид. наук. – Челябинск., 2003. – С.18; Коростолев С.Ю. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: дис. канд. юрид. наук. –Хабаровск, 2006. -С.21-22.; Кочерян А.М. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия легализации («отмыванию») денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: Автореф. дис. канд. юрид. наук.- М., 2003. -С.8.

молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ва ё мусоидат намудан ба ҳар гуна шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпӯш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, ҳамчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк» фаҳмида мешавад[304].

Бояд қайд намуд, ки мафҳум афзалият ва нуқсонҳои худро дорад. Афзалияти мафҳуми таҳлилшуда дар он аст, ки қонунигардонӣ ҳамчун фаъолияте муайян карда мешавад, ки ба додани мақоми ҳуқуқӣ ба даромадҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, ки ин моҳияти падидаи баррасишавандаро инъикос менамояд. Қонунигардонӣ дар ҳаёти воқеӣ тавассути аҳдҳои молумулки ё дигар амалиёт ё бо роҳи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ дар тиҷорат ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд. Вобаста ба пинҳон кардан ё дидаву дониста таҳриф кардани маълумот дар бораи пайдоиш, манбаъ, ҷойгиршавӣ ё тағйир додани ҳуқуқ ба онҳо, бояд қайд намуд, ки онҳо бояд ҳамчун натиҷаи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ зери ниқобӣ қонунӣ ҳисоб карда шаванд[305].

Қонунигардонӣ дар ҳаёти воқеӣ тавассути муомилоти амволӣ ё дигар амалиёт ё бо роҳи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ дар тиҷорат ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд. Дар мавриди пинҳон кардан ё дидаву дониста таҳриф кардани маълумот дар бораи пайдоиш, манбаъ, ҷойгиршавӣ ё тағйир додани ҳуқуқ ба онҳо, онҳо бояд натиҷаи истифодаи даромади ҷиноятӣ тахти ниқоби қонунӣ дониста шаванд. Дар адабиёт оид ба мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд андешаҳои гуногун баён шудаанд. Ҳамин тавр, тибқи андешаи Б.В. Волженкин, зери мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) пул ё дигар молу мулки ғайриқонунӣ ба даст омадаро бояд амалҳои гуногун (муомилоти молиявӣ, дигар амалиётҳо), ки бо мақсади пинҳон кардани мавҷудият ва (ё) заминаи пайдоиши амволе, ки бо ин роҳ, бо мақсади минбаъд аз он даромад гирифтан, ба даст оварда шудаанд, фаҳмида мешавад[306]. Бо ин ақида розӣ нашуда, Ю.В. Быстрова кайд мекунад, ки «гирифтани даромади мунтазам барои ҷинояткоре, ки чунин даромадро қонунӣ гардонида истодааст, шарти ҳатмӣ намебошад. Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ нишон медиҳад, ки ҳадафи ҷинояткор ҳангоми қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ин ба таври қонунӣ истифода бурдани онҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ бошад»[307].

---

[304] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2020. – 488 с

[305] Сафаров А. И. Некоторые противоречия в новом законодательстве Республики Таджикистан о борьбе против легализации преступных доходов / Законодательства. Душанбе, 2011. №4. С. 49.

[306] Волженкин Б.В. Ҳамон асар. –С. 107.

[307] Быстрова Ю.В. Ҳамон асар. http://orelgiet.ru/310bistrova. pdf

Мафҳуме ки хусусиятҳои асосии қонунигардонии даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст овардашударо қариб пурра ифода мекунад, А.М. Кочерян пешниҳод намудааст. Ба андешаи муҳақиқ, қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ин «иҷрои муомилоти иқтисодӣ ва молиявие мебошад, ки бо ду ҳадаф анҷом дода мешавад: аввалан, рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардан ё хусусияти аслӣ ва баъзан таъйиноти пешбинишудаи молу мулк ва пуле, ки пайдоиши ҷиноятӣ доранд, дуввум аз ин молу мулк даромад гирифтан, чун қоида, бо роҳи ба тиҷорати қонунӣ ворид намудани чунин даромадҳо[308]. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки воқеан ҷинояткор ду мақсад дорад, аммо дар як вақт амалӣ гардидани ин мақсадҳо хеле кам мушоҳида мешавад[309].

Ҷонибдорони нуқтаи назари дуввум[310] мафҳуми криминологии қонунигардонии даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст овардашударо дастгирӣ намуда, онро асосан тавассути мазмун ва сохтори ҷараёни қонунигардонӣ ошкор сохта, ин мафҳумро бо мақсади ҷиноякор пурра менамоянд[311].

Ҳамин тавр, Д.Р. Кузахметов ба хулосае меояд, ки «қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ин падидаи иҷтимоӣ буда, сабабҳои муайяни пайдоиш ва рушди минбаъдаи худро дорад, ки ба он дараҷаи баланди хавфи иҷтимоӣ хос аст, аз ҷумла: ворид шудани сармояи бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда ба иқтисоддиёти қонунӣ, криминализатсияи хоҷагии халқ, мутамарказ гардондани хоқимияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданию иҷтимоӣ дар дасти иттиҳодҳои ҷиноятӣ ва ғ. Қонунигардонии маблағ ё дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда мешавад, қисми ҷудонашавандаи фаъолияти ҷиноятҳои муташаккил буда, ба афзоиши коррупсия мусоидат мекунад. Хусусияти хоси ин падида, фаромиллӣ будан он мебошад. Ҷиҳатҳои мубии таълифи мазкур, яке аз намудҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ эътироф намудан он мебошад, ки ҳамчун пайванди байни иқтисодиёти қонунӣ ва ғайриқонунӣ баромад мекунад, ҳамзамон худи раванди қонунигардонӣ аз доираи ин мафҳум берун мондааст.

В.М. Алиев қонунигардонии даромадҳои ҷиноятиро ҳамчун падидаи

---

308 Кочерян А.М. Ҳамон асар. – С.8.
309 Быстрова Ю.В. Ҳамон асар. – С.
310 Алиев В.М. Указ. работа. – С.37-38; Кузахметов Д.Р.Указ. работа. -С.9-10; Третьяков И.Л. Уголовно-правовые и криминологические меры борьбы с легализацией (отмыванием) доходов, полученных преступным путем: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 43; Гусейнова С.М. Проблемы уголовно-правовой регламентации легализации (отмывания) денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – Ростов-на Дону., 2003. – С.20; Щеткова Е.С. Организационно-правовые проблемы противодействия легализации преступных доходов в банковской системе Российской Федерации: дис. …канд. юрид. наук. – Тюмень., 2005. – С.15; Алиев В.М. Легализация (отмывание) до ходов, полученных незаконным путем. Уголовно правовое и криминологическое исследование. – М., 2001. – С. 16; Коротков Ю.В. Уголовно-правовой и криминологические аспекты борьбы с легализацией (отмыванием) незаконных доходов: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – С.32; Лавров В.В. Указ. работа. – С.39.
311 Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем. – Душанбе, 2012. – С. 37.

манфии иҷтимоӣ муайян мекунад, ки ба раванди пинҳон кардани пайдоиши ғайриқонунии даромад, таҳрифи маълумот дар бораи хусусияти пайдоиш, ҷойгиршавӣ, маҳал, ҳаракат ва таалуқдории воқеии сарватҳои моддӣ (ҳуқуқи моликият) ё ҳуқуқҳои ба онҳо алоқаманд, ҳамчунин ба онҳо дар ҳама гуна додани шакли ҳуқуқӣ, агар шахс донад, ки ин неъматҳои моддӣ даромади ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, инчунин дигар амалҳое, ки бевосита ё бавосита ба расмият даровардани муносибатҳо вобаста моликият алоқаманданд, - истифода бурдан, ихтиёрдории даромад ё пинҳон доштани пайдоиши ғайриқонунии онҳо»[312].

Ба андешаи муаллифони дигар расмикунонӣ равандест, ки тавассути он ҷинояткорон воқеияти пайдоиши даромадҳои ҷиноятиро пинҳон мекунанд[313]. В.Д. Ларичева беасос танҳо пули нақдро объекти қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ мешуморад. Тавре И.А Киселева дуруст қайд менамояд айни замон як қисми зиёди ҷиноятҳои марбут ба коррупсия, қаллобӣ, дуздӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ берун аз доираи муомилоти пули нақд содир карда мешаванд ва доираи шаклу усулҳои қонунигардонии  пулҳои аз ҷониби ҷинояткорон истифодашаванда танҳо бо муомилот дар бахши бонкӣ маҳдуд намешавад[314].

Дар натиҷаи ҷамъбасти хулосаҳое, ки дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми қонунгардонии даромадҳо оварда шудаанд ду хусусияти асосиро муайян намудан мумкин аст: якум, содир намудани амалҳо (муомилоти амвол ё дигар амалиёт) бо маблағ ё дигар молу мулки ғайриқонунӣ ба даст овардашуда; дуюм – мақсади содир намудани амалҳо – табдил додани амволи ғайриқонунӣ ба даст овардашуда ба амволи дигар барои ба он шакли қонунии соҳибият, истифода ё ихтиёрдории даромади зикршуда мебошад[315].

Ҳамин тавр, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд метавон ҳамчун раванде муайян кард, ки аз аҳди муайяни гражданӣ-ҳуқуқӣ иборат буда, мақсади руйпуш ё пинҳон кардани сарчашмаҳои пайдоиш, мавҷудият, тақсимот, аз нав тақсимкунӣ ва истеъмоли молу мулке, ки дар натиҷаи ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ба даст оварда шудааст[316] ё ба амвол  хусусияти  расмӣ додан, пайдоиши ғайриқонунии онро руйпуш намудан [317].

Ҳамин тавр, андешаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳоро қайд намудан зарур мешуморем:

1. Дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии қонунигардонии

[312] Алиев В.М. Ҳамон асар. -С. 16.

[313]Ларичев В.Д. Совершенствование законодательства о борьбе с «отмыванием» денег, полученных преступным путем // Государство и право. -1992, №4.- С 100.

[314]Киселев И.А. Грязные деньги. Уголовная ответственность за отмывание преступных доходов и ее применение в борьбе с преступностью и коррупцией. -М., Юриспруденция. 2009. -С.10.

[315]Сафаров А.И. Ҳамон асар -С.32.

[316] Чернов С.Б. Противодействие легализации криминального капитала как стратегическое направление борьбы с преступностью в условиях перехода к рыночной экономике в России // Преступность: стратегия борьбы. – М. 1997. – С. 121.

[317]Лопашенко Н.А. Вопросы квалификации преступлений в сфере экономической деятельности. – Саратов, 1997. – С. 56.

(расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шуда бештар на дар он аст, ки сармояи ҷиноят аз ҷониби гурӯҳҳои ҷинояти баъдан барои густариши фаъолияти ҷиноии онҳо истифода мегардад, балки хавфи асосӣ дар таъсири манфӣ ба вазъи макроиқтисодӣ кишвар дар маҷмуъ мебошад, ки дар натиҷаи ба муомилоти қонунӣ ворида гаштани дороиҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, мақсади асосии мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаан, ҳифзи иқтисодёти қонунӣ аз ворид шудани сармояи ҷиноятӣ ба он мебошад.

2. Истифодаи истилоҳҳои қонунигардонии (расмикунонии) дар қонуни ҷиноятӣ барои ифодаи ҷинояти баррасишванда, дуруст аст, вақте ки дар забони тоҷики истилоҳи мувофиқ мавҷуд нест. Агар дар қонунгузорӣ яке аз ин истилоҳот истифода шавад, пас барои тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ мушкилоти иловагӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, эътироф накардани истилоҳҳои қонунигардонии (расмикунонии) аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ нодуруст мебуд. Ҳамин тариқ, роҳи раҳоӣ аз ин вазъият истифодаи ҳарду истилоҳ буд, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (расмикунонии) ҳамчун синоними истилоҳи «қонунигардонӣ» истифода мешавад.

3. Мафҳуми қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ бояд дар ду ҷиҳат баррасӣ карда шавад: ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологӣ.

Қонунигардонии даромадҳои ҷиноятиро ҳамчун мушкилоти ҳуқуқии ҷиноятӣ метавон ҳамчун амали қасдона муайян кард, ки ба дигар амвол таблил додани молумулки ғайриқонунӣ ба даст овардашуда равона гардидааст, ки мақсади он додани шакли ҳуқуқии соҳибият, истифода ё ихтиёрдории ба ин даромад мебошад.

Ҳамчун мушкилоти криминологӣ қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ раванди аз аҳди муайяни маданӣ иборат буда мебошад, ки бо мақсади пинҳон кардани сарчашмаҳои пайдоиш, мавҷудият, тақсимот, азнавтақсимкунӣ ва истеъмоли молу мулке, ки дар натиҷаи ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ба даст омада аст.

**Адабиёт:**

1. Шарипов, Т.Ш. Асосҳои криминализатсияи кирдори ба ҷамъият хавфнок / Т. Шарипов, А. Сафарзода // Маҷаллаи академияи ҳуқуқ. – 2019. – No. 4(32). – P. 98-103. – EDN CZLVHO. – С. 97

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

3. Рахимов Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе. – Душанбе, 2006. – С. 9.

4. Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по усилению борьбы с преступностью, укреплению законности и правопорядка» от 25 сентября 1995 г. №341; Указ Президента Республики Таджикистан «О

дополнительных мерах по усилению борьбы с преступностью в области экономики и коррупции» от 21 июля 1999 г. №1262; Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по дальнейшему развитию и повышению эффективности экономических реформ» от 1 декабря 1999 г. № 3.

5. Рахимов Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе. – Душанбе, 2006. – С. 10.

6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

7. «Северный» маршрут – нарастающие риски. ЦАРИКЦ, – Алматы, 2008 г. – С. 2.

8. Обзор о наркоситуации в Республике Таджикистан за 2008 год, – Душанбе, 2009. – С.33.

9. Архив Верховного суда Республика Таджикистан. Уголовное дело №1752

10. Бейсенов Б.С. Алкоголизм: Уголовно-правовые и криминологические проблемы. – М., 1981. – С.10-11.

11. Алиев В.М. Теоретические основы и прикладные проблемы борьбы с легализацией «отмыванием» доходов, полученных незаконным путем. Дис.. д-ра юрид. наук. – М.,2001, – С. 19.

12. Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем. – Душанбе, 2012. – С. 13

13. Босхолов А.С. Уголовная ответственность за легализацию денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем. Дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 37;

14. Виноградова Л.К., Гаража Н.А. Указ. работа. – С. 83.

15. Лавров В.В., Степанков Д.В. Юридическая ответственность за легализацию доходов, полученных преступным путем, по российскому законодательству. – Н. Новгород. 2003. – С. 13

16. Ивакина Н. ҳамон асар.

17. Тагирова В. А. Уголовная ответственность за отмывание доходов от преступной деятельности и его предупреждение в США и России: вопросы теории и законодательной регламентации: Дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2005. – С. 33; Букарев В.Б. Легализация (отмывание) доходов, приобретенных преступным путем: общественная опасность и вопросы квалификации: Автореф. дисс. канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 26;

18. Якимов О. Ю. Легализация доходов, приобретенных преступным путем: Уголовно-правовые и уголовно-политические проблемы/ Под ред. докт. юрид. наук, проф. Н. А. Лопашенко. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2005. – С. 142-146.

19. Кострова М.Б. Особенности реализации языковых правил законодательной техники в уголовном законе // Уголовное право. №2. 2002. –С. 39;

20. Бодров В. А. Уголовно-правовые и криминологические проблемы

борьбы с легализацией преступных доходов: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – М., 2008. – С.6.
21. Сафаров А.И. Проблемы использования термина «легализация» и «отмывание» в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / Законодательство. №1, январь-март. – Душанбе, 2011.
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011 № 687
23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011 № 687
24. Быстрова Ю.В. Легализация денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: уголовно правовая и криминологическая характеристики// Вестник ОрелГИЭТ, 2009, №4(10). http://orelgiet.ru/310bistrova. pdf.
25. [1] Волженкин Б.В. Экономические преступления. – СПб., 1999. – С. 107;
26. Эм В.Ю. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика легализации (отмывания) денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 9; Коростолев С.Ю. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: дис. канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2006. – С.21-22.;
27. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2020. – 488 с
28. Сафаров А. И. Некоторые противоречия в новом законодательстве Республики Таджикистан о борьбе против легализации преступных доходов / Законодательства. – Душанбе, 2011. №4. – С. 49.
29. Быстрова Ю.В. Указ. работа. http://orelgiet.ru/310bistrova.pdf; Никулина В.А. Правовые аспекты соучастия в легализации незаконных доходов: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – С.17.
30. Кочерян А.М. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия легализации («отмыванию») денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: Автореф. дис. канд. юрид. наук. – М., 2003. – С.8.
31. Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем. – Душанбе, 2012. – С. 37.
32. Ларичев В.Д. Совершенствование законодательства о борьбе с «отмыванием» денег, полученных преступным путем // Государство и право. – 1992, – №4. – С 100.
33. Киселев И.А. Грязные деньги. Уголовная ответственность за отмывание преступных доходов и ее применение в борьбе с преступностью

и коррупцией. – М., Юриспруденция. 2009. – С.10.

34. Чернов С.Б. Противодействие легализации криминального капитала как стратегическое направление борьбы с преступностью в условиях перехода к рыночной экономике в России. // Преступность: стратегия борьбы. – М. 1997. – С. 121.

35. Лопашенко Н.А. Вопросы квалификации преступлений в сфере экономической деятельности. – Саратов, 1997. – С. 56.

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ТАРТИБИ БЕКОР КАРДАНИ МУҲЛАТИ САНҶИШӢ ҲАНГОМИ ТАТБИҚИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО

**Миралиев Эмомалӣ Бобоевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
Тел.: (+992) 907672020
E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

**Муқарриз:** Шарипов Т.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Яке аз институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шартан татбиқ накардани ҷазо маҳсуб меёбад, ки дар моддаи 71 Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ гардидааст. Аз замони мавқеи ҳуқуқӣ пайдо намудани институти шартан татбиқ накардани ҷазо, муҳлати санҷишӣ қисми ҷудонашавандаи институти мазкур ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, вобаста ба мафҳум, давомият ва оғозу анҷоми муҳлати санҷишӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар мақолаи мазкур, яққатор андешаву пешниҳодҳои асоснок дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ, назарияҳои олмони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судии ҶТ вобаста ба тартиби бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки барои такмили илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва бартараф кардани нофаҳмиҳо дар амалияи судӣ равона гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** Институт, шартан татбиқ накардани ҷазо, Кодекс, ҷиноят, ҳуқуқ, муҳлати санҷишӣ, қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ, маҳкумшуда, ҷазо, озодӣ, қисми ҳарбӣ, адои ҷазо, корҳои ислоҳӣ.

# АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ПОРЯДКА ОТМЕНЫ ИСПЫТАТЕЛЬНОГО СРОКА ПРИ ПРИМЕНЕНИИ УСЛОВНОГО НЕПРИМЕНЕНИЯ НАКАЗАНИЯ

**Миралиев Эмомалӣ Бобоевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, дотсент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Тел.: (+992) 907672020
E-mail: Law.tnu.tj@gmail.com

**Рецензент:** Шарипов Т.Ш. – доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Одним из институтов уголовного права является условное неприменение наказания, что предусмотрено статьей 71 УК РТ. С момента установления правового статуса института условного неприменения наказания испытательный срок считался неотъемлемой частью этого института. Поэтому в юридической литературе существуют разные мнения относительно определения, продолжительности, начала и окончания испытательного срока. С этой точки зрения завершение научных исследований в этом направлении считается актуальным. Также в данной статье сделан ряд обоснованных предложений на основе изучения научной литературы и теории в области уголовного права и судебной практики Республики Таджикистан, которые направлены на совершенствование науки уголовного права, уголовного законодательства и устранения непониманий в судебной практике.

**Ключевые слова:** Институт, условно неприменение наказания, Кодекс, преступление, закон, испытательный срок, законодательство, судебная практика, осужденный, наказание, свобода, воинская часть, отбывание наказания, исправительные работы.

## TOPICAL PROBLEMS OF THE PROCEDURE OF CANCELLATION OF THE PROBATIONARY PERIOD IN CASE OF NON-APPLICATION OF CONDITIONAL PUNISHMENT

**Miraliev Emomali Boboevich,**
Tajik National University, faculty of law, associate professor of the department of criminal law and combating corruption
Tel.: (+992) 907672020
E-mail: Law.tnu.tj@gmail.com

**Reviewer:** Sharipov T.Sh. – doctor of legal sciences, professor

**Annotation:** One of the institutions of criminal law is probation, which is provided for in Article 71 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Since the establishment of the legal status of the institution of probation, the probationary period was considered an inseparable part of this institution. Therefore, there are different opinions in the legal literature regarding the concept, duration, and beginning and end of the probationary period. From this point of view, the completion of scientific research in this direction is considered urgent. Additionally, this article presents a number of reasonable proposals based on the analysis of scientific literature and theory in the field of criminal law and the judicial practice of the Republic of Tajikistan. These proposals aim to enhance the science of criminal law, criminal legislation, and clarify misunderstandings in judicial practice.

**Keywords:** Institution, Probation, Code, crime, law, probationary period, legislation, judicial practice, convicted, punishment, freedom, military unit, serving sentence, correctional labor.

Дар асоси қ. 1 м. 71 КҶ ҶТ, агар суд ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намуда, ба хулосае ояд, ки ислоҳ шудани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити назорати рафтораш имконпазир аст, он гоҳ метавонад дар хусуси шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул намуда, нисбат ба маҳкумшуда мухлати санҷишӣ муқаррар намояд. Ҳангоми таъин намудани институти шартан татбиқ накардани ҷазо, дар як маврид, суд уҳдадор аст, ки нисбати маҳкумшуда мухлати санҷишӣ, ки меъёри қонун пешбинӣ мекунад, муқаррар намояд. Дар сурати муқаррар нагардидани ин мухлат дар ҳукми суд, санади судӣ ғайриқонунӣ ва беэътибор дониста мешавад[318]. Ба таври дигар гуфтан мумкин аст, ки таъини шартан татбиқ накардани ҷазо ҳуқуқи суд аст, аммо муқаррар намудани мухлати санҷишӣ уҳдадории суд мебошад[319]. Маҳкумшуда бошад, дар ин давра, уҳдадор аст, ки бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот созад.

Бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо мухлати санҷишӣ алоқаи устувор дорад. Аммо муҳиммияти дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда аз мухлати санҷишӣ зиёд аст, чунки дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда шарти асосии иҷро накардани ҷазои воқеии таъиннамудаи суд ба ҳисоб меравад. Дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда дар рафтори ӯ инъикос мегардад ва ба сифати асоси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо хизмат мекунад[320]. Дар навбати худ, ба таври дуруст истифода намудани муқарраротӣ қонуни ҷиноятӣ дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, имконият медиҳад, ки содир намудани такрори ҷиноятро аз ҷониби шахсе, ки намехоҳад дар роҳи ислоҳшавӣ қарор гирад, пешгирӣ менамояд[321].

Ба андешаи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пеш аз мухлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст ба сифати меъёри ҳавасмандкунанда[322] ва ё танбеҳдиҳанда баромад намояд. Ба сифати меъёри ҳавасманкунанда дар чунин ҳолатҳо баромад карда метавонад: агар дар муддати муайян маҳкумшуда ислоҳшавии худро исбот намуд, яъне ҳуқуқвайронкунӣ содир накарда, нисбати иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда муносибати софдилона анҷом дода, тартиботи ҷамъиятӣ ва қоидаҳои ҳамзистиро риоя намуд ва ғайра. Ҳамчун меъёри танбеҳдиҳанда дар чунин мавридҳо баромад менамояд: дар сурати иҷро накардани талаботҳое, ки ба зиммаи маҳкумшуда гузошта мешаванд, яъне а) ба таври низомнок вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки барои ин кирдор

---

[318] Ниг.: Миралиев Э.Б. Мухлати санҷишӣ - унсури ҳатмии шартан татбиқ накардани ҷазо / Маҷмуаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – №2(30). – Душанбе, 2023. – С. 168

[319] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – С. 231.

[320] Ниг.: Кондалов А.Н. Условное осуждение и механизмы его обеспечения: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2000. – С. 144-145.

[321] Ниг.: Пронников В.В. Условное осуждение и его правовые последствия: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2002. – С. 126.

[322] Ниг.: Полосухина О.В. Условное осуждение к лишению свободы в отношении несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2013. – С. 106.

нисбати маҳкумшуда ҷазои маъмурӣ таъин карда мешавад; б) ба таври низомнок иҷро накардани уҳдадориҳое, ки ба зиммаи маҳкумшуда гузошта шудаанд; в) ба таври низомнок саркашӣ намудан аз барқарор кардани зарар, ки ҳаҷми онро суд муқаррар намудааст[323].

Бо баинобатгирии талаботи қонуни ҷиноятӣ (м. 71 КҶ ҶТ) ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (м. 226 КИҶҶ ҶТ) таснифи зерини бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазоро зикр намудан мумкин аст:

1. Пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо бардоштани доғи судӣ (қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ);

2. Бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо бо бардоштани доғи судӣ пас аз гузаштани муҳлати санҷишӣ (банди «а» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ, қ. 3 м. 71 ва қ. 2 м. 224 КҶ КИҶҶ ҶТ);

3. Бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ҳангоми таъини ҷазои маъмурӣ барои содир намудани кирдорҳое, ки бар зидди тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидаанд ва ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда гузоштааст (қ. 5 ва 7 м. 71 КҶ ҶТ, қ. 1 м. 226 КИҶҶ ҶТ);

4. Бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо таъин намудани ҷазои нав аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо (қ. 8 м. 71 КҶ ҶТ).

Акнун ду ҳолати аввалини бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазоро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро шартан «мусбат» номгузорӣ намудан мумкин аст. Ҳолати аввал, имтиёзе мебошад, ки аз ҷониби суд бо пешниҳоди мақомоти назоратбарандаи маҳкумшуда пас аз гузаштани на кам аз нисфи муҳлати санҷишӣ, бо шарти он ки маҳкумшудаислоҳшавии худро исбот кунад, аниқтараш дар ҳолате, ки мақсади татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо ба даст меояд, амалӣ карда мешавад. Оид ба ин масъала, дар қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ низ сухан меравад, ки тибқи он агар маҳкумшуда бо гузашти на камтар аз нисфи муҳлати санҷишӣ бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот кунад, суд бо пешниҳоди мақомоти ба рафтори маҳкумшуда назораткунанда метавонад дар хусуси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ қарор қабул намояд. Меъёри мазкур ҳамчун чораи ҳавасмандгардонӣ дар қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ имконияти пеш аз муҳлат бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазоро муқаррар намудааст. Асос барои пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ ин рафторҳои худи шахси маҳкумшуда оид ба нишон додани ислоҳшавии ӯ мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки ислоҳ гардидани шахси маҳкумшударо чунин далелҳо собит месозанд: содир накардани ҷинояти нав дар ҷараёни муҳлати санҷишӣ, муносибати софдилона бо иҷрои уҳдадориҳои аз ҷониби суд ба зиммаи ӯ гузоштешуда, риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра. Ҳангоми мавҷудияти ин асосҳо бо пешниҳоди мақомоти назоратбарандаи рафтори маҳкумшуда, дар ҳолати гузаштани на кам аз нисфи муҳлати умумии санҷишӣ суд қарор дар бораи бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо қабул менамояд. Бо

---

[323] Ниг.: Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. Ф.Р. Сундурова, И.А. Тарханова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Статут, 2016. – С. 660; Уголовное право России. Общая часть: учебник для бакалавров / Отв. ред. А.И. Плотников. – Оренбург: ООО ИПК «Университет», 2016. – С. 382.

санҷидани асоснокии таъинот ва муқаррар намудани асосҳои дар қонун пешбинигардида, суд ҳуқуқ дорад шартан татбиқ накардани ҷазо ва доғи судии маҳкумшударо бекор намояд.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар қонун муқаррар намудани имконияти пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазоро на танҳо ҳамчун омили муҳимме, ки маҳкумшударо ба амалҳои фаъол ва фоиданок, тасдиқ намудани боварии ба ӯ баёнкардашуда, нишон додани ташаббускорӣ, иродаи худро ба ислоҳшавӣ равона намудан ҷалб мекунад ва натанҳо ҳамчун чораи ҳавасмандгардонии маҳкумшуда барои дар давраи муҳлати санҷишӣ фаъолияти хуб нишон додан, балки ҳамчун оқибати татбиқ гардидани шартан татбиқ накардани ҷазо бояд баррасӣ намуд. Ба ғайр аз ин, пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, ки яке аз оқибатҳои мусбати институти мазкур ба ҳисоб меравад, аз паси худ як қатор оқибатҳои дигари мусбатро вобаста ба пурра ё қисман татбиқ гардидани он ба бор меорад. Масалан, пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо то ба охир расидани муҳлати санҷишӣ маънои онро дорад, ки тамоми оқибатҳои ҳуқуқии шартан татбиқ накардани ҷазо пурра аз байн мераванд. Шахс аз лаҳзаи ба қуввааи қонунӣ даромадани қарор дар бораи пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо доғи судӣ надошта эътироф карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки дар қонун пешбинӣ гардидани имконияти пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ қобили қабул аст ва тарафдорони нуқтаи назари мазкур чунин мешуморанд, ки ин яке аз омилҳое мебошад, ки ба ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат мекунад. Ҳамзамон, онҳо пешниҳод менамоянд, ки пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ бояд бо давомнокии он алоқаманд бошад. В.А. Ломако қайд мекунад, ки ихтисор кардани муҳлати санҷишӣ "... танҳо дар ҳолатҳои муқаррар намудани муҳлати санҷишии на камтар аз ду сол мувофиқи мақсад аст"[324]. Дар акси ҳол, дар гумон аст, ки дар муддати аз ин кутоҳ, ки муҳлати санҷишӣ таъин карда мешавад, барои расидан ба мақсадҳои ислоҳи маҳкумшуда бо боварӣ ҳарф занем. Албатта, чунин пешниҳод ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати худро доро мебошад. Бале, дар тӯли як сол, ҳадди аққал, маҳкумшуда метавонад хислатҳои мусбати худро нишон диҳад ва суд ба ислоҳи ӯ эътимод намояд, аммо агар ин гуна эътимод пештар ба вуҷуд ояд чӣ? Дар ин сурат, мо мавқеи судро маҳдуд менамоем, баръакси он ки дар чунин ҳолатҳо имконияти ӯ бояд ба қадри имкон васеъ бошад[325].

Ба андешаи С.В. Максимов масъалаи бекор кардани муҳлати санҷишӣ ва бардоштани доғи судии маҳкумшударо қонунгузор ба дараҷаи ислоҳшавии шахс ва хусусияти рафтори ӯ дар давраи адои муҳлати санҷишӣ вобаста намекунад.[326] Яъне, ислоҳшавии маҳкумшуда дар дигар амалҳое, ки ӯ дар давраи муҳлати санҷишӣ анҷом медиҳад, дида

---

[324] Ниг.: Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 82.
[325] Ниг.: Кондалов А.Н. Условное осуждение и механизмы его обеспечения: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2000. – С. 122.
[326] Ниг.: Максимов С.В. Условное осуждение и его цели // Российский следователь. – 2005. – №9. – С. 26-28.

намешавад, балки маҳз содир накардани ҷинояти нав, ба ҳуқуқвайронии маъмурӣ, ки зидди тартиботи ҷамъиятӣ мебошад роҳ надодан ва иҷро намудани уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи ӯ мегузорад, ба ҳисоб меравад.

Андешаи олимони мазкур дуруст мебошанд, чунки агар маҳкумшуда, худро дар ҷамъият шахси мусбат муаррифӣ намояд, аммо талаботҳое (ҷинояти нав содир накардан, содир накардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба зидди тартиботи ҷамъиятӣ, иҷрои уҳдадориҳои қ. 5 м. 71), ки суд ба заммааш мегузорад, иҷро накунад, шахси ислоҳшуда ҳисобида намешавад. Масалан, дар давоми муҳлати санҷишӣ уҳдадориҳои худро иҷро накардан ва ё дар ин давра ҷинояти нав содир намудан нишонаи он аст, ки маҳкумшуда ислоҳ нагардидааст.

Ҳамин тариқ, дар зери истилоҳи ислоҳи шахси маҳкумшуда иҷро намудани ҳамаи талаботҳои ба зиммаи маҳкумшуда гузошташударо фаҳмидан дуруст мебошад.

Дар байни олимон баҳс оид ба он ки оё маҳкумшуда шахсан метавонад ба суд дар бораи ислоҳ гардиданаш дархост пешниҳод намояд ва ё мақомоти назоратбарандаи маҳкумшудагон ин салоҳиятро доро бошад, мавҷуд аст. В.В. Пронников қайд мекунад, ки бояд ба маҳкумшудагон ҳуқуқи пешниҳод намудани дархост оид ба пеш аз муҳлат бекор намудани муҳлати санҷишӣ дода шавад[327]. Ба ин тариқ, ҳар як нафари маҳкумшуда метавонад, бо ташаббуси худ ба суди маҳалли зист дар бораи пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ, шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ дархост пешниҳод намояд. Ба назари мо, ин гуна ҳолат қобили дастгирӣ намебошад. Чунки намояндаи нозироти корҳои ислоҳӣ, ба ҷои омода намудан ва фиристодани гузориш ба суд дар бораи нафароне, ки ислоҳшавии худро исбот намудаанд, танҳо нафарони «хоҳишманд» – ро барои бекор кардани муҳлати санҷишӣ мустақиман ба суд равон мекунад. Ба андешаи мо, вобаста ба масъалаи мазкур мавқеи қонунгузории ҷиноятии ҶТ дуруст мебошад. Чунки тибқи он ҳуқуқи мазкур ба намояндагони нозироти корҳои ислоҳӣ дода шудааст.

Тибқи қонунгузории қаблӣ, мақомоти назораткунандаи маҳкумшудагони ба балоғатрасида нозироти корҳои ислоҳии мақомоти корҳои дохилӣ ва нисбати ноболиғон – нозирот оид ба корҳои ноболиғони мақомоти корҳои дохилӣ буданд. Дар баробари ин, баъзе масъулиятҳо дар соҳаи назорат аз болои ин шахсон тибқи қонун ба зиммаи комиссияҳои назоратӣ ва комиссияҳои кор бо ноболиғони назди мақомоти иҷроияи маҳаллӣ гузошта шуда буданд. Дар сурати ба маҳкумшудагон татбиқ намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ва вогузор намудани онҳо ба коллективи меҳнатӣ ё ташкилоти ҷамъиятӣ, ба ғайр аз мақомоти корҳои дохилӣ, назорати рафтори онҳо ба зиммаи аъзои ин коллективҳо ва ташкилотҳо гузошта мешавад. Ғайр аз ин, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ салоҳияти назорат кардани рафтори маҳкумшудагонеро, ки дар хизмати ҳарбӣ мебошанд, амалӣ менамоянд. Аммо айни ҳол бошад, тибқи қ. 9 м. 71 КҶ ҶТ, ба рафтори маҳкумшудагон – мақоми ваколатдори давлатӣ, ба

[327] Ниг.: Пронников В.В. Условное осуждение и его правовые последствия: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2002. – С. 6.

рафтори хизматчиёни ҳарбӣ бошад, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ назорат мекунанд. Дар қ. 1 м. 223 КИҶҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ки назорат аз болои рафтори маҳкумшуда дар давоми мӯҳлати санҷишӣ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳии маҳалли истиқомати маҳкумшуда, назорати хизматчиёни ҳарбӣ дар давраи адои хизмати ҳарбӣ бошад аз тарафи фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ ба амал бароварда мешавад.

Агар аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ пешниҳод оид ба гузаштани нисфи мӯҳлати санҷишӣ ва дар ин мӯҳлат вайрон накардани талаботҳои пешбининамудаи м. 71 КҶ ҶТ ба суд ирсол гардад, суд метавонад, ки қарор дар бораи пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ қабул намояд.

Ҳангоми баррасии муқаррарот дар бораи пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мо ба ибораи «суд ... метавонад» дучор меоем. Дар қонунгузории ҷиноятӣ чунин мавқеъгирӣ бисёр дида мешавад. Як қатор олимон онро ҳамчун уҳдадории суд медонанд,[328] дигарон бошанд, чунин шарҳдиҳиро нодуруст мешуморанд ва андешаи онро доранд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳои кор метавонад ҳам ба сифати ҳуқуқ ва ҳам уҳдадории суд баромад кунанд[329]. Аммо аз мазмуни «суд… метавонад» чунин бармеояд, ки ин танҳо «ҳуқуқ»-и суд мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур, ба қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ назар афканем, маълум мегардад, ки дар сурати гузаштани нисфи мӯҳлати санҷишӣ ва ислоҳшавии худро нишон додани маҳкумшуда суд ҳуқуқ дорад, ки мӯҳлати санҷиширо пеш аз мӯҳлат бекор намояд ва ё онро бекор накунад.

Ю.М. Ткачевский қайд менамояд, ки агар маҳкумшуда дар ин муддат ислоҳ шуда бошад ва нисфи мӯҳлати санҷишӣ ба охир расида бошад, суд вазифадор аст, ки шартан татбиқ накардани ҷазоро пеш аз мӯҳлат бекор кунад[330]. Ба ақидаи В.Ф. Шепелков бояд ҳуқуқи суд оид ба бекор намудани шартан табиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судии маҳкумшуда, ки бо ҳаракатҳои худ ислоҳшавиашро собит намудааст, ба уҳдадории суд табдил дода шавад[331].

Намуди дигари бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо – ба анҷом расидани мӯҳлати санҷишӣ ва бардошта шудани доғи судӣ мебошад. Он ба маҳкумшудагоне дахл дорад, ки пас аз гузаштани нисфи мӯҳлати санҷишӣ бо ягон роҳе ислоҳшавии худро собит карда натавонистаанд ва ё тартиботи ҷамъиятиро вайрон намудаанд, уҳдадориҳои ба зиммаашон гузоштаашударо иҷро накардаанд ва огоҳиномаи нозироти корҳои ислоҳиро барои кирдорҳои ношоями худ доро мебошанд. Аз ин рӯ, баъди ба охир расидани мӯҳлати санҷишии таъиннамудаи суд шартан татбиқ накардани ҷазо ва доғи судӣ бекор карда мешавад. Воқеан, ин намуди

---

[328] Ниг.: Прохоров В.С., Кропачев Н.М., Тарбагаев А.Н. Механизм уголовно-правового регулирования: норма, правоотношение, ответственность. – Красноярск, 1989. – С. 137.

[329] Ниг.: Сафонов А.П. Прокурорский надзор за законностью условно-досрочного освобождения осужденных // Вопросы борьбы с преступностью. – М., 1972. – Вып.17. – С. 118-119.

[330] Ниг.: Курс уголовного права: Общая часть: Учебник для вузов. – Том. 2. Учение о наказании / Под ред. проф.Н.Ф.Кузнецовой и доц. И.М.Тяжковой. – М.: ИКД Зерцало. – М, 2002. – С. 218.

[331] Ниг.: Щепельков В.Ф. Проблемы применения и конструирования норм об условном осуждении // Российский судья. – 2002. – №2. – С. 30.

бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ба он вобастагӣ дорад, ки маҳкумшудагон новобаста аз таъини чораи инсондӯстӣ нисбаташон роҳи ислоҳшавиро ихтиёр накардаанд. Масалан, ба таври номатлуб иҷро накардани уҳдадориҳо ва содир намудани дигар ҳуқуқвайронкуниҳо. Дар ин сурат, то ба охир расидани мухлати санҷишӣ шартан татбиқ накардани ҷазо пеш аз мухлат бекор карда намешавад.

Сеюм намуди бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо дар ҳолатҳои зерин имкон дорад ба вуҷуд ояд: 1) ҳангоми ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда мегузорад (қ. 5 м. 71 КҶ ҶТ, қ. 1 м. 226 КИҶҶ ҶТ); 2) агар маҳкумшуда дар ҷараёни мухлати санҷишӣ ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ даст зада, нисбаташ ҷазои маъмурӣ таъин гардида бошад ва 3) агар шахси шартан маҳкумшуда аз назорати мақомоти дахлдор пинҳон мешавад.

Тибқи талаботи м. 226 КИҶҶ ҶТ ҳангоми саркашии маҳкумшуда аз иҷрои ухдадориҳое, ки суд ба зиммааш гузоштааст ё аз ҷониби ӯ вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, ки барои он ҷазои маъмурӣ таъин шудааст, нозироти корҳои ислоҳӣ ӯро дар мавриди имконпазирии беэътибор донистани шартан татбиқ накардани ҷазо ба таври хаттӣ огоҳ месозад. Дар сурати аз ҷониби маҳкумшуда бо шартан татбиқ накардани ҷазо ба ҷо наовардани талаботи дар қ. 4 м. 225 КИҶҶ ҶТ зикргардида, инчунин, ҳангоми мавҷуд будани дигар ҳолатҳое, ки ба зиммаи ӯ вогузоштани дигар уҳдадориҳо мувофиқи мақсад аст, гувоҳӣ медиҳад, сардори нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд пешниҳоди дахлдор ирсол менамояд.

Агар маҳкумшуда дар давоми мухлати санҷишӣ мунтазам ба қонуншиканиҳо роҳ дода, барои содир кардани онҳо ба ӯ ҷазои маъмурӣ таъин шуда бошад ва ё ашаддӣ аз иҷро кардани уҳдадориҳое, ки суд ба зиммааш гузошта буд, саркашӣ намояд, нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд дар мавриди бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва адои ҷазои воқеие, ки бо хукми суд таъин шудааст, пешниҳод ирсол менамояд.

Ба таври ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадорӣ – ин содир кардани кирдорҳои манъшуда ё аз ҷониби шахси бо шартан татбиқ накардани ҷазо маҳкумшуда беш аз ду маротиба дар тӯли сол иҷро накардани ҳаракатҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудааст ё ба таври давомдор (беш аз 30 рӯз) иҷро накардани уҳдадориҳои аз ҷониби суд ба зиммааш гузошташуда ба ҳисоб меравáнд.

Ба таври низомнок вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ҳолате дар назар дошта шудааст, ки аз ҷониби маҳкумшудагон дар давоми як сол ду ё зиёда маротиба тартиботи ҷамъиятӣ вайрон гардида бошад ва барои содир намудани онҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб гардида бошанд.

Ба таври низомнок иҷро накардани уҳдадориҳо бошад, ҳолатеро меноманд, ки дар давоми сол шартан маҳкумшуда даст ба содир намудани амалҳои манъшуда мезанад ё амалҳои ба зиммаи ӯ гузошташударо иҷро намекунад ва ё ба таври давомдор (беш аз 30 рӯз) аз иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшуда вогузорнамудаи суд саркашӣ менамояд. Дар чунин ҳолат, нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд гузориш дар бораи бекор намудани

шартан татбиқ накардани ҷазо пешниҳод намуда, дар он ҳолатҳои мушаххаси саркашӣ намудани маҳкумшуда аз иҷрои уҳдадориҳо, давраи вақте ки маҳкумшуда барои бақайдгирӣ ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳозир нагардидааст, кадом намуди чораҳо аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшуда андешида шудаанд ва чӣ гуна маҳкумшуда нисбати онҳо муносибат кардааст, ҳамчунин ҳамаи далелҳои мавҷуда пурра қайд карда мешаванд.

Агар маҳкумшуда аз мақомоти назоратбарандаи рафтори ӯ пинҳон шавад, ин ба сифати ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳо ба ҳисоб меравад ва оқибатҳои дар боло зикршударо нисбати маҳкумшуда ба вуҷуд меорад. Мазмуни қ. 4 м. 226 КИҶҶ ҶТ маънои онро дошта метавонад, ки агар дар давоми 30 рӯз ҷои зист ва маҳалли будубоши маҳкумшуда муайян карда нашавад, пас ӯро аз мақомот пинҳоншуда меҳисобанд.

Агар пас аз гузаштани 30 рӯз маҳалли будубоши маҳкумшуда муайян карда нашавад, сардори нозироти корҳои ислоҳӣ дар асоси маводҳои мавҷуда ба суд барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо гузориш омода намуда, пешниҳод мекунад. Дар он тамоми маълумот дар бораи маҳкумшуда ва натиҷаҳои чораҳои аввалиндараҷаи ҷустуҷӯӣ қайд карда мешаванд. Вале ба ҳолати мазкур судҳо ҳар хел баҳо медиҳанд: дар баъзе ҳолатҳо суд маҳкумшударо дар кофтуков эълон мекунад ва дар ҳолатҳои дигар бошад, суд ягон чора намеандешад, то даме ки худи маҳкумшуда ҳозир нашаваду аз ӯ баёнот дар бораи сабаби пинҳон шуданаш нагиранд. Ба андешаи Н.В. Олховик дар ин гуна ҳолат намояндагони нозироти корҳои ислоҳӣ танҳо «интизор» мешаванд, ки кай муҳлати санҷишӣ ба охир расад ва баъдан маҳкумшудагоро ҳамчун «ислоҳшавии худро исботкарда» аз қайд берун менамоянд, чунки далели “пинҳон” шудани маҳкумшуда исботи худро талаб мекунад[332].

О.В. Филимонов дуруст қайд мекунад, ки дар ягон қонун «ба сифати асоси бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо – ба таври низомнок дар давраи муҳлати санҷишӣ содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби маҳкумшуда баромад мекунад», дида намешавад[333], гарчанде ки қ. 6 м. 44 КҶ ҶШФСР аз соли 1960 ин гуна меъёрро муқаррар намуда буд. Маҳкумшуда агар дар давоми муҳлати санҷишӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст занад, нозироти корҳои ислоҳӣ огоҳинома дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ба маҳкумшуда месупоранд. Дар сурати такрор гардидани ҳолат бо гузориши нозирот суд метавонад муҳлати санҷиширо бекор намояд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаи дигаре мавҷуд мебошад, ки вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ қасдона иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшуда гузошташуда дониста мешавад, ки боиси бекор

[332] Ниг.: Ольховик Н.В. Рецидив преступлений среди осужденных с применением ст. 73 УК РФ // Правовые проблемы укрепления российской государственности: сб. ст. / Под. ред. С.А. Елисеева. – Томск, 2002. – С. 60.
[333] Ниг.: Комментарий к Уголовно-исполнительному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.И. Зубков. – М., 1997. – С. 382.

кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мегардад[334]. Ба андешаи А.В. Наумов ҳолати вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби маҳкумшуда (масалан, майдаавбошӣ, ашаддӣ саркашӣ намудан аз талаботҳои қонунии кормандони милитсия ва ғайра), ки аз майли ислоҳшавӣ надоштани ӯ дарак медиҳад, бояд ҳамчун асос барои бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо баррасӣ карда шавад[335]. Дар таҷриба судҳо аксар вақт барои пешгирӣ намудани ин вазъият ба КҶ ҶТ такя намуда, ин талабот, яъне вайрон накардани тартиботи ҷамъиятиро ҳамчун уҳдадорӣ, ки метавонад ба ислоҳшавии маҳкумшуда мусоидат намояд, ба зиммаи маҳкумшуда вогузор мекунанд ва вайрон намудани ин уҳдадорӣ тибқи талаботи қ. 7 м. 71 КҶ боиси бекор намудани намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ва адои ҷазои воқеии муқаррарнамудаи суд мегардад. Дар боби 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ[336] «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ» номбар шудаанд, ки дар сурати содир гардидани онҳо аз ҷониби маҳкумшуда ва таъини ҷазои маъмурӣ нисбати ӯ боиси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мегардад.

К.Е. Игошев ва И.В. Шумаров қайд менамоянд, ки «таҷрибаи фаъолияти пешгирикунандаи шуъбаҳои корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки ҳаёти зиддиҷамъиятӣ доштан ва ба таври низомнок вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ яке аз давраҳои ба роҳи ҷиноят рафтани одамон мебошад»[337]. Бо пайравӣ аз ин ақида, Ю.М. Ткачевский пешниҳод мекунад, ки нисбати ҳар як ҳолати саркашӣ намудан аз адои ҷазо, аз ҷумла шартан татбиқ накардани ҷазо низ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад[338]. Вобаста ба ин, муқаррароти қ. 1 м. 226 КИҶҶ ҶТ (қ. 1 м. 190 КИҶҶ ФР)-ро мисол овардан мумкин аст, ки ин ҳолатҳоро ҳамчун асос барои бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо пешбинӣ намудааст. Зеро бар хилофи талаботи қонун содир намудани баъзе ҳуқуқвайрокуниҳои маъмурӣ аз ҷониби маҳкумшудагон дар давоми муҳлати санҷишӣ табиист, ки ҳамчун далели ислоҳшавии маҳкумшудагон баромад намекунад[339]. Олимон боз ба он назаранд, ки дар давоми муҳлати санҷишӣ содир намудани ҳуқуқвайронкунии дигар соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун асос барои бекор кардани шартан татбиқ накардан ҷазо баромад карда наметавонад. Чунки

---

[334] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М., 1996. – С. 206.

[335] Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекций / Наумов А.В. – М., 1996. – С. 436.

[336] Ниг.: Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» / – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.01.2022).

[337] Ниг.: Игошев К.Е., Шмаров И.В. Социальные аспекты предупреждения правонарушений. – М., 1980. – С. 117-118.

[338] Ниг.: Ткачевский Ю.М. Обеспечение исполнения уголовного наказания // Советское государство и право. – 1982. – №2. – С. 64-65.

[339] Ниг.: Филимонов О.В. Меры воздействия на условно осужденных и основания их применения в нормах уголовного и уголовно-исполнительного права // Проблемы теории наказания и его исполнения в новом Уголовном и Уголовно-исполнительном кодексах России (к 75-летию Н.А. Стручкова). – М., 1997. – С. 151.

дар ин маврид, аз доираи муносибатҳои ҳуқуқие, ки институти шартан табиқ накардани ҷазо танзим мекунад берун мебароем[340].

Ба андешаи мо, бекор кардани намудани шартан татбиқ накардани ҷазо дар ҳолатҳои зерин имкон дорад: ҳангоми ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳе, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда мегузорад; агар маҳкумшуда дар ҷараёни муҳлати санҷишӣ ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ даст зада, нисбаташ ҷазои маъмурӣ таъин гардида бошад; агар шахси шартан маҳкумшуда аз назорати мақомоти дахлдор пинҳон мешавад.

Таваҷҷуҳи бештарро меъёрҳои нави кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ба худ ҷалб мекунанд, ки имконияти дароз кардани муҳлати санҷиширо пешбинӣ менамоянд: қ. 2 м. 67 КҶ Гурҷистон, қ. 2 м. 64 КҶ Қирғизистон, қ. 2 м. 64 КҶ Қазоқистон, қ. 2 м. 74 КҶ ФР ва ғайра. Масалан, дар қ. 2 м. 74 КҶ ФР пешбинӣ гардидааст, ки «агар шахси шартан маҳкумшуда аз иҷрои вазифаҳои ба зиммаи ӯ таъинкардаи суд саркашӣ кунад ё тартиботи ҷамъиятиро вайрон намояд, ки барои он ҷазои маъмурӣ таъин шуда бошад, суд бо пешниҳоди мақомоти назораткунандаи рафтори ӯ метавонад муҳлати санҷишро дароз кунад, аммо на бештар аз як сол»

Чунин ба назар мерасад, ки имконияти пешбинигардида, яъне дароз кардани муҳлати санҷишӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, аз як тараф, аз муносибати инсондӯстона нисбат ба ҷинояткор гувоҳӣ диҳад, аз ҷониби дигар ба ӯ имконияти дубора дода мешавад то аз адои ҷазои воқеӣ озод бошад. Ҳатто агар рафтори маҳкумшуда ба натиҷаи интизорбудаи суд мувофиқат накунад, аз тарафи дигар, ба муносибати нисбатан масъулиятноктари маҳкумшуда ба он талабот ва маҳдудиятҳое, ки ба давраи санҷишӣ алоқамананданд, мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, қобили қабул дониста мешавад, ки чунин муқаррарот ба м. 71 Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид карда шавад.

Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия, ба суд ваколат додааст, ки муҳлати санҷишро дароз кунад, аммо оё ин муҳлат ба муҳлати ниҳоии санҷишӣ дохил карда шудааст, ё суд ҳақ дорад муҳлати санҷишро аз ҳадди аксар то як сол дароз кунад? Яъне ҳадди аксар дар КҶ ФР то 5 сол муқаррар карда шудааст, оё суд ҳуқуқ дорад, ки дар сурати ба вуҷуд омадани зарурат боз як соли дигар онро зиёд намояд ва ё не? Судҳо ин масъаларо бо роҳҳои гуногун ҳал мекунанд, баъзеҳо аз он чунин мешуморанд, ки дар ҳеҷ ҳолат аз ҳадди ниҳоии дар қ. 3 м. 73 КҶ ФР пешбинишуда набояд берун баромад. Аммо Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Россия «Дар бораи амалияи таъини ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо» аз 11 июни соли 1999, мавқеи дигарро дастгирӣ намуда, муқаррар намуд, ки дар ҳолатҳои дар боло зикршуда, суд «метавонад аз муҳлати ниҳоӣ берун барояд, аммо на бештар аз як сол».

---

[340] Ниг.: Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве: монография. – Тюмень, 2012. – С. 145.

Ба андешаи мо, роҳи беҳтари ҳалли масъалаи мазкур, ба таври мушаххас дар қонуни ҷиноятӣ нишон додани муқаррарот оид ба дароз кардани муҳлати санҷишӣ мебошад. Яъне мавқеи мазкурро дар самти дароз кардани муҳлати санҷишӣ, ки аз ҳадди ниҳоии пешбиникардаи қонун зиёд мебошад, қобили дастгирӣ меҳисобем. Аммо дар сурате, ки ҳадди ниҳоии муҳлати санҷишӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ то 3 сол муққаррар карда шавад. Дар ин сурат, чунин мавқеъгирӣ қобили қабул мебошад. Дар сурати мавҷудияти ҳадди болоии муҳлати санҷишӣ ба муҳлати 5 сол, зарурати дароз кардани ин муҳлат зиёдтар аз ҳадди ниҳоӣ дида намешавад.

Намуди дигари «манфӣ»-и бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ин аз ҷониби маҳкумшуда дар давоми муҳлати санҷишӣ содир намудани ҷинояти нав мебошад. Қисмати зиёди олимон андешаи онро доранд, ки дар сурати содир кардани дилхоҳ ҷинояти нав дар давраи муҳлати санҷишӣ шартан татбиқ накардани ҷазо бояд ба таври ҳатмӣ бекор карда шавад[341]. Дар ин масъала И.М. Агзамов ҷонибдори асосҳои пешбиникардаи Кодекси моделии ҷиноятӣ (м. 73)[342] оид ба пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мебошад. Масалан, ӯ қайд менамояд, ки дар сурати содир намудани дилхоҳ ҷинояти қасдона суд уҳдадор аст, ки институти шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намояд, чунки боварии зиёде, ки суд ҳангоми таъини институти мазкур ба маҳкумшуда карда буд, ба он ноил нагардид[343]. Ба андешаи Э.Н. Жевлаков ба сифати асоси мустақил барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо дар давоми муҳлати санҷишӣ содир намудани ҷиноят баромад менамояд[344].

Тибқи талаботи қонун (қ. 8 м. 71 КҶ ҶТ) агар маҳкумшуда дар давоми муҳлати санҷишӣ ҷинояти нав содир намояд, суд шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намуда, мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи м. 68 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷазо таъин мекунад. Ҳангоми дар муҳлати санҷишӣ содир намудани ҷинояти нав аз тарафи маҳкумшуда, суд бо дарназардошти ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда метавонад оид ба бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул кунад. Ҳангоми бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо сурат мегирад[345]. Аз таҳлилҳои мо (495 парвандаи ҷиноятӣ) чунин аён гардид, ки дар 7 ҳолат шартан татбиқ накардани ҷазо бинобар сабаби содир гардидани ҷиноят аз ҷониби

---

[341] Ниг.: Дуюнов В.К. Освобождение от уголовной ответственности и от уголовного наказания. – Тольятти, 2001. – С. 102; Ғоибов Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Дастури таълими барои факултаҳои ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2-юм. – Хуҷанд, 2007. – С. 162; Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения: монография. – М, 2009. – С. 158; Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве: монография. – Тюмень, 2012. – С. 146.

[342]Ниг.: Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ / Принят постановленим Межпарламенской Ассемблеи государств-участников Содружества Независимых Государств. – Санкт-Петербург. – 17.02.1996 г. – 102 с.

[343] Ниг.: Агзамов И.М. Испытательный срок в механизме условного неприменения наказания // Закон и право. – 2012. – №6. – С. 65

[344] Ниг.: Жевлаков Э.Н. Назначение наказания: учебное пособие для магистров. – М.: Проспект, 2018. – С. 77.

[345] Ниг.: Ревин В.П., Сафаров Х.С. Уголовное право Таджикистана. Учебник. Общая часть. – Душанбе, 2010. – С. 159-160.

маҳкумшуда бекор карда шудааст. Масалан, бо ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 24 январи соли 2018 ба шаҳрванд С.С. бо бандҳои «б, в, г» қ. 2 м. 248 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол бо адо намудани он дар колонияи ислоҳии дорои низомаш пурзур таъин карда шуд. Шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шаҳрванд С.С. бо ҳукми суди ноҳияи Синои ш. Душанбе аз 25 апрели соли 2018 бо дастрасии қ. 8 м. 71 КҶ ҶТ бо сабаби ҷинояти нав содир намуданаш бекор карда шуд. Бо дастрасии қ. 1 м. 68 КҶ ҶТ ҷазои адонагардида бо ҳукми суди ноҳияи Синои ш. Душанбе аз 25 апрели соли 2018 ба муҳлати 3 сол бо роҳи қисман зам намудан бо ҷазои бо ҳукми нав таъин гардида, ба муҳлати 5 солу 6 моҳ таъин карда шудааст[346].

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст:

1. Дар натиҷаи таҳлили ҳолатҳое, ки боиси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мегарданд, таснифоти зеринро пешниҳод менамоем: 1) ҳолатҳои мусбати бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо: а) пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо; б) ба охир расидани муҳлати пурраи санҷишӣ; 2) ҳолатҳои манфии бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо: а) саркашӣ аз иҷрои уҳдадориҳое, ки ба зиммаи маҳкумшуда вогузор гардидааст; б) содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқобили тартиботи ҷамъиятӣ, ки боиси таъини ҷазои маъмурӣ гардидааст ва в) содир намудани ҷинояти нав.

2. Дар зери мафҳуми «ислоҳи шахси маҳкумшуда» иҷро намудани ҳамаи талаботҳои ба зиммаи маҳкумшуда вогузоршуда (иҷрои уҳдадориҳои муқарраршуда, содир накардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки муқобили тартиботи ҷамъиятӣ мебошад ва содир накардани ҷиноят) фаҳмида мешавад.

3. Дароз кардани муҳлати санҷишӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, аз як тараф, аз муносибати инсондӯстона нисбат ба ҷинояткор гувоҳӣ диҳад аз ҷониби дигар ба ӯ имконияти дубора дода мешавад то аз адои ҷазои воқеӣ озод бошад. Ҳатто агар рафтори маҳкумшуда ба натиҷаи интизорбудаи суд мувофиқат накунад, аз тарафи дигар, ба муносибати нисбатан масъулиятноктари маҳкумшуда ба он талабот ва маҳдудиятҳое, ки ба давраи санҷишӣ алоқаманданд, мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, қобили қабул дониста мешавад, ки чунин муқаррарот ба м. 71 Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид карда шавад.

**Адабиёт**:


1. Агзамов И.М. Испытательный срок в механизме условного неприменения наказания // Закон и право. – 2012. – №6. – С. 64-68.
2. Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения: монография. – М, 2009. – 200 с.
3. Ғоибов, Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ) [Матн] / Дастури таълими барои факултаҳои ҳуқуқшиносӣ. Р. Ғоибов. – Нашри 2-юм. – Хуҷанд, 2007. – 228 с.


[346] Павандаи ҷиноятии №1-60/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ

4. Дуюнов В.К. Освобождение от уголовной ответственности и от уголовного наказания. – Тольятти, 2001. – 171 с.
5. Жевлаков Э.Н. Назначение наказания: учебное пособие для магистров. – М.: Проспект, 2018. – 88 с.
6. Игошев К.Е., Шмаров И.В. Социальные аспекты предупреждения правонарушений. – М., 1980. – 176 с.
7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» / – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022).
8. Комментарий к Уголовно-исполнительному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.И. Зубков. – М., 1997. – 408 с.
9. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М., 1996. – 805 с.
10. Кондалов А.Н. Условное осуждение и механизмы его обеспечения: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2000. – 360 с.
11. Курс уголовного права: Общая часть: Учебник для вузов. – Том. 2. Учение о наказании / Под ред. проф. Н.Ф. Кузнецовой и доц. И.М. Тяжковой. – М.: ИКД Зерцало. – М, 2002. – 464 с.
12. Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – 125 с.
13. Максимов С.В. Условное осуждение и его цели // Российский следователь. – 2005. – №9. – С. 26-28.
14. Миралиев Э.Б. Муҳлати санҷишӣ - унсури ҳатмии шартан татбиқ накардани ҷазо / Маҷмуаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – №2 (30). – Душанбе, 2023. – С. 166-178.
15. Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ / Принят постановлением Межпарламенской Ассемблеи государств-участников Содружества Независимых Государств. – Санкт-Петербург. – 17.02.1996 г. – 102 с.
16. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекций / Наумов А.В. – М., 1996. – 560 с.
17. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – 344 с.
18. Ольховик Н.В. Рецидив преступлений среди осужденных с применением ст. 73 УК РФ // Правовые проблемы укрепления российской государственности: сб. ст. / Под. ред. С.А. Елисеева. – Томск, 2002. – С. 59-63.
19. Полосухина О.В. Условное осуждение к лишению свободы в отношении несовершеннолетних: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2013. – 238 с.
20. Пронников В.В. Условное осуждение и его правовые последствия: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2002. – 170 с.
21. Прохоров В.С., Кропачев Н.М., Тарбагаев А.Н. Механизм уголовно-правового регулирования: норма, правоотношение, ответственность. – Красноярск, 1989. – 208 с.

22. Ревин В.П., Сафаров Х.С. Уголовное право Таджикистана. Учебник. Общая часть. – Душанбе, 2010. – 580 с.
23. Сафонов А.П. Прокурорский надзор за законностью условно-досрочного освобождения осужденных // Вопросы борьбы с преступностью. – М., 1972. – Вып.17. – С. 107-124.
24. Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве: монография. – Тюмень, 2012. – 155 с.
25. Ткачевский Ю.М. Обеспечение исполнения уголовного наказания // Советское государство и право. – 1982. – №2. – С. 60-66.
26. Уголовное право России. Общая часть: учеб. пособие / Отв. ред. А. А. Гребеньков; Юго-Зап. гос. ун-т. – Курск, 2013. – 429 с.
27. Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. В.П. Ревина. – М.: Юстицинформ, 2016. – 580 с.
28. Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. Ф.Р. Сундурова, И.А. Тарханова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Статут, 2016. – 865 с.
29. Уголовное право России. Общая часть: учебник для бакалавров / Отв. ред. А.И. Плотников. – Оренбург: ООО ИПК «Университет», 2016. – 442 с.
30. Филимонов О.В. Меры воздействия на условно осужденных и основания их применения в нормах уголовного и уголовно-исполнительного права // Проблемы теории наказания и его исполнения в новом Уголовном и Уголовно-исполнительном кодексах России (к 75-летию Н.А. Стручкова). – М., 1997. – С. 149-152.
31. Щепельков В.Ф. Проблемы применения и конструирования норм об условном осуждении // Российский судья. – 2002. – №2. – С. 30-31.

# МАВҚЕИ РОҲЗАНӢ ДАР НИЗОМИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ

**Миралиев Некрӯз Абдусаломович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел.:** +992 984977777
**Email:** nekruz-miraliev@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола муаллиф таркиби чунин ҷиноят ба монанди роҳзаниро мавриди таҳлил қарор додааст. Фарқият дар аҳамияти предмет барои бандубасти роҳзанӣ дар дар қиёс бо дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият муқаррар карда мешавад. Баён мегардад, ки роҳзанӣ аз дигар шаклҳои тасарруф фарқ менамояд. Предмети ҷинояти дар м.249 КҶ ҶТ муқарраршуда аломати ҳатмии таркиби он ба ҳисоб нарафта барои бандубаст таъсир намерасонад. Асоснок карда мешавад, ки сӯйиқасд ҳангоми роҳзанӣ ғайриимкон аст, чунки таркиби роҳзанӣ дар қонун бо чунин тартиб сохта шудааст, ки он аллакай аз лаҳзаи ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр новобаста аз ба даст овардани он хотимаёфта эътироф мешавад. Муаллиф дар асоси таърифи қонунгузории таркиби роҳзанӣ ба хулоса меояд, ки он шакли тасарруф ҳисоб намешавад.

**Калидвожаҳо:** Роҳзанӣ, тасарруф, кодекси ҷиноятӣ, зуроварӣ, ҳуҷум, молу мулк, ҷабрдида, таркиби ҷиноят, моликият, молу мулки ғайр, объекти ҷиноят, бандубасти ҷиноят.

# МЕСТО РАЗБОЯ В СИСТЕМЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОТИВ СОБСТВЕННОСТИ

**Миралиев Некруз Абдусаломович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
**Тел.:** +992 984977777
**Email:** nekruz-miraliev@mail.ru

**Аннотация:** В статье автором анализируется состав такого преступления как разбой. Устанавливается различия в значении предмета для квалификации разбоя в отличии от иных преступлений против собственности. Отмечается что разбой существенно отличается от остальных форм хищения. Предмет преступления, предусмотренного ст. 249 УК РТ, не является обязательным признаком состава и на квалификацию не влияет. Обосновывается что покушение на разбой является невозможным, поскольку конструкция разбоя в законе

сформулирована таким образом, что оконченным это преступление признаётся уже тогда, когда имело место нападение в целях хищения чужого имущества, независимо от того, завладело ли виновное лицо данным имуществом. Автором на основе законодательного определения состава разбоя делается вывод что оно не является формой хищения.

**Ключевые слова:** Разбой, хищение, уголовный кодекс, насилие, нападение, имущества, потерпевший, состав преступления, собственность, чужое имущество, объект преступления, квалификация преступлений.

## THE PLACE OF ROBBERY IN THE SYSTEM OF CRIMES AGAINST PROPERTY

**Miraliev Nekruz Abdusalomovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption
**Tel.:** +992 984977777
**Email:** nekruz-miraliev@mail.ru

**Annotation:** In the article, the author analyzes the corpus delicti of such a crime as robbery. Differences are established in the meaning of the subject for qualifying robbery in contrast to other crimes against property. It is noted that robbery differs significantly from other forms of theft. The subject of the crime under Art. 249 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, is not a mandatory sign of composition and does not affect qualifications. It is substantiated that attempted robbery is impossible, since the structure of robbery in the law is formulated in such a way that this crime is recognized as completed already when an attack took place for the purpose of stealing someone else's property, regardless of whether the guilty person took possession of this property. The author, based on the legislative definition of robbery, concludes that it is not a form of theft.

**Key words:** robbery, theft, criminal code, violence, attack, property, victim, corpus delicti, property, other people's property, object of crime, qualification of crimes.

Мувофиқи маълумоти оморӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар ҶТ ҳоло ҳам рӯ ба афзоиш дорад. Чунончӣ, агар дар соли 2020 дар ҶТ 23460 ҳазор ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2021 ин шумора қариб ҳазорто зиёд шуда ба 24118 ҳазор расидааст[347]. Сатҳи содиршавии ҷинояти роҳзанӣ низ назаррас буда, шумораи зиёди содиршавии ин ҷиноят ба назар мерасад. Масалан, агар

[347] Ниг.: Нишасти матбуотии Вазири корҳои дохилӣ оид ба фаъолияти хизматии кормандони милитсия дар соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www.vkd.tj/index.php/ tj / 2020–01–18–07–50–18 / khabar–o–bojgon/33433–nishasti–matbuot–oid–ba–fa–oliyati–khizmatii–kormandoni–militsiya–dar–soli–2021 (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

дар соли 2019 – 29 адад ҷинояти роҳзанӣ содир шуда бошад, пас дар соли 2022 шумораи он ба 33 адад расидааст[348].

Яке аз намудҳои хавфноки ҷиноятҳо ба муқобили моликият роҳзанӣ мебошад. Дар таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ то имрӯз ҳолатҳои нодурусти бандубаст намудани роҳзанӣ, ки аз ҷумла бо фаҳмиши нодурусти аҳамияти предмети ин ҷиноят алоқаманд аст, ба назар мерасанд.

Объекти ҷиноятҳои пешбининамудаи боби 26 КҶ ҶТ муносибатҳои моликиятӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки объект ягона аломати умумии ҳамаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба ҳисоб меравад. Аломатҳое, ки унсурҳои дигари таркиби ҷиноятҳои мазкурро тавсиф мекунанд, ба таври назаррас фарқ мекунанд. Аз рӯи он, ки объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликият ягона аст, бояд гуфт, ки аломатҳои хоси предмети ҷиноятҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд.

Ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст.

1. Тасарруфи молу мулки ғайр. Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои пешбининамудаи м.м. 244 (Дуздӣ), 245 (Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ), 246 (Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда), 247 (Қаллобӣ), 248 (Ғоратгарӣ), 249 (Роҳзанӣ) ва м. 250 КҶ ҶТ (Тамаъҷуӣ) дохил мешаванд.

2. Дигар намудҳои ғайриқонунӣ ба даст овардан ё истифодаи молу мулки ғайр. Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои зерин мансуб мебошанд: ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м. 252 КҶ ҶТ), расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ).

3. Нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк ду намуди ҷиноятро дар бар мегирад: қасдан нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк (м. 255 КҶ ҶТ) ва аз беэҳтиётӣ несту нобуд кардан ё вайрон кардани молу мулк (м.256 КҶ ҶТ).

Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар бораи роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр ақидаи ягона вуҷуд надорад. А.Г. Хлебушкин, масъалаи шаклҳои тасарруфро баррасӣ намуда, чунин мешуморад, ки роҳзанӣ шакли тасарруф ба ҳисоб нарафта, балки таҷовуз бо мақсади тасарруф мебошад[349]. Н.А. Лопашенко чунин нуқтаи назари қатъӣ пешниҳод намудааст, ки "таҷовуз бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо таъсири муайяни ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ба ҷабрдида алоқаманд аст, ба тасарруф баробар нест. Гузашта аз ин, тасарруф аз доираи роҳзанӣ берун аст. Аз ин рӯ, ягон асос барои таҷовузи роҳзаниро ҳамчун шакли тасарруф ҳисоб кардан вуҷуд надорад"[350] .

---

[348] Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1707730603&tld (санаи муроҷиат: 10.02.2024).

[349] *Дуюнов В. К., Хлебушкин А. Г.* Квалификация преступлений: законодательство, теория, судебная практика: монография / 2-е изд. - Москва: Риор: Инфра-М, 2015. - С.217.

[350] *Лопашенко Н. А.* Посягательства на собственность: монография. - Москва: Норма: Инфра-М, 2012. – С.76.

С. М. Кочои таснифбандии зерини ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро пешниҳод менамояд:

- ҷиноятҳои ғаразнок ба муқобили моликият, ки онҳо ба тасарруф дохил мешавад (м.м. 244-248, 251 КҶ ҶТ);

- ҷиноятҳои ғаразнок ба муқобили моликият, ки ба тасарруф дохил намешаванд (м. 249 КҶ ҶТ);

- ҷиноятҳои беғараз ба муқобили моликият: ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м.252 КҶ ҶТ); несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (м. м. 255, 256 КҶ ҶТ).

Ба ақидаи С.М. Кочои, сохтори қонунгузории роҳзанӣ имкон намедиҳад, ки онро ба тасарруф дохил намоем[351]. А.П. Севрюков, бо ишғоли мавқеи дигар, чунин мешуморад, ки роҳзанӣ, гарчанде ки на ҳама аломатҳои тасарруфро дар бар мегирад (ба монанди қаллобӣ, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ), аммо аз рӯйи самти умумии худ ва аз рӯи як қатор аломатҳо метавонад ҳамчун шакли тасарруф эътироф шавад[352]. Барои фаҳмиши дақиқи аломатҳои роҳзанӣ, инчунин барои кам кардани хатогиҳо дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ҳангоми бандубасти кирдорҳо, муайян кардани объекти таҷовузи роҳзанӣ аҳамияти муҳим дорад. Моҳияти роҳзанӣ дар он аст, ки ҷинояткор мехоҳад, молу мулки ғайрро тавассути истифодаи зӯроварӣ ба ҷабрдида, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, ба даст орад[353].

Б.С. Никифоров чунин мешуморид, ки хусусияти роҳзанӣ дар он аст, ки дар ҳама ҳолатҳо ҳатман таҷовуз ба шахсият вуҷуд дорад[354]. Ҳамин тариқ, роҳзанӣ дар як вақт ба ду объект – муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳуқуқи моликиятро новобаста аз шакли он таъмин мекунанд ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳаёт ва саломатии шахсро таъмин мекунанд, таҷовуз мекунад. Дар робита бо объект, моликият объекти асосии роҳзанӣ мебошад. Объекти иловагии ҷиноят ҳуқуқи шахс ба ҳаёт ва саломатӣ мебошад. Ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил намудани роҳзанӣ аҳамияти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии шахсиятро коҳиш намедиҳад[355]. Аз ин рӯй, роҳзанӣ ба ҷиноятҳои вазнин дохил карда мешавад ва на аз лаҳзаи ба даст овардани молу мулк, балки аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта эътироф карда мешавад.

Қонунгузор роҳзаниро ҳамчун ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок аст ё

---

[351] *Кочои С. М.* Преступления против собственности (комментарий главы 21 УК РФ). - Москва: Проспект, 2001. - С.6.

[352] *Севрюков А. П.* Хищение имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты. - Москва: Экзамен, 2004. –С.55.

[353] *Базаров Р А.* Уголовно-правовой анализ объективных признаков разбоя // Вестник ВЭГУ Юриспруденция. - 2006. - № 27/28. - С.72.

[354] *Никифоров Б. С.* Уголовно-правовая охрана личной собственности в СССР. - Москва: Изд-во АН СССР, 1954. - С.13.

[355] *Бойцов А. И.* Преступления против собственности. - Санкт-Петербург: Юридический центр Пресс, 2002. – С.459.

бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, муайян мекунад. Аз ин бармеояд, ки аломатҳои роҳзанӣ инҳоянд:

- ҳуҷум;
- истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ таҳдид мекунад ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ;
- мақсади ҳуҷум - тасарруфи молу мулки ғайр.

Қонуни ҷиноятӣ таърифи мушаххаси ҳуҷумро муқаррар намекунад. Дар робита ба ин, субъекти ҳуқуқтатбиққунанда маҷбур аст, ба тафсири назариявӣ мурофиат кунад. Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ барои муайян кардани ҳуҷум ақидаи ягона вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, В.А. Владимиров моҳияти ҳуҷумро дар таркиби роҳзанӣ ҳамчун ҳаракати фаъол ва ғайричашмдошт барои ҷабрдида муайян мекунад, ки хавфи воқеии истифодаи фаврӣ ва бевоситаи зӯроварӣ нисбати шахси мавриди ҳуҷум қарордоштаро бо мақсади ба даст овардани молу мулки сотсиалистӣ ба вуҷуд меорад[356].

Г.А. Кригер мавқеи дигарро ишғол мекунад, ки ҳуҷумро ҳамчун таъсири ногаҳонии зӯроварӣ ба ҷабрдида ҳам дар шакли ошкоро, яъне аз ҷониби шахси мавриди ҳуҷум ё шахсони сеюм қарордошта ва ҳам дар таъсири ғайричашмдошт ва бе мушоҳидашаванда ба шахсоне, ки худашон низ аз воқеияти ҳуҷум огоҳ нестанд, маънидод месозад (зарба аз қафо, аз камин тир паррондан ва ғайра)[357]. Пленуми Суди Олӣ тавзеҳ медиҳад, ки дар ҳолате, ки агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, бо нияти ҷабрдидаро ба ҳолати оҷизӣ овардан, ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ воситаҳои сахттаъсир ё мадҳушкунанда гузаронида мешавад, ҳаракатҳои содиргардида бояд, чун роҳзанӣ бандубаст карда шавад[358], яъне чунин ҳаракатҳои ҷинояткорона ҳамчун ҳуҷум муайян карда шудааст.

Аммо чунин мавқеъ аз ҷониби баъзе олимон зерин танқид қарор гирифтааст. Масалан, С.М. Кочои чунин мешуморад, ки дар чунин муносибат ба ҳуҷум яке аз аломатҳои муҳимтарини он – ногаҳонӣ будани ҳаракатҳои гунаҳгор ишора карда намешавад. Агар ба бадани ҷабрдида ворид кардани моддаҳои ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдидкунанда пеш аз ҳуҷум набошад ё худи чунин воридкунӣ унсури зӯроварӣ нисбати ҷабрдида набошад, пас дар чунин ҳолат ҳаракатҳои ғайриқонуниро ҳамчун роҳзанӣ бандубаст кардан мумкин нест[359]. Имрӯз ду мавқеи асосиро барои муайян кардани таносуби "ҳуҷум" ва "зӯроварӣ" муайян кардан мумкин аст. Тарафдорони гурӯҳи аввал ҳуҷум ва зӯровариро ҳангоми роҳзанӣ ҳамчун мафҳумҳои нобаробар муайян менамоянд. Масалан, А.А. Гравина, П.С. Яни ҳуҷум ҳангоми роҳзаниро ҳамчун эҷоди хавфи истифодаи зӯроварӣ,

[356] *Владимиров В. А., Ляпунов Ю. И.* Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. - Москва: Юридическая литература, 1986. – С.111.
[357] *Кригер Г. А.* Квалификация хищений социалистического имущества / 2-е изд., испр. и доп. - Москва: Юридическая литература, 1974. - С.128.
[358] Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” аз 25 июни соли 2004 №3// Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе,2019.-С.42.
[359] Кочои С. М. Разбой (некоторые вопросы квалификации) // Уголовное право. - 2000. - № 2. – С.128.

ки дар асоси вазъияти мушаххас, новобаста аз он ки ҷабрдида ин далелро дарк кардааст ё не, инчунин нисбати ҷабрдида амалисозии ҳаракатҳое, ки ба муқобили ҳаёт ва саломатии ӯ равона шудааст, баррасӣ месозанд[360].

Бо чунин муносибат, Б.В. Волженкин қайд мекунад, ки зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ дар таркиби роҳзанӣ танҳо яке аз унсурҳои ҳуҷум мебошад, ки ҳаракатҳои дигарро дар бар мегирад[361]. Мувофиқи мавқеи дуюм, ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ истифодаи зӯроварӣ нисбати шахсе, ҳисоб мешавад, ки молу мулки ӯ мавриди тасарруф қарор гирифтааст. П. . Матишевский нишон медиҳад, ки гарчанде ки қонун роҳзаниро тавассути нишон додани ду намуди ҳаракатҳои интихобкардаи гунаҳгор муайян мекунад, аммо моҳияти ҳуҷум ва зӯроварӣ як аст[362].

Бояд қайд кард, ки роҳзанӣ аз дигар шаклҳои тасарруф фарқияти ҷиддӣ дорад. Ин пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки аз рӯи сохт таркиби ҷиноятҳои тасарруф моддӣ эътироф карда мешавад, дар ҳоле ки роҳзанӣ таркиби кутоҳкардашуда дорад. Ҳангоми баррасии лаҳзаи ба охир расидани тасарруф, қайд менамоем, ки кирдори ҷиноятӣ аз лаҳзаи фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, ки дар диспозитсияи моддаи дахлдори КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, хотимаёфта ҳисобида мешавад. Масъалаи муайян кардани лаҳзаи ба охир расидани тасарруф ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Аз ин хотимаёфта эътироф намудани тасарруф ё қатъ шудан дар давраи суйиқасд, мавҷуд будани ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят, баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ба кирдор ва ғайра вобастагӣ дорад. Роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум бо мақсади ба даст овардани молу мулк, ки бо зуроварии барои ҳаёт ё саломатиии ҷабрдида хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқамандбуда хотимаёфта эътироф мешавад. Имконияти содир кардани сӯиқасд дар таркибҳои кутоҳкардашуда, аз ҷумла роҳзанӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавзуи баҳс аст.

Ба ақидаи М.М. Исаев, лаҳзаи ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ суйқасд ба онро ташкил медиҳад, он танҳо аз лаҳзаи гузаштани молу мулки ҷабрдида ба гунаҳгор хотимаёфта ҳисоб мешавад[363]. Мавқеи М.М. Исаевро И.С. Тишкевич низ дастгирӣ намуда чунин мешуморад, ки ҳатто бо чунин тарз муайян намудани таркиби роҳзанӣ, як қисми фаъолияти пешакии ҷиноятӣ ба мафҳуми роҳзании хотимаёфта дохил намешавад ва бояд ҳамчун тайёрӣ ё сӯийқасд ба он баррасӣ карда шавад[364]. Ба андешаи мо, эътирофи имконияти ҷой доштани сӯийқасд ҳангоми роҳзанӣ беасос аст. Дар ин бора Н.Д. Дурманов боварибахш изҳори назар мекард, ки сӯийқасд ба

---

[360] *Гравина А. А., Яни П. С.* Правовая характеристика нападения как элемента объективной стороны разбоя // Советская юстиция. - 1981. - № 7. – С. 19.

[361] *Волженкин Б. В.* Вопросы квалификации краж, грабежей и разбоев, совершенных с целью завладения личным имуществом граждан. – Ленинград: Ин-т усоверш. следств. работников, 1981. – С. 16.

[362] *Матышевский П. С.* Ответственность за преступления против социалистической собственности. – Киев: Вища школа: Изд-во при Киев. ун-те, 1983. – С. 81-82.

[363] *Исаев М М.* Имущественные преступления. - Москва: Юридическое издательство НКЮ СССР, 1938. – С. 39.

[364] *Тишкевич И.С.* Приготовление и покушение по советскому уголовному праву (понятие и наказуемость). – Москва: Госюриздат, 1958. – С. 207- 208.

роҳзанӣ ғайриимкон аст, зеро лаҳзаи ҳуҷум ба инсон бо мақсади ба даст овардани молу мулк тавассути истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ аллакай таркиби ҷинояти анҷомефтаро ташкил медиҳад[365].

А.В. Корнев, А.И. Рарог низ бо чунин мавқеъ розӣ шуда иброз медоранд, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят бо таркиби кутоҳкардашуда, аз ҷумла роҳзанӣ, ки дорои чунин таркиб аст, худи ҳаракат таркиби хотимаёфтаи ҷиноятро ташкил медиҳад, дар ин ҳолат сӯиқасд ба чунин ҷиноят ғайриимкон аст[366].

Роҳзанӣ дорои таркиби кутоҳкардашуда мебошад. Аммо, ҳангоми баррасии аломатҳои вазнинкунандаи он, ки дар б"а", қ.3 ("ба миқдори калон") ва б "б" қ.4 м. 249 КҶ ҶТ ("ба миқдори калон") мустаҳакам шудаанд дар аввал мумкин аст ба хулоса омад, ки таркиби ҷиноят ҳамчун таркиби моддӣ сохта шудааст ва оқибати барои ҷамъият хавфнок расонидани зарари калон ё махсусан калон ба молик ба ҳисоб меравад.

Масъала дар бораи имконияти ҷой доштани суйиқасд ба роҳзаниро баррасӣ намуда бояд ба тавзеҳоти судӣ рӯй овард. Мутобиқ б. 27 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ" аз 25 июни соли 2004 №3 "дар ҳолатҳое, ки агар шахси ҳуҷуми роҳзанона содиркарда мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулкро дошту вале амалан онро соҳиб нагардид ё молу мулкро соҳиб гардид, ки арзиши он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор ё ду ҳазор маротиба зиёдтар нест, дар ин маврид ҳаракатҳои вай бояд бо б. "а" қ.3 ё б. "б" қ. 4 м. 249 КҶ ҶТ чун роҳзанӣ бо мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулк бандубаст карда шавад".[367]

Ин ҷо лаҳзаи муҳим он аст, ки миқдори калон ё махсусан калон на ҳамчун оқибати барои ҷамъият хавфнок, балки мақсади содир намудани ҷиноят баромад менамоянд. Вобаста ба ин бояд ҳолатҳои тасдиқкунандаи самти қасди гунаҳгор барои содир намудани роҳзанӣ ба миқдори калон ё махсусан калон муқаррар гардад.

Дар натиҷа, бояд қайд кард, ки сӯиқасд ба роҳзанӣ ғайриимкон аст, зеро таркиби роҳзанӣ дар қонун тавре тартиб дода шудааст, ки ин ҷиноят аллакай ҳангоми ҳуҷум ба мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, новобаста аз он ки шахси гунаҳгор ин молу мулкро ба даст овардааст ё не, ба анҷом расида, эътироф карда мешавад. Аммо тайёрӣ дар ҷиноятҳои кутоҳкардашуда имконпазир аст. Ҳамин тавр, тайёрӣ ба роҳзанӣ, ташкили гурӯҳи роҳзанон, ба даст овардани силоҳи зарурӣ барои содир кардани ҳамлаи роҳзанӣ, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ дар бораи шахсоне, ки маблағи зиёди пулӣ доранд, бартараф кардани монеаҳое, ки метавонанд ба ҳуҷум монеъ шаванд ва ғайра эътироф карда мешавад.

---

365 *Дурманов Н.Д.* Стадии совершения преступления по советскому уголовному праву. Москва: Госюриздат, 1955. – С. 44.

366 *Корнеева А. В.* Теоретические вопросы квалификации преступлений / под ред. А.И. Рарога. - Москва: ТК Велби: Проспект, 2006. – С.103.

367 Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе,2019. – С.85.

Набудани мустаҳкамкунии дақиқи шаклҳои тасарруф дар қонун ҳалли бисёр масъалаҳои бандубасти тасарруфро мушкил мекунад[368]. Тавре ки дар боло қайд кардем, аломати ҳатмии тасарруф предмети ҷиноят аст. Агар роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруф баррасӣ карда шавад, пас барои бандубасти кирдор тибқи м. 249 КҶ ҶТ бояд предмети ҷиноятро муайян кард. Дар ин ҳолат, ба сифати предмети роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруф бояд молу мулки ғайр ҳисобида шавад.

Дар робита ба ин, агар ҳуҷум бо истифода аз зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок, бо мақсади ба даст овардани предмети дар моликияти муштараки ҳуҷумкунанда ва ҷабрдида қарор дошта анҷом дода шавад, дар кирдори ҳуҷумкунанда таркиби ҷинояти пешбининамудаи м.249 КҶ ҶТ вуҷуд дошта наметавонист.

Аз рӯи таърифи қонунгузории роҳзанӣ, тасарруфи молу мулки ғайр аз доираи таркиби он берун буда ба хотимаёфта эътироф намудани ҷиноятягон таъсир намерасонад. Барои он ки тасарруф хотимаёфта эътироф шавад бояд муқаррар гардад, ки гунаҳгор имконияти воқеии ихтиёрдорӣ намудан ба чунин молу мулк ё истифодабарии онро ба даст оварда бошад. Зери мафҳуми имконияти воқеӣ имконияти бе мамониат истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани молу мулк новобаста аз амалан татбиқ шудани чунин имконият фаҳмида мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло мумкин аст ба хулоса омад, ки роҳзанӣ шакли тасарруф ба ҳисоб намеравад. Тасарруф ба тарафи объективии таркиби мазкур дохил намешавад, чунки роҳзанӣ танҳо бо мақсади тасарруф содир мешавад. Пеш аз ҳама, тарафи объективии роҳзаниро зӯроварӣ (ҷисмонӣ ё рӯҳӣ) нисбати ҷабрдида ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, предмети ҷинояти пешбининамудаи м. 249 КҶ ҶТ аломати ҳатмии таркиби ҷиноят ба ҳисоб нарафта он барои бандубасти ҷинояти мазкур таъсир намерасонад.

**Адабиёт:**


1. *Базаров Р.А.* Уголовно-правовой анализ объективных признаков разбоя // Вестник ВЭГУ Юриспруденция. - 2006. - № 27/28. - С. 72-79.
2. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1707730603&tld (санаи муроҷиат: 10.02.2024).
3. Бойцов А.И. Преступления против собственности. - Санкт-Петербург: Юридический центр Пресс, 2002. - 755 с.
4. Борзенков Г.Н. Особенности квалификации хищения при трансформации способа и стечении нескольких способов в одном преступлении / Уголовное право: стратегия развития в XXI веке: материалы международной научно-практической конференции, 29-30


[368] *Борзенков Г. Н.* Особенности квалификации хищения при трансформации способа и стечении нескольких способов в одном преступлении / Уголовное право: стратегия развития в XXI веке: материалы международной научно-практической конференции, 29-30 января 2004 г. - Москва: Изд-во МГЮА, 2004. – С.13.

января 2004 г. - Москва: Изд-во МГЮА, 2004. - С. 309-316.

5. Владимиров В.А., Ляпунов Ю. И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. - Москва: Юридическая литература, 1986. - 224 с.

6. Волженкин Б.В. Вопросы квалификации краж, грабежей и разбоев, совершенных с целью завладения личным имуществом граждан. — Ленинград: Ин-т усоверш. следств. работников, 1981. - 36 с.

7. Гравина А.А., Яни П. С. Правовая характеристика нападения как элемента объективной стороны разбоя // Советская юстиция. - 1981. - № 7. - С. 19.

- Дурманов Н.Д. Стадии совершения преступления по советскому уголовному праву. Москва: Госюриздат, 1955. - 211 с.

8. Дуюнов В.К., Хлебушкин А. Г. Квалификация преступлений: законодательство, теория, судебная практика: монография / 2-е изд. - Москва: Риор: Инфра-М, 2015. - 384 с.

9. Исаев М.М. Имущественные преступления. - Москва: Юридическое издательство НКЮ СССР, 1938. - 88 с.

10. Корнеева А.В. Теоретические вопросы квалификации преступлений / под ред. А.И. Рарога. - Москва: ТК Велби: Проспект, 2006. - 176 с.

11. Кочои С.М. Преступления против собственности (комментарий главы 21 УК РФ). - Москва: Проспект, 2001. - 104 с.

12. Кочои С. М. Разбой (некоторые вопросы квалификации) // Уголовное право. - 2000. - № 2. - С. 28-30.

13. Кригер Г. А. Квалификация хищений социалистического имущества / 2-е изд., испр. и доп. - Москва: Юридическая литература, 1974. - 336 с.

14. Лопашенко Н. А. Посягательства на собственность: монография. - Москва: Норма: Инфра-М, 2012. - 528 с.

15. Матышевский П. С. Ответственность за преступления против социалистической собственности. - Киев: Вища школа: Изд-во при Киев. ун-те, 1983. - 175 с.

16. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002–2019) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 449 с.

17. Никифоров Б. С. Уголовно-правовая охрана личной собственности в СССР. - Москва: Изд-во АН СССР, 1954. - 157 с.

18. Нишасти матбуотии Вазири корҳои дохилӣ оид ба фаъолияти хизматии кормандони милитсия дар соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https: // www.vkd.tj/index.php/ tj / 2020–01–18–07–50–18 / khabar–o–bojgon/33433–nishasti–matbuot–oid–ba–fa–oliyati–khizmatii–kormandoni–militsiya–dar–soli–2021 (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

19. Севрюков А. П. Хищение имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты. - Москва: Экзамен, 2004. - 352 с.

20. Тишкевич И. С. Приготовление и покушение по советскому уголовному праву (понятие и наказуемость). - Москва: Госюриздат, 1958. - 260 с.

# ДАР МАСЪАЛАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ОБЪЕКТИ ЗАРХАРИДӢ

**Ғаниев Рустам Нурахмадович,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлати
**Тел:** (+992) 985 03 85 85
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

**Роҳбари илмӣ: Зоир Ҷ.М.**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,профессор
**Муқарриз: Ҳайдарзода М.**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дуруст муайян кардани объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҳолати зархаридӣ имкон медиҳад, ки мавқеи онро дар системаи ҷиноятҳои пешбининамудаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ дақиқ муайян гардад. Баён мешавад, ки дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба объекти зархаридӣ ақидаҳои хеле гуногун пешниҳод карда шудаанд. Муаллиф андешаҳои олимони гуногун, хусусиятҳои таркиби ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсониятро таҳлил намуда иброз медорад, ки дар натиҷаи зархаридӣ зарар хамеша ба як давлати мушаххас расонида мешавад, на ба тамоми инсоният. Вобаста ба ин муаллиф ба хулоса меояд, ки объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар м. 401 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки амнияти сохти конститутсионӣ ва дахлнопазирии тамомияти арзии давлатро таъмин мекунанд. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки таркиби зархаридӣ дар боби 29 Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ҷойгир карда шавад.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, зархаридӣ, сулҳ ва амният, ҷалб кардан, амнияти сохти конститутсионӣ, объекти ҷиноят, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ, ба ҷамъият хавфнокии кирдор, оқибати ҷиноят, задухурди мусаллаҳона.

# К ВОПРОСУ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ОБЪЕКТА НАЁМНИЧЕСТВО

**Ганиев Рустам Нурахмадович,**
Национальная академии наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
**Тел:** (+992) 985 03 85 85
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

**Научный руководитель: Зоир Дж.М.** – доктор юридических наук, профессор

**Рецензент: Хайдарзода М. –** кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Правильное определение объект уголовно-правовой охраны при наемничестве позволяет точно определить, его место в системе составов преступлений, предусмотренных Особенной частью УК РТ. Отмечается что в уголовно-правовой литературе представлены весьма различные взгляды об объекте наемничества. Автор анализирую мнение различных групп ученных, особенности составов преступлений против мира и безопасности человечество отмечает, что в результат наемнических действий вред всегда причиняется конкретному государству, но никак не всему человечеству. Исходя из этого автором делается вывод, что объектом уголовно-правовой охраны в ст. 401 УК РТ являются общественные отношения, обеспечивающие безопасность конституционного строя и территориальной неприкосновенности государства, поэтому считается целесообразным поместить состав наемничества в главе 29 УК РТ Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, наемничество, мир и безопасность, вербовка, безопасность конституционного строя, объект преступления, общественные отношения, международные преступления, общественная опасность, последствия преступления, вооруженный конфликт.

## ON THE ISSUE OF DEFINING THE OBJECT OF MERCENARYISM

**Ganiev Rustam Nurahmadovich,**
National Academy of Tajikistan, department of Philosophy, Political and Law Institute after Bahovaddinov A.
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru
**Phone:** (+992) 985 03 85 85

**Research supervisor:** Zoir J.M, doktor of legal Sciences, associate Professor
**Reviewer:** Haidarzoda M., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** The correct definition of the object of criminal legal protection in mercenarism allows one to accurately determine its place in the system of crimes provided for by the Special Part of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. It is noted that the criminal law literature presents very different views on the object of mercenarism. The author analyzes the opinion of various groups of scientists, the characteristics of crimes against peace and security of humanity, and notes that as a result of mercenary actions, harm is always caused to a specific state, but not to all of humanity. Based on this, the author concludes that the object of criminal law protection in Art. 401 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan are social relations that ensure the security of the

constitutional system and the territorial integrity of the state, therefore it is considered appropriate to place the composition of mercenarism in Chapter 29 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan 'Crimes against the foundations of the constitutional system and security of the state.

**Key words**: Criminal code, mercenarism, peace and security, recruitment, security of the constitutional system, object of crime, public relations, international crimes, public danger, consequences of crime, armed conflict.

Объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ унсури ҳатмии ҷиноят мебошад. Дуруст муайян кардани объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҳолати зархаридӣ ба мо имкон медиҳад, ки мавқеи онро дар системаи ҷиноятҳои пешбининамудаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ дақиқ муайян кунем.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба объекти зархаридӣ ақидаҳои хеле гуногун пешниҳод карда мешаванд. М.Г. Левандовская ва А. Рарог объекти бевоситаи ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие медонанд, ки риояи принсипҳои танзими ҳуқуқии низоъҳои мусаллаҳонаро бо мақсади ба қадри имкон инсонпарварона гардонидани онҳо таъмин мекунанд[369].

О.Ю. Молибога чунин меҳисобад, ки дар доираи таркиби зархаридӣ ду объекти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми ҷалб, таълим, маблағгузорӣ ё таъминоти дигари моддии зархаридон объекти бевосита манфиатҳои сулҳу амнияти инсоният ва ҳангоми истифода ё иштироки зархарид дар задухурди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ объекти бевосита қоидаҳо, усулҳо ва воситаҳои гузаронидани амалияти ҷангӣ ба ҳисоб меравад, ки аз руйи мазмуни худ намуди махсуси манфиатҳо оид ба таъмини сулҳ ва амнияти инсоният дар умум ба шумор меравад[370].

Андешаи дигарро дар ин масъала Н.О. Шандиева баён намуда, чунин эътироф менамояд, ки "... истифодабарии зархарид ва иштироки зархаридон дар вақте содир мешавад, ки вазъияти сулҳ аллакай вайрон шуда бошад (дар шароити задухурди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ), яъне кирдорҳои мазкур наметавонанд ба сулҳ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ» зарар расонанд[371]. Дар ин маврид , ба андешаи ӯ, зархаридӣ ҷинояти дорои хусусияти байналмилалӣ буда, объекти ҳифз бояд асосҳои ҳамкории осоиштаи давлатҳо ва мавҷудияти муътадили муносибатҳои байнидавлатӣ дониста шавад"[372] . Дар баробари ин, далелҳои минбаъдаи ӯ дар ин масъала хилофи гуфтаҳои қаблан изҳорнамудааш мебошад. Вай менависад: "Изҳороти охирин ба чунин кирдорҳои ҷиноятӣ, ба монанди ҷалб кардан, таълим додан, маблағгузорӣ ё дигар таъминоти моддии

---

[369] Уголовное право Российской Федерации. Учебник для студентов, вузов / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – С. 626.

[370] Молибога О.Ю. Уголовная ответственность за наемничество: дисс. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2000. – С. 73-75.

[371] Шандиева Н.О. Наемничество по международному и национальному уголовному праву: дисс. ... канд. юрид. наук. – М.,2004. – С. 6.

[372] Шандиева Н.О. Асари зикршуда. – С.6.

зархарид дахл надорад, зеро дар замони содир кардани онҳо вазъи осоишта мумкин аст халалдор нашавад”[373].

Моддаи 401 КҶ ҶТ (Зархаридӣ) аз ҷониби қонунгузор дар фасли XV «Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният» ҷойгир карда шудааст.

Боби 34 КҶ ҶТ низ чунин номгузорӣ гаштааст: “Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният”. Агар муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар фасли XV КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, объекти хелии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муносибатҳои дар боби 34 КҶ ҶТ пешбинишуда объекти намудӣ ҳисобида шаванд, пас ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки қонунгузор объектҳои хелӣ ва намудии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро баробар донистааст.

Дар боби 34 КҶ ҶТ таркиби ҷиноятҳои мушаххас дар 12 модда муқаррар гаштааст, ки аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии номгуйи кирдорҳоро ҳамчун “Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният” муайянкунанда сарчашма мегиранд.

Бори аввал ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният ҳамчун ҷиноятҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ дар Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Оинномаи трибунали Нюрнберг эътироф шудаанд, ном бурда шуданд. Принсипи VI ҷиноятҳои зерини ҳуқуқии байналмилалиро номбар мекунад;

а) ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ:

- банақшагирӣ, омодагӣ, оғоз ё бурдани ҷанги таҷовузкорона ё ҷанг бар хилофи шартнома, ё созишномаҳои байналмилалӣ ;

- иштирок дар нақшаи умумӣ ё дасисае, ки барои амалӣ намудани дилхоҳ ҳаракатҳои дар боло зикршуда нигаронида шудааст.

б) ҷиноятҳои ҳарбӣ: вайрон кардани қонунҳо ва расму оинҳои бурдани ҷанг ва аз ҷумла, куштор, муносибати бераҳмона ё бурдани аҳолии оддии ҳудуди забтшуда бо мақсади ғуломӣ ё бо дигар мақсадҳо, куштор ё муносибати бераҳмона нисбат ба асирони ҳарбӣ ё шахсоне, ки дар баҳр қарор доранд, куштани гаравгонҳо ё хароб кардани шаҳру деҳот ё харобкорие, ки бо зарурати ҳарбӣ асоснок нашудааст.

в) ҷиноятҳо ба муқобили инсоният: куштор, маҳв кардан, ғуломӣ - ва дигар амалҳои ғайриинсонӣ, ки бар зидди аҳолии осоишта ё таъқиб аз руйи ангезаҳои сиёсӣ, нажодӣ ва динӣ содир шуда бошад, агар ин гуна кирдорҳо ё ин гуна таъқибҳо ҳангоми иҷрои ягон ҷинояти ҳарбии зидди сулҳ ё ягон ҷинояти ҳарбӣ ё вобаста ба онҳо содир шуда бошанд[374].

Минбаъд як қатор конвенсияҳо қабул карда шуданд, ки муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, силоҳ, ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани ҳавопаймо, ғасби гаравгон, сохтакории маблағҳои пулӣ, терроризм, қочоқ, вайрон кардани низоми ҳуқуқии шельфи континенталӣ ва ғайраро ҳамчун ҷиноятҳои байналмилалӣ эълон карданд. Аз руйи табиати ҳуқуқии худ ин ҷиноятҳо ба ҷиноятҳои умумӣ ба ҳисоб рафта, бандубасти онҳо тавассути қонунгузории ҷиноятии давлатҳои мушаххас амалӣ мегардад. Ҳамин тавр,

---

[373] Шандиева Н.О. Асари зикршуда – С. 6.

[374] Международное публичное право. Сборник документов / сост.: К. А. Бекяшев, А. Г. Ходаков. – М.,1996. – С. 12-13.

масалан, дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ин ҷиноятҳо дар фаслҳо ва бобҳои гуногуни КҶ ҶТ (м.179 - терроризм, м. 186 – ғасби гаравгон, м. 184 – ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан, м. 200 – муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналогӣ) онҳо бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, м. 289 – қочоқ ва ғайра) мустаҳакам шудаанд.

Баррасӣ намудани ин ҷиноятҳо ҳамчун «ҷиноятҳои байналмилалӣ» аз он сабаб сурат мегирад, ки содир шудани онҳо аксар вақт ба манфиатҳои бисёр кишварҳо дахл дорад.

Чунин ҳолат имкон дод, ки ҷиноятҳои байналмилалӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ аз рӯи асосҳои гуногун тасниф карда шаванд. Пас, масалан, И.И. Лукашук ва А.В. Наумов ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ, ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ҷиноятҳо ба муқобили инсониятро ҳамчун "ҷиноятҳо аз руйи ҳуқуқи байналмилалии умумӣ" чи тавре дар Принсипи VI ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар шуда аз тарафи Оинномаи трибунали Нюрнберг эътироф шудаанд, номбар намоянд, боқимонда ҷиноятҳо ҳамчун "ҷиноятҳои байналмилалии конвенсионӣ" номбар шудаанд[375].

И.И. Карпетс чунин мешуморад, ки ҷиноятҳои байналмилалие мавҷуданд, ки ба онҳо ҷиноятхо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалӣ дошта дохил мешаванд [376].

Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳумҳои «сулҳ ва амнияти инсоният» ифшо нашудаанд, дар ҳоле ки маҳз ҳамин неъматҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳо объекти ҳифзи боби номбурда мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ аксари олимон танҳо чунин фактро зикр мекунанд, ки дар боби 34 КҶ ФР (боби 34 КҶ ҶТ) объекти ин ҷиноятҳо «сулҳ ва амнияти инсоният» мебошад [377].

Н.Ф. Кузнетсова объектҳои бевоситаи як қатор ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсониятро чунин муайян намудааст: «Асосҳои сулҳу осоиш, яъне ҳамкории осоиштаи давлатҳо дар ҳалли ҳама гуна проблемаҳое, ки ҳама гуна зуровариро истисно мекунанд, муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи риояи қоидахои ҷанг ё ҳалли низои мусаллаҳона, асосҳои амнияти инсоният, яъне амнияти байналмилалии гурӯҳҳои миллӣ , этникӣ, нажодӣ, динӣ"[378] .

Баъзе олимон «сулҳу амнияти инсоният»-ро дар асоси фаҳмиши вазъи муқобили ҷамъияти инсонӣ муайян мекунанд. Онҳо сулҳро ҳамчун ҳолате мефаҳманд, ки бо ҷой надоштани вазъияти ҷангӣ тавсиф мегард. Дар ин сурат аҳаммият надорад, ки амалиёти ҷангӣ «де-юре» эълон карда

[375] Лукашук И.И., Наумов Л.В. Международное уголовное право. – М., 1999. – С. 112.
[376] Международное уголовное право / Блищенко И. П., Каламкарян Р. А., Карпец И. И. и др. – М., 1997. – С. 53-67.
[377] Российское уголовное право Особенная часть /Под ред М.П. Журавлева и С. И. Никулина. – М.. 1998. – С. 163-164; Уголовное право. Особенная часть. Т. 2 / Под ред Л. Д Гаухмана и С.В. Максимова. – М., 1999. – С. 485-486.
[378] Курс уголовного права. Особенная часть /Под. ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М.,2002. Т.3 – С. 353, 366, 383.

шудааст ё не: сулҳ дар сурати набудани амалиёти ҷангӣ «де-факто» ҷой дорад.

Дар адабиётҳо сулҳи байналмилалӣ ҳамчун «муносибатҳои байни халқҳо ва давлатҳо, ки ба амалӣ намудани сиёсати беруна тавассути воситаҳои ғайризуроварӣ асос ёфтаанд: набудани муборизаи мутташаккилонаи мусаллаҳонаи байни давлатҳо» муайян мешавад[379].

Бинобар ин, бояд бо А.Г. Кибалник ва И.Г. Соломоненко розӣ шуд, ки чунин менависад: «асоси назариявию ҳуқуқии ҷудо кардани категорияи –ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ дар байни ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният аз он иборат аст, ки объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ манфиатҳои риояи сулҳи умум ва қоидаҳои бо роҳи осоишта ҳал намудани баҳсҳои байнидавлатии тавассути принсипҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҳифзшаванда эътироф мешаванд[380].

Ба ҷиноятҳо ба муқобили сулҳи байналмилалӣ бояд: м. 395 КҶ ҶТ (Ҷанги таҷовузкорона); м. 396 КҶ ҶТ (Даъвати оммавӣ барои сар кардани ҷанги таҷовузкорона); м. 397 КҶ ҶТ (Муомилоти ғайриқонунӣ ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом); м. 402 КҶ ҶТ (Ҳамла ба шахсон ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта) дохил намуд.

Мазмуни ҳуқуқии истилоҳи «амният» дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011[381], муайян шудааст, ки мутобиқи он амнияти миллӣ «ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ» ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми таҳдиди амният – маҷмуи шароит, раванд ва омилҳое, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд, дарбар мегирад. Ин таҳдидҳо мавҷудияти ҷисмонии инсониятро дар маҷмуъ зери хатар мегузоранд ё ба мавҷудияти як гурӯҳи муайяни демографии одамон (нажодӣ, миллӣ ва ғ.) таҳдид мекунанд.

Ба ин гурӯҳи ҷиноятҳо бояд м. 398 КҶ ҶТ генотсид (кирдорҳое, ки ба пурра ё қисман маҳв сохтани гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ бо роҳи пурра ё қисман қир кардани онҳо, зӯроварона монеъ шудан ба таваллуди кӯдак равона гардидаанд, ё аз як гурӯҳи одамон ба дигаре додани кӯдакон, расонидани зарари вазнин ба саломатии онҳо ё фароҳам овардани чунин шароити зиндагие, ки ба нобудкунии ҷисмонии аъзои ин гурӯҳ нигаронида шудаанд); м. 399 КҶ ҶТ биотсид (истифодаи силоҳи зарравӣ, нейтронӣ, химиявӣ, биологӣ (бактериологӣ), иқлимӣ ё силоҳи дигари қатли ом бо мақсади нобуд кардани мардум ва муҳити зист); м. 400 экотсид (маҳви оммавии олами наботот ё ҳайвонот, заҳролудкунии атмосфера ё захираҳои

---

[379] Большой энциклопедический словарь / гл. ред. А. М. Прохоров. – М.,1998. – С. 736.

[380] Кибальник А. Г., Соломоненко И.Г. Преступления против мира и безопасности человечества. М., 2004. – С. 19.

[381]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-амният (санаи муроҷиат: 12.03.2024).

об, инчунин анҷоми кирдорҳои дигаре, ки фалокати экологиро ба вуҷуд оварда метавонанд) дохил намуд.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин «ҷиноятҳои ҳарбӣ» низ ҷудо карда мешаванд, ки ба сулҳу амнияти инсоният таҷовуз меоваранд. Меъёри асосии ҷудо кардани онҳоро баъзе муаллифон ба объекти бевоситаи ҷиноятҳои ҳарбӣ: «...манфиатхои риояи қоидахои бурдани задухурдҳои мусаллаҳи дорои хусусияти байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ, ки бо принсипҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи башардустонаи байналмилалӣ хифз карда мешаванд" алоқаманд менамоянд[382]. Тибқи таърифи пешниҳодшуда онҳо чунин мешуморанд, ки ба ин ҷиноятҳо бояд истифодаи воситаҳо ва усулҳои манъшудаи ҷанг ва кирдори зархаридӣ (м.401) дохил карда шаванд.

Ҳангоми муайян кардани объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии м.401 КҶ ҶТ, мо чунин мешуморем, ки ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд. Агар маънидодкунии таҳтуллафзии мафҳуми «сулҳу амнияти инсоният»-ро ба роҳбарӣ гирем, пас кирдори барои ҷамъият хавфнок бояд ё ба ин объектҳо таҳдид ба вуҷуд оварад ё ба ин объектҳо бевосита таҷовуз кунад. Аммо, дар хар сурат, таҳдид ба сулҳу амнияти инсоният бояд хусусияти умумиҷаҳонӣ (глобалӣ) дошта бошад. Он мавҷудияти ҷисмонии инсониятро дар умум ё қисми зиёди онро зери хатар мегузорад. Шубҳае нест, ки ба нақша гирифтан ё тайёр кардан, оғоз ё пешбурди ҷанги таҷовузкорона (м. 395 КҶ ҶТ); даъвати оммавӣ барои сар кардани ҷанги таҷовузкорона (м. 396 КҶ ҶТ), муомилоти ғайриқонунӣ ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (м. 397 КҶ ҶТ), генотсид (м. 398 КҶ ҶТ), биотсид (м. 399 КҶ ҶТ); экотсид (м. 400 КҶ ҶТ) дорои аломати таҳдиди глобалӣ ба тамоми инсоният мебошанд.

Дар мавриди объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар зархаридӣ бошад, мувофиқи Конвенсияи байналмилалӣ "Дар бораи мубориза бар зидди ҷалбкунӣ, истифодабарӣ, маблағгузорӣ ва таълими зархаридон" аз 4-уми декабри соли 1989 аз 4 декабри соли 1989 ҳаракатҳои зархарид ба:

а) сарнагун кардани ҳукуматҳо ё тартиби конститутсионии давлатҳо;

б) халалдор сохтани тамомияти арзии давлатҳо равона шудааст.

Ин санади ҳуқуқии байналмиллалӣ мафҳуми зархаридро муайян намуда, объектҳоеро низ муайян кардааст, ки зархарид ба онҳо таҷовуз мекунад. Ин сохти конститутсионии давлат ё тамомияти арзӣ аст. Инчунин бояд қайд кард, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ метавонанд субъектҳои гуногуни иҷтимоӣ бошанд. «Муносибатхои ҷамъиятӣ, — навишта буд ба ин муносибат Б.С.Никифоров, — хамеша муносибатҳои байни одамон дар ҷараёни мавчудияти ҷамъиятии худ буда, ё дар шакли коллективҳо, дар шакли табақаҳои синфӣ, монанди давлат, дастгоҳи давлатӣ, қувваҳои мусаллаҳ ё дар намуди шахсиятҳои алохида дар

---

[382] Кибальник А.Г.. Соломоненко И.Г. Преступления против мира и безопасности человечества. М., 2004. – С. 27; Изъянов А.Д. Наемничество по российскому уголовному праву: автореф. дисс… канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 11.

фаъолият ва идеологияи худ, ки манфиатҳои синфҳои муайянро ифода мекунанд ва ба ин маънӣ инчунин падидаи иҷтимоии як навъ махсусро ифода мекунанд, ба ҳисоб меравад»[383].

Иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ метавонанд барандагони - вазифаҳои гуногун ва робитаҳои иҷтимоӣ бошанд. Масалан, шахс вазифаҳои гуногуни иҷтимоиро иҷро мекунад. Агар аз ин мавқеъ давлатро ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ намоем, пас дар КҶ ҶТ як қатор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой дорад, ки дар онҳо давлат ҳамчун барандаи муҳимтарин институтҳои иҷтимоӣ, ки функсиyронии онро таъмин мекунанд: иқтисодиёт, сохти ҷамъиятию давлатӣ, низоми сиёсӣ, идоракунӣ, пулию кредитӣ ва ғайра амал менамояд. Ба ин асосҳо таҷовуз намуда ҷинояткор бо ҳамин ба давлат ҳамчун иштирокчии ин муносибатҳо таҷовуз менамояд.

Бинобар ин, вазифаҳои иҷтимоии субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳанд, ки дар баробари дигар унсурҳо, пеш аз ҳама , мазмуни ин муносибат дарк шуда, бандубасти дурусти кирдор анҷом дода шавад. Ин ҳамчунин ҳангоми эҷоди меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ – дохил намудани кирдор вобаста ба объекти ҳифз ба гурӯҳи манфиатҳои якхела муҳим аст.

Дар натиҷаи кирдорҳои зархаридон зарар хамеша ба як давлати мушаххас расонида мешавад, на ба тамоми инсоният. Агар аз таърифи мафҳуми умумии объект ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки унсурҳои сохтории он субъектҳо, предмети муносибатхои ҷамъиятӣ ва боҳамалоқамандӣ, вобастагии мутакобилаи байни субъектхои муносибатхои чамъиятӣ ба ҳисоб мераванд ва аз руйи таърифи объекти бевоситаи ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар м. 401 КҶ ҶТ хулосабарой намоем, мо метавонем таърифи зерини объекти зархаридиро диҳем. Объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар м. 401 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки амнияти сохти конститутсионӣ ва дахлнопазирии тамомияти арзии давлатро таъмин мекунанд. Дар робита бо ин таркиби зархаридӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар боби 29 “Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат” ҷойгир карда шавад. Ба андешаи мо зархаридӣ бо ҷиноятҳо дар намуди бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият (м.306 КҶ ҶТ), таҳрибкорӣ (диверсия) (м. 309 КҶ ҶТ) ва исёни мусаллаҳона (м. 313 КҶ ҶТ) робитаи зич дорад.

Аксар вақт ҷалб, таълим, маблағгузорӣ ё таъминоти дигари моддии зархаридон бо максади сарнагун кардани ҳокимият, вайрон кардани сохти конституционӣ ва халалдор сохтани тамомияти арзии давлати муайян сурат мегирад. Дар ин маврид «иҷрои» тарафи объективии қ. 1 м. 401 КҶ ҶТ ё қ. 2 м. 401 КҶ ҶТ воситаи исёни мусаллаҳона, ғасби мусаллаҳонаи ҳокимият ва як қатор ҷиноятҳои дигаре мебошад, ки дар боби 29 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, агар ин амалҳо бо ёрии зархаридон содир шуда бошанд. . Дар ҳар як ҳолати мушаххас, ки зархаридон дар исёни мусаллаҳона ё

[383] Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.,1960. – С.30.

ғасби мусаллаҳонаи ҳокимият, таҳрибкорӣ истифода мешаванд, бояд кирдор ҳамчун маҷмуи воқеии ҷиноятҳо баррасӣ шуда, бандубаст аз руйи маҷмуи ҷиноятҳо қ.1 ва 2 м. 401 КҶ ҶТ ва м. 306, м. 309, м. 313 КҶ ҶТ анҷом дода шавад.

Иштироки зархарид дар задухӯрди мусаллаҳона ё исёни мусаллаҳона бо мақсади вайрон кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии давлат маҷмӯи идеалиро аз руйи қ. 3 м.401 КҶ ҶТ ва моддаҳои дахлдори боби 29 КҶ ҶТ ташкил медиҳад.

**Адабиёт:**


1. Большой энциклопедический словарь / гл. ред. А. М. Прохоров. – М., 1998. – 1456 с.
2. Изъянов А.Д. Наемничество по российскому уголовному праву: автореф. дисс… канд. юрид. наук. – М., 2008. – 28 с.
3. Кибальник А. Г., Соломоненко И.Г. Преступления против мира и безопасности человечества. – М., 2004. – 383 с.
4. Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3 /Под. ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М.,2002. – 468 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-амният (санаи мурочиат: 12.03.2024).
6. Лукашук И.И., Наумов Л.В. Международное уголовное право. М., 1999. – 286 с.
7. Международное публичное право. Сборник документов / сост.: К. А. Бекяшев, А. Г. Ходаков. – М.,1996. – 557 с.
8. Международное уголовное право / Блищенко И. П., Каламкарян Р. А., Карпец И. И. и др. 1997. – 171 с.
9. Молибога О.Ю. Уголовная ответственность за наемничество: дисс. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2000. – 164 с.
10. Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.,1960. – 229 с.
11. Российское уголовное право Особенная часть /Под ред М.П. Журавлева и С. И. Никулина. – М.. 1998. – 495 с.
12. Уголовное право Российской Федерации. Учебник для студентов, вузов / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – 547 с.
13. Уголовное право. Особенная часть. Т. 2 / Под ред Л. Д Гаухмана и С.В. Максимова. – М., 1999. – 400 с.
14. Шандиева Н.О. Наемничество по международному и национальному уголовному праву: дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – 194 с.

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд**

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (даҳ-дувоздаҳ калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан: Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

- таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);
- паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

## Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;
2) фамилия, имя, отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
3) контактные данные (мобильный телефон и электронный адрес автора);
4) научная специальность (шрифт) на таджикском, русском и английском языках;
5) фамилия, имя, отчество научного руководителя автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
6) рецензия;
7) фамилия, имя, отчество рецензента статьи на таджикском, русском и английском языках;
8) аннотации на таджикском, русском и английском языках (каждая до 500 знаков, включая пробелы, точки и запятые);
9) ключевые слова (десять-двенадцать основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;
10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 28.06.2024 супорида шуд.
Ба чопаш 02.07.2024 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 39.
Супориши №99. Адади нашр 40 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.